ГУЛРУХСОР

# ЗАНОНИ САБЗБАҲОР

( МАРЗИ НОМӮС )

ГУЛРУХСОР

**ЗАНОНИ САБЗБАҲОР**
**( МАРЗИ НОМӮС )**

***Саное ба рӯҳи поки модарам Мастура***

***Аз нашри нахустини романи «Занони Сабзбаҳор» беш аз бист сол сипарӣ шуд. Дар ин муддат на танҳо хонанда, балки дунё низ дигар гашт. Сохторе ки қаҳрамонони асар барояш дар марзи номӯси худ ҷонбозӣ карда, корнома сохта анд, дигар вуҷуд надорад. Аммо ишқ, садоқат, меҳр ва вафо, нанг ва ор, шаън ва шараф, виҷдон ва имон.., ҳамонанд ки ҳамон.***

***Аз нав ба ин асар рӯйи ниёз овардани хонандаи сухансанҷ шояд ҳамин сифатҳои инсонсозанд ки ҳич сохт ва сохтор ва сиёсат имкони аз байн бурданашонро нахоҳад дошт.***

**Наққош: Азизи РАЙАБИЁН**
**Муҳаррир: Анзурати МАЛИКЗОД**

# Дар ҳошияи чопи нави романи «Занони Сабзбаҳор» (Марзи номӯс)

Аз нашри нахустини романи «Занони Сабзбаҳор» беш аз бист сол сипарӣ шуд. Дар ин муддат хонанда ва дунёи ӯ куллан дигар гашт. Сохторе ки қаҳрамонони асар барояш дар марзи номӯси худ ҷонбозӣ карда, корнома сохта анд, дигар вуҷуд надорад. Аммо ишқ, садоқат, меҳр ва вафо, нанг ва ор, шаън ва шараф, виҷдон ва имон.., ҳамонанд ки ҳамон.

То имрӯз ошиқона ба ин асар рӯйи ниёз овардани хонандаи сухансанҷ шояд ҳамин сифатҳои инсонсозанд ки ҳич сохт ва сохтор ва сиёсат имкони аз байн бурданашонро нахоҳад дошт.

Кор дар болои ин асар чанд сол давом кард ва оқибат соли 1987 ба поёни боби охир нуқта гузошта шуд. Пас аз муҳокимаи муфассал ва хайрхоҳонаи устодони насри тоҷик дар маҷаллаи «Садои Шарқ», (1988) бо номи « Марзи номӯс « ба чоп расид. Баъдан бо хоҳиши устод Сотим Улуғзода, бо номи «Занони Сабзбаҳор» (1990) дар нашриёти «Адиб» (25 000) нусха нашр шуд.

Он гоҳ тавсияи якдилонаи аъзои шӯрои насри иттифоқи нависандагон ва ҳайати таҳририяи маҷаллаи адибон ки хеле сахтгир ва мушкилписанд буданд, бароям ғайричашмдошт буд, зеро мани шоир то ба ин романи калонҳаҷм на танҳо қиссае, балки ҳикояи хурде ба дасти чоп надода будам.

Ба бахти муаллиф хонандагон «Занони Сабзбаҳор»-ро хуш пазируфтанд. Дар доираҳои адабӣ ва илмӣ низ асар мавриди истифода қарор гирифта, чандин рисола рӯйи кор омад.

Дар тӯли солҳо хонандагон номаҳои зиёде ба муаллиф ирсол карданд. Яке бо хушҳолӣ, дигаре бо

ҳайрат, севумӣ бо шикоят ва гилоя. Дар поёни қисса ба ҳалокат расидани қаҳрамони асар Нишонаи пок ва бегуноҳро хонандагон написандида анд. Эшон аз муаллиф ки ба қавлашон «ҳама чиз дар дасти худаш буд, марг ва зиндагии қаҳрамонон низ» гила карда анд:

-Нишона бояд зинда мемонд!

-Нишона набояд ҳалок мешуд!

Нишонаи пок ва бегуноҳро беимонӣ, нопокӣ, нафс ва ҳирс ва ҷаҳолати одамон ба ҳалокат расонд. Аз чопи асар дере нагузашта, фоҷиаи миллии мо сар зад ва фоҷиаи Нишона ва нишонаҳоро ки сартираш модарон ва духтарон ва хоҳарон буданд, собит кард.

Қаҳрамонони сабзбаҳорӣ мард ва зан, хурд ва бузург, хосса Нишона, инчунин Зебо Наимӣ ки симои нозанини модари ҷавонмарги ман аст, ба хотири ишқ ва умед, барои рӯйи сафед ва рӯзи сафед сангар гирифтанд, размиданд ва зинда ва мурда ғолиб гаштанд…

Чизи дигаре ки хонандагон аз муаллиф дархост карда анд, баргардондани номи аслии асар «Марзи номӯс» аст. Таърихро наметавон таҳрир кард. Метавон дар поёни «Занони Сабзбаҳор» даруни қавс «Марзи номӯс»-ро гузошт ки дар адабиёт намунаҳо дорад.

Гулрухсор.
Боғи Варзоб.
Тирамоҳи соли 2009

## БОБИ ЯКУМ

Нишона хоб медид, хоби овоздор. Бо шавқ доира мезад ва садои онро мешунид. Майса ба ҳавои доираи ӯ майда ва печон арғушт мерафт; сӯи хоҳараш нигоҳ намекард, гӯё барои худ мерақсид.

Пироҳан ва сарбанд ва пойҷомаи кабуд дошт. Мерақсид ва механдид; хандааш сард ва ваҳмангез буд. Табассум аз чеҳрааш гурехт. Якбора бозиро бас карда, қаҳромез сӯи хоҳараш нигарист. Шаддаи марҷони асилро ки аз гардан намегирифт, кушода, ба гардани хоҳараш бастанӣ шуд. Нишона худро қафо кашид, доира аз дасташ афтод.

— Не, не! Ба худат насиб кунад, арӯс!

— Ту ҳам арӯсӣ, гир!

— Диловар баргардад, арӯс мешавам. Майса итобу исрор кард:

— Рӯзи тӯям маро наранҷон, марҷона гир!

— Тӯйи ту порина буд, намегирам! Гир, гир!

— Не, не!

Нишона рад мекарду Майса исрор. Онҳо ба ҳам дар овехтанд. Хоҳар боз шаддаро ба гардани апааш овехтанӣ шуд. Шадда гусаст. Марҷонҳои арғувонӣ рӯйи хок пош хӯрданд. Хоҳар ҷазои апаро доданӣ шуд. Апа пешдастӣ кард, ба рӯйи Нишона чунон торсакӣ фуровард ки хоҳар чун пешина боз кар ва лол шуд...

Нишона аз хоб тарсида бедор шуд. Мисли барги бед меларзид. Болин ва бистараш тар буд.

«Боми хона мечакад, — чашм накушода, гумон бурд ӯ. Ба рӯяш чакидани чанд қатра тахминашро исбот кард. — Бомро имсол андова карда натавонистем, зимистон азоб мекашем». Чашмонашро нимроғ карда, беҳавсала ба шифти дудзада нигарист ва

чизеро надид. Хона нимторик буд. Беихтиёр сӯйи ҷогаҳи апааш ки дар бедорӣ низ ситезаашро набахшида буд, нигоҳ кард. Ҷогаҳ холӣ буд. Хонаи нимторикро ки бо чашмони пӯшида метавонист дар вай хурдтарин асбобро пайдо бикунад, бидуни мақсаде аз назар гузаронд. Бузи кал, ягона сарвати хонадон, дар ҷойи ҳамешагии худ, паси дар бафурҷа нӯшхор мекард. Нигоҳаш аз пушти сиёҳи бузи сафед лағжида, ба шаҳсутуни мобайни хона ки бори иморатро мебардошт, бархӯрд. Чархчӯбҳои сиёҳ дар дили чағдеги кайҳо дӯғро надида, чун ду шохи оҳу, ду тараф хамида буданд. Хамбаи орд ки як кунҷи хонаро банд карда, ба фарш сояи намоён мепартофт, рафакиҳои қатор — хулоса, дар ин кулбаи сангин ҳама чиз чун дирӯз ва пареррӯз дар ҷойи худ буд.

«Майса тори бом баромада бошад?» — андешид ӯ, вале худ андешаашро зуд рад кард, зеро медонист ки болои бом баромадани зани ба моҳ ва рӯз номумкин аст. Беихтиёр пояшро таги сандалӣ дароз кард. Алавдон сард буд. Хунукӣ ҷисми нозуки дар куртаи карбосӣ печидаашро фаро мегирифт. Ӯ сӯйи ҷогаҳи модараш ки дар пойгаҳи сутун буд, нигариста, ҳайрон шуд.

—Чӣ гуна паҳлӯ гашта бошад?»

Модар солҳост аз дарди фалаҷ бистарист, бе ёрӣ паҳлӯи дигар гашта наметавонад. Духтар ба лабони камхуни модар ки пайваста меҷунбиданд, синча карда, ба кунҷи хона чашм дӯхт. Майсаи ғунчашударо он ҷое дид ки дар хоб дида буд. Лабони модар беҳолона, аммо пайваста меҷунбиданд. Духтар ба лабони модар чашм дӯхт.

— Хез, ҷони оча, болои рафакӣ баро ва худатро ба замин парто!

Дар чашм ва лаб ва абрӯвони зани нотавон зорӣ ва тавалло ҳувайдо буд.

«Омад ба сарам аз он чӣ метарсидам!» — чунин маънӣ дошт ҳароси духтар аз дарки ҳақиқати талх. Майсаро дарди ҳамл гирифта буд. Нишона ҳаросон ба токчаи болодарӣ нигарист. Чашми холии токча чун чашми «Қабри шайтон» ваҳмангез буд. Давре дар ин токи баланд сарвати бебаҳои хонавода - китобҳои муқаддасро нигоҳ медоштанд. Китобҳо бадали ним ҷувол орд ба савдо рафтанд ва ба қавли модар, «ин хонаро рӯҳ ва арвоҳи балогардон тарк кард». Модар он дам аз фурӯши китобҳо пушаймон шуда, духтарашро аз пайи харидор фиристода, таъкид карда буд:

«Очат мурад, мурем ҳам, ҳалол мурем, ордро баргардон ва китобҳоро биёр!» Карими халта ба дӯш ва Майса аз пайи савдогар давиданд, аммо дар саҳни масҷид аз китобхарида асаре наёфта, малӯл ба хона баргаштанд. Майса дар дилаш аз ғайб задани он мард хурсанд буд. Каримро ба ҷанг гусел мекард, аскар тӯша надошт. Зан ва шавҳар дер гоҳ паси дар истода, ҷуръати даромадан накарданд...

Модар зуд-зуд он рӯзро ба ёд оварда, оҳ мекашид ва мегуфт:

«Оне ки моро ба ин рӯз андохта аст, худаш ғамамонро мехӯрад»...

Аз рӯзе ки китобҳо ба савдо ва Карим ба ҷанг рафтанд, модар қарорашро гум кард. Дилашро нохост ғусса пахш мекард, дар чашмони хастааш ашки сӯзон меҷӯшид. Чашми чапаш мепарид ва мепарид.

Чанд рӯз пеш андаруни токча хати даҳшатнок, гӯё мори курк маскан гирифт. Духтар бе ҷуръат, умедворона бори дигар ба токча нигарист. Ӯ фанд нахӯрда буд. Бадани гармашро араҳи сард пахш кард. Хати «сиёҳ» ки модар ва духтар аз зани аскар пинҳон карда буданд, дар ҷояш набуд.

«Дарди Майса дарди хати сиёҳ аст», — гузашт аз дили духтар. Ӯ тирвор назди Майса расида, сарашро ки беҳолона ба китфаш хам мешуд, рӯйи дилаш гузошт.

Шонаҳояш ларзиданд. Гиряаш овоз надошт, вагарна сангҳои Сабзбаҳорро мешикофт. Майса ба гиряи ӯ ҳамроҳ нашуд; ба сӯйи хоҳар пакарнамо нигариста, гӯё боиси аламашро донистан мехост.

Нишона нафаси чуқур кашида, талотуми эҳсосашро нишонд ва имдод талабона сӯйи модар нигарист. Чашмони чӯкида ва сурхгаштаи модараш маломаташ карданд:

«Олам чаппа шавад, хабар намеёбӣ!»

«Хоби маргам бурда аст», — ҷавоб доданд чашмонаш.

«Чаро маро бедор накардӣ?» — гила карданд лабонаш.

Майса ки аз дард мепечид, ҷавоб надод, балки норизо рӯяшро сӯйи девор гардонд.

— Зудтар ӯро ба рафақӣ барор!

Ҳайрати духтар афзуд. «Ба рафақӣ ман базӯр мебароям ва Майсаи дуҷон чӣ гуна барояд?» — гузашт аз дилаш, аммо фурсати пурсиш ва посух набуд. Лабони ғазабҷӯши модар илтиҷо доштанд:

— Зудтар! Кӯдак ё часпида аст, ё чаппа аст...

Ӯ чизе нафаҳмид, аммо дарк кард ки изтироби модар беҳуда набуда, ҳоли Майса хатарнок аст. Лабгазон тамоми қувваташро ҷамъ карда, зояндаро тори рафақӣ ки гӯё барои чунин рӯз холӣ буд, баровард. Коса ва табақҳои рафақиро ба худоии Хосаи момодоя бурда буданд. «Кампири момодоя зинда мебуд, мушкили апа амро осон мекард, — гузашт аз дилаш. Кампир гӯё даъвати ӯро интизор бошад, дарҳол дар навори хаёлаш пайдо шуд. Мурдаи чилрӯза табассумкунон Майсаро ҷеғ мезад:

— Рафтем, Майса, зудтар!

— Гум шав! — аз рӯҳи кампир ранҷид духтар. Навзодро дояи зинда лозим буд. Модар хост Нишонаро барои овардани Бибирозия ба он тарафи деҳа

бифиристад, аммо аз раъяш гашт. Аҳволи Майса бадтар мешуд.

Майса аз рафақӣ болои хоҳараш афтода, ӯро аз по даровард. Духтар худро аз зери ӯ базӯр берун кашида, бо панҷаҳояш «фиғон» кард:

«Туро дигар бардошта наметавонам».

Аз хастагӣ устухонҳояш дард мекарданд. Оби чашмаш шашқатор буд, аммо беист зояндаро фармон медод. Зорӣ ва зӯрӣ мекард, ба замин нишастан намемонд, аз китфаш намефуровард. Майса кӯдаквор фармонбардор буд. Модар ба духтаронаш ки яке забон ва дигаре қувват ва дармон надошт, оҷизона нигариста, роҳи ҳалли ин мушкилиро наёфта, ба худ марг мехост. Марги оҷиза дур буд ва аҷали духтараш паси дар...

Пойҳои зоянда заминрӯб шуданд. Нишона ӯро ҳамоно кӯшиши рафақӣ баровардан мекард. То бас гуфтани модар апаашро ки дамодам ҷисмаш вазнинтар мешуд, аз дӯш фуровардане набуд. Нури широлуд хонаро мегирифт. Ҳарб ва зарби марг ва зиндагӣ ба авҷ мерасид. Модар ки мӯҳтоҷи мададгор буд, сӯйи дар умедворона менигарист. Аммо дар ин субҳи охири тирамоҳ, ғайр аз боди сард дари ин авратхонаро касе намекӯфт.

Майса дарди ҷонкоҳ ва ашки шӯрашро фурӯ бурда, сӯйи хоҳараш ба зӯракӣ табассум кард. Шояд хоҳари ҳаросонашро дар нақши момодоя дида, хандааш омад? Шояд духтараки дар тарс ва ҳарос мондаро тасаллӣ доданӣ шуд? Табассумаш ба хоҳар қувват бахшид. Зоянда зӯр зад ва лабони хушкашро чунон газид ки ҷӯйчаи сурхе ба гиребони куртаи сафедаш нақши садбаргро гирифт.

Модар дигар маҷоли дидани азоби духтарро надошт. Чашмонашро сахт пӯшида, тамоми рӯҳ ва арвоҳро, китобҳои ба савдо рафтаро якбора ба ёрии ҷигарбандаш даъват кард:

— ё рӯҳ ва арвоҳ, ё китобҳои балогардон, ё падари бузургворам, мадад!

... Ӯ на саводи кӯҳна дошт ва на нав. На китоберо хонда буд ва на қиссаеро пурра медонист. Хайрия вақте дунёро дид ки кӯҳна ва нав байни худ ҷанги беамон доштанд ва ғолиб ва мағлуб ҳанӯз номаълум буд. Чун худро мешинохтагӣ шуд, пай бурд, балки хунаш ба забон омад ки дар хонаи онҳо ду чиз муқаддас аст: китоб ва нон. Он муллобачаи кадом давре аз гуруснагӣ китобро зери по монда, аз тоқ нон гирифтаро ҳанӯз набахшида, худ китобҳояшро барои нон ба савдо монд.

Падараш на доро буд ва на нодор. Ба пораи нони худ қаноат дошт. Аммо ганҷеро ки ӯ соҳиб буд, касе надошт. Рафакиҳои паст ва баланд пури китоб буданд. Падари муллодеҳқонаш субҳ надамида, саҳро мерафт ва бегоҳ ба бачаҳои доништалаби деҳ сабақ медод. Мисли дигар домуллоҳо аз шогирдон пул ва чиз намерӯёнд, балки баъди сабақхонӣ шиками шогирдонашро сер карда, мегуселонд. Байни устод ва шогирдон то ними шаб сӯҳбат дар авҷ буд. Баҳс аз Хоҷа Ҳофиз оғоз шуда, то Мирзо Бедил мерасид. Медонист ки падараш шеър мегӯяд, аммо шеърҳои ӯро нашунида буд. Аз Ҳофиз ва Саъдӣ, Ҷомӣ ва Бедил ҳанӯз пора-пора шеър ёд дорад. Худаш китобҳои муқовачармиро ҳиҷҷа карда, хонда метавонист. Ҳар кадомашро бехато мешинохт. Бо падараш баҳс карданӣ мешуд, вале ибо дошт. Гоҳе ҷуръат карда, аз падар хоҳиш мекард ки ин ё он китобро барояш бихонад. Хоҳиши духтар падарро хурсанд мекард:

«Ақл пешбарандаи давлат аст, — мегуфт падар.— Дунё чанд бор аз дасти беақлон хароб шуда аст...»

Вақте падар китобҳояшро аз рафакиҳо чида, ба ҷувол андохта, болохона баровард, вақте дигар шогирдони падар сабақомӯзӣ намеомадагӣ шуданд, духтар маънии «аз дасти беақлон хароб шудани дунё»-ро дарёфт. Як бегоҳии зимистон ҷуволи китобҳоро аз

болохона кашола карда фуроварда, дар пеши чашми аҳли деҳа оташ доданд. Дар шуои гулхани китобҳо чеҳраи падараш заъфаронӣ метофт. Ӯро бурданд ва дигар барнагашт. Чеҳраи заъфаронии ӯ ва варақҳои нимсӯзи китобе дар ёдаш сахт нақш баста аст. Ин д ва китобе ки модараш дар хамбаи орд пинҳон карда буд, дар хона гӯё ҷойи падарашро мегирифт. Қитобҳоро ба ҷойи падараш бӯсида, ҳайрон буд ки соҳибашон чаро роҳи хонаашро ёфта барнамегардад». «Агар китобҳо дар хона мебуданд, духтари навзо чунин азоби алим намекашид», — мегузашт аз дили модар. Ӯ метарсид назди китобҳои гӯё аз хонадони ношукр ранҷида чашмонашро кушояд.

— Очаҷон, мемурам! — нолиши ҷонкоҳи духтар хаёли ҳаросангези модарро дур кард.

— Худо амонаташро аз ман гирад ва туро сабук гардонад. Аз дасти ман дигар чӣ меояд, ҷони оча!

Дар фазои хона овозаке паҳн шуд. Модар бо умед сӯйи духтараш, сипас сӯйи ташнови пушти дар нигарист. Садо такрор шуд, бузи кал сӯйи бузғолааш гашт.

— Парвардигори ҳозир ва нозир, мушкилкушои бандаи бечора, дар қудратат мурам, ба ҳоли ҷонвари безабон раҳм кардӣ, бандаатро бенасиб нагардон!

Калбуз шодона маос карда, пушти бузғолаашро мелесид. Майса бори дигар бо мадори хоҳараш рост шуда, якбора чун дарахти барқзада афтод. Нишона ӯро ба такяи худ гирифт. Нимовозаке ба гӯши модар гуворо расид. Гӯё чашмони модар равшан шуданд.

— Муборак, муборак! Сад лак шукрона!

Хайрия худро, духтаронашро, Карими ҷавонмаргро бо тавлиди тифл ки ҳанӯз ҷинсаш маълум набуд, муборакбод кард. Нишона ба шодии модараш

ҳамроҳ нашуд, балки ҳаросон ба тифл нигариста, даступо хӯрд, парда гулӯи кӯдакро мефушурд.

— Пардаро бидарон, — амр кард Хайрия ки аллакай* хурсандияш барҳам хӯрда буд. Нишона бо панҷаҳои ларзон ва дили шӯрида рӯйи кӯдак хам шуд. Дар хона овозе шунаво паҳн гашт. Майса беҳолона чашм пӯшид. Нишона ӯро ба такяи худ гирифта, ҳис кард ки ҷисмаш вазнинтар шуда аст. Чашмони пӯшидааш дигар боз нашуданд. Хоҳар ба чеҳраи бехун, абрувони пайваста, мижгони баргаштаи апааш бо даҳшат нигариста, ҳайкалвор шах шуд.

Оне ки барояш баробари хоҳар ва модар, падар ва бародар буд, хонаи сард ва модари оҷиза ва тифлаки рӯнодидаашро абадан тарк намуд. Духтар сӯйи модар нигоҳ намекард. Балки бехудона ҷисми ҳанӯз гарми ҷигарбандашро оғӯш карда, кӯдаквор мебӯсид, гӯё бо бӯса зинда кардан мехост. Тифлаки аз сардӣ кабудшударо намедид. Ин олам бе Майса барояш арзише надошт. Бо ӯ рафтан мехост. Чашмони берӯҳи духтар оқибат ба чашмони модар вохӯрданд. Нигоҳи ҳардуро хун печида буд.

Хоҳар беозор ҷасади апаашро хобонда, даст ва пояшро рост кард. Ҳамин вақт он море ки зани ҷавонро, балки тамоми хонадонро захр зада буд, аз кафи Майса ба замин афтод.

— О қотил! — ҷунбиданд лабони Нишона. Ӯ «хати сиёҳ»-ро то даме лагадкӯб кард ки аз он нишоне намонд. Аз як пора коғаз гӯё хунбаҳои ҳама қурбониҳои ҷангро ситондан мехост.

Хатро ба хок яксон карда, чун Саиди тирхӯрда худро бардошта ба замин зад, сутунро оғӯш карда, чанде сарашро ба он кӯфт. Хона дар назараш гирдгардон буд. Чашмаш ба чашми модараш афтод ва ҳис кард ки худро ба даст нагирад, аз модар низ ҷудо хоҳад шуд. Мӯйҳои парешон ва сафеди модарашро

бӯсид, рӯяшро ба рӯйи пажмурда ва беҳисси ӯ гузошт. Ҳар ду беовоз метапиданд. Кӯдак мегирист...

— Хез, апа атро сар анҷом бикун, — ишора кард модар.

Ҷисми апаашро ба ҷогаҳи нағундошта овард. Майса гӯё баъди меҳнати тоқатфарсо фароғат мекард. Дар чеҳрааш мавҷи табассум медамид.

— Ҷонат халос шуд, ҷони оча! Ҷоят ҷаннат шавад ки аз ин дунё чизе надида рафтӣ.

Гиряи модар беовоз буд. Нишона писарчаро ки дар назараш мисли бозичаи партовӣ менамуд, парпеч карда, назди ҷасади Майса бурданӣ шуд.

«Тавба, писарак зинда аст», — гузашт аз дилаш. Кӯдакро ба ҷогаҳи модари оҷиза гузошта, ба такяи сутун поён шуд. Чӣ қадар карахт нишаст, намедонад. Қувваи ноаёне сӯйи берун телааш дод. Ба ҷасади Майсаи нозанин ки аз олам ва одам абадан чашми фароғат пӯшида буд, бори дигар нигариста, тирвор аз дар берун шуд. Аз пуштаи рӯбарӯяш чашми сиёҳи «Қабри шайтон» ба ӯ чашмак мезад. Ҷуз ин чашми сиёҳ, деҳа саросар аз барфи аввал хилъати сафед ба бар карда буд. Ин ғорро касе замоне барои сиёҳӣ ва бетагияш «Қабри шайтон» номида буд. Ғор аз баландии назаррас сӯйи деҳа нигариста, гӯё ҳамаро медид ва месанҷид. Сабзбаҳориён мекӯшиданд чашмашон ба чашми он наафтад, аммо ҳар қадар аз чизе дарҳазар бошӣ, ҳамон қадар онро пинҳон ва аён хоҳӣ дид. Духтар ин бор аз чашми «Қабри шайтон» чашмашро нагурезонда, гӯё кушандаи апааш маҳз он бошад, бо нафрат сӯяш рост нигарист. Духтари пойлуч ҳангоми дав лағжида, бо тахтапушт афтод. То саҳни масҷид расида, санги яхкардаеро ба даст гирифт. Сангро ба пораи шикастаи оҳани ҷуфт ки вазифаи зангӯлаи колхозро иҷро мекард, бехудона кӯфта, сабзбаҳориёнро, балки олам ва одамро аз марг ва тавлиди ду инсон хабардор кардан мехост...

Ин вақт Зебо барфи кафшашро таги долони Хайрия афшонда, хушнудона таронаи барфӣ мехонд:

Барф меборад, аҷаб барфи сафед,
Як зиёфат аз шумо дорам умед!

— Майсабону, зиёфат баъд, ҳадяҳои ба фронт тайёр кардаатро барор! — дарро калон кушода, гуфт Зебо.

— Ҷони хола, куҷо будӣ ки аз марги дугонаат бехабар мондӣ? — нолид модари оҷиза.

— Майса, Майса, хобӣ ё бедор? — фарёд кард Зебои ҳайрон, назди ҷогаҳ сари по нишаста.

Модар ба ҷуробҳои нақшини духтараш ки дар сабадча нимбоф буданд, беҳис менигарист ва овози Зеборо намешунид.

Соли дуюми ҷанг буд ва мушти боди сард дари ин хонаи бенаворо бераҳмона мекӯфт. Нанг давом мекард, зиндагӣ зинда буд, аммо... барои зиндаҳо.

## БОБИ ДУВВУМ

Зебо аз ними роҳ пиёда шуда, лаҷоми Мушкро ба даст гирифт. Ӯ баробари асп қадам зада, ёл ва гардани ҷонварро навозишкунон сӯйи хонааш мерафт. Дилпур буд ки шаб ё рӯз, дер ё зуд Мушк ӯро ба манзил мерасонад. Рӯзҳои аввал асп аз зан мерамид, баъд ром шуд. Он қадар ром шуд ки Зебо лаҷомро сар медод ва медонист ки асп роҳи хонаро пайдо мекунад. Дар нимароҳ ҳар бор пиёда шудани Зебо бесабаб набуд. Хушдоманаш ӯро савора бинад, дарҳол баҳонаи ҷанҷол меёфт. Агар синҳорашро[1] пиёда ва лаҷомбадаст медид, чунон меангошт ки ӯ тамоми рӯз ҳамин тавр пиёда гашта, по ба рикоби аспи дӯстдоштаи писараш нагузошта аст.

Зебо ба ҳавлӣ даромада, аспро ба яккамех баст. Мебоист даме роҳат карда, сипас ба фермаи колхоз равад ва аз аҳволи чорводорон хабар гирад. Бечораҳо хоб ва хӯр надоранд, қариб ҳар шаб ҳамлаи гургонро мегардонанд.

— Уф, ҷони ғарибаме, — нафаси чуқур кашид зан.

Зебо байни хонаи худаш ва модараш ва Хайрия ки гӯё маҳз барои ранҷ кашидани ӯ дар се гӯшаи деҳ ҷойгиранд, мокувор равуо мекунад. Саҳар пеш аз кор ба аёдати Нишона ва модари ӯ мерафт, нимрӯзӣ ҳоли модари худро мепурсид, бегоҳ тоза хабарҳоро аз хушдоманаш ки хонашин бошад ҳам, гап ва калочаи деҳаро хуб медонист, мешунид.

— Кӯҳ каланд кардаӣ? Ин қадар оҳи сард аз дили пурдард?

Зебо овози Марзияро аз таги долон шунида, ҷойи ҷавоб савол кард:

---

[1] Синҳор – келин, арӯс

— Дар ин бевақтӣ Тош дар хонаи мо чӣ кор мекард, амма?[2]

— Ба бевақт ё барвақт омадани одамон ба хонаи ман чӣ кор дорӣ? Аз ту напурсидам ки дар нима шабӣ худат аз куҷо меоӣ? - ҷавоб дод Марзия.

— Ман аз Пунбачӣ меоям. Тош ба чӣ кор омада буд? - оромона пурсид Зебо.

— Хотирҷамъ бош, ба ту кор медошт, идораат мерафт.

Дар овози кампир ғазаб не, хушҳолӣ ҳис мешуд. Табъи чоқи хушдоманаш ӯро низ хушҳол кард. Кампир хушҳол бошад, камтар гап мезанад. Ба гӯши зани хаста алҳол овози булбул ҳам намефорид.

— Чили духтари Хайрия кай мешавад? — пурсид кампир, ба пиёлаи арӯсаш чой рехта.

— Чил, чил, — такрор кард Зебо. — Аллакай чил рӯз шуда аст, а... Дилаш аз ёди дугонаи ҷавонмарг сӯзиш кард. — Панҷшанбе, — гуфт ӯ оҳ кашида.

— Чӣ гуна чил мегузаронанд, нони хӯрдан надоранд?

— Ҳозир кӣ нони хӯрдан дорад? Мардум худоӣ барои хӯрдан меоянд? - ба ҷойи ҷавоб савол кард Зебо.

— Лолака (Нишонаро дар назар дошт кампир) Диловар зан мекунад ё не, маълум нест, зинда ва мурдаашон дар гардани ту.

Зебо ҷавоб надод.

— Майли ба хонаи онҳо кӯчидан надорӣ? — хомӯшии арӯс ғазаби хушдоманро ҷӯшонд. — Бе ту, биллоҳ ки мурдаашон дар саҳни масҷид бесоҳиб мемонд...

— Ягон мурда бегӯр ва кафан намонда аст.

---

[2] Амма – модаршӯро дар кӯҳистон амма гӯянд.

Онҳо хомӯш шуданд. Хомӯшияшон ҳавои пеш аз борони селро мемонд.

Зебо аз хомӯшии хушдоманаш истифода бурда, сулҳхоҳона гуфт:

— Амма, ризо шав, ҳамамон ба хонаи модарам кӯчем. Дур-дур зиста, аз по меафтем. Як дег ва дастархон осонтар аст.

— Очаат ба хонаи ман биёяд, дарамро намебандам!

— Майлаш. Худат ӯро ризо бикун хона-хонаи туст, — хурсандӣ кард Зебо.

— Ризо бикун-а! Ҷон гӯяд. Очаи ту духтари шоҳи Дарвоз аст ки ба ӯ ман хуш омадаш гӯям? Ӯ бояд ба ман хушомад гӯяд!

— Оббое...

Зебо аз гуфтааш пушаймон шуд. Духтарчаашро ки сари зонуяш хуфта буд, ба ҷогаҳ бурд. Дилаш ғаш кард. Забони як ҷамоати бесар ва барро ёфта, дар хонаи худ забони як кампирро ёфта наметавонист...

Муносибати арӯс ва хушдоман рӯз ба рӯз бадтар мешуд. Таги боме зиста, моҳҳо ногап буданд. Арӯс дастархон паҳн кунад, хушдоман аз нон даст мекашид. Зебо чой дам кунад, хушдоман гӯё нохост чойники чойро чаппа мекард. Зебо бештар хомӯш меистод. Ҳарчанд медонист ки хомӯшӣ низ ҳад дорад. На дар идора, на дар хоҷагии бемард, на дар хонаи худаш осоиш надошт. Ба зулфони ҳиноранги ҷавонзан гарди сафедӣ нишаста буд.

Ӯ паҳлӯи духтарчааш дароз кашид ва чашмонаш худ аз худ пӯшида шуданд. Кампир беист гап мезад. Зебо алҳол кар будан мехост, зеро баъзан дар хоб ҳам овози қаҳролуди хушдоманашро мешунид. Ӯ саҳар барвақт аз пайи кораш рафтанӣ шуд, аммо Марзия ки аз ӯ пештар бедор шуда буд, гапи дирӯз саркардаашро давом дод:

— Аз писарам, аз ҷигарам хат омада аст ва чаро аз ман руст кардӣ? — мактуби Саидро таги бинии Зебо бозӣ доронда, гуфт кампир.

— Хати бачаат лоиқи хондан мебуд, аввал ба худат мехондам. - Дар ин ҷо ту, аз он ҷо бачаат, дукаса дилама зардоб кардед.

— Бадро бад мегӯянд, некро нек, — ба ҳуҷум гузашт кампир.

— Касе ки маро ба бачаи ту бад мекунад, худаш, зот ва бунёдаш бад аст!

— Касе ки туро бад карда аст, қандаша хӯрад! Зани шавҳардорро кӣ монда аст пой, дар рикоб деҳа ба деҳа «тарарам — барги карам» гуфта, сайр карда гардад? Валлоҳ ки ба фариштагии зоти мулло Наим бовар намекунам...

— Рост мегӯӣ, ман фаришта нестам, аммо деве ки ту рашк мекунӣ, кист? — Зебо дигар хомӯш буда наметавонист.

— Занаки бадзот бо сояи худаш ҳам бозӣ мекунад! - гуфт кампир.

«Бадзот» гуфтани хушдоман шикофаш карда бошад ҳам, кампирро ки таҳдон буд, оромона гуфт:

— Мо аз ҷӯйи баланд об хӯрдем. Аслан дар пирӣ даҳонро бо носазо олудан убол аст, амма. «Ҷӯйи баланд»-и Зебо дар тасаввури кампир зот ва бунёди ӯ,- инчунин дар саргаҳи деҳа воқеъ будани хонаашонро мефаҳмонд.

— Ҳаромзода бувад фарзанди эшон! — Марзия ин бор ҳафт пушти арӯсашро таҳқир кард. Ана ҳамин вақт Нурия дарро кушод:

— Кӣ ҳаромзода? Ку бигӯ, беваи саг, кӣ ҳаромзода? (Лақаби сагро ба қудояш худи Нурия часпонда буд).

— О беваи баҳтур! (Нурия зардина буд). — Кӣ саг?

— Сага овозаш меояд — намешунавӣ, бева? — Нурия алав гирифт.

Беҳуда намегӯянд ки то сабзина алав мегирад, зардина мекафад. Нурия ба кафидан наздик буд. Зебо байни модар ва хушдоманаш — байни об ва оташ монда буд. Ҳарчанд гапи хонаро асло ба модар намегуфт, ҳамеша кампир сари ҷанҷолашон ногаҳонӣ пайдо мешуд.

— Ку бигӯ, беваи саг, барои чӣ зиндагии духтари ширин ама мисли тахач талх мекунӣ?

— Духтари ширината ба хонаат бар! — ҷавоб дод Марзия, аз бими ғазаби қудои зардинааш ваҷабе аз зини ҷаҳл лағжида.

— Марги ту воре хушдоман! Ту бева, писарата дӯст намедорӣ! Дӯсташ медоштӣ, занашро хор намекардӣ. Барои Саидҷон аз Диловар кам ғам намехӯрам. Ғама бардошта тавонистан даркор. Т ва тоқати ғам надорӣ, девона шудаӣ. Хона ва дарат аз сарат монад, рафтем! — амр кард ба духтараш.

— Оча, ба гап ва кори мо ҳамроҳ нашав, - гуфт Зебо.

— Дар ин ғамхона як дам истоданат ҳаром аст! - исрор кард модар.

— Мардум чӣ мегӯянд, хона рав, оча, бегоҳ меоям.

— Рафтем, — бе ту як қадам намемонам.

— Оча, Саид баргардад, баромада меравам, — гуфт сулҳхоҳона духтар.

— То омадани Саиди ҷон ин кӯрбарзангӣ туро ба ҳазор кар ва кӯр бадном карда, хуната мемакад. Бева мисли ту арӯса аз куҷо меёбад, — гуфт Нурия аз зинаи суфаи долон парида.

— Чор тарафи духтарат қибла, — дарвозаро нишон дод соҳиби хона. — Остонаатро охурча накарда будам, ба пойи худаш омад.

Нурия ба зонуяш кафзанон сари по нишаст ва ҳамон дам рост шуд.

— Бенанг, беномус, меравӣ ё не? — ӯ ба бари рӯйи духтараш шаппотие фуроварда, сӯйи дарвоза равон шуд.

Зебо бари рӯйи сурхшудаашро мисли кӯдаки гунаҳкор дошта, нигоҳашро аз духтарчааш гурезонда, ба замин нигарист. Лолаи гирён худро ба бағали модараш андохт. Онҳо якдигарро оғӯш карда, баробар гирён шуданд.

Нурия ки тоби озори духтарашро надошт, аз шаппотии бечояш аламаш омад ки баргашта, аз суфа боло шуд. Марзия ғут-ғуткунон аз бими ҷон худро ба хонаи дарун зад.

— Гӯри ҳафт пуштат сӯзад, — гуфт Нурия.

— Дар ҳафт бало монӣ, бева! — ҷавоб гардонд аз хона Марзия.

— Маро дӯст дорӣ, зудтар рав, оча, ба ҷон расидам, — гуфт Зебо гиряолуд. Ӯ сӯйи дарвоза бо мақсади фиребонда гусел кардани модараш равон шуд.

— Маро куш, Зебо! Дигар тоқати дидани хорӣ ва зории туро надорам. Аз зоти мо ту бе нанг баромадӣ,— гуфт модар раҳо-раҳ ашки худ ва набераашро поккунон.

Хомӯшии тазйиқоваре ҳукмрон шуд.

— Бечора алам дорад, — оҳ кашида гуфт Зебо. Писараша ёд карда аст!

— Алам дорад, мегӯӣ? Ман алам надорам? Додараки ту дар боғи Дилкушо аст? Алами туро то гӯр мебарам ва дастам аз хок берун мемонад. Кулли явмин бадтар ки беҳтар не.

Зебо модар ва духтарашро то беруни дарвоза гусел карда, гуфт:

— Ман ки сабаби ҷоҳилии ӯро медонам, намеранҷам. Ту ҳам наранҷ, очаҷон, сабаб ҷоҳил ва бадкирдор аст, ӯро намедонӣ.

— Парвардигор нафаҳмида, халқаш кард ва гирифта бурдан намехоҳад, — ҷавоб дод модар. — Хулқи бад бо хун омада бо ҷон меравад.

— Одамҳо бад ё нек таваллуд намешаванд, оча.

— Бечора якумр шавҳарашро бад медид. Умре ба одам марг хоҳӣ, оқибат мисли хушдомани ман мешавӣ.

— Шӯяш, бечора дар гӯр ҳам аз дасти ин бева ҳол надорад, — гуфт Нурия.

— Шӯяшро кайҳо гӯронда аст, аммо ҳамаро бо ҳамон чашми шӯбадбинаш мебинад.

— Ана, бар падарат раҳмат! Ҳоло ки ба хушдомани ҷоҳилат як себи дутақсим нашудаӣ, ҷонатро гир ва гурез, — табассум кард модар.

— Ӯро бо кӣ монда равам? Мардум чӣ мегӯянд, оча?

— Чаро ба модари танҳоят дилат намесӯзад? Аз он тарафи дунё барои дидани ту ва Лола парвозкунон меоям ва паршикаста меравам. — Модар оби дидаашро бо гӯшаи пилагияш тоза карда, оҳ кашид.

— Баъди рафтани Саид кампирро шинохта намешавад, сахт аламзада шуда аст, оқибат аз пой меафтад,— дулсӯзӣ кард арӯс.

— Ба тоқатат аҳсант! Дили ман ба ӯ дигар намесӯзад, — гуфт модар.

— Модари бачаашро ба дами бало гусел карда, бояд озори мӯри роҳро раво набинад.

— Бо ӯ мемонӣ, бо ман меравӣ, ихтиёрат. Коре карда, маро ғуссамарг накун ки аз дидори писарам умед дорам.

Модар дасти набераашро гирифта рафт.

Зебо ба ҳавлӣ баргашта, зинро ба пушти асп гузоштанӣ буд ки боз овози Марзия баланд шуд.

— Рост аст, то як кас намурад, ҷойи дигар кушод намешавад.

— Кӣ мурда аст, амма? — қасдан пурсид Зебо.

— Забоната ғунда газад! Бачаи ман ин ҷо мебуд, зини баланд ва мӯҳри ҷамоат ба ту мерасид, таппак зан? — бо алам гуфт кампир.

«Сар шуд», — гузашт аз дили Зебо. Ӯ саросема тасмаи аспро кашида, ҳамчунон оромона ҷавоб дод:

— Ба қавли Нозӣ: «буз хирман кӯфта метавонист, ҳоҷати барзагов набуд». Раисии ман аз ночорист. Саид баргардад, мӯзаашро накашида, мӯҳр ва калиди ҷамоатро ба дасташ месупорам.

— Не, намесупорӣ. Мазаи калониро чашидаӣ. Намесупорӣ, — пичинг зад хушдоман, овозашро баландтар карда.

Зебо нохост хастагии аз по афканандаеро ҳис карда, бехудона калавид. Модарашро фирефта, ба хона баргашта буд ки зудтар ба идора равад, зеро медонист ки корафтодагон дар долони сарди идора қатор шуда ӯро интизоранд. Нохост чизе ба ёдаш расид ки абрӯ чин карда, пурсид:

— Амма, шаб касе маро пурсида буд?

— Зафари Аслия омад, хоб будӣ. Забартанги аспро суст накарда, хобат бурд. Ман набошам, аспи бачам ҳаром мемурад. Худам забартангро суст кардам, — дар овози кампир меҳрубоние садо дод ки дили арӯсро гарм карда тавонист.

— Ту амма, тиллоӣ, — хушдоманашро оғӯш кард Зебо.

— Ман тиллоям ки ту шабу рӯз аз хонаи Ҳасани ланг намебароӣ, заҳр зад хушдоман.

— Ана халос, туро таъриф карда, одам дар бало мемонад. Даррав аз худ меравӣ.

— Ту ва раиси нимҷонат хоҷагиро расво кардед. Тош рост мегӯяд. Одаме ки бо бори асо базӯр роҳ мегардад, чӣ гуна роҳбари дигарон буда метавонад? Зиндагиро аз Тош ёд гир, ҳам мехӯрад, ҳам медиҳад. Корро ба ягон метонистагӣ супор ва доси бобоиятро гир.

— Не, ин маслиҳататро қабул намекунам!

Зебо бори аввал байни ҳавлӣ, дар таги бинии хушдоманаш ба зин нишаст.

Кампир даступо гум кард.

— Фаро мегӯям, — лаҷоми аспро дошта, ситеза кард ӯ.

— Не, намефароям! — пояшро ба рикоб халонда, гуфт арӯс.

— Нафароӣ, худамро оташ мезанам.

— Об лозим шавад, дар кӯза. — Зебо хунсардона лаҷомро сар дод.

— Аз ин ҷанг аз ҳама бештар ту ва раиси лангат фоида кардед, — шунид овози хушдоманашро аз қафо. — Не, ту аз ман муфт халос намешавӣ. Ба Саиди ҷон кӣ ва чӣ буданатро навишта, баъд худамро алав сар медиҳам!

«Хас кам ва ҷаҳон пок!» — чунин буд ҷавоби хомӯшонаи гунаҳкори бегуноҳ.

Зебо сари аспро тарафи идора гардонда, раҳорaҳ суханони паст ва баланди хушдоманашро дар дил таҳлил мекард. Аслан нарм ва хушгап набуд кампир, аммо баъди ба ҷанг рафтани писараш беҳад бадгумон шуд. Зеро кӯр набуд, медид — ҳар гоҳ корафтодагон ба дарашон омада, раисаро пурсон мешуданд, ӯ худро ё ба хона мезад, ё оби кӯзаро резонда, сӯйи ҷӯйбор медавид. Тоб ва тоқати сӯҳбати раиса ва корафтодагонро надошт. Кампир модарона рашк мекард. Бори аввал

Зебо Мушкро савор шуда, назди даҳмардаҳо рафт ва баргашта, кампирро бемор ёфт. Марзия назди меҳмонҳои арӯсаш дастархон паҳн намекард, балки менолид ки аз бозе ин духтар раис шуда аст, нони хӯрдан надоранд. Аз ноӯҳдабароии арӯсаш менолид, таъкид мекард ки «бачаи ӯ дигар буд, зин оро ва идора зеб буд»...

Вақтҳои охир зуд-зуд номи мудирро ба забон гирифтани кампир шубҳаи арӯсро бедор кард. Дина шаб, бевақтӣ аз хонаашон баромадани Тошро ёд оварда, алҳол меандешид ки мудири анбор оё ба хушдоманам чӣ коре дошт. Ӯ пайвандаки ноаёни байни хушдоманаш ва мудирро ки кампир пеш чашми дидан надошт ва акнун ҳар дам ёд мекард, намеёфт. Раҳорaҳ мактуби пур аз гила ва таҳдиди Саид ба ёдаш расид. Ҳо, ӯро касе назди шавҳар бадном карда аст...

Гуфтаҳои раиси колхоз Ҳасан Ризо ба ёдаш расид. «Онҳое ки якбора ба маркаби мансаб, хоҳ хурд бошад хоҳ калон нишаста анд, баъдтар ҷерани мартабаро талабгор мешаванд. Ӯро ҳар қадар тавонӣ, кор фармо, аммо ҷилавашро сахт каш...» Зебо худ ба худ маҳзунона табассум намуда, гардани аспро ки ба идора наздикаш оварда буд, бо меҳр оғӯш кард.

***

Зебо аз суфаи долон боло шуда, қосидона сулфид. Хайрия ки садои пойи ӯро бехато мешинохт, мадор гирифта, хушҳолона нидо кард:

— Биё, биё, холаш садқаи қадами муборакат! Дар ин бевақтӣ аз куҷо меоӣ, мири шабгарди хола?

— Аз идора ва сад ҷойи дигар, — саросема пояшро таги сандалӣ халонда, ҷавоб дод ӯ. Ташрифи дугонаи ҷамолакии Майса ба ин хонавода шодии дардолуда мебахшид. Шабҳое ки Зебо дар хонаи онҳо мехобид, ба назарашон кӯтоҳтар буданд. Ҳузураш дили

дардманди модар ва хоҳарро дармон мекард. Нишона дастархон овард, меҳмон рад кард.

Сари хастааш болин мечуст. Мехост зудтар сарашро ба болин гузошта, бад ва неки зиндагиро дар қолаби хоб зиндонӣ кунад ва барои рӯзи дигар ки аз рӯзи пешина серташвиштар хоҳад буд, қувват ва дармон ёбад. «Мири шабгард» чогаҳашро ба соҳиби хона наздик ороста, пойҳои хунукхӯрдаашро ба девори сандалӣ часпонд. Гармии ҳаловатбахше вуҷудашро фаро гирифт. Мижаҳояш ба ҳам часпиданд.

— Хола, маро барвақт бедор кун, — нимғурма гуфт ӯ. — Пунбачӣ меравам, маҷлис ҳаст. Чӣ биёрам?

Мекӯшид кӯтоҳтар гап занад. Хайрия аз таги болинаш латтапечеро баровард:

— Чой надорем, маърака бе чой намешавад.

— Барои қанд ва чой пул дорам, хола.

— Илоҳо, мисли Ҳотами Той давлатманд шавӣ. Майса дугона не, хоҳарат буд. — Гулӯи модарро ашк сӯзонд.

— Аз хоҳарам азизтар буд, — гуфт Зебо, овози худро нашунида.

Хайрия зулфони марғулаи дугонаи духтарашро ки ҳамвор нафас мекашид, меҳрубонона навозиш мекард ва ашк ду бари рӯяшро мешуст.

— Ба таги сандалӣ лахча каш, таб дорад, — фармуд духтарашро.

Зебо ҳазён мегуфт. Лабонаш беист мечунбиданд, суханаш нофаҳмо буд. Дар пешонаи коғазвор сафедаш арақ дамида, рухсораш арғувонӣ метофт. Нишона испанд дуд карда, пудина ҷӯшонд. Дар даст доруи таб — косаи ғӯлингоб, сари болини дугона меистод ва ба чашм ва абрӯвони ба Диловар монанди ӯ маҳзун ва дилсӯз менигарист. Тайёр буд умре хизмати ӯро карда, бори вазнини рӯзгорашро сабуктар гардонад, зеро Зебо

низ ихтиёрӣ бори зиндагии онҳоро ба дӯш дошт. Маъракаи дафни Майса пура ба дӯши ӯ бор шуд.

Зебо беҳис косаро аз дасти Нишона гирифту, ба сар кашид ва худро ба ҷогаҳ партофт. Модар ва духтар ба якдигар нигаристанд.

— Чӣ кор кунем? — мепурсиданд чашмони модар.

— Ман намехобам, — ишора кард Нишона.

Духтар барои ҳезум ба долон баромад. Дар осмони хокистарранги зимистон аз байни ситораҳои хирасӯзи бешумор ситораи ошное сӯяш чашмак мезад.

Аз гоҳе ки Диловарро ба ҷанг гусел карда аст, ба ин ситора дар тасаввураш ситораи Диловар — бо забони чашмҳои муштоқ роз мегӯяд. Гоҳе фол мекушояд. «Ситораи Диловар» гӯё ӯро маътал бошад, аз ҳама баъд осмонро тарк мекунад.

— Салом! — ҷунбиданд лабони духтар, ситораро дида.

Ситора чашмак зад.

«Ту ҳам хоб нестӣ? Дишаб Диловарро хоб дидам. Дар қаъри ҷарӣ буд, дастамро гирифт ва баромад. Хобам нек аст?»

Ба назараш ситора дурахши тозае пайдо кард.

«Ҳо, хобам нек аст. Диловар зинда аст! Диловар оё туро медида бошад? Ё танҳо дар осмони боми мо мебароӣ? Диловарро бубинӣ, бигӯ ки ёдаш кардам!»

Ситора ба назараш хира шуд.

«Хоб дорӣ? Рав хоб кун! Ман имшаб намехобам»...

Духтар бағалашро аз ҳезум ва тапак пур карда, ба хона баргашт. Назди дугонааш нишаста, ба нафаскашии ҳамвори ӯ синча кард ва даст ба пешонааш бурд. Табаш фаромада буд. Ӯ хотирҷамъ дар паҳлӯи дугонааш дароз кашид.

Субҳидам модар ва духтар ҷогаҳи «мири шаб»-ро холӣ ёфтанд.

***

Зебо ба маҷлиси комиҷроия дер расида, зери тири нигоҳи садри маҷлис курсиеро ёфта нишаст. Курсии кӯҳна фиғон броварда, диққати аҳли маҷлис ва минбарнишинонро сӯяш кашид. Зебо сурх шуд. Нотиқи либоси ҳарбипӯш гузоришашро бо суханони «Ҳама барои ғалаба, ҳама чиз барои фронт!» ба охир расонд. Садои кафзанӣ баланд шуд. Зебо раиси нави комиҷроия Шамс Исоро бори аввал медид. Раиси нав марде буд батамкин, маърифатпеша. Ана ҳамин сифатҳои неки ӯро Ёғӣ Хидир аз рӯзи аввал ба фоидаи худ истифода мебурд.

Ноиб он қадар ба боварии раиси ҷавон даромад ки ҳатто дар ҳузури ӯ аз истифодаи мӯҳри комиҷроия ибо намекард. Забони хушомадаш гардон буд. Бо раиси пештара ки акнун дар марказ кор мекард, ситорааш рост наомад. Раис таҳҷоӣ буд ва кӣ ва чӣ будани Хидирро хуб медонист. На танҳо ӯро ба ҷойи худ тавсия надод, балки масъалаи аз кор рафтани ноибашро гузошта буд. Бахташ тофт. Раиси нав ҳарбдида буд ва зиндагӣ нодида. Дар кори роҳбарӣ низ ҳанӯз малака надошт, аз ин рӯ бо ноибаш дар ҳар кор маслиҳат мекард, таҷриба меандӯхт. Раис аз минбар фаромад ва ноиб дасти ӯро сахт фишурда, нутқи «пур мазмун ва зарбдорашро» бо овози баланд таъриф ва тавсиф кард. То он даме тавсифаш кард ки раиси ҷавон шарм карда, абрӯвонаш гиреҳ шуданд. Чун ҳамеша баъди маърӯза музокира оғоз шуд. Нотиқон аз иҷрои ӯҳдадориҳои худ ба комиҷроия ҳисобот медоданд. Баъзеҳо муболиға карда, ваъдаҳои иҷронашаванда медоданд, чеҳраи ноиби раис ки гӯё садри маҷлис не, нофи замин буд, мешукуфт. Маҷлис табъи дилаш давом мекард. Ӯ ҳунар ва обрӯ ва эътиборашро назди раиси

нав ва ҷавон ки ҳам синн ва соли писари дар ҷанг ҳалок гардидааш буд, намоиш додан мехост.

Садри маҷлис суханро ба раиси ҷамоати «Иттифоқ» дода, худ бо раис дар гуфтугӯ шуд. Ин беэътибории ноиби раис ба ҳозирон ки сухани занакро бо диққат гӯш мекарданд, нафорид. Хидир на танҳо худ гӯш намекард, балки раиси комиҷроияро низ ба гап кашид. Нотиқ зани миёнсоли чӯтуре буд ки аз зан буданаш ду кокули борики мош ва биринҷаш гувоҳӣ медоданд. Занак бо овози ғафси мардонаи худ аз дур, аз вазъи фронт сар карда, хеле дер ба ҷамоати худ баргашт. Беэътибории минбарнишинон ба толор будагон низ асар кард. Онҳо низ байни худ гуфтугӯ карда, нотиқро аз ёд баровarданд. Дили Зебо ба ҳоли зан сӯхт. Раис оқибат аз ҳисоботи ҷамоати худ ки баъди «Коммуна» дар ноҳия калонтарин буд, гап сар кард: яъне ки аз ҷамоати онҳо фалон қадар аскар ба ҷанг рафт, фалон қадар тӯҳфа фиристоданд, фалон қадар оила қурбон ва шаҳид дорад. Раиси нав вайрон шудани маҷлисро ҳис карда, дигар ноибашро гӯш намекард.

Ноиб аз беэътибории Раис мисле ки ранҷида бошад, сухани занро чанд бор дағалона бурид. Ин кораш ба раиси ҷавон нафорид ки абрӯ чин карда, ба дафтарчааш чизе менавишт. Дар охирсуханаш раиси ҷамоат барои хоҷагии харобгаштааш аз комиҷроия ёрии амалӣ хост.

Хидир намоишкорона бо қалам ба чойники холӣ ки чояшро худаш танҳо нӯшида буд, чанд бор сахт кӯфта, диққати ҳозиронро на ба нотиқ, балки ба худаш ҷалб кард:

— Рафиқа Бақоӣ, акнун ба партия ба халқ бигӯ ки чаро говҳои хоҷагии ту доим қисиранд?

Касе баланд хандид. Дигарон хандаашонро ба зӯр нигоҳ доштанд. Шамс Ризо ноҳинҷор сулфид. Ноиби раис ҷиддӣ ба ҳуҷум гузашт.

— То кай ба чашми ҷамъият хок мепошед? То кай ваъдабозӣ мекунед?

— Мо... мо — забон хоид занак. — Мо кай хок пошидем?

— Шуд, шуд, хок не, хокистар мепошед, — шӯрид Хидир. — Рафиқ Шамс одами омада бошад, маро фиреб дода наметавонед. Ман бобо ва бибии шумоёнро медонам. Чунин баҳонаҳо дигар ба кор намераванд. Набояд говҳои хоҷагият қисир бошанд. Замона намебардорад. Мумкин нест, мефаҳмӣ?

— Мефаҳмам, — ҷавоб дод занак ки аз минбар, аз тирборони чашмҳо гурехтанӣ буд ва наметавонист.

Зебо рӯймолашро сахт газида, ғазабашро нишонд ва ноаён ба толор нигарист. «Ягон марди Худо нест ки дами Хидирро бигирад», — гузашт аз дилаш. Мардум намедонистанд, бихананд ё ҷиддӣ бошанд, ба суханони ноиби раис розӣ шаванд, ё зид бароянд. Нохост Зеборо сахт ханда гирифт, хандаи алам ва нотавонӣ. Акнун ангушт мегазид. Чашмони хандони пуробаш ба нигоҳи ноиби раис ки аз занаки безеби коркӯфтаро мағлуб карданаш хурсанд буд, бархӯрд. Булбули Хидир якбора ба хониш даромад:

— Партия, Ватан аз мо ва шумо маҳсулот талаб мекунад. Аз фронт дур бошем ҳам, аскарем, аскари фидоии Партия ва рафиқ Сталин.

Ҳозирон баробари шунидани номи Сталин баробар аз ҷой хеста, сахт кафзанӣ карданд ва ҳамчунон фаврӣ нишастанд.

Хидир шерак шуд:

— Касе ки аз талаботи давр ва замон саркашӣ мекунад, дӯсти душман аст ва душмани мо. Ту худат чанд сар дорӣ? А? Минбаъд пеш аз ҷавоб додан, хуб фикр кун, рафиқа Бақоӣ.

Занак сар набардошт. Ӯ кора кардани тири чунин суханҳоро чанд сол пеш дар ҷисм ва ҷони дигарон эҳсос карда буд. Зебо дигар табассум намекард.

— Ку, бубинем, раиси «Комунна» чи хуш хабар оварда аст, — якбора ба кунҷи толор, ба ҷое ки Зебо ғунча шуда менишаст, нигариста гуфт ноиби раис. Раиси нав ки ҳанӯз на ҳама раҳбарони хоҷагиро хуб мешинохт, ба мӯйсафеди ордендори қатори аввал чашм дӯхт. Зебо ки аз дами ба толор даромадан нигоҳи шикофкунандаи ноиби раисро сӯяш ҳис карда буд, ноҳинҷор аз ҷо хест. Раиси нав низ сӯяш менигарист.

— Рафиқа Наимӣ — раиси нави колхози «Коммуна», — занро ба ҳозирон шинос кард Хидир. — Раиси нав, ҷавон, мӯъҷизаи ҳунарашро интизорем.

Зебо худро гум кард. Пеш рафтанӣ буд, пойҳояш қафо мерафтанд. Ҳатто ба Бақоӣ ки аз арраи минбар гузашта буд, дар дил ҳасад бурд.

— Нагуфта намонад, ҳамдеҳаи Тобони депутат. Ҳа, ҳа, ҳа! хандид Хидир. Аз толор низ чанд тан ба хандаи ӯ шарик шуданд. Шамс Исо ҳайрон китф дар ҳам кашид.

... Солҳое ки занон якбора дар ҳама кор баробари мардон ҳуқуқ пайдо карданд, солҳое ки Фузайл босмачӣ номардона се муаллимаи ҷавони ҳоитиро байни мардум ба дор овехт, солҳое ки занҳо барои бахт ва саодати худ овозашонро аз буда баландтар карданд, масъалаи фоизи муайяни занонро ба депутатӣ пешниҳод кардан ба миён омад.

Сабзбаҳориён аз Тобони арғуштчӣ ва шоиртабъ, нотарс ва донои худ ки лозим ояд, на танҳо бо забон, балки бо мушт ҳам гапашро мегузаронд, номзади арзандаеро наёфта, оқибат аз номи ҳама, ӯро барои депутат шудан розӣ карданд. Худи номзад намедонист ки депутатӣ чист, аммо дарк мекард ки дар замони нав ҳар кор «зарур бошад, раво бошад». Чанд бор савори

аспи ҷамоат, лаҷомгири шавҳараш, район ба сессия рафт. Ҳар бор баъди бозгашт аз маҷлис сабзбаҳориён дида ва шунидаашро пурсон мешуданд. Ӯ гапро дур мебурд, ҷавоби аниқ намедод.

— Депутат чӣ маънӣ дорад, — мепурсиданд дугонаҳояш.

— Ҳамин ки маънияшро фаҳмидам, мегӯям, — мегуфт депутат ки дар ҳақиқат чӣ будани депутатиро худаш низ намедонист. Бори дигар чун ба сессия даъваташ карданд, қатъиян рад кард. Сабаб пурсиданд, гуфт:

— Дар ҳузури раиси комиҷроия ва шоҳидон мегӯям.

Раиси ҷамоат Тоҳири Хоркаш мардумро ҷамъ кард.

Раиси комиҷроия, марди босалоботи чор кас медидагӣ ва ҳамроҳонаш арзи депутати сабзбаҳориро шуниданӣ омад. Тобон арз не, даъво кард:

— Акаи раис, то вақте ту, нос дар даҳон гап мезанӣ ва гапатро касе намефаҳмад, ман депутат не. То вақте дар минбар хобат мебарад ва арзи корафтодагонро намешунавӣ, ман депутат не. То вақте як чойники чойро худат хӯрда, ба дигарон як пиёла намедиҳӣ, ман депутат не. То вақте ки занҳои бегонаро бо чашмонат мехӯрӣ, ман депутат не. То вақте...

Гапи депутати дилмонда дар даҳон монда аст. Раисро дар ними роҳ дарёб карда, аспашро супурда анд. Тобон низ то охири умр дигар аз дарё нагузашта аст. Шеърҳои чандмоҳаи депутати исёнгар ҳанӯз байни мардум машҳуранд... Чунин буд маънии хандаи аҳли толор. Зебо намехандид. Бо Сабзбаҳори худ ифтихор дошт. — Сабзбаҳоре ки мисли Тобон ва Нозӣ занҳои машҳур дорад. Зеборо то минбар расидан дили занонааш дарак дод ки ноиби раис ӯро бо раиси «Иттифоқ» муқоиса мекунад. Инчунин ҳис кард ки

мардуми толор низ ӯро бо нигоҳ озмуда, дар симояш нишонаеро аз Тобон ҷӯёнд. Ғурури сабзбаҳорияш боло гирифт. Зинҳор аз ҳозирон паст омаданӣ набуд. Ӯ дар паҳлӯи раиси «Иттифоқ» ки ҳанӯз дар минбар рост истода, чӣ кор карданашро намедонист, қарор гирифт. Аз чӣ оғоз кардани суханро намедонист, зеро сухани мегуфтагӣ надошт.

— Хӯш, Наимӣ, ҳамин хел рост меистӣ?

— Чӣ хел рост истам? — зарбаи аввалро гардонд Зебо.

— Наход дар хоҷагиат пешравие набошад? Ё говҳои шумо ҳам мисли говҳои «Иттифоқ» қисиранд? Ҳа, ҳа, ҳа!

Хидир аз лутфи худ завқ бурда, сахт хандид. Ҳозирон ин бор ба хандаи ӯ шарик нашуданд. Зебо қоматашро рост кард, куртаи карбосияш меларзид.

— Қисирии говҳо ба раиси ҷамоат не, ба буқаҳо вобаста аст, — оромона ҷавоб дод занак.

Раиси комиҷроия ба қаҳ-қаҳи мардум шарик нашуд, балки ҷиддӣ ба зани ҷавон нигариста, қаламро ба даст гирифт. Бақоии дар минбар кайҳо аз ёд рафта низ қаҳ-қаҳ механдид. Зебо бар қасди ноиби раис ки як занро музтар карда, роҳи озори дигарашро мекофт, Бақоиро ишораи поин фаромадан кард. Чизе гуфтанӣ буд, садри маҷлис имконаш надода, гуфт:

— Хӯш, сабаби қисир будани говҳоятонро фаҳмидем, о ғалларо ҳам сари вақт нағундоштед-ку? Акнун чӣ баҳона дорӣ?

— Баҳонаи бисёр дорам. Худат ки мутасаддии хоҷагии мо будӣ, сари вақт ёрӣ надодӣ. Бо маҷлисҳои зарур ва нозарурат мардумро аз кор мононди, ёрии иловагӣ хоҳиш кардем, зорӣ кардем, нашунидӣ... Аз минбар танқид кардан осон аст ...

Дар толор ҷунбиш ба амал омад, Хидир сурх шуд.

— Сухан напурсида будам, чун лозим донистаед, бояд арз бикунам: моҳи осмон беайб нест, мо ҳам бе камбудӣ нестем. Гуноҳамонро аз раиси бемор сар карда, то кӯдакҳои хӯшачин ба гардан мегирем. Занҳои Сабзбаҳор хока гиран, зар гарда. Онҳо ғалларо ба хонаҳошон бурда, хушк карданд, талаф шудан намонданд. Одам аз худаш монад, аз олам мемонад.

Садои кафкӯбӣ баланд шуд. Шамс Исо табассум мекард. Хидир ки чунин густохии ҳамдеҳаи Тобонро чашмдор набуд, ноилоҷ ба кафкӯбии дигарон шарик шуд. Ҳамраъйии ҳозирон ба Зебо ки аз минбар рафтанӣ буд, бол ва пар бахшид. Ӯ дилашро холӣ карданӣ шуд:

— Аз ҳукумат барои ёрияшон миннатдорем. Дарси порсола имсол ба кор меояд. Мо мефаҳмем, хоҷагӣ муҳориба аст ва мо аскар. Мақсади ягонаи мо ғалаба аст! Мо, занҳо, ба душмани номард, албатта ғалаба мекунем. Хонаи душман сӯзад, тамом.

Ӯ рафтанӣ шуд, аммо чизе ба ёдаш расид ки истод. Норизо сӯйи Хидир нигариста, оромона гуфт:

— Масъалаи қисир мондани говҳоро дигар ба гардани ман ва Бақоӣ бор накун, айб аст. Кӯдак ҳам медонад ки ҳатто гул ва гиёҳ як сол модина, соли дигар нарина анд.

Онҳое ки зани ҷавонро бо нигоҳи озмоиш хомӯшона то минбар гусел карда буданд, фаромаданашро бо кафкӯбӣ пешвоз гирифтанд.

Ҳусни таваҷҷӯҳи мардум, Шамс Исо, ҳатто Еғӣ Хидир ба ин зани ҷавон ва оқила зиёд шуд. Маҷлис тамом шуд, аммо гапи раиси ҷамоати Сабзбаҳор аз даҳон ба даҳон мегузашт.

Шамс Исо дар долон дасти Зеборо фишурда, гуфт:
- Мушкилие пеш ояд, шарм надоред, ба комиҷроия биёед, ёрӣ медиҳем.

Сад бор миннатдорам, — гуфт Зебо. — «Ба умеди Худо наша ва буттаро маҳкам дор» гуфта анд.

Бояд аз худамон намонем. Сабақи соли гузашта ҳафт пуштамона дарс шуд...

Зебо ба нияти харидани анвои фармудаи Хайрия ба дӯкон даромада, вақти ҳисобӣ кардан дарёфт ки карточкаашро дар хона фаромӯш карда аст. Ӯ музтар монд. Ҳамин вақт Хидир ба дӯкон даромад.

— А, раиса, ту ҳолӣ ҳамин ҷой? Чӣ камбудӣ дорӣ? Зебо ҷавоб надод.

— Камбудӣ не, карточкаашро фаромӯш карда аст, — ба ҷойи харидор ҷавоб дод Розияи дӯкондор, чашмони гирди тангашро пурмаъно бозӣ доронда.

— Карточка аз мо, — худнамоӣ кард дар ҳузури маъшуқааш ки пештар котибааш буд.

— Чанд дона лозим? — гӯё умре карточкабозӣ мекарда бошад, як қабза карточкаро аз киса бароварда, пурсид Хидир.

Зебо ҳанӯз музтар меистод.

— Зуд ҳоҷати раисаро барор, роҳаш дур аст, — гуфт Хидир, ба магазинчӣ.

— Марҳамат, — ноз кард Розия.

Хидир дид ки Зебо карточкаро майли гирифтан надорад, онро ба дасти дӯкондор дода, илова кард:

— Коргарони беҳтаринро эҳтиёт кардан вазифаи аввалиндараҷаи комиҷроия аст.

Розия ҳамчунон табассум мекард. Зебо бӯғчаро гирифта, аз магазин баромад. Як кунҷи дилаш ғубор гирифта буд. Рӯзи кӯтоҳи зимистон бегоҳ мешуд. Зебо хунук хӯрд. Табаш мехест. Ӯ сари Мушкро сӯйи Сабзбаҳор гардонда, ҷилавро сар дод. Чашмонашро ки гӯё дуд хӯрда месӯхтанд, сахт пӯшида, бори ҷисми сӯзонашро ба Мушк ҳавола кард. Раҳораҳ фикр ва хаёли бе сар ва нӯг майнаашро печонда, овозҳои худӣ ва бегона дар гӯшаш беист садо медоданд:

« — Говҳо қисир монда анд!...

— Баргардам, дар хуни хиёнаткор ангуштамро тар мекунам!

— Ҳаромзода бо сояи худ бозӣ мекунад!

— Дар зоти мо ту бенанг баромадӣ...

— Маро дур дида, деги айшат мечӯшад?! Мекушам. Мекушам!

— Саид! Гумон аз имон ҷудо мекунад, беимон нашав. Пушаймон мешавӣ, Саид!»

Зебои хомӯш овози худро шунида, ҳайрон шуд.

«Кӣ маро назди ту бад мекунад? Модарат?! Наход дилаш ба ту насӯзад? Номзади собиқат? Не! Ӯ якумр аз ман ризо аст. Кӣ?»

«Чаро Хидир ба ту карточка дод? — овозе дар паси гӯшаш ғазаболуд садо дод. Гӯё овози Саид буд. Дар замоне ки падар аз даҳони кӯдаки худ луқмаро мезанад, чаро ӯ ба ту чунин ҳотамӣ кард?»

«Намедонам, — гуфт Зебо ба худ. — Пагоҳ карточкаашро бармегардонам. — Вақтҳои охир, чун аз Саид хат меомад, ба ҷойи хурсандӣ дилашро ваҳм зер мекард. Дер гоҳ хатро намекушод. «Очаҷон, то кай ман гунаҳкори бегуноҳ мегардам? Очаҷон, об! об!» Ӯ аз сари девори камар як каф барфро гирифта, ба даҳон бурд. Барф сӯзон буд. «Очаҷон!»

Модараш «бенанги»-и онрӯзаашро набахшида буд ки ин бор пеши назари духтари табсӯхта пайдо нашуд.

«Аз Асо ва Карим» «хати сиёҳ» омад, Шодӣ беном ва нишон шуда аст, аз Диловар хат нест. Фақат Саиди ту хат менависад, — шунид овозеро. — Шукронаро фаромӯш накун, духтари Наим!..

Мушк лағжида ва ноустувор мерафт. Асп нохост рамида, қариб савораро ба ҷар афканда буд. Зебо чашм кушод.Ҷонвар дар тангии дара, ҷое ки оби чашма роҳро яхпӯш карда буд, меистод.

— Чуҳ, дар ёлат садқа, Мушк, чуҳ, торик мешавад.

Асп даме таваққуф кард ва боз равон шуд.

«Дар ақл ва фаросатат, ҷонам Мушк», — ёли аспро молида, беовоз ҷонварро таъриф кард. Асп рамида, базӯр роҳ мерафт. Савора бо ҳарос дарёфт ки Мушки ором ва аҳл аз чизе рамида аст. Ба баданаш мурғак давид, аммо то деҳа хеле роҳ буд ва ҳаво торик мешуд. Беихтиёр қафо нигариста, аз дур суроби савораеро дид. Савор ботаъҷил асп меронд. Зебо Хидирро шинохта, Мушкро саросема кард. Офтоб аз шонаи кӯҳ нурҳои охирини арғувонияшро рӯйи дарёи кам об ва ором афканда буд. Ранги сурхи дарё ва домани сафеди кӯҳсор ҳусни чашмрабо дошт, аммо зани табсӯхта чизеро намедид. Нохост пайдо шудани ноиби раис ҳаросеро дар дили зан бедор карда, ӯ «аз бало ҳазар» мехост. Хидир дар гулӯи дара ба Зебо баробар шуд. Аспаш арақшор буд, худаш базӯр нафас мегирифт. Чашмони косамонандаш оташаки наҳсе доштанд.

Зебо бо ҳайрати сохта оромии фиребо ба рӯйи чӯтур ва чашмони гуруснаи савор нигариста, пурсид:

— Акаи раис, тинҷист?

Ноиби раис ҷойи ҷавоб гуфтан аспашро ба аспи рамандаи раиси ҷамоат ҷафс кард. Он қадар ҷафс ки рикобҳо ба ҳам расида, ҷаранг-ҷаранг садо бароварданд. Мушк хӯсида, савораи худро пеш кашид.

— Аспат бадрашк буда аст, раиса, — гуфт Хидир, ба ӯ расида ва аз чеҳраи арғувонии зан чашм наканда. — Аспи бадрашк ганда аст.— Аспи дигар мехоҳӣ?

— Не, намехоҳам. Аспи дигар мисли Мушк боақл нест, — ҷавоб дод Зебо.

— Ақли асп ва зан баъди пешин медарояд, — лутф кард Хидир ки зӯр зада, аспашро ба савораи нозанин баробар кардан мехост. Оқибат муваффақ шуд.

— Сӯхтаме, мефаҳмӣ сӯхтам! — гуфт Хидир.

— Чӣ гап, акаи раис? — Зебо мехост ӯро то деҳа ба гап андармон бикунад.

— Чӣ гап мегӯйӣ? Наход чӣ гап буданашро нафаҳмӣ-а? Ту рафтӣ ва дилам сарзанишам кард: чӣ гуна мондӣ ки як паризод намози шом тоқа ва танҳо равад! Хоҳиши маро ин ҷонвари бодпо ҳам маъқул ёфт. Бол баровардa, маро то ту расонд. Ту бошӣ мегурезӣ. Эҳ парии танҳои акаш.

— Беҳуда ташвиш кашидӣ, акаи раис. Мо ба танҳоӣ одат кардаем, — худро ба нодонӣ задани Зебо сохта буд. Инро дарк карда, мардак бепардагап шуд.

— Ба виҷдонам қасам, минбаъд туро як дам танҳо намемонам. Зиям бо ту мезиям, мурам, бо ту мемурам. Ин дунё бе ту ба ман минбаъд ҳаром аст, ҳаром, — мефаҳмӣ, паризод?

Мушк Зеборо пеш кашид. Ноиби раис ки нафасгир гап мезад, дарғазаб шуд, аммо сир бой надода:

— Имрӯз, вақте аз минбар лутф мекардӣ, дурусттар зеҳн монам, дар тамоми Пунбачӣ аз ту беҳ ва боло зане нест. Он мардаки шаҳрӣ заршинос буда аст.

Қиссаи талхи мардаки ошиқро ёдрас кардани Хидир чунин маънӣ дошт ки «он гоҳ, агар шамоли лутфи бонуи нозанин намебуд, дарахти ҳирси меҳмон намеҷунбид». Ёдрас кардани он қиссаи арраи ёд занро сахт озурд. Ҳанӯз баъзеҳо гумон доштанд ки меҳмони шаҳрӣ бо айби худи Зебо Саидро зиндонӣ карда буд. Зан сурх шуд.

— Акаш садқа, ҳамин рӯз фаҳмидам ки дар дунё чи паризоде мезиста аст ва мо бехабар. Ҳамин қадар вақт кӯр будам ки туро надидам. Бақоиро ба замин задам ки туро ба осмон барорам. Фаҳмидӣ?

— Кори хуб накардӣ, акаи раис.

— Зан не, мори обӣ. Э, тарафашро нагире! Хайрият шӯ надорад.

— Дар ҳаққи Бақоӣ беадолатӣ кардӣ ва бечора тоқат кард. Офарини тоқаташ. Аҷаб зани хубе буда аст,— гуфт Зебо рост ба чашми Хидир нигариста. Бечора.

— Хубияш дар гӯр, — рӯй турш кард ноиби раис. — Зан бояд ҳусн ва латофат дошта бошад, мардро сӯяш мисли оҳанрабо кашад. Аз дидани ӯ тобистон хунук меҳӯрӣ, зимистон ях мекунӣ. Ҳа, ҳа, ҳа! — завқ карда хандид. — Ту дигарӣ, мисли садбарги таги баргӣ, тоза, хушбӯй, нозанин. Зебои ҳақиқӣ. Э ,ҷонам садқаи ту!

Хидир нохост даст андохта, камари занро сахт оғӯш кард. Панҷаҳои ларзонаш ба бадани Зебо халиданд. Бурутҳои мардак бари рӯйи ӯро хоронданд. Хидир бӯйи чирк ва нос ва бӯйҳои дигари мардакӣ мекард. Чашмони косамонандаш гирдгардон буданд. Ӯ ба кадом дарандае монанд буд. Аз мардак бӯйи ғализе мехест. Бӯйе ки аз тани Мушк ҳангоми дидани байтал... Дили Зебо беҳузур шуд. Ӯ метапид ва имкони муқобилият кардан надошт. Кабки ба ҳалқаи кабкбоз афтодаро мемонд. Дар худ фурӯ рафта буд.

— Наход ту нафс надошта бошӣ, занак? Ҳой, занак, занакҷон ту зиндаӣ ё мурда? Нафси ту бояд аз бемардакӣ аждаҳо шуда бошад. Биё, мефуроем! — Хидир Зеборо ки имкони ҷунбидан надошт, сахттар оғӯш кард. Устухонҳояш дард карданд. Рангаш сурх ва сафед мешуд. Онҳо кӯталро ки дар доманаш Сурхоби равон буд, дар оғӯши якдигар боло шуданд.

Мард ба умеди ром шудан сайдашро сар дод.

Қамчини Зебо чунон сахт ва ногаҳонӣ ба сари Хидир, сипас ба сағрии аспи ӯ фуромад ки ҷонвари мурданивор хӯсида, саворро саракӣ андаруни барф афканд ва тирвор гурехт. Хидир то гулӯ дар барф ғӯтид. Ду пояш аз даруни барфтӯда мисоли миқрози кушода ҳаракат мекард. Мушк аз пайи аспи рамида чорхез зад. Зебои аз хашм ва алам ларзон Мушкро

бераҳмона қамчин мезад. Чун аз ағба боло шуд ва хасмаш дур монд, ба қафо нигарист. Хидир чун хӯсаи барфӣ байни роҳ музтар меистод. Шаб чодари сиёҳашро рӯйи барфи сафед паҳн мекард.

Мушк ки аз соҳибаш камтар дар ҳаяҷон набуд, сӯйи Сабзбаҳор майдаҳамвор медавид. Зеборо таб меларзонд. Чунонаш менамуд ки гӯё Саид пеш-пеши ӯ асп давонда, занашро аз Хидир ва хидирҳо ҳимоя мекунад. Хаёлан ба шавҳари бадрашкаш муроҷиат кард:

— Дидӣ Саид, дидӣ ки на танҳо ту, мо низ меҷангем? Ҷанги мо даҳшатноктар аст, зеро бе тир ва туфанг бехун ва бенишон аст.

## БОБИ САВУМ

Чашми рӯз накафида, Нишонаи саҳархез дар дегдон алав кард. Дуди ғализи тапак хонаро пур намуда, аз равзан пилта-пилта ғоз медод. Буз аз паси дар атса зад ва бузғола ба он ҳамроҳ шуд. Кӯдак низ дар гаҳвора ба атсазанӣ сар кард. Нишона табассумкунон сӯйи модараш ба маънии «акнун навбати ту» нигариста, пайиҳам чанд бор атса зад ва модарашро хандонд.

— Пир шав, хушбахт шав, давлатманд шав, - дуо кард модар.

Ҳарчанд ҳаво сард буд, ноилоҷ дарро калон кушод. Боди барфолуд якбора мисли аҷузаи сарсафед худро ба дарун зада, гармии хонаро оғӯш кард. Берун ҳанӯз торик буд. Сагҳои деҳа гӯё беист меҷакиданд. Буз беқарор ва ҳаросон пой мекӯфт.

— Дарро пӯш, хона хунук мешавад, - ишора кард модар.

Нишонаи сӯйи дар равона, гаваккашон ба хона даромадани ҷонвареро дида, беихтиёр дар ҷояш истод. Сипас, қафонокӣ рафта ,оташкобро ба даст гирифт.

— А саг, гум шав! — гуфт Хайрия, бо овози хаста ва шунавояш базӯр. Ҳайвон аз таҳдиди зан натарсид. Шикаммола сӯйи бузи кал ва бузғола гашт. Лабонашро беист лесида, аҷаб не, пайти ҳуҷум мекофт. Духтар ҳайвонро бо оташкоб таҳдид кард, аммо таҳдидаш чорагар нашуд. Бузғола худро ҳаросон ба шиками модар зад ва бузи кал бузғолаашро ҳимоя карданӣ шуда, ба девор чафс шуда, баос мезад. Аз тарс дили духтар ба пушташ часпид.

— Гург—фарёд кард модар. Оҷиза дасти ягонаашро сӯйи гаҳвораи тифл ки бедор шуда ғаш мекард, имдодгарона дароз кард.

Нишона чӯби нимсӯзеро аз оташдон гирифта, тарафи ҳайвон партофт. Бӯйи мӯйи сӯхта хест. Гург

чашмони зарди гурусна ва хун талабашро аз буз канда, ба духтар дӯхт. Даранда аз ин макони сайд ба осонӣ рафтанӣ набуд. Оташи фурӯзони сӯяш равонаро дида, ноилоҷ худро қафо кашид. Мисле ки пойҳояш беҷон бошанд, қафонокӣ хазид. Зарбаҳои пайи ҳам ба сараш фаромада ҳайвонро аз дар берун карданд. Духтар дарро бо панҷаҳои ларзонаш тамба карда, беҳол ба он такя кард. Чунонаш менамуд ки гург паси дар омодаи ҳуҷуми навбатист.

«Чаро ба хонаи онҳо омада аст, гург?» — дили тарсхӯрдааш дар қафаси сина намегунҷид. Бӯйи мӯйи сӯхтаи гург дар фазои хона монда буд ва аз наздик будани балои азим дарак медод. Нишона оқибат худро даст гирифт, кӯдакро аз гаҳвора кушод. Чӯби дудгирифтаро ба оташдон партофта, тифли аз одам ва олам бехабар сӯйи холааш ширин табассум мекард.

Бузи кал пушти бузғолаашро лесида, бо лаҳни худ навозишаш мекард. Хайрияро шукронаи тақдир дар забон буд ки онҳоро аз як балои азим раҳонида аст.

«Зимистони қаҳратун, гуруснагӣ ҷонваронро аз ҷон безор карда аст. — Тавба, тавба. Гург дар хона-а, ягон кас нақл мекард, бовар намекардам. Хайрият гург пир буда аст ё... тавба, тавба».

Нишона бузро меҷӯшид ва гурги гурусна аз пеши назараш дур намешуд. Медонист гург ба деҳа танҳо намеояд. Аз эҳтиёт ошбури дудамаро ҷойи намоёне гузошт.

Тапакалав гул кард, оби чойник ҷӯшид. Духтар ба чойник як каф барги гули хор андохта, дам кард. Чанд дона ғӯлинг ва қоқи себро рӯйи дастархон гузошт. Пиёлаи чойи ширгармро ба дасти ларзони модараш дода, дер гоҳ ба нуқтае андешаманд нигарист. Онҳо хомӯшона чой нӯшиданд. Нишона сӯйи хамба нигариста, орди боқимондаро дар тарозуи хаёл бар мекашид. «Аз як коса камтар орд монда аст. Имрӯз чӣ

пазам, атола ё ордоб? ё ҳеч чиз напазам. Қоқи себ тар кунам? — меандешид худ ба худ.

— Имрӯз ҳеч чиз напаз, — фикри духтарро чун ҳамеша аз нигоҳаш хонда фаҳмонд модар. — Ғӯлинг ё қоқи себ тар кун! Духтар бо аломати ризо сар ҷунбонд.

Ӯро ин бор ҳам ғайбдонии модар ҳайрон мекард.

Модар дасти ягонаашро ба рӯ кашид. Нишона дастархонро ҷамъ кард ва сӯйи хамба рафт. Таги хамбаро рӯфта ва чинда, буд ва шуд ним коса орд ғундошта хиҷил шуд.

«Ҳар қадар эҳтиёт кардам, нарасид, — худ ба худ ҳисобот дод дар дил. — Чӣ кор кунам? Ин зимистон аз гуруснагӣ мурем ҳам, дигар назди раис намеравам. Бо кадом рӯй меравам? Дар колхоз кор накарда, музд мехоҳем... Зебо аз ҳоламон хабар дорад, лозим донад... Не, не!» Эҳсоси хатари бенавоӣ духтарро беовоз гирён кард.

Шонаи ларзонаш аз назари модари ҳама бин ва ҳамасанҷаш дур намонд.

«Очаат мурад ки ҷонат халос шавад, — худро шунаво дуо кард модари зор.— Мурдани очат мушкил шуд. Ту бахт медоштӣ, таваллуд нашуда, падаратро дарё мебурд? Духтари берӯзии оча, ту таваллуд нашуда, ном доштӣ. — Уфе, парвардигор маро то кай мондаӣ?»

Оҷиза бо оҳи сард дуди дилашро берун кард, аммо алови аламаш ҳамеша сӯзон буд.

Гӯё дирӯзакак тобути холии шавҳарашро аз дар баровbooанд. Зан ҷомаи шавҳари шаҳидашро пӯшида, ба пояи тобут пурмаъно даст бурда, мардумро гирён кард. Зани берӯзӣ дар қадаш фарзанд дошт. Дар ин ҳабдаҳ сол чи рӯзҳо аз сарашон гузашт, худаш медонад ва чор девори кулбааш. Лолӣ ва карии кӯдакашро дили модар соли аввал эҳсос карда, раг ва пайванди дардмандаш ба фиғон даромад. Зиндагӣ духтаракро рӯзорӯз дигар мекард. Модар ҳис мекард ки духтарак ночор ба қисмат тан дода, беинсофии табиатро нисбат

ба худ бахшида, мекӯшад забони ишораашро ба мардум содатар бикунад. Забони ишораи духтар фаҳмо мешуд ва хати байни абрӯвонаш чуқуртар. Алҳол номаълум гиристани духтар аз кам будани орд табиӣ буд. Ӯ ки як бор аз анбори колхоз ҳаққи бачаи аскари шаҳидро гирифта буд, бори дигар ҳаргиз нахоҳад рафт.

Духтар барои нишондани туғёни ҳаяҷонаш берун баромад. Нақши гург рӯйи барф чун панҷаи даҳшатноки бенавоӣ намоён буд. «Минбаъд барои ҳезум ба ҳавлӣ баромадан хатар дорад, — гузашт аз дилаш. Ӯ ба сутуни айвон шона зада, ба қуллаҳои дур ки дар ченаки нигоҳ наздик метофтанд, хаёлӣ нигарист. «Диловар паси кадоме аз ин қуллаҳо бошад?» Духтар ба куҷо ва ба чӣ коре Сабзбаҳорро тарк кардани мардон, махсус Диловари худро тасаввур карда наметавонист. Аммо хуб медонист: мардон ҷое рафта анд ки нарафтанашон мумкин нест. Аз номи онҳо ба ҷойи онҳо танҳо як порча коғаз меояд...

Дунё барои духтараки оламнадидаи кӯҳистонӣ танҳо аз девори кӯҳҳо иборат буд. Диловар барои Нишона қуллае буд ки дар такяи мустаҳкамаш бори дард ва шодии худро гузоштан мехост. Диловарро то буни Аҕба гусел карда аст ва медонад, то ҳама барнагарданд, ӯ низ нахоҳад омад. Чи рӯзи даҳшатноке буд, рӯзи гусели аскарон. Ӯро он рӯз алами дигаре ситам кард. Модари Диловар байни ҳама гирён арз кард ки «медонист бачааш ба ҷанг меравад, зудтар сарашро ҷуфт мекард». Дар хонаи холӣ тоқаи бори худо намемонд». Нишона Диловари худро бо дигаре тасаввур кард ва дилаш мисли деги масҷид сиёҳ шуд. Бечора духтар хуб медонист, модари Диловар зинҳор Нишонаи лолро арӯс карданӣ нест. «Диловар, Диловари ҷон, туро ёд кардам. Ту куҷоӣ?» «Чашми сиёҳат дар гӯр!» — сӯяш нигаристани чашми сиёҳи «Қабри шайтон»-ро дида, пушт гардонд духтар ки аз нигоҳи сиёҳи ҳамеша сӯяш нигарон меҳаросид.

...Ҳамсолонаш механдиданд, мерақсиданд, месуруданд, арбада ва гапгузаронӣ мекарданд. Ӯ моҳивор хомӯш буд. Чизе гуфтанӣ шавад, аввал чашмонаш ба гап медаромаданд, сипас дастонаш, баъд лабонаш. Ҳунаре намонда буд ки наомӯхта бошад. Аз тӯрбофӣ то мӯкидӯзӣ ҳама ҳунарро омӯхта буд. Занҳои Сабзбаҳор дарзи таъҷилияшонро ҳатман назди ӯ меоварданд. Духтаронро барои ҳунаромӯзӣ ба хонаи онҳо роҳӣ мекарданд. Духтари мактабнадида барои хондани номаҳои Диловар машқ карда, бе устод савод баровард. Аз Диловар кайҳо хат набуд.

Нишона ки аламашро ҳамеша аз кор мегирифт, боз сӯйи кор ва бори кулба баргашт. Кӯдакро сер кард, барои бузғола атола пухт. Акнун бо қошуқчаи чӯбин ба даҳони бузғола атола мерехт ва ҷонвар аз ӯ ва атолаи бемаза то пистони гарм ва ширини модараш гурехтан мехост. Байни духтар ва ҷонварак кашокаш шуд. Буз ба кашокаши онҳо гӯё аз он бепарво менигарист ки медонист, ҳатман шайтонбачааш ғолиб меояд. Бузғола косаи атоларо дар бағали духтар чаппа карда, сӯйи ташнов гурехт. Нишона маҳзунона табассум карда, доман мешуст ва меандешид. «Ҳамин бузғола, ҳамсоли додаракаш, аллакай чор тарафро тай карда, ҳаққи худро даъво мекунад, аз модараш ҷудоӣ намехоҳад. Одамизод ки ҳокими ҷонзоди олам аст, бо азоб таваллуд шуда, бо азоб калон мешавад».

Ӯ тифлро ба гаҳвора баст. Кӯдак дар хоб табассум мекард. Чашмони Нишона сӯхтанд: «Омадани ту ва рафтани падар ва модарат чӣ маънӣ дорад? Қуввати ман ба тарбиятат мерасида бошад?» Ӯ аз нӯги бинии тугмамонанди бача бӯсид. Кӯдак чунон лоғар буд ки рагҳои рӯяш аз зери пӯст кабуд метофтанд.

— Бузғоларо гир, бузро покиза макид — ишора кард модар. Духтар саросема ҷонварро аз пистони модараш канда, ба сутун баст.

— Мээ! — саркашӣ кард ҷонвар.

Духтар табассум кард. Аҷаб табассуми гуназебе. Чашмонаш, лабонаш, рухсораш баробар гул мекарданд. Ӯ ба ин ҳайвонаки шӯхи бозигар ки баробари ҷиянаш ба дунё омада, зиндагии якранги ӯро рангин карда аст, дилбастагии махсус дошт.

«Сер нашудӣ? Бечора! — пушти нарми ҷонваракро навозиш кард духтар.— Алам модар надорад, гурусна аст, ту модар дорӣ, гуруснаӣ, чӣ илоҷ?» — меандешид духтар, алавро таги сандалӣ кашида.

Кӯдаки ятим гӯшт намегирифт, калон намешуд. Бемор буданаш низ маълум набуд, зеро иштиҳои хуб дошт. Ба бахти холааш аҳл буд. Ба тақдираш гӯё тан дода буд ки ғаш намекард. Гурусна монад, ё тар бошад, мисли кафтарбача қум-қум карда, бибияшро хандон ва гирён мекард. Қум-қуми кӯдак бибиро байтгӯ карда буд:

*Қафтарбачаро ба боғ мебинам ман.*
*Ҷӯлида ва бедимоғ мебинам ман.*
*Кафтарбачаро ба хуни дил парвардам,*
*Имрӯз ба чанги зоғ мебинам ман.*

Кафтарбачаи ӯ Майса буд ва зоғ — марг. Дасти ларзони бибӣ аз сари кӯдак дур намешуд. Аҷаб қисмате дорад одам. Рӯзи марги духтараш кампир ба худ марг металабид, акнун мурдан намехост. Кӯдак рӯзорӯз ширинрӯ ва хандонлаб мешуд. Нав-нав нағма мебаровард. Нишона кӯдакро аз гаҳвора кушода, ду-се бор дар ҳаво парвоз дод, ба баданаш хокистар молида, ба парпечи гарм печонд. Мағзи як дона бодомро орд карда, ба дока гиреҳ кард ва ба даҳони бача монд. Кӯдак ин бор низ нигоҳи соф ва ҳайронашро гоҳ ба хола гоҳе ба бибӣ дӯхта, гӯё пурсиданӣ буд: «Падар ва модари ман куҷоянд?»

— Ту намебудӣ, мо чӣ кор мекардем? — гуфт бибӣ, вақте Нишона кӯдакро ба бистараш мегузошт. Ӯ ҳамеша касеро интизор буд.

«Ту намебудӣ, сабзаи хоки ман як ваҷаб мешуд», — оҳ кашида, сӯйи дар нигарон худ ба худ гуфт оҷиза.

— Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим. Қадам расид, бало нарасад! Дӯст расад, душман нарасад, чашми нек пурнур, чашми бад кӯр, олами пури нур, балоҳо дур. Ассалом ва алайкум, бибии Хайрия!

— Ваалайкум ассалом, — ҷавоб дод соҳиби хона хурсандона. — Биё, биё, хоки поят тӯтиё. Моро ёд кардӣ, Худо ёдат кунад! О Марҷони ҷоне, хуш омадӣ! - Зани муштоқи ҳамсӯҳбат аз дидани кампири хушгӯ чунон шод шуд ки чашмонаш нам гирифтанд.

Кампир косаи дасташро гӯшаи алавдор гузошта, назди кӯдак омад ва ӯро бардошт.

— Чӣ ҳол дорӣ, Рустами достон? Э дар риш ва бурутат бибиш!

— Нав хобаш бурд, — гуфт бибӣ табассумкунон.

— Хоб ва бедории кӯдак ва шайтон маълум нест, — кӯдаки ним хоб ва ним бедорро оғӯш карда, гуфт Марҷон ки ба рӯймолаш даҳонашро сахт печонда буд.

— Чӣ номаш додӣ?

— Алам!

— Алам? Ҳм ...

— Ҳа, Алам, — оҳ кашида, ҷавоб дод Хайрия. — Номаш ҳамроҳи худаш омад, мисли номи Нишона. Нишона нишонаи падараш аст, Алам алами ҳама...

— Айби ту чӣ, дугона? — оҳ кашид меҳмон, рухсораи кӯдакро пучида бӯсид.

— Айби ман ин аст ки аҷал фаромӯшам карда аст. Меҳмонро ки алам гулӯгираш карда буд, гапро дигар тараф гардонданӣ шуд:

— Ҳой, духтари ширин, биё дар гармогармиш атола хӯр. — Нишона ӯро нашунид. — Забони бечораро намедонам.

Модар дар дил аз меҳмон ранҷид, аммо ҳамчунон табассум мекард.

— Аввал гули ҳолмун дар ҳавлиямон мерӯид, акнун барои як реша кӯҳ ва дараҳоро тай мекунем. Хайрият, дар мазор ҳам мерӯяд. Бо ин ҳол баъди ду-се сол тухмаш намемонад, — атолаи решаи гулро ба соҳиби хона наздик монда, — гуфт меҳмон.

— Илоҳо, дегат асло аз ҷӯш намонад, дугона, ҳақатро аз даҳонат канда, ба мо овардӣ. Танҳо аз гулӯям намегузарад. Худат ҳам хӯр.

— Ин хел нагӯ, дугона. Ҳар кас насибаи худашро мехӯрад. Бисмиллоҳ! — Кампир насибакунон гуфт: — Гир, гир! Ҳолмун барои ҳама мерӯяд.

— Биё, атола хӯр, — ишора кард модар ба Нишона ки беозор кӯдакро аз дасти кампир мегирифт. Духтар ки ба чи кор омадани кампирро медонист, рад кард. Синаи бузро шуста, хушк кард. Кӯдак аз рӯйи одат ба синаи буз часпид. Кампир аз дидани ин манзараи ҳузновар, аз тарсе фиғон накунад, саросема ду пиёла чойи гармро холӣ кард ва дурудароз сулфид. Баъд узрхоҳона сӯйи оҷиза нигариста, Нишонаро сифат кард:

— Нишонаи ту ба хироҷи ҳафт мамлакат меарзад. Писар медоштам, ғайри духтари ту арӯси дигар орзу намекардам. Ҷони хушкама Худо гирад.

— Тавба кун, дугона, мисли ман мебудӣ, чӣ кор мекардӣ? Чор ишкелат дуруст аст, давлатмандӣ, — тасалло дод меҳмонро мизбони оҷиз.

— Аз Худои таъоло як умр домангирам. Барои худам, барои ту, барои Нишона, барои ин кӯдаки ятим. Ҳазрат ки бандаашро як бор халқ мекунад, чунин хор ва зор карданаш аз рӯйи инсоф нест.

— Дунё дунёи армон аст, дугона, асп ёбӣ, зин намеёбӣ, зин ёбӣ, асп намеёбӣ, — оҳ кашид Хайрия.

— Дар умрам на асп ёфтам ва на зин... Гир, талх бошад ҳам, ғизо аст.

— Кори хайр накардӣ, умрама як рӯз дароз кардӣ, дугона, — атоларо чашида гуфт Хайрия. — Дигар савоб нагир, мон, маро зудтар хоки хунук кашад.

— Ин хел нагӯ, дугона. Орзуи хоки хунука накун.

— Ҳар омадаро рафтане ҳаст.

Марҷони шоира беихтиёр ба дарди талхи оҷиза алами худро низ ҳамроҳ карда, болои сӯхта намакоб рехт:

*Садбарги сафеди саҳарира чӣ кунам?*
*Ман бе ту ҳаёт ва зиндагира чӣ кунам?*
*Мардум зи Худо умри абад металабанд,*
*Ман умри дарози гамқатира чӣ кунам?*

Аз ганҷи таъоло ба ман ва ту ғам расид ва халос, — гуфт Хайрия.

Занҳо баробар оҳ кашида, асири хаёли худ, дер гоҳ хомӯш нишастанд.

— Ба қабристон кай меравӣ, Марҷони ҷон? — ногоҳ пурсид Хайрия, хомӯшии гаронро барҳам зада.

Кампир чанде сӯяш пакар нигариста, оқибат баланд ва пурсулфа дергоҳ хандид ва хандид.

— Ба қабристон рафтани маро Худо надонад, ман чӣ медонам, дугона? Ё аз маргам пештар равам, мегӯйӣ?

— Ҳазор сол умр бин, Марҷон, асло намур. Хоки сиёҳа гирӣ, зари сурх гардад. Ту мурӣ, Сабзбаҳор ҷазирбод мешавад. Кӯдакро (ин бор ба мазор нагуфт) бурдан даркор. Рафта наметавонӣ?

Пури зорӣ буд нигоҳаш.

— Барои ҳамин омадам, дугона!

Занҳои ҳамадони Сабзбаҳор пеш аз ҳама Хайрия ва Марҷон ҳисоб ва китоб карда, моҳ ва рӯз шумурда, санад ва мисол оварда, муайян карданд ки кӯдакро дар батни модар шамоли мурдаи кампири Хоса расида аст. Дар деҳа баъди Хоса касе намурда буд. Барф баланд буд ва дар қабристони хор ва зори деҳа пайдо кардани қабри кампир ғайри имкон. Акнун аз бомҳои аз барф тоза ҳаври баҳорӣ мехест, дар қабристон низ барф паст шуда буд. Хайрия кампири меҳрубон ва рамузфаҳмро бо дуо ва фотиҳа ҳамроҳи кӯдак ва духтараш ба мазор гуселонда, гашта ва баргашта таъкид кард:

— Қабри кампирро ёфта, аз ҷониби ман илтиҷо кун ки шамолаша гашта гирад. Хоса одами хуб буд, бигӯ ки мурдааш одамгариро фаромӯш накунад. Аз ҷониби ман алоҳида дар сари қабраш фотиҳа бихон. Бо раҳматӣ тарзе гуфтугӯ бикун ки озор наёбад ва шаб дар хобам маро натарсонад. Худо раҳматашро аз кампир ва ҳама мурдаҳои мазор дареғ надорад. Омин!

Кампири Марҷон, асо ба даст, аз паяш Нишонаи дар оғӯш кӯдак, пуштаи мазорро боло шуданд. Кампир домани ҷомаашро барзада, бо асо барфро ченкунон аз байни пуштаҳои хурд ва бузург, гӯрҳои нав ва кӯҳна, аз мурдаҳои якрӯза ва ҳазорсола узрхоҳон сӯйи қабри кампири Хоса роҳ мекушод. Нишона тифли парпечро дар оғӯшаш зер карда, афтон ва хезон аз пайи ӯ медавид. Кампир худ ба худ гап мезад. Чун ҳамсӯҳбат наёбад, ақида ва андешаашро ба худаш изҳор мекард: «Майса, худо раҳматаш кунад, беҳуда ба мурдахона рафта аст. Хосаро ҷояш ҷаннат шавад, ба бад ва неки олам асло кор надошт. Даст кушод ва дилсоф буд. Дар зиндагӣ охираташро обод кард. Аҷабо, хуб накарда аст, шамоли мурдааш ба зани ҳомила расида аст». Кампир якбора сари гӯре нишаста, дуо ва фотиҳа кард ва ҳамчунон сабук бархоста, роҳашро давом дод. Гӯё мурдаҳо ӯро мешунида бошанд, бо овози баланд мегуфт:

— Хоса ҳарчанд ба аҳли Сабзбаҳор ҳаққи модарӣ дошт, биллоҳ ки арвоҳаш аз зани дуҷон намеранҷид. Барои чӣ ранҷад? Одам баҳор ки дорад, бехазон нест. Яке мемурад, дигаре таваллуд мешавад. Уфее, сад уфи умри хазонам...

Кампир ба пуштаи барфпӯше пеши по хӯрда, калавид. «Аз гуноҳам гузар бандаи худо», — узр пурсид аз марқади мурдаи садсола, шояд ҳазорсола. Кампир акнун боэҳтиёт роҳ мерафт. Гӯрҳо ҳама яксон метофтанд, ҷуз мақбараи сангдевори байни мазор. Мақбара ҳам шукӯҳи назаргир надошт, аммо девори баландаш далолат мекард ки инсони он ҷо хуфта ки асл ва насабашро касе ёд надорад, аз сокинони водии хомӯшон фарқ дорад. Шояд соҳиби ҳамин замин нахустин гӯри ин хокдон ҳам шояд ҳамин марқад бошад? Шояд мударрисе, олиме, шоире, қаландаре буда аст. Шарҳи ин масъаларо кампири ҳамадон асло ба гардан гирифтанӣ набуд. Медонист, то ӯ ба мақбара таъзим ва эҳтиром доштанд, баъд низ чунон хоҳад буд. Кампир бо иззати бимолуд сӯйи мақбара зери чашм нигарист. Тарс дошт авлиёи хуфта ки гӯё ғайбдон буда аст, мабодо андешаҳояшро хонда, дари дӯзахро ба рӯяш боз мекунад. Кампир сари по нишаста, дуо ва фотиҳа хонд ва саросема хеста, пеш рафт. Байни мадоро ва муросояш ҳамеша ҷанг буд, ҷанги бемуросо ва бемадоро. Худаш беш аз ҳама аз ин ҷанг «захмин» мешуд. Ин бор низ ғайриихтиёр, байни мазори барфпӯш андешаҳояш бар зидди урф ва одатҳои то ҳол ночор риоя ва парастиш кардааш исён бардоштанд.

«Пастӣ ва баландӣ, бузургӣ ва хурдӣ, бақадрӣ ва беқадрии одамон ба худашон вобаста. Хоҳанд, аз хӯса шоҳи ҷаҳон месозанд, хоҳанд олими мадрасадидаро хукбон таъйин мекунанд». Марҷон гиребони тавба дошт. Андешаҳояш ҳам ба назараш беҷо буданд ва маҳали андешаҳояш низ. Худро дарунакӣ маломат ва таҳдид кард: «Ҳой, Марҷон, чанд ҷон дорӣ? Вақтат

расида аст. Аз мазор набаромада мемурӣ!» Аммо лаҷоми андешаҳояш дар дасти худаш набуд. Гӯри собиқ раиси ҷамоат Тоҳири Хоркаш намоён шуд ва саманди саркаши хаёл кампирро аз пушти худ дур партофт. «Э, мусулмонҳо ҳамаро монда, ҳамин Тоҳири Хоркашро гирем. Баъди мурда раҳмат мегӯянд. Худо, раҳматаш кун. Шонаи ҳафт пушташ аз хоркашӣ хуншор, ба таги замин рафт ва баъди як маҷлиси гала раис шуд. Қандата хӯр ва хоркаш буданашро ба ёдаш биёр, поята аз осмон меовард. Шахсе ки дар умраш ба рӯйи касе нигоҳ карда гап намезад, раис шуда, ба сари мардум қамчин мебардоштагӣ шуд. Ба мардум аз болои зин, бо ҳавои бурут гап мезад. Идорааш болои зин буд ва савлаташ дар кӯҳи Манор. Одамон ӯро ба мартаба расонда, аз ӯ метарсиданд. Дар ҳозир ва ғоибаш аз дӯстдорӣ не, аз тарс «раис» мегуфтанд... Ту чиҳо мегӯӣ? Баъди мурда раҳмат мегӯянд, Марҷон!» Кампир худро насиҳат карда, аз мурдаи Тоҳир саросема бахшиш пурсид: «Носазо гуфта бошам, бубахш, хоркаши бечора!»

Гӯри Тоҳир аз дигар гӯрҳо андаке фарқ мекард. Тахтаҳои қабраш аз чӯби заранг буданд. Ақли исёнгар, ғурури покизаи Марҷон нагузошт дар марқади одаме ки давре ба сараш қамчин бардошта буд, дуо ва фотиҳа кунад. Кореро ки дилхоҳаш набуд на ба худ, на ба дигарон раво намедид. Аз хок берун бисёр беадолатиҳоро дида, нобаробариҳои ниҳоди хокро низ бахшиданӣ набуд. Дили кампир пешакӣ ба мурдаи фақиронаи худаш сӯхт. Намурда, пешакӣ медонист ки тахтаҳои гӯраш чӯби заранг не, беди мисли худаш бесамар хоҳад буд. Ҳис кард ки аз дами ворид шуданаш ба мазор беихтиёр барои худ гӯрҷо мекобад. Оқибат нигоҳаш таги сафедори баландеро қабрҷогаҳ интихоб кард. «Ҳуҷраи охиратам бояд зери ҳамин сафедор бошад... Ягон қабристон мисли қабристони мо хор ва зор бошад? — Пояшро аз сӯрохии қабри кӯҳнае бо азоб

кашида, ғур-ғур кард кампир. «Чуқуриеро то камар канда, ҷасади азизонро гӯр карда, болояш чанд тахта мегузоранд ва хок мекашанд. Баъд дар хонаҳои гарм, сари дастархон рӯканӣ ва мӯканӣ мекунанд. Биллоҳ ба чунин гиря ва нола дилам намесӯзад!» Кампир ба қабри кӯҳнае то камар ғӯтид. «Гӯри занро аз он чуқур мекобанд ки гӯё зан нисбат ба мард пургуноҳтар аст. Тавба, тавбаи ин дунёи беадолат! О, зани бечора бе мард чӣ хел гуноҳ мекунад?» Ҳой духтар, дастата те! — ишора кард ӯ нафасгир. Нишона кампирро базӯр аз гӯр баровард. Марҷон духтари рангкандаро, балки худро тасалло дода, гуфт:

— Натарс, духтарам, оқибати ҳама амон ҳамин аст.

«Кампир ба чӣ кор омаданашро фаромӯш карда аст, — андешид Нишона ки аз тарӣ ва хастагӣ маҷоли роҳ рафтан надошт. — Дар сари ҳар қабр дуо ва фотиҳа кардан шарт аст? Барои ҳама як фотиҳа бикун».

Марҷон ба чӣ кор омаданашро фаромӯш накарда буд. Онҳо ба дарахти азиме ки болои гӯртеппа афтода буд, такя карда дам заданд. Чашми духтар ба сӯрохи як гӯри кӯҳна афтод ки андарунаш зумзумае «табассум»-и дандоннамо менамуд. Духтар саросема аз ҷой хеста, ҳамроҳашро қариб аз по афтонда буд. Кампир сабаби шитоби духтарро фаҳмида, чақон шуд. «Ҳайфи одамизод! Ҳайфи умед ва орзуҳои одам, ҳама хок мешаванд. Хоки сиёҳ... Уф!»

Шалпар ва саропо тар, оқибат марқади то кампири Хоса ки боиси сарсонӣ ва саргардонияшон шуда буд, расиданд. Кампир тифли гирёнро чанд бор гирди гӯр гардонд, сипас парпечро болои пуштаи барфин ниҳода, ҷиддӣ аз мурда хоҳиш кард ки шамолашро аз тан ва ҷони ятимаки бечора гирад. Нишона тоқат накарда, кӯдакро аз рӯйи гӯр бардошт.

— Натарс, ҷони бибӣ, рӯзаш пур шавад, дар пахта печонӣ... Ӯ намемирад, мард мешавад, ту ва

модаратро соҳибдарак мешавад, — гуфт кампир ва чун ба ёдаш омад ки духтар гапашро намефаҳмад, оҳ кашида, сар ҷунбонд.

Роҳи бозгаштро наздик карданӣ шуда, қад-қади бора поён хамиданд. Рӯбарӯяшон гӯри баландтеппае аз дур намоён шуд. Дасти оҳанине панҷ ангушташро боло бардошта, гӯё аз олам ва одам ҳасратӣ будани соҳиби турбатро арз мекард. Дар ходаи баланде болои парчаи матои рангпарида кабӯтари ҳангоми парвоз тирхӯрда нақш дошт ки дар боли шикастааш «аламӣ» гулдузӣ карда буданд. Нишона қабри апаашро шинохта, пойҳояш суст шуданд. Гӯё замин мекашида бошадаш, рӯйи теппаи хок бемадор хам шуд. Кампир ки ҳолаш аз ҳоли духтар беҳ набуд, кӯдакро аз дасти ӯ гирифта, оҳиста сари по нишаст. Нишона гӯрро оғӯш кард, чунон оғӯш кард ки гӯё ба тапиши дили апааш гӯш медода бошад, шонаҳояш меларзиданд. Кампир ба ҷойи хоҳари лол ва кӯдаки маъсум овоз андохта, модари ҳасратиро аз омадани писари рӯнодидаш хабардор мекард ва мегирист:

*Эй очаи ҷон, чаро калонам кардӣ,*
*Ширам додӣ, ситам, ба ҷонам кардӣ.*

— Неее! Ширата начашида ам, очаҷон, носерам очаҷон, ташна ам очаҷон, ятимам очаҷон!... Майсаи пажмурдаи хола, арӯси сиёҳпичаи хола. Тифлакат очабинӣ омада аст, ба чорбоғи модар меҳмонӣ омада аст, ёдат карда аст, суроғат омадаст. Хез, шери наратро бин! Ятимат ба ҷойи модар гӯри барфпӯшатро оғӯш мекунад, беди сари гӯрата оча мегӯяд, во аламе, аламе! Хок бар сари дунёи бевафо. Оташ дар сари марги номард. Баламе аламе, аламе!

Кампири гирён нафасгир мешуд, нолааш дар мазори хомӯш ва сокит пар кашид. Тифли гурусна ва хунукхӯрда ба гиряи ӯ ҳамроҳ шуд. Зоғҳо аз шохаҳои

урён ба меҳмонҳои нохондаи макони хомӯшон кунҷковона нигариста, қар-қар садо мебароварданд. Кампир аз дасти Нишона кашола карда, ӯро бо азоб аз болои қабр хезонд. Духтари безабон хун мегирист.

## БОБИ ЧОРУМ

Зебо рӯзеро ки занҳои Сабзбаҳор нохост ӯро раиси ҷамоат интихоб карданд, хуб дар ёд дорад. Он рӯз не, баъдтар фаҳмид ки занҳо «ӯро бе ӯ арӯс» карда

анд. Пешакӣ ба хонаи Ҳасан Ризо намоянда фиристода, ба худи раис не, ба занаш Суман маслиҳатро пазонда ва созонда бо як овоз исрор намуда анд ки Зебо хоҳад, нахоҳад, бояд ба ҷойи Саид нишинад. Раис ба забони занаш мақсади занҳои дигарро рамузфаҳмона дарк кард. Барои ба тоби дили эшон кор кардан зане мисли худашон назарбаланд, баландписанд, қоидадон, солор, худ шинос, аммо андаке бо савод ва давра дида лозим аст. Зебо чунин буд. Аҷаб маҷлиси сермағале шуд он рӯз. «Аҷабо, вазифаи давлат мероси падар бошад ки аз хоҳар ба бародар, аз зан ба шавҳар гузарад?» — аз ҷойи нишасташ эрод гирифтанӣ шуд мӯйсафеде аз деҳаи Ҷавчӣ. Зебо аз эроди мӯйсафед сурх шуд, аммо ӯро ҳамчун тарафдори худ дар дил таҳсин кард. Мӯйсафед аз Нозӣ ба пушт мушти обдоре хӯрда, эродашро бо овози баланд дигар такрор накард. Колхози «Коммуна» дар маркази Сабзбаҳор ҷой гирифта аст. Сабзбаҳориён ақида доранд ки онҳо дил ва ҷигари хоҷагӣ янд ва дигар деҳаҳо ангушт, бинӣ ва дигар аъзои он. Ҳар масъалаи ҷиддие пеш ояд, ҳалли онро дониста ва надониста, довталабона ба гардан гирифта, ҳамеша ба фоидаи худ кор кардан мехоҳанд. Аҳолии дигар деҳаҳоро ин беадолатии маҳз аз ҷон безор карда аст, аммо худро ҳамеша бо мақоли «дузди зӯр соҳиби говро баста аст» тасалло медиҳанд. Сабзбаҳориён дар ғайб сокинони деҳаҳои дигарро «қишлоқӣ» меномиданд. Мардаки «қишлоқӣ» бемаврид будани эродашро пай бурда, аз нон ва чойи сабзбаҳориён маҳрум шудан нахоста, хомӯширо авло донист. Вақте ки намояндаи комиҷроия, аниқтараш, Хидири шиноси деринаи деҳ, номзадии раиси ҷамоатро пешниҳод кард, ҳама баробар даст бардоштанд. Зебо аз ҷой хеста, норозӣ буданашро изҳор карданӣ шуд, аммо доманаш дар дасти Нозӣ хӯрд ва ноилоҷ ба ҷояш нишаст. Марзия ки ба майли худ ба маҷлис омада буд, то бубинад, аспи писарашро кӣ соҳиб мешавад, баробари

шунидани номи арӯсаш набераашро сахт ба синааш зер кард. Ашки алам ва ҳасрат аз гулӯяш роҳи баромад меҷуст. Ӯ ҷойи писари идоразебаш касеро раис дидан намехост, аммо зинҳор чунин ранг гирифтани воқеаро чашмдор набуд. Зебо гӯё гуноҳе содир карда, ба даст афтода бошад, бо ҳарос сӯйи хушдоманаш нигариста, аз ҷой ҷаста норизоияшро рӯшод изҳор кард:

— Э хеш ва табор, э акаи намоянда, о як бор дили маро ҳам пурсед. Аввал ин ки, аз ӯҳдаи (ӯ раисӣ нагуфт) кор намебароям, дуюм, барои ба ман пешакӣ маслиҳат накарданатон ранҷида аму бо шумо кор кардан намехоҳам. Тамом. Уф — ӯ ба ҷояш нишаст.

— Не, ҳолӣ «уф» не. — эътироз кард Аслия.

— Аз ӯҳдаи кор набароӣ, худамон туро озод мекунем, — шӯрид Нозӣ аз ҷойи нишасташ.

— Гапи ту гап ва гапи мо гап нест? — ранҷида гуфт Хосият.

— Хоҳӣ, нахоҳӣ раис мешавӣ, — гуфт Зика ноз карда.

— Ба раиси ҷамоат Раҳими ҳисобчӣ пешниҳод карда шавад, — таклиф кард Тош ки аз пешниҳоди зани худ норизо, аз саркашии зани раиси собиқ хурсанд буд.

— Аз ман ва шумо боақлҳо дар боло нишаста анд, -бо ангушт осмонро нишон дод Ҳасан Ризо. — Раис бояд ҳатман ҷинси зан бошад. Ё ту, рафиқ, — ба Тош муроҷиат кард Ёғӣ Хидири оташгирифта — ба қарори партия ва ҳукумат зид ҳастӣ?

Дами Тоши калонпараст ба дарун афтод.

Занҳо мағал бардоштанд:

— Ӯ нахоҳад, мо мехоҳем!

— Маҷбураш мекунем, мехоҳад.

— Намехоҳам-а: шунидед, беваҳо?

— Ҳоли ист, — бо мушт таҳдид кард Нозӣ.

— Бо ин аҳвол то пагоҳ ба қароре намеоем, — абрӯ чин карда ба раис гуфт Ёғӣ Хидир.

— Хомӯш, хомӯш, бозор накунед, духтарҳо. — Овози ороми Ҳасан Ризо занҳои шӯридаро якбора хомӯш кард.

— Хӯш, — ба ҳама муроҷиат кард раис, — бори дигар таклифи пештараро ба овоз мемонем?

— Ҳо, лозим шавад, даҳ бор овоз медиҳем, — гуфт Аслия.

— Ман пешниҳод дорам, — аз ҷой хест Зебо. — Таклиф мекунам, Нозӣ Салим раиси ҷамоат интихоб карда шавад! Ӯро хуб мешиносем, ҳурмат мекунем, аз ӯҳдаи ҳама кор мебарояд.

— Нозӣ савод надорад, — овоз баровард касе.

— Савод чӣ даркор? — гуфт дигаре.

Занҳо боз мағал бардоштанд.

— Зебо раис мешавад, вассалом, — гуфт зани раис, аммо зуд бо маънии ба худаш аён лаб газида, хомӯш шуд.

Ёғӣ Хидир акнун ба маънии кӣ будани «занҳои сабзбаҳорӣ» сарфаҳм рафт. «Офарини шавҳарҳояшон ва Ҳасан Ризо», гузашт аз дилаш ки ба кафидан наздик буд. «Ин қадар ба ин занаки якрав ва мӯйдароз часпиданд? Агар бо ӯ маслиҳат мекарданд, занеро ки охирин бор таклиф пешниҳод кард (ӯ Зикаро дар назар дошт), раиси ҷамоат интихоб мекард. Занаки бало буда аст». Аз рӯйи дид ва шунидаш занҳои Сабзбаҳорро аз гапашон гардондан амри муҳол аст. Онҳоро танҳо шавҳаронашон сарварӣ ва роҳбарӣ карда метавонистанд ки садҳо фарсах аз ин ҷо дуранд. Ҳасан Ризо поёни баҳси занҳоро интизор меистод, зеро медонист, то гапашонро тамом накунанд, ба касе гап намедиҳанд. Ёғӣ Хидир аз омаданаш пушаймон буд. Охир, метавонист баҳонае ёбад, ё каси дигарро ба ин маҷлис фиристонад, аслан раисаи навро ки барояш

«меҳмони шаҳрӣ» вола ва шайдо гашта буд, аз наздик дидан мехост. Ӯро дид ва ҳавасаш пир шуд. «Кирои ин қадар гап ва хабар ва рашк ва ҳасад намекунад», дар дил ба Зебо ки ҳангоми гап задан ҳар замон рӯймолашро пеш мекашид, нигарист. Ӯ таги чашм ҳама занҳоро аз назар гузаронда, Зикаро аз ҳама хубтар ёфт ва нигоҳашро сӯяш равона кард. Ин лутфи меҳмони олиқадр аз назари Тош дур намонд. Аз чӣ бошад Тош ба ҷойи ранҷидан хурсанд шуд.

— Ба ин аҳвол, духтарҳо, — гуфт Ҳасан Ризо ки занҳо падарвор дӯсташ медоштанд, — то пагоҳ ба хулосае намеоем. Гап гапи худатон — Зебо хоҳад нахоҳад, бояд ба шумо хизмат кунад. Чӣ гуфтед?

— Дар забони раис-бобо садқа, — гуфт Аслия, аммо ба нигоҳи маломатомези мӯйсафедаш дучор шуда, лаб газид.

— Кӣ гап дорад?

— Ман.

— Ку, Нозӣ... — Раис беҳуда сухани охиринро ба Нозӣ ҳавола накард. Медонист, каломи Нозӣ каломи ҳамаи занҳост.

— Ҳой, мардум, ман ба шумо не, ба Зебо гап дорам, ба Зебӣ ҷони ширини қанд. Мо ба ту барраи бирён ва тахти равон ваъда намекунем. Аз ту хизматгори халқ шуданро илтимос карданием, ҷони апа, не нагӯ, ноз накун. Худатро қандалотворе ширин накун. Ҷойи мардии занҳои паршикаста омада аст.

Занҳо ноаён бо остин ашкашонро пок карданд, Нозӣ давом намуд:

— Ту не гӯйӣ, гапи моро кӣ мегирад? Хоҷагӣ хароб, ҳоламон хароб, моро Худо ранҷонда аст, ту наранҷон, Зебо. Дар масъалаи раисии ман бошад «буз хирман кӯфта метавонист, ҳоҷати барзагов набуд».

Нозӣ суханашро бо мақоли дӯстдоштаи занҳои Сабзбаҳор ҷамъбаст карда, оби чашмашро пок кард ва ба баҳс ва мунозираҳои беохир нуқта гузошт. Ҳамин тавр, Зебо ба ҷойи шавҳараш раиси ҷамоат интихоб шуд ва зиндагии бесар ва сомонаш чигилтар шуд.

— Муборак, муборак! — занҳо аввал Марзияро табрик карданд.

— Худо муборак, — бо дидаи тар ҷавоб медод ӯ. Маънии ашки кампирро ҳар кас ҳар хел мефаҳмид.

— Кампир аз шодӣ гиря кард, — гуфт Аслия.

— Аз рашк ва ҳасад гирист, — гуфт Хосият.

— Шодӣ кунад, Зебо ҳам фарзанди ӯст, — илова кард Суман.

— Худо инсофаш тияд, бечора духтарам, — оҳ кашид Марҷон.

Нурия давида хонааш рафт ки таги дегро алав монад. Магар ӯ дар меҳмондорӣ аз Марзия кам аст? Охир, духтари ӯ раис шуда буд.

Саид ба ҷанг рафта бошад ҳам, азбаски ҷояш ҳанӯз холӣ буд, мардум ӯро дар ғоибаш низ раис ном мебурданд. Оқибат номи раисӣ бо мӯҳр ва калиди ҷамоат соҳиб пайдо кард.

Марзия ки аз рӯзи аввал арӯсашро хуш накарда буд, баъди ин маҷлис ӯро бештар бад дид. Ба Суман ва Нозӣ ҳам кудурат пайдо шуд дар дилаш. Онҳо оқсаққолӣ намекарданд, арӯси ӯ куҷо ва раисӣ куҷо. Ӯ розӣ буд Тоши якгӯш раис шавад ва арӯсаш не.

«Худоё, Мушкро савор мешавад!» Кампир хаёлан Зеборо савори аспи писараш дида, ба қавли худаш... «Ҷон аз даст ва пояш баромад». Ӯ маҷоли аз ҷой хестан надошт. Аз пайи мардуми пакар менигарист ки маҷлисгоҳро тарк менамуданд. Маҷлисгоҳ холӣ шуд. Лола аз оғӯши бибияш халос шуда, назди модараш рафт, аммо Марзия, гӯё санг шуда бошад, намеҷунбид. Хидир намоишкорона носкадуро аз киса баровarda, ба

таги забонаш нос партофта, берун баромад. Ҳасан Ризо ва Зебо назди кампир омаданд.

— Марзия, муборак шавад!

Кампир ҷавоб надод.

— Фарзанди туро, балки худи туро раис таъйин кардем. Духтаратро то омадани писарат эҳтиёт кун, — гуфт Ҳасан Ризо ба китфи лоғари кампир даст ниҳода.

— Мана кӣ эҳтиёт мекунад, Ҳасани ҷон? — овози гиряолуди кампир ларзид.

— Туро мо ҳама амон — ман, Суман, Нурия, Зебо Лола.

Кампир дигар чизе нагуфт. Сиришкашро поккунон дасти набераашро гирифта рафт.

— Зебо, духтарам, кампира иззат кун, иззат меёбӣ. Роҳбар бояд тартибро аввал аз хонаи худаш сар кунад ...тоқат кун, тоқат. Гапи хонаатро ба кӯча набарор, хулқи Марзияро дигар карда намешавад. — Раиси пир ки аз носозиҳои рӯзгори Зебо хабар дошт, ӯро насиҳат кард.— Дили занҳоро ёб. Онҳо ба ту такя бикунанд, ту ба онҳо, ман ба ҳамаи шумо.

Занҳои Сабзбаҳор Зеборо дӯст медоштанд. Маслиҳат дода, маслиҳат мепурсиданд, такягоҳ ва мададгораш буданд. Нармияш бештар буд, тундияшро мебахшиданд. Барои ҳамеша хандон буданаш «Гули қаҳқаҳа» номаш доданд. Хушдоман такягоҳи арӯсаш нашуд, балки баъди раис шудани ӯ ҷомаи ҷаҳлашро чаппа пӯшида, ҳунарҳои нестандарҷаҳонашро нишон дод. Зебо дар хонаи худаш «амният»-ро таъмин карда натавонист.

...Солҳои осоиштагӣ раиси ҷавон Саид Алӣ ниҳоят серсавлат ва сермеҳмон буд. Модар ки аз мартабаи писараш ифтихор дошт ва зинаҳои баландтареро барояш орз ва мекард, хастагиро намедонист, пояш заминро намедид. Бо ғурур ва ифтихори модарӣ бардам буд. Меҳмонҳои писарашро

хаёлан ба се табақа ҷудо мекард: табақаҳои Боло, Миёна ва Поин. Дар се карсон хамир мекард. Хамири нони гандумӣ, ҷавӣ, зағора. Нони гандумӣ барои меҳмонҳои олиқадр ва писараш, нони ҷавӣ барои меҳмонҳои таҳҷой, зағора барои худаш ва арӯсаш. Саид рафт ва ба назари модар гӯё баракати хонаро бо худ бурд. Онҳо мисли ҳама мезистанд, аммо кампир ба чунин баробарӣ тан доданӣ набуд. Пинҳон ва аён арӯсашро маломаткунон назди худӣ ва бегона санги норизоӣ сӯяш меафканд:

— Духтари Наим аз дарам даромад ва баракати хона ам парид.

Беинсофии кампир гоҳе чунон аз ҳад мегузашт ки ҳатто саршавии ҷанги Ватаниро ба бехосиятии арӯсаш часпониданӣ мешуд...

Дар ҳавлии ҷамоат корафтодагон раисро интизор буданд. Халифабобо ки пояи токи ҳавлиро ҳамроҳи писараке мебардошт, раисаро дида, дарро кушод. Корафтодагон аз пайи Зебо ба идора даромаданд. Ӯ пешакӣ медонист ки чӣ мехоҳад. Ба хонаи ҳар кадоме на як бор ва ду бор ҳолпурсӣ рафта, мушкилоти мардумро омӯхта буд. Бо вуҷуди бенавоӣ, ба ҳар хонае меҳмон мешуд, як пиёла дӯғ ё як каф қоқи себ ҳатман наздаш мегузоштанд.

— Ҷави пешпазак дунбул шуда аст, Зебиҷон, — гап сар кард кампире аз деҳаи Сор ки ҳамроҳи набераҳояш омада буд. Зебо маънии гапи ӯро фаҳмид. Кампир мехост, аз як гӯшаи ҷави норасида даравида, далда[3] пазад. Алҳол агар ӯ иҷозат медод, дигарон низ ҳамчунон мекарданд ва ҷавзор баъди чанде ба подаҷо табдил меёфт.

---

[3] Таъоми бечорагӣ

— Ками дигар сабр мекунем, бибӣ. Андаки дигар, — нарм ва маслиҳатомез гуфт Зебо, ҳарчанд дар дил хоҳиши кампири рангкандаро маъқул медонист.

— Ман сабр мекунам, аммо инҳо ҷон ба ҳақ месупоранд, — наберахои рангкандаашро ки доман ва остини бибияшонро сар намедоданд, нишон дода, — «ягон илоҷ» кун, Зебиҷон, илоҳӣ бахтат сафед шавад!

— Ягона илоҷамон сабр кардан, бибӣ, дигар илоҷ надорем. Дар анбор андаке ғалла ҳаст... он ҳам барои тухмӣ...

— Аз ҳамон ғалла як тоқӣ те, ҷони бибӣ, — зорӣ кард кампир. — Дар хона бемор дорам!

Арзи корафтодагон асосан арзи бенавоӣ буд.

— Бобо, — аз тиреза ба мӯйсафед муроҷиат кард Зебо, — Тошро ёб.

Дере нагузашта, мудири анбор ба идора ворид шуда, саволомез ба раиси ҷамоат нигарист:

— Чӣ қадар гандуми тухмӣ дорем, мудир?

— Ҳамон қадаре ки дида будӣ, раиса.

— Дина ҳақи бачаҳоро надодӣ?

— Аз хонаи оча ам ҳар рӯз ба онҳо нахӯд медиҳам?

— Аз хонаи очаат не, аз анбори колхоз. Ба онҳое ки рухсатнома доранд, ғалла те. Дигарон сабр мекунанд. Ӯ саросема хатчае навишта, мӯҳр ва имзо гузошт ва ба дасти пиразан дода, шунаво гуфт: — Бибӣ, ҳамроҳи мудир ба анбор меравию ҳақатро мегирӣ.

Кампир ҷамоат ва давлатро дуокунон аз паси Тоши бедимоғ равон шуд.

Мардум ба идораи ҷамоат беист даро ва баро мекарданд. Ҳар зоғе доғе дошт.

— Илоҳо, Наима ҷояш ҷаннат шавад, — мағалкунон омад кампири Асал. — Сад бор гуфтам ки ягон хаткашони пар ва по доштаро ба кор гир. Илоҳо,

дар кафи пойи ягонаи Латиф сангкӯб барояд ки беимон хоҳад кор мекунад, нахоҳад, бо ҳавои буруташ худашро шамол дода мегардад. — Кампир сабадашро ки тагаш решаи «пайи пишак»[4] дошт, бо шаст ба замин гузошт.— Гир, хӯр, духтарам, меваи баҳор. — Хам шуда, решаи гиёҳро гирифт ва бо нохун тозакунон суханашро давом дод: — Латиф наомада буд?

— Не, — гуфт Зебо.

Кампир дар як дам решаҳоро ба ҳозирон тақсим карда, сабади холиро ба такяи девор гузошт:

— О раиси беҳайбати бибӣ, ё ӯро чеғ зада, танбеҳ те, ё хонаи Ҳасан арз меравам. Танобашро як бор сахт каш, — ба Зебо имкони гап задан надода, шӯрид кампир.— Дар ҷоям хок ва туроб шавам ки Латиф ба дастам афтад, ришашро як тор, як тор мечинам. Мана бинад, кӯракӣ дода мегурезад. Худи ҳозир аз дур моро дида, чапғалат дода, сӯйи мазор гурехт. Э, мазор кашад, туворӣ хаткашона!

— Асал рост мегӯяд, хат набошад, гӯяд ки нест, чӣ мегурезад? — гуфт корафтодае.

— Аз писари худаш ҳам хат кайҳо нест, — оҳ кашид Зебо:— Аз ту гурезад ҳам, аз худаш куҷо мегурезад?

Хомӯшии ногуворе шуд. Мусичае аз шохи тут беист «ку, ку» - гӯён саволи кампирро гӯё такрор мекард. Асал ба ноҳаққии худ тан дода, нарм шуд.

— Ӯро бубинӣ аз номи ман узр пурс, духтарам.

Зебо табассум кард. Ӯ зуд-зуд чунин супоришҳои аҷиб ва ғариби занҳои Сабзбаҳорро иҷро мекард.

— Забонама Худо гирад, айби Латифи бечора чӣ? Аз алама мегӯям. Ҳама умед ба худат, Зебиҷон, рав

---

[4] Решаи пайи пишак – навъи гиёҳе, ки решаи калон дорад, онро давраи ҷанг мехӯрданд.

пӯшидаро[5] тафтиш кун, дар ягон кунҷаш хати Шодиҷони ман дармондагист. Ҳеҷ мумкин нест ки ҳамин қадар вақт ба очаи бадбахташ хат нанависад.— Кампир решаи гиёҳи бо ҳавсала тозакардаашро ба Нишонаи таги дар пайдошуда дароз кард. — Ма, хӯр, насибаи ту буда аст.

— Албатта меравам, мебинам, бибиҷон, — бо нигоҳи пуртабассум дугонаашро истиқбол кард Зебо.

— Илоҳо, Саид ва Диловар ҳамроҳи Шодиҷони ман ба хонаҳояшон баргарданд, тӯю тамошо шавад, омин!

Зебо бо корафтодагон сӯҳбат мекард ва Нишона нигоҳи меҳрборашро аз чеҳраи хаста, аммо ҳамеша хандони ӯ намеканд. Ба абрӯвони пайвастаи дугонааш ки ҳангоми гуфтугӯ беист паст ва боло мешуданд, нигариста, дар дил шукрона мекард ки Зебо ҳаст ва худро дар дунё бе кас ва бе соҳиб ҳис намекунад. Дилаш пур шавад, сӯйи идораи ҷамоат медавад. Аз он тараф бори дилаш сабук, хушҳол, ба хона бармегардад. Зебо Асалро то берун гусел карда, табассумкунон баргашт ва дугонаашро оғӯш карда бӯсид. Нишона бо нигоҳи ишорат ҳол ва аҳволашро пурсон шуд:

— Чӣ ҳол дорӣ?

— Худат чӣ хол дорӣ?

— Чаро гиристӣ?

— Гиристам? Кӣ гуфт? — Зебо дарк кард ки варами чашмонаш аз назари дугонаи ҳолдонаш дур намонда аст. Ӯ тахмини Нишонаро инкор карданӣ буд ки ба идора Латиф даромад. Назари ҳар ду беихтиёр ба пойи чӯбини хаткашон афтода, ноҳинҷор ба замин чашм дӯхтанд.

---

[5] Пӯшида – почта (лаҳҷа)

— Дуои Асалро аз паси тут шунидам,— халтаи холиашро ба замин ниҳода, ба гап даромад Латиф. Зебо ба ҷойи кампир сурх шуд. Нишона ба халтаи холӣ бо умед нигарист. — Бо аҷали худам не, аз дуои мардум мемурам, духтарам.

Нишона, акнун ба лабони хаткашон ки аз алам мепариданд, менигарист.

— Кампир намедонад худро ба куҷо занад. Рости гап, ман ҳам бояд дигар бо ӯ рӯ ба рӯ нашавам, то омадани хати Шодӣ, — гуфт Зебо.

— Гуноҳи мо чӣ, духтарам? — мулоимтар шуд мӯйсафед.

— Моро ба ҷойи кампири аламзада бубахш, бобо, — гуфт Зебо баробари Нишона ба халтаи рӯйи фарш бо умед нигариста.

— Ӯро Худо бубахшад.— Ӯ рафтанӣ шуда, ногоҳ истод:— Эҳ, барои шумо ҳадя дорам, қариб фаромӯш мекардам.

Хаткашон бори аввал ё хато кард, ё дониста хатро ба Зебо не, ба Нишона дода, табассум кунон ва сарҷунбон пойи чӯбинашро кашолакунон баромада рафт. Ҳар ду чанде ба лифофаи сегӯша нигаристанд.

— Хати туст, аз Диловар, — хандиданд чашмони Нишона, ҳарчанд хатро ба Зебо асло доданӣ набуд.

— Кушо, хати худатро гир ва хати маро те, — фаҳмонд Зебои беқарор.

Духтар бо дастони ларзон лифофаи дуқабатаи сегӯшаро кушод. Хати худашро ба дил зер карда, чанде нафасгир шуд. Ба мизи ранг олуд ва кӯҳнаи ҷамоат чашм дӯхта, ҳаяҷонашро нишонд ва хатро ба рухсораҳои мисли гелос сурхшудааш молида, кушод.

Зебо мактуби додарашро мехонд ва чеҳрааш мешукуфт. Имрӯз дар хонаи онҳо тӯй хоҳад шуд. Чашмони пур ашк ва хандони модарашро тасаввур карда, дилашро шодии ширине фаро гирифт. Нишона

ҳамчунон дар олами хати сегӯшаи Диловар буд ва аҷаб не, онро чун ҳамеша дар дил ба тариқи худ шарҳ медод: «Як гӯшаи хат Диловар, гӯшаи дигараш Ман, — гӯшаи сеюм Сабзбаҳор». Хати сегӯшаро боре чунин шарҳ дода буд духтар. Ин тасвир ба Зебо писанд омад ки онро аз номи худаш ба Саид навишт, аммо дар ҷавоб чӣ шунид? Таҳдид ва таҳқир.

*«Ишқ он набувад ки ҳамчу булбул нолӣ,*
*Ҳар гаҳ ки бимирӣ ва наболӣ, ишқ аст...*

Ишқи Диловар ва Нишона ҳамчунин бесухан ва беовоз аст, аммо ба гунаҳояш бинигар, дар ҳар ҳуҷайрааш алови ишқ месӯзад»,— ба лабони ҷӯшидаи духтари ошиқ нигариста, меандешид Зебо. Ӯ ва Саид ишқашонро ба тамоми ноҳия овоза карданд ва дере нагузашта, нолишашон аз таронаашон баландтар шуд.

*Бисӯзад хонаи Лайлӣ ва Маҷнун,*
*Ки расми ошиқӣ дар олам андохт! —*

оҳашро бо шеъри хаёлӣ дар дил ҷамъбаст карда, аз остини дугонааш ки ҷуз ӯ ва хати сегӯша дигар касе ва чизе барояш вуҷуд надошт, кашид. Нишона хатро кушода, ба дугонааш нишон дод. Диловари наққош ва ошиқ ҷуфти кабӯтареро тасвир карда буд ки сӯйи якдигар майли парвоз доштанд, аммо сарнайзаи камон онҳоро аз ҳам ҷудо мекард. Нақши ошиқ шоирона буд:

*Илоҳо, бишканад дасти камонсоз,*
*Ки аз дасти камон бехонумонам!*

Нишона барои нишондани сурури ҳузномезаш Зеборо сахт оғӯш карда, чашмони ба чашмони Диловар монанди ӯро бӯсаборон кард. Халиф-бобо, кӯзаи об дар даст, дар остона пайдо шуда, ҳайрон гуфт:

— Аз хайрбодат маълум ки Нишона бону ҷанг меравӣ.

Духтар кӯзаи мӯйсафедро аз дасташ гирифта, дер гоҳ об нӯшид.

— Ба мо ҳам мерасида бошад? — аз таги бинии дугонааш нигариста, гуфт Зебо.

— Ба ман ҳам те, ту танҳо хат нагирифтай-ку?

Нишона пай бурда буд ки Зебо вақтҳои охир зуд-зуд об менӯшад. Андешаашро ба модараш низ изҳор карда буд. Ин бор Зебо қатрае нӯшид ва кӯзаро ба замин монд ва лабонашро бо каф пок карда, якбора қаҳ-қаҳ зада хандид. Ҳамин қаҳ-қаҳи ногаҳонии ӯро мӯйсафед баробари ҷонаш дӯст медошт.

Қаҳ-қаҳи ӯ на танҳо занги дили худашро, балки занги дили атрофиёнашро низ мешуст. Хандаи ногаҳонӣ ва таркишдорашро, албатта, худаш шарҳ медод. Ҳоло низ ҳамчунин шуд:

— Пагоҳӣ бо хушдоманам ҷанг карда, худ ба худ қасам хӯрда ам ки барқасди бева як рӯзи дароз обро ба даҳон намебарам. Сероб шуда, баъд қасамам ба ёдам расид.

— Ба чӣ қасам хӯрда будӣ? — пурсид мӯйсафед.

— Нон занад! — гуфта будам.

— Ку ҳамон нони туро мезадагӣ, — хандид мӯйсафед ки кӯзаро ба кунҷи девор гузошта, рафтанӣ буд.

— Ист, бобо хушдоманат дӯстат медошта аст.— Зебо аз ғалладон як пора қанди зардшударо бароварда, чор тақсим кард.— Инаш барои Алам, — пораи чорумро ба коғаз печонд.

Онҳо хомӯшона насибаашонро ба оби хунук тар карда мехӯрданд. Қанд мазаи талх дошт, аммо касе қоил намешуд. Дар айни ҳол ин се тан давлатмандтарин одамони Сабзбаҳор буданд: онҳо қанд мехӯрданд, қанди талхи ҷангро.

* * *

— Аз фардо сар карда, шайхи калони Сабзбаҳор як духтар мешавад, — аз остона ба тантана эълон кард Зебо. — Як бор мо ҳам кӣ буданамонро нишон диҳем.

— Тавба, тавба,— Хайрияи музтар гиребон дошт. — Чӣ гуна духтар, чӣ гуна шайх?

Нишона ба Зебо ки гӯшаи дастархонро кушода, пораи зағораи ҳамроҳ овардаашро пора мекард, бо нигоҳи пурсавол нигарист.

— Ҳар рӯз то аз кор омадани модарон бачаҳоро дар саҳни масҷид саробонӣ мекунӣ, дугона. Раиси калонӣ, хурдӣ ҳам,— ба синааш зад Зебо,— ба ҳамин хулоса омадем.

То ба духтар мақсадашро фаҳмонд ки анча ҷон коҳонд. Нишона аз таъсири хабари хуш чеҳраарғувонӣ, даст ба манаҳ бурд.

— Шайх бе риш намешавад, мегӯӣ? Дар ин бора фикр накардаем, мебахшӣ! Худат сози риш ва дасторатро меёбӣ.

Чашмони духтар хушҳолона дурахшиданд. Нишона хурсанд буд ки илтиҷоҳояшро бечавоб намонданд. Коре ки барояш мефармуданд, айни муддао буд. Девори масҷид ба хонаашон мечаспид. Метавонист ҳатто аз сари девори похсагии афтода гузашта равуо кунад, аз ҳоли модараш доим бохабар бошад. Додарчаашро бо худ хоҳад бурд. Оқибат онҳо низ соҳиби коре ва музде мешаванд. Чашмони духтар хушҳолона медурахшиданд, аммо табъи модар чун ҳавои пеш аз борон хира буд. Аз ин кори духтараш дилаш шод набуд. Зани бамулоҳиза ва худотарс ин навигарии гӯшношунидаро наметавонист хурсандона қабул кунад.

— Зебиҷон, ту ки дар ғами мой, илоҳо ғаматро парвардигор хӯрад. Аз замин то осмон аз ту розиям. Ин хабарат рости гап холаатро ранҷонд. Охир, аз кай занҳо масҷидра ва кӯдакҳо масҷидбоз шуда анд? Аз рӯҳ ва арвоҳ наметарсӣ?

— Рӯҳ ва арвоҳ дар масҷиди валангор чӣ кор мекунад, хола?

— Масҷиди муқаддасро мо валангор кардем, — оҳ кашид занак.

— Мо масҷиди худамонро обод мекунем, ба он номи Шайх Нишонаро мегузорем.

— Тавба, тавба — гиребонашро сар намедод оҷиза. Ҳазли беҷойи ӯ ба зани оҷиз ки аз сояи ҷогаҳи худ мерамид, нафорид. Ӯ хомӯш шуда, ба шифти хона чашмони берӯҳашро дӯхт. Зебо чунин ранг гирифтани масъаларо чашмдор набуд. Ба гумонаш саҳни обод ва дарвозадори масҷид барои бачаҳо айвони муддао буд ва барои Нишона ва модари оҷизаш мувофиқ.

— Ин фикри раиси калонӣ ва ҷамоат аст, — гуфт Зебо ки табъи коҳидаи Хайрия ба ӯ ҳам асар карда буд.— Музд мегирад, нони масҷидро мехӯред, — ба чӣ мақсаде илова кард Зебо. — Ана ҳамин «нони масҷид» занакро андаке ором кард.

— Садқаи резаи нони масҷид шавам! — гуфт ӯ сулҳхоҳона.

Нишона ба меҳмон чой дароз кард ва аз зери пориса ҷорӯби наверо гирифт ва намоишкорона суфаро ҷорӯб зад.

— Вазифаат танҳо ҷорӯбзанӣ нест, — хандид Зебо, — Меҳмондорӣ мекунӣ, бачабонӣ мекунӣ. Хулоса, соҳиби буд ва шуди масҷид худи худатӣ, вассалом...

— Акнун биё, аз нони ҷамоат бичаш, — пораи зағораро ба даҳон бурда, дугонаашро муроот кард ӯ.

— Хола, нон хӯр, нони ҷамоат ширин аст.

— Модарат чӣ ҳол дорад? Худакат, духтаракат чӣ ҳол доред? — ҳолпурсӣ кард Хайрия, пораи зағораро аз дасти Зебо гирифта, гӯшаи болинаш монд.— Аз Саиди ҷон хат ва хабар ҳаст?

— Ҳаст, — пораи зағораро ба гӯшаи дастархон гузошта, гуфт Зебо беҳавсала. — Ҳамин рӯз хат гирифтам.

— Муборак, муборак! Сиҳат ва саломат аст?

— Аз афташ, он қадар саломат нест.

— Наход? — ҳаросон пурсид соҳиби хона.— Чӣ менависад?

Зебо оҳи сард кашида гуфт:

— Ҳайфи ошиқиҳоям! Лайлӣ ва Маҷнун мисли мо ошиқ набуданд,— Зебо дигар ҳарфе ба забон оварда натавонист, гиря гулӯгираш кард.

— Ҳар кӣ бо ошиқӣ шӯ кард, деги сияҳро дар рӯ пар ва кард! — гуфт ӯ оқибат гиряашро бо оби даҳон фурӯ бурда.

— Хонаи Гирмон дар пушташ чаппа шавад, хонумонаш сӯзад! Аз сабр ғӯра ҳалво мешавад, гуфта анд. Сабр кун. Шавҳарат баргардад, сиёҳро аз сафед ҷудо карда, шарм медорад, тавба мекунад. Мардак дӯстат медорад, месӯзад. Фироқ дарди зӯр аст, духтарам, — ӯро насиҳати маслиҳатомез кард зани меҳрубон.

— Падар ва модар ризо набошад, одам бахт намеёфта аст. Ними дунё ба мо ҳасад мебурд, — оҳ кашид Зебо.

Нишона ки дили дугонаашро аз чашмонаш мехонд, ӯро маҳзун оғӯш кард.

...Солҳои пеш аз ҷанг чанд колхози хурдро муттаҳид карда, «Коммуна» ном гузоштанд. Дар интихоби сарвари ҷавонони хоҷагӣ зиёд баҳс ва андеша накарданд. Кӣ чӣ ҳунар ва қимат дорад, аҳли деҳаро

маълум аст. Саиди доно ва чов андоз ва машшоқ ва хушчақчақро бо як овоз роҳбари ташкилоти комсомолӣ интихоб намуданд. Ташкилоти ҷавонон бо сарварии Саиди Алӣ байни мардум зуд нуфуз пайдо кард. Баъзан мӯйсафедони зиндагидида низ ҳалли бисёр мушкилоташонро ба ташкилоти ҷавонон ҳавола мекарданд. Саид дар чашми духтарони деҳ эътибор ва қимати ногуфтанӣ пайдо кард. Духтарон зулфони чилторашонро бозӣ доронда, аз чашма не, аз ҷӯйи пушти хонаи котиби ҷавон кӯза дар бар об мекашонданд. Аз дили якдигар бехабар тоқаву, "ҷуфт-ҷуфт умедвори лутф ва дидори ӯ ба дарвозаи котиб пинҳон ва аён менигаристанд. Аз волидайни худ пинҳонӣ дар дил ба ташкилоти ҷавонон ки аз моҳияташ ҳанӯз бехабар буданд, аъзо буданро орз ва мекарданд. Барои Саид тайёр буданд умре хизматгори модари тундхислаташ бошанд. Котиби ҷавон ба холадухтараш Тобон гаҳворабахш буд. Гапи ошиқ ва маъшуқ низ ба даҳони деҳа расида буд ва дигар ҷойи гурез намонда буд.

Овозаи тӯйи Саид Зеборо хоб гурез ва беҳоле кард. Коре аз дасташ намеомад. Оби чашмаш шашқатор мерехт. Дилаш сӯзиш мекард. Ранги парида, лабони камхунаш аз алам меҷӯшиданд. Ӯ кори гӯшношунид кард. Духтар намоишкорона ба идора рафта, ҳангоми маҷлис котибро берун ҷеғ зад. Ӯ аз чизе ҳарос надошт. Саиди аслан худ хоҳ ва мағрурро ҷасорати духтар мот кард. «Туро намози шом дар сари чашма интизорам», — гуфт ӯ шунаво ва пас гашт.

Саид ба ҷойи ваъдагӣ расида, аспро ба марғзор сар дод. Зебо ӯро интизор буд. Ҷавон паҳлӯи духтар нишаст. Чашмони Зебо мегиристанд ва лабонаш механдиданд.

— Муборак, муборакии тӯю сур! — овози Зебо ларзид.

Саид ба маънии табрики маҳбубааш расида, пурмаъно табассум кард.

— Мардум чӣ рост мегӯянд? — ба забони ҳол омад духтар.

— Моро ба мардум чӣ кор аст? — дасти Зеборо ба даст гирифт Саид. Ҷавони зирак гапро дур бурданӣ буд, то дили духтарро ба тамом бифаҳмад. Онҳо ду сол ташнаи дидори ҳамдигар буданд, аммо зинҳор чунин паҳлӯ ба паҳлӯ нанишаста.

— Ту хушбахт бошӣ, ман беормон мемурам, — гуфт духтар рост ба чашмони ҷавон нигариста. — Ҳар кас насибаи бахти худро мебинад, — оҳ кашид муллозодаи армонсӯхта.

— Бе ту чӣ гуна хушбахт мешавам? — ҷавоб дод Саид. Суханаш дар даҳон монд. Тобон (номзади Саид) ва Шодӣ аз олам ва одам бехабар дасти якдигарро гирифта, қад-қади сой хандон ва хушбахт поён фуромаданд. Саид аз пайи ошиқони нотарс табассумкунон менигарист. Зебо намедонист хурсандӣ кунад ё ба пойи нанги рақибаш ки беҳтарин дугонааш хоҳар донист, санги маломат бизанад. Ӯ ҳаросон, аммо ғолибона сӯйи азизи дилаш ки акнун танҳо аз они ӯ буд, нигарист. Ҷавон дасти духтарро дар кафаш фушурд.

— Дидӣ?

— Дидам,— оромона ҷавоб дод Саид. — Қандашонро хӯранд!

*Касе ки ошиқ аст, аз ҷон натарсад,*
*Зи банд ва кундаи зиндон натарсад.*
*Дили ошиқ мисоли гурги гушна,*
*Ки гург аз ҳай-ҳайи чӯпон натарсад.*

рубоии Саид ҷавобе буд ба тарс ва ҳароси ҳардуяшон.

Духтар беҳолона, аммо хушбахт сарашро ба китфи ҷавон гузошт. Ҷавон духтарро оғӯш кашида, ба синааш зер кард. Зебо муқобилият накард. Ӯ бори нахуст сарашро рӯйи дили оне ки ҳаёт ва мамоташ буд, бе ҳарос ниҳода, аз тапиши ноҳамвори дили ӯ ба саволҳои худ ҷавоб ёфт. Оне ки дар сурати рост будани хабари тӯйи ёраш рост ба соҳили Сурхоб рафтанӣ буд, аз хурсандӣ ва ҳаяҷон беовоз гирён шуд. Ҷавон ӯро тасалло надод, ба гиристанаш монеъ нашуд, балки ба осмони ситоразор нигариста, ӯро сахттар оғӯш кард ва ҳар ду аз бахт сархуш буданд. Чашма ва тапиши дили ҷавон духтарро алла мегуфтанд. Зебо бори нахуст кашф кард ки бахт ҳам бӯй ва набз доштааст — бӯйи тути пухта, набзи мавҷи дарё.

— Баъди рафтани ту Тобон ва Шодӣ ҳамроҳ идора омаданд, — гуфт Саид, — бо даструймоли ҳадяи Зебо ашки ӯро пок кард. — Рост мегӯянд, ишқ ҷасорат аст.

Зебо саропо ҳуш ва гӯш шуд.

— Ту Тобонро дӯст медорӣ? — пурсид Шодӣ маро мисли муфаттиш.

— Албатта, дӯст медорам, — гуфтам.

— Як бори дигар такрор кун, — мушт нишон дод Шодӣ.

— Мо дар як ҳавлӣ калон шудаем, ту инро хуб медонӣ.

— Медонам. Дӯст медорӣ? Инро ба модарат гӯй. Ба бахти мо зомин нашавед. Мо якдигарро дӯст медорем!

— Дӯст медорам, аммо мисли бародар, — гуфт Саид.

— Беш аз Шодӣ Тобон маро ҳайрон кард. Ӯро дина шинохтан мушкил буд.

Ҳар чи Шодӣ мегуфт, тӯтивор такрор мекард. Шодӣ мушташро сахт обутоб, дода омада буд, —

хандид ҷавон.— Ман дасти Тобонро ба дасти Шодӣ дода гуфтам:

— Бо хоҳараки ман хушбахт бош, ҷӯра. Тобон аз гарданам оғӯш кард ва гирён шуд. Худам ашкамро бо зӯр нигоҳ доштам...

Ғайричашмдошт Зебо нохост Саидро оғӯш карда, бӯсид ва бо дастонаш рӯяшро пинҳон кард. Ҷавон низ дер гоҳ ба худ омада натавонист.

— Модар, модар аст, орзу ва умеди худро дорад,— гуфт Саид ба равиши оби чашма сангчае партофта ва онро пареш карда.

— Рост аст, модарам афзори тӯйро муҳайё карда аст. — Дили Зебо таҳ кашид. — Аммо арӯсро худи ман интихоб мекунам. — Чи кор кунам ки арӯси писандида маро намеписандид, — гуфт ҷавон гесувони дарози Зеборо бозӣ доронда. — Бояд дили он духтари пурнозро фаҳмам. Бонуи хушноз аз баҳри ман гузарад, чӣ фарқ дорад, бо кӣ дар як болин сар мемонам?

Алҳол хушбахттар аз Зебо на моҳи осмон буд ва на замини хуфта.

— Оё шахсе ки паҳлӯям нишаста аст, хоҳиш дорад ғам ва шодиямро як умр бо ман тақсим бикунад? Модарамро ки зиди хоҳиши ман аст, модар гӯяд. — Ҷавон рост ба чашмони духтар нигарист.

— Ман бе ту нафас намегирам дар олам...

— Ту бе ман нафас гирӣ, ҳаромат бодо! — Саид низ байтро ҳамроҳи Зебо такрор кард.

Ду пурорз ва ва ҷавон дер гоҳ ба маҷрои оби равон нигаристанд. Об бо забони ишқи эшон нармак тарона мехонд. Таронаи дили пурорзуи ду ҷавонро ки баски ошиқ буданд, дар васфи ишқ сухани бисёре намедонистанд. Шоми дигар низ дар ҷойи ваъдагӣ вохӯрданд. Акнун Саид бо Зебо чизи муҳиммеро гуфтанӣ буд — рӯзи тӯяшонро. Аз дур гапро сар кард.

— Тобон аъзои комсомол шуданист, — кулчаи гарми Зебо овардаро ба оби хунук тар карда, гуфт Саид.

— Тобон? — ҳайрон шуд Зебо, ба маънии хабари тоза нарафта.

— Ҳа, Тобон. Тобони мо чунон нотарс буда аст ки ногуфтанӣ, — табассуми маънидор кард Саид. Тобонро таъриф кардани ҷавон ба духтар нафорид.

— Тобон падар надорад, аз кӣ тарсад? — гуфт Зебо.

— Падар надорад, аммо дар деҳа зиндагӣ мекунад, — гуфт Саид. — Дар колхози «Иттифоқ» Бақоӣ ном зан котиби ташкилоти комсомолӣ интихоб шуда аст. Мефаҳмӣ? Зан — котиби комсомол!

— Мефаҳмам, гуфт Зебо, ҳарчанд чизе нафаҳмида буд, аммо аз ҷасорати кадом як Бақоӣ дар дил қоил буд.

— Духтарони «Коммуна»-и мо рӯймолҳояшонро рӯйи чашм поёнтар мекашанд. Модарам пир намебуд, қасам ба виҷдонам, аввалин шуда, аъзои комсомол мешудам. Хайрият, Тобон...

Ҳар дам чун намуна номи Тобонро ба забон гирифтани ҷавон ба духтари ошиқ сахт расид, ғурураш боло гирифт.

— Аввалин шуда худам аъзо мешавам! — бо тантана гуфт Зебо ки метарсид мабодо Тобон пештар аз ӯ ба ҷамъияти Саид ворид мешавад. Котиби ҷавон ба чашмони дурахшони духтари мулло Наими худотарс хушҳол нигарист. Тираш ба нишон расида буд.

— Наметарсӣ?

— Не, наметарсам, — гуфт духтар бо овози ларзон. — Ту ҳастӣ, наметарсам!

— Зебо, хонумонам, ҷонам, — духтарро оғӯш карда, гуфт ҷавон. — Ту бояд ҳақиқати талхро бидонӣ. Модарам тӯйи моро намехоҳад.

Зебо сар хам кард.

— Нахоҳад, чӣ кор кунем?

—- Холаи Асал ва Халифа бобо пагоҳ хонаатон хостгорӣ меоянд.

Хабари кофир шудани набераи Ҳазрати эшон аҳли Сабзбаҳорро ҳайрон ва пакар кард. Нурия лаб газон ва гирён бадани худро пучида, сиёҳ ва кабуд кард. Панҷ панҷааш дар рӯйи сафеди духтар нақши кирой гузошта буд. Хеш ва табор ҳамдардӣ меомаданд:

— Кори шудагӣ шуд, ҷонам садқатон, коре кунед ки падараш ё худаш ё моро накушад. Аз хомӯшӣ ва дамдуздияш метарсам, — илтиҷо мекард Нурия.

Зебо бепарво менамуд ҳарчанд аз падар мегурехт, бо модар ва додараш забони сӯҳбат надошт. Ба маҷлис тайёрӣ медид. Он бегоҳ сар шуста, беҷуръат ба модараш гуфт:

— Очаҷон, кокуламро худат мебофӣ ё назди Майса равам?

Модар ба зулфони тари духтараш ки обшорро мемонданд, нигариста, оҳ кашид. Ҳарчанд бофтани кокулони духтарашро ба касе бовар намекард, алҳол мехост Зебо ба куҷое хоҳад, равад ва ба чашми ҳамсояҳо ва хеш ва табор, махсусан, ба чашми падараш нанамояд.

— Модар доштанат чӣ гуна ба ёдат расид? — рӯй гардонд модар.

Духтар ранҷид, шонаашро аз сабадча гирифта, сархам роҳакӣ шуд. Ҳама бо ӯ қаҳрӣ буданд.

— Ист. Ҳеҷ куҷо намеравӣ, мӯятро худам мебофам, — гуфт модар қатъиян. Ӯ кокулони абрешимини духтарашро шона мезад ва гуноҳашро мебахшид. Аҷаб зулфони нозанине дошт духтараш — нусхаи худаш. Кокули охиринро бофта, пушти сари духтар ба маънии «хушбахт шав» нармак зада, гесувони чилторашро қабза кард. Модар ва духтар аввал тори

сар сояи падарро эҳсос карда, сипас худашро дида, шах шуданд. Ҳар ду бо ҳарос ба ошбури дудама нигариста, мижазаниро фаромӯш карданд. Падар кокулони духтарашро чун юнучқаи тар хунсардона қабза кард. Бо як силтав зӯр зада, бурид ва ба оташи фурӯзон партофт. Оташ гул кард. Бӯйи мӯй дар хона паҳн шуд. Модар ба худ омада, ба по хест ва худро ба пойи шавҳараш андохт.

— Наими ҷон, ба духтарам кордор нашав, маро куш, маро!

Мардак ошбурро низ чун чизи макрӯҳе ба оташ партофта, ҳамчунон хомӯшона хонаро тарк кард.

Баъди он ҳодисаи мудҳиш ки ҳадди охирини ҷазои волидайнро мемонд, Наимӣ аслан марди меҳрубон ва беозор, чанд рӯз аз ҳуҷра берун набаромад. Диловар байни падар ва хоҳар ва модараш ровӣ шуд. Ҷазои падар духтарро низ дилмонда кард. Рӯҳи исёнгараш бедор шуд. Ӯ гуноҳеро ки сазовори чунин ҷазо бошад, намедонист. Зебо ки «дигар чизи гум мекардагӣ» надошт, ёрирасони Саид шуд. На танҳо духтарони Сабзбаҳорро, балки духтарони деҳаҳои дигарро низ барои ба ташкилоти нав аъзо шудан ташвиқ мекард. Як чиз духтарро сахт азият медод, ҳарчанд онро ба овози баланд ба касе арз карда наметавонист. Духтароне ки ошиқ ва шефтаи Саид буданд, Зеборо умрбод бад диданд, ҷуз Тобони меҳрубон. — Рақибаи дирӯза ва дӯсти якумрааш. Аз пайи Зебо Тобон аз пайи Тобон Майса, баъд дигарон ба ташкилоти нав аъзо шуданд.

Наим на танҳо дар тӯйи духтараш иштирок накард, балки ширкати занашро низ қатъиян манъ кард. Дар бари апааш Диловар танҳо намонд. Тобон ва Шодӣ, Карим ва Майса ва Нишона бо ӯ буданд. Дар тӯйи ҷавонон мӯйсафедон ширкат надоштанд. Тӯй ба маҷлис табдил ёфт. Намояндаи комсомоли район ҳалли тамоми вазифаҳои назди ҷавонон истодаро, ба

навхонаҳо ҳавола карда, ботантана хати никоҳашонро супурд. Ҷавонон то саҳар гирди гулхан рақсиданд ва суруданд. Агар дар таърихи Пунбачӣ арӯс ва домоде дар тӯйи худ рақсида бошанд, сабзбаҳорӣ буданд. Дигарон низ ба арғушти арӯс ва домод шарик шуданд. Марзия ки «косаи муродаш шикаста буд», арӯсашро бад дида, бо хоҳаркудояш ва духтари ӯ якумр қаҳрӣ шуд. Ҷавонони дар паноҳи ишқ хушбахт ҷуз чашм ва рӯйи якдигар чизеро намедиданд. Саид дар ҳуҷраи арӯс чилланишин шуда, боиси ханда гашт. Ҷони Марзия ба гулӯяш омад. Орзуяш модарона набуд, аммо мехост писараш зудтар аз арӯси «бехосият» дилмонда шавад ва ӯро ронад. Холадухтари гаҳворабахшаш нашуд, духтарони волаи писараш кам набуданд. Дар шохаи дарахтони мазорҳо барои шикастани орзуяш латта мебаст. Ҳатто назди мулло Сонӣ рафта, писар ва арӯсашро «гармхунук» кард. Аммо оташи дили ҷавонони ошиқ паст намешуд. Ҳанӯз дар дил умедаке дошт. Саид мисли падараш бад рашк ва гап рав буд. Модари аз муҳаббати фарзанд кӯр гашта оқибат ҷойи сусти писарашро пайдо кард.

«Зеб, зеби хона, куҷоӣ?» — аз кор омада, аз таги дарвоза занашро садо мекард ҷавон. Гули қаҳ-қаҳа, бо дастони хамиролуд ба истиқболи шавҳараш мебаромад. Онҳо зуд ба хона медаромаданд. Рӯзҳое ки Моҳтоб ба истиқболи Офтоб намебаромад, бодоми Марзия гул мекард.

«Хонаи мо ба ӯ хуш намеояд, хонаи модараш рафт», — мегуфт, худро ниҳоят озурдае нишон дода.

«Кай рафт?» — мепурсид бе тоқатона ҷавон аз пайи занаш рафтанӣ шуда.

«Чӣ медонам. Ман кистам ки зани ту маслиҳат ва машварат кунад? Баромада рафт. Хонаи модараш рафт ё ҷойи дигар, кӣ медонад. Ҷони оча, намедонам гӯям ё нагӯям, занат як бор ва ду бор нест ки напурсида, ғайб мезанад».

Оқибат шубҳаи писари бад рашкашро бедор карда тавонист.

«Зеб куҷост?» — саросема аз кор омада, пурсид боре Саид.

«Мани бечора аз куҷо медонам?» — ҷавоби холисона дод Марзия, ҳарчанд куҷо рафтани арӯсашро хуб медонист.

«Ба куҷо рафтанашро нагуфт, оча? Меҳмон меояд. Ӯро ёфтан даркор!»

«Сари обро пешакӣ чим задан даркор. Баъд онро ҷамъ карда намешавад. Эҳ гаранг, гаранг! Соҳиби хонаи Алӣ духтари Наим шуд ва мани бечора хизматгораш». Ҳарчанд дар ин бечораҳолии модар ҳақиқате набуд, дили писар ба ҳоли модар сӯхт. Ҳамин дам Зебо, кӯзаи пуроб сари даст ба ҳавлӣ даромад. Аммо афсуни модар ба писар кора карда буд...

Он рӯз Зебо дар сари дарав аз ҳамсояшон фаҳмид ки модараш бемор аст. Бегоҳ ба хушдоман ин хабарро расонда, умедвор буд ки кампир ба аёдати қудояш ки остони ӯро хуб надида аст, меравад. Ӯ хамир карда, кулча пухт.

«Тӯйи кӣ меравӣ?» пурсид хушдоман бепарво, ба чакдони чуқур хам ва рост шудани зани дуҷонро мушоҳида карда:

— «Тӯй?» — ҳайрон пурсид Зебо, сипас ба маънии киноя рафта гуфт: — Модарам бемор шуда аст. Амма рафтем, модарам хурсанд мешавад, — ба рӯйи хушдоман бо умед нигариста, гуфт арӯс.

— Ман ва ту меҳмонӣ равем, меҳмонҳои Саиди ҷон сутуни хонамона оғӯш кунанд? — бо зарба ҷавоб дод кампир.

— Меравам ва зуд бармегардам, — лаб газида, гуфт Зебо.

«Зани шавҳардор бояд хонаи падар ва модарашро фаромӯш кунад». Модаратро ки дӯст медоштӣ, дар

хонааш наистодӣ? Худо шоҳид, дари хонаатонро охурча накарда будам...».

Он рӯз Саид дер кард. Зебо ба аёдати модари бемораш танҳо рафт. Шабро сари болини бемор рӯз кард. Саиди ҷӯра дор ва ҷӯра боз он шабро дар деҳаи ҳамсоя гузаронда, рӯзи дигар баргашт. Марзияи аз ғазаб ва алам ғамбемор қурут кулӯла мекард.

«Зебо куҷост, оча?» — аз остона пурсид Саид. Модараш ҷавоб надод. Саид ба хонаи хоб даромада, онро холӣ ёфта, саросема берун шуд ва саволашро такрор кард.

«Сари Нурияи баҳтура дард гирифта аст», — ҷавоб дод бедимоғ.

Саид аз пайи занаш рафтанӣ шуд. «Дар дунё ду ҳатӯл бошад, яке туйӣ, якеш ман. Элак баҳона дидор ғаниматро медонӣ?

Саид дар ҷояш истод. Хун ба сари мардаки бадрашк зад. Ҷавоне ки «баъди тӯйи ҳамсоядухтар (яъне Зебо) ҷилои ватан карда, баргашта буд. Дина Саид ӯро дида, рӯзи дароз ҷойи нишаст намеёфт. Оне ки давре ҷӯраи наздикаш буд, ба ҳама даст дода, ба Саид пушт гардонд. Димоғаш ки дуд мекард, акнун оташ гирифт. Ба дидани хушдоманаш нарафт, балки кас фиристода, занашро ба хона овард ва бе савол ва ҷавоб бераҳмона кӯфт. Марзия худро ба нодонӣ зада, ба ошхона даромад. Зебо фиғон накард, узр ва тавалло накард, паст ва баланд нагуфт. Ӯ зане буд ки санги осиёб ба сараш гардад, ба хотири номи неки хонавода хомӯш буда метавонист. Шиканҷаи шавҳар чанд рӯз давом кард:

«Ӯро дидӣ? Аз ту ҳанӯз умед дорад? Ҳардуятро мекушам! Гап зан, охир, дидӣ ё не?»

Зебо хомӯш буд. Чӣ ҳам мегуфт. Ба оташи ҷаҳли шавҳари бадрашкаш равған рехта, онро фурӯзонтар кардан намехост, ҳарчанд медонист: дасти бори ба сари зан боло шуда, одат мешавад. Минбаъд дасти шавҳар

ба сари зани бегуноҳ зуд-зуд боло мешуд. Соҳиби фарзанд шуданд, аммо зиндагияшон ба сомон наомад. Саидро раиси ҷамоат, занашро ба ҷояш котиби ташкилоти комсомолӣ интихоб карданд. Дегашон ҳамеша дар ҷӯш буд. Меҳмонони бонуфузи деҳаро пеш аз ҳама раиси ҷавон ба хона даъват мекард. Боре аз марказ меҳмон омад. Меҳмони кител пӯш ва кулоҳдор. Баъди тамошои Сабзбаҳор меҳмон аз тавсифи манзараҳои нозанин, духтарони парӣ рухсор ва чашмаҳои зулоли деҳа лаб намебаст ва аз соҳибхонаи нозанин ки байни меҳмон хона ва ошхона беист равуо дошт, чашм намеканд. Меҳмони дурӯза, даҳ рӯз монд. Соҳиби хона аз рашк мепечид. Ӯро танҳо одоби меҳмондорӣ аз қамчинкорӣ кардани меҳмони дилсиёҳ нигоҳ медошт. Назди меҳмон баромадани занашро, баъд ҳатто модарашро манъ кард. Худаш ночор дастархондор шуд. Меҳмон Саидро барои соҳиби чунин ганҷи бебаҳо будан аз таҳти дил бад дид. Чанд рӯз аз дари хонаи дарун чашм наканда, оқибат ноумед ва бадқаҳр ва бадкина деҳаро тарк кард. Кина пири қасос аст. Дере нагузашта, меҳмони шаҳрӣ боз дар деҳа пайдо шуд, аммо танҳо не. Тафтишгарон тамоми коғазҳои ҷамоатро таг ва рӯ карданд. Тафтиш кашол ёфт, аммо ошиқи нокомро дидани дидори зани раиси ҷамоат муяссар нашуд. Оқибат чанд гуноҳи сохта ва бофтаро ба раис бор карда, раиси пештараи хоҷагиро ки бесавод ва лаббайгӯй буд, мулзам намуда, айбнома кушоданд. То балоғати зани раиси ҷамоат бист ва нӯҳ рӯз намерасид. Саидро барои духтари ноболиғро зан карданаш шинонданд. Сабзбаҳориён шӯриданд, аммо шӯрашон аз дарё нагузашт. Мардум дар ҳабси Саид хусурашро айбдор медонистанд, хушдоман арӯси бехосияташро...

«Қадами шуми духтари Наим дар гӯр! — гирён ва нолон Марзия роҳи Пунбачиро пеш гирифт. Зебо аз паси хушдоманаш давид. Дар район ба ягон саволашон

ҷавоб наёфта, хаста ва ноумед ба деҳа баргаштанд. Дуои бади олам ба сари Наим ва духтараш чун жола рехт. «Ишқ чӣ, бахт чӣ?» мепурсид аз худ Зебо. Ӯ асли воқеаро дарк карда, аламаш сӯзонтар шуд. Аз бими Марзия ва шарми деҳа хомӯширо авло дониста, худ ба худ илоҷи корро меандешид. Замони ҳамлаш дур набуд, аммо қарор дод ки Сталинобод рафта, бегуноҳии шавҳарашро исбот мекунад. Модар асрори ҳабси домодашро фаҳмида, чун мӯйи дар оташафтода печид:

— Ваҳ, хонаи бадаъмол сӯзад! — даст ба зону зад модар. — Бо ин аҳвол пиёда чӣ гуна меравӣ?

— Меравам, — қатъӣ гуфт духтар.

— Саиди ҷон бачаи мард аст, худаш бегуноҳияшро исбот карда метавонад, аз роҳат гард, маро ва худро шармсор накун,— зорӣ кард модар, ҳарчанд дар дил қарори духтарашро маъқул меёфт.

— Зинда ам наравад, мурда ам меравад, — гуфт Зебо. Модар ки хислати духтарашро хуб медонист дигар зорӣ ва исрор накард. Қисса ба гӯши падар расид.

— Худоё, аз шармандагӣ нигоҳ дор! — ришашро қабза карда, дуо хонд ӯ зери лаб. — Ӯро аз роҳ гардон, очаш! — овози падар оҳанги зорӣ дошт.

— Розӣ шуд? — пурсид Наим занашро рӯзи дигар.

— Не! Ӯ аз гапаш намегардад. Ҳамроҳаш, рав. Сукути Наим барои занаш аломати норизоӣ дошт.

— Хоҳӣ шарманда шавӣ, мон духтари умедворат танҳо равад, — гуфт зан ки ҳанӯз шавҳарашро набахшида буд.

— Одам як бор шарманда мешавад, — гуфт мардак.

— Наравӣ, ҷомаатро чаппа пӯшида, худам ҳамроҳаш меравам.

— Ту ва духтарат маро аз ҷон безор кардед, — шӯрид Наими оромтабиат.

Нурия тамоми шаб анвои сафари духтарашро тайёр кард. Саҳар ҷома ва мӯкиҳои шавҳарашро пӯшида, наздаш ки намоз мехонд, омад. Мардак ночор намозашро бурида, ба зан норизо нигарист.

— Ҳайфи ришат! Гашта биёям, хонаатро оташ мезанам...

Наим сафаракиҳоро дар Буни Ағба дарёб карда, хӯрҷинро аз китфи занаш гирифт. Модар қафо гашт. Падар ва духтар роҳи марказро пиёда чӣ гуна тай карданд, худашон медонанд ва роҳ. Дар Сталинобод бо азоб идораи даркориро пайдо карда, арзашонро ба сардори рамузфаҳм расонданд. Падарро ки назди сардори калон забонаш лол шуда буд, сухандонӣ ва бахтталошии духтараш мот кард. Зебо боисрор талаб кард ки мехоҳад он намакхӯри намакдоншиканро бори дигар бубинад ва ҳақи намакашро аз кӯрнамак бихоҳад. Чун онҳоро рӯбарӯ карданд, номард на танҳо гуноҳашро ба гардан нагирифт, балки қасам хӯрд ки ин занакро бори аввал дида, номи Сабзбаҳорро бори аввал мешунавад. Ҳамин вақт хуни мулло Наими ботамкин мисли равғани доғ ҷӯшид: «Одамро гӯшташ ҳаром аст, лафзаш ҳалол, номард», — сӯйи мардак давид. Ӯро базӯр дар ҷояш шинонданд. Аммо Зебо имкон пайдо кард ки ба ҷойи худаш ва падараш ва Саид нақши хунини панҷаҳояшро дар рӯйи номарди мункир гузорад.

Сардор мардаки муттаҳамро аз дар берун намуда, тугмаеро зер кард. Чун дар «Ҳазор ва як шаб» дар остона Саид пайдо шуд. «Гунаҳкори бегуноҳ» зан ва хусурашро дида, чунон худро гум кард ки андаке монда буд, гурехта, дарро аз пояш пӯшад. Зебо худро ба оғӯши шавҳараш андохт. Сардор ва Наим нигоҳи аз ин манзараи ҳузновар нам гирифтаашонро гурезонданд.

Сардор онҳоро бо қандчой зиёфат карда, сипас ба ронанда фармуд ки мусофиронро то Дубеда барад. Ҳангоми хайр ва хуш гуфт.

— Зиндагӣ мубориза аст, духтарам! Шумо муборизед, муборизи ҳақталаб, офарин!

— Падари қиёматӣ, оё шахсе ки сабабгори озор ва сарсонии мо шуда аст, бо як «ҳайфи ту» халос мешавад? — пурсид аз таги дар Зебо. Далерии зан ба шавҳар ки худаш аз номард қасос гирифтанӣ буд, нафорид.

— Бешубҳа, ӯ сазовори кирдораш ҷазо мегирад. Ҳар кас мукофоти амалашро соҳиб мешавад, — онҳоро тасалло дода, гусел кард сардор.

Баъди он воқеа кампири дилсиёҳ аспи ҷаҳлашро зини баланд кард. Пайт мекофт ки айши шаҳ ва арӯсро талх бикунад. Саид низ аз хати кашидаи модар намебаромад. Занашро меҳрубонӣ карданӣ шавад, чор сӯ менигаристу, модарро дур бубинад, меҳрубон мешуд, наздик бошад ҳукмашро ба зани «қайсараш» гузарондан мехост. Мабодо навхонагонро даст ба даст бинад, як соат дар бораи ахлоқ ва одоб ба гӯшашон насиҳат мехонд ва албатта, дар охир илова мекард: «Аз дасти ҷавонҳои охирзамон дунё ба охир мерасад».

«Фатират хом аст, — аз табақи қурутоб даст кашида, эрод гирифт як бегоҳ Марзия ки алови ҷанги хонагиро бо ҳар баҳона афрӯхтанӣ буд. Кадбонуӣ ҳунари ҳар кас нест. Ҳуш ва ёди кадбону ба хамир ва фатираш набошад, ҳамин хел мешавад». — Ӯ аз таоми гарм даст кашида, нони хушкро ба чой тар кард. Саид низ зуд аз табақ даст кашида, тарафдори модар буданашро нишон дод. Зебо барқасди ҳар ду серӣ қурутоб хӯрд, зеро таом на хом буд ва на бемаза. Комаш дар ин хонадон талхтар мешуд. Саид дили арӯсашро зардоб, модарашро хурсанд мекардагӣ шуд. Гоҳе ҳис мекард ки дастонаш мехоранд ва гуноҳи кироии занашро меҷӯяд. Занҳои кӯҳистон чӣ будани

чодарро намедонистанд, вагарна раиси ҷамоат аввал чодарро ба сари занаш мепӯшонд. Зиндагиашон амният мехост, аммо на дар олам амният буд ва на дар хонаи онҳо. Ҷанг сар шуд ва Саид ба фронт рафт. Бадбахтӣ танҳо намеояд. Аввал Наим, сипас наберааш фавтид. Аскари ғарибафтода дар хаташ бераҳмона занашро ба марги писараш гунаҳгор мекард.

***

Меҳмони коркӯфта сарашро болои сандалӣ гузошта, пинак мерафт. Соҳиби хона ноаён сӯйи ӯ нигариста, дарк мекард ки Зебо дигар он Гули қаҳқаҳаи пештара нест. Ӯ ба модараш бисёр монанд буд. Хайрияро даме чунон намуд ки рӯбарӯяш Зебо не, Нурия нишаста аст. Зан аз дарбеҳҳои поҷомаи раиса чашм наканда, ба ӯ мадад ва насиҳате мехост, ҳарчанд хуб медонист. Алҳол ҳама чунин ҳол дошт. Ҳо, ҳамаро чунин ҳол аст, аммо раиси як ҷамоати бе сар ва бар набояд чунин бошад.

Раисаро низ ҳамин поҷомаи зормонда ин сӯй оварда буд, аммо аҳволи соҳибони хона чунон фақирона буд ки Зебо аз чӣ сухан карданашро намедонист. Соҳиби хона низ дарк мекард ки дар бевақтии шаб ташрифи меҳмонаш бегап нест.

— Хаста метобӣ, Зебиҷон, тинҷист?

— Тинҷӣ хола, — сар бардошта, ҷавоб дод меҳмон.

— Ҳадяҳои меҳнаткашонро ба Сталинобод бурдан даркор, ҳайронам, равам ё наравам. Раис-бобо «рав» мегӯяд.

— Рав, рав, раҳ ғубори дилро мебарорад... — Зебо Сталинобод меравад,— ба духтараш шарҳ дод модар.

— Аз назди Чашмаи шифо мегузарӣ, духтарам? — якбора хушҳолона пурсид оҷиза.

— Гузорамон афтад, албатта, чашмаро зиёрат мекунем, — гуфт Зебо.

— Духтарам, рав, ҷони хола, оламро дидан ҳаст ва хӯрдан не! — ташвиқ кард зан ки умеди Чашмаи шифо дар дилаш нур андохта буд.

— Мерафтаму...

Гули қаҳқаҳа якбора бо хандаи баланди худ хонаро ларзонда, бузи калро тарсонд. Алами хобида ҳаросон чашмашро кушода боз пӯшид.

— Э, ханда ам дар гӯр, мебахшед,— узрхоҳона ҷиддӣ шуд ӯ.

— Бо ин поҷомаи тирхӯрда чӣ хел ба сафар равам, хола?

Модар ва духтар ба хандааш ҳамроҳ нашуданд. Хандааш хандаи гиристан буд. Медонистанд ки бо чунин ҳол дар тангии тирамоҳ ба сафари дур рафтани раиси ҷамоат номумкин аст. Модар ба духтараш ки ҳамеша илоҷи воқеаро пеш аз вуқӯъ меёфт, пурмаъно нигарист «илоҷе ёб!» абрӯвони духтар боло париданд. Ӯ аввал ба поҷомаи худаш нигарист.

— Не, — сар ҷунбонд модар!— Намешавад!

— Намешавад! — тасдиқ кард Зебо низ. Секаса чанде хомӯшона ба нуқтаҳои худ нигаристанд. Дар чеҳраи Нишона ногоҳ табассуми пурасроре гул кард. Дастҳои духтар ба кор даромаданд. Модар чанде пакарнамо ҳаракатҳои духтарашро омӯхта шӯрид.

— Сад бор номаъқул кардед!

Зебо ҳайрон шуд.

«Пардаҳоро ранг мекунем», — ба модараш не, ба дугонааш фаҳмонд духтар.

— Хола, нафаҳмидам, ӯ чӣ мехоҳад? — пурсид Зебои ночор, ҳарчанд хуб медонист ки чунин савол модарро озурда мекунад.

— Рафта пардаҳои идораи худатро медуздед. Дидӣ ин духтар гоҳе чунон беақлиҳо дорад. — Хайрия аз ғазаб сурх шуда буд.

Нишона ҷавоб надода, аз ҷой хест. Қарори ба сараш омадаро танҳо худаш маъқул медонист. — Хез, Зебо! — ишора кард ӯ. Зебо ҳайрон ба абрӯвони гиреҳшудаи Нишона нигарист.

— Не, не! — аз ҷогаҳ исрор кард модар. — Ба дуздӣ роҳ намедиҳам!

«Рафтем, рафтем. Дуздии мо аз доройӣ нест», — чунин маъно дошт Зеборо сӯйи дар кашола кардани Нишона.

— Ист, дар ними шаб маро куҷо бурданӣ ҳастӣ? — муқобилияти саҳл кард Зебо.

«Рафтем, зудтар!— ишоракунон ӯро сӯйи дар мекашид соҳиби лол. Рафтем пардаҳои идораатро меканем!» онҳо тирвор аз дар берун шуданд.

— Зебо, Нишона, баргардед, номаъқулӣ накунед! Духтарон кайҳо зери пардаи шаб пинҳон шуда буданд.

— Баргардед! — беҳолона, барои худ такрор кард оҷиза.— Парвардигори айбпӯши бандаат, духтаронро аз шармандагӣ нигоҳ дор! — оқибати корро тасаввур карда, зери лаб муноҷот сар кард, оҷизаи покиза.— Худоё, ба дӯст хор, ба душман дучорам накунӣ, шармандаи ин дунё ва охират накунӣ. Худоё!

Оҷизаро ашк дар гулӯяш ҷӯшида, дамгираш кард. Шаби тирамоҳ гӯрвор торик буд. Сагҳо беист меҷакиданд. - Дар хонае чароғ намесӯхт. Вақте ки духтарҳо ба идораи ҷамоат расиданд, хурӯси аввали шаб ҷеғ мезад.

Хайрият дар шуои пилтачароғ ба чеҳраи кӯдаки ором хобида нигариста, барои сабук кардани гуноҳи духтарон санад мекофт ва намеёфт. Акнун мақоли дӯстдоштааш «зарур бошад, раво бошад» не, балки «шутурдузд ҳам дузд аст ва сӯзандузд ҳам дузд»

мағзашро арра мекард. Оҷиза сӯйи чашми ягонаи равзан ки аз он пораи осмон сиёҳ менамуд, нигариста, манзараи duздии духтаронро тасаввур мекард. «Алҳол духтарон тарсон ва ларзон, бо панҷаҳои сармо бурда ва азоби алим чашми қуфлро пайдо мекунанд ва калидро... «Худоё, куфл кушода нашавад!» — бо овози баланд дуо кард оҷиза, чашмонашро аз алам ва ҳарос сахт пӯшида. Баъд чунонаш намуд ки духтарон баргашта чанг ва ғубори пардаҳои кайҳо нашустаро ба ҷогаҳи ӯ, балки ба чашм ва даҳони ӯ ва кӯдаки бегуноҳ меафшонанд. Аз «чанг ва ғубор» дамгир шуд. Сарашро ба таги кӯрпа хаст. Дилашро ваҳм зер кард. Хаёлан дуздони дастгиршударо тасаввур намуд ки дар ҳавлии масҷид даст баста ва асир, ҳукми умумро интизоранд. Бо ҳарос дарк кард ки аҷаб не, аллакай духтаронро бо роҳи морпечи Сабзбаҳор ба маҳкамаи Пунбачӣ бурданд ва дигар онҳоро асло нахоҳад дид. Чашмони ҳароси оҷиза аз чашми равзан калонтар буд.

Нишонаи фариштаи покизаи оча, чӣ коре буд ки ту кардӣ? Ё рӯҳ ва арвоҳ, мададгорашон бошед. Дигар асло ин номаъқулиро намекунанд! Духтаронро худат бубахшӣ ҳам, бандаҳоят асло намебахшанд. Худоё, онҳоро аз шармандагӣ нигоҳ дор. Ба даст афтанд, сангсорашон мекунанд! Аз чунин рӯз бе поҷома мегаштанд, беҳтар буд. Худоё!» Хайрияро чунон намуд ки на танҳо даст ва пояш, балки худаш, чашмҳояш ях баста анд. Садои кушода шудани дари кӯҳнаро шунид ва соҳиби хона маҷоли чашм кушодан надошт. Духтарон аз «майдони муҳориба» арақшор ва хаста баргаштанд. Зебо ба кӯзаи об часпид.

«Кӯзаро аз досташ бигир, дамсӯз мешавад!» — ишора кард модар. Нишона нафаҳмид ё фаҳмида, худро ба нодонӣ зад. Оқибат чун Зебо кӯзаро ба ҷояш гузошта, бе ҳол ба такяи сутун поён шуд, Нишона ба он часпид.

«Дар кучо навишта шуда аст ки раиси чамоат шабона пардаҳои тирезаи худро бидуздад?» — гуфт Зебо бемақсад ба шифти дудхӯрда нигариста. Бо пайдо шудани як тика суфи кӯҳна гӯё аз равзани дилашон равшание канда шуда буд. Нигоҳашонро номаълум аз якдигар мегурезонданд. Хайрия хомӯшона ба чеҳраи хаста ва рангкандаи раиси чамоат ки аз идораи худ «почомаворӣ» дуздида буд ва акнун аз шарм ва пушаймонӣ месӯхт, менигарист. Нишона дар чойчӯш об гарм мекард.

— Холачон, маро дашном деҳ, зан, аммо хомӯш наист, мекафам, — гуфт Зебо, нигоҳи соҳиби хонаро ҳис карда ва ба ҳаракатҳои ҳамвори Нишона беҳис нигариста. Ҳайрони тамкини дугонааш худ ором буда наметавонист. Дар идора низ пардаҳоро Нишона аз тиреза канд. Худаш ҳарчанд зӯр зад, онҳоро кушода натавонист.

— Худо аз ин бадтар накунад, — гуфт соҳибхона ки дар ин кор худро баробари духтарон гунаҳгор медонист. — Оне ки моро ба чунин рӯз расонда аст, худаш мебахшад...

Пардаҳои вақте сафед ва алҳол сиёҳ дар дасти Нишонаи озодакор ранги пештарaро мегирифтанд, аммо ба назари модар аз почомаворӣ дида, ба кафанворӣ монанд буданд. Хайрия аз ин андешаи ночо халосӣ хоста, пурсид:

— Ҳаво чӣ хел бошад?

— Обҳо ях карда анд, — чавоб дод Зебо.

Дигар гапи гуфтанӣ наёфтанд. Нишона пардаҳои шустаашро бо ҳавсала ранг мекард — ранги сабз, ранги дӯстдоштаи худаш ва Диловар.

— Хоб кун, духтарам,— бо нимовоз гуфт Хайрия ки хоби худаш батамом гурехта буд.

Зебо дар такяи сандалӣ пинак мерафт. Гоҳ-гоҳ чашм кушода, Нишонаро машғули кор дида, боз чашмонашро мепӯшид.

Алам гурусна монда, бедор шуд. Нишона кӯдакро аз гаҳвора кушода, ба бағали Зебо монд. Кӯдак бо дастакони лоғараш ангушти занро пайдо карда, ба даҳон бурд. Дили меҳмон сӯрох шуд:

— Дареғ ки шир надорам ва туро маконда наметавонам,— ба пушти кӯдак тап-тап зада, гуфт бо алам Зебо.— Аллаат гӯям, хоб мекунӣ? — маслиҳат пурсид аз кӯдаки гурусна. Бисёр мехост бо касе гуфтугӯ бикунад, то даме пардаҳои зормонда фаромӯш шаванд. Ӯ бо овози маҳини ларзонаш ба аллагӯйӣ пардохт. Нишона пардаҳои рангкардаашро ба чӯби таги сандалӣ овехта, маҳзунона ба лабони дугонааш менигарист. Зебо худаш ва кӯдакро, алами сӯзонашро, пушаймонӣ ва бечорагиашро, ҷавонии барбодрафтаашро алла мегуфт:

Тарки сараме мисоли чӯби тар сӯхт,
Ҷон ва ҷигарам барои як модар сӯхт.
Ғамҳои дилма дар қади ов сар додам,
Сангои қади ҷӯйбор сар то сар сӯхт.

Бачаи ҷонам, алла
Марди калонам, алла,
Дарде ба ҷонам, алла,
Хуш меҳрубонам, алла,
Аллаё, аллаё, алла!

Ман ташна аму об зи ҷӯ мегузарад,
Ёре ба сари даст сабӯ мегузарад.
Бе ту бигузашт, ними умрам, ай вой,
Ними дигараш дар ғами ту мегузарад.

Алла, ҷон ва ҷонона,

Марди калони хона,
Аллаё, аллаё, алла!

Зебо бо даҳшат дарёфт ки тифли ширхора суханони аламии ӯро мефаҳмад. Ё чунин буд, ё ба назараш намуд. Дар чашмони хоболуди тифл ашк дурахшид.

Нишона кӯдакро шир дода, ба гаҳвора баст. Болиштро зери сари дугонааш гузошта, ишора кард: «Хоб кун!» Онон ки аз нигоҳи якдигар майли гурехтан доштанд, беихтиёр ба чашми якдигар нигаристанд. Нигоҳашон маҳзуну узр талаб буд. Зебо чашм пӯшид, аммо хоби гурехтааш дур буд. «Ҳамаи дуздҳо мисли ӯ бехоб бошанд? — хаёлан пурсид аз худ. Ӯ низ дуздӣ кард, дуздӣ кард ва ба даст наафтод. Пагоҳ дар деҳа хабари дуздидани пардаҳои ҷамоат паҳн мешавад. Ба савол ва нигоҳи мардум тоб меоварда бошад? Мабодо тоб наоварад? Мабодо нақл кунад? На танҳо худаш, Нишонаи хайрхоҳ низ шарманда мешавад. Сабзбаҳориён ки қуфл ва калидро намедонанд, баъди гум шудани пардаҳо ба якдигар бо назари шубҳа хоҳанд нигарист. Дузди ҳақиқӣ беҷазо мегардад? «Ба гуноҳам иқрор шавам, занҳо маро мебахшанд». «Алҳол не». «Чаро алҳол не?» «Ҳозир иқрор мешавӣ!» фармудаш Зебои дигаре. Ӯ ҷаста аз ҷой хест. Пардаҳои ранг гирифта ва хушкидаро ки Нишона майли бурида, поҷома дӯхтан дошт, чанг зада кулӯла кард ва ба тоқ партофт. «То ин поҷомаро пӯшидан бе поҷома ба Сталинобод равам, беҳтар аст» — гуфт бо овози баланд.

Микроз аз дасти Нишона афтод. Ӯ гунаҳкорона сар хам кард.

Зебо ки дилаш кушода шуда буд, дугонаашро оғӯш гирифта гуфт:

— Пардаҳои сабзро пагоҳ ба тирезаи идораи ҷамоат меовезем.

Нишона низ дугонаашро оғӯш кард. Ҳард ва оҳи сабук кашиданд. Хайрияро гӯё аз болояш тахтасангеро гирифта буданд, худро сабук ҳис карда, чашмони аз бедорхобӣ хастаашро пӯшид.

# БОБИ ПАНҶУМ

Нишона бузро ҷӯшида, косачаи ширро напухта, назди Алам ки акнун пар ва по бароварда, рӯ ба беҳӣ оварда аст, гузошт. Медонист ки шири хом, махсус шири буз бақувват аст. Алам қошуқчаи чӯбини секунҷа дар даст рӯйи коса сар хам кард. Модар ва духтар табассумкунон маҳзун ба якдигар нигаристанд. Нигоҳашон саршори ҳузн буд.

Даме нагузашта, бача аз остини холааш кашида, таги косаи холиро ба ӯ намуд. Хола худро ба нодонӣ зада, аз зери хокистар кадучаи ҳил-ҳил пухтаро берун оварда, болои дастархон гузошт. Бача кокулони холааш дар панҷааш ӯро сӯйи хурмаи шир кашола кард.

Лабони пуртабассуми духтар меҷӯшиданд. Хурмаи шир аз назари бача дур намонда буд. Чун косаро ба хурмача наздик овард, кӯдак онро чунон айёрона чаппа кард ки косааш лаболаб пур шуд. Ӯ дигар ба ихтирои ҷиян монеъ нашуд. Дар ин хона ҳама чиз фидои ин кӯдак буд. Худаш низ бо мадори ханда ва гиря, ноз ва нағмаи ӯ мезист. Бачаи сер ва хушҳол аз пайи бузича давида, афтод ва қоҳ-қоҳ хандид. «Гурусна мебуд ва меафтид, ҳатман мегирист», — ҳамроҳи кӯдак хандида, аз дил гузаронд Нишона. Зинда гардидани табиат кӯдакро беқарор, духтарро орзуманд карда буд. Ҳар дам дар лабонаш табассум мешукуфт. Табассум ва хушҳолии духтар модарашро умр мебахшид.

Шӯшаҳои бомгӯшаҳо рӯзорӯз гирёнтар шуда, аз расидани марги зимистон хабар медоданд. Табиати зиндагизо одамонро аз хонаҳои дудзада берун мекашид. Баҳорро пеш аз ҳама бачаҳо бо ҳаёҳую таронахонӣ истиқбол карданд. Аксари онҳо ба ятимӣ тан додан намехостанд. Раҳгузаре хоҳ худӣ, хоҳ бегона аз чашми кӯдакон дур намемонд. Бачаҳои роҳи падаронро интизор ба бозгашташон бовар доштанд.

Ин саҳар низ бачаҳо атрофро бо нигоҳи шубҳазо озмуда, боми масҷидро хилват ёфта, хурсанд шуданд. Барои бозӣ бом ниҳоят мувофиқ буд, аммо на як бор ва ду бор зери кулӯхборон монда, тарсон буданд. Гоҳо ба бозӣ саргарм шуда, дар ғафлат мемонданд. Имрӯз низ ҳамчунин шуд. Санг ва кулӯхи ба сарашон борида, маҷбурашон кард ҳамагӣ рӯйи бом парӯ бихобанд. Поён байни Нишона ва Хосият баҳс ва хархашае шуд ногуфтанӣ. Духтар банди дасти занаки аловгирифтаро дошта меафшонд, то даме санг аз дасташ афтод. Хосият санги дигареро гирифтанӣ шуд. Нишона ҳар ду дасти ӯро маҳкам дошт. Дастон ва лабонаш, чашмони меҳрубони духтар ба гап даромаданд:

«Мон, бачаҳо бозӣ кунанд. Онҳо чӣ гуноҳ карданд ки ба сарашон санг меандозӣ. Нарас ба бачаҳои ман!»

— Э, дар падари бачаҳоят раҳмат! Замонаи пеш мебуд, барои ба боми масҷид баромадан бачаҳоро сангсор мекарданд.

Зан боз ба замин хам шуд. Боз Нишона дасташро дошт:

«Ҳақ надорӣ, бачаҳои маро ҷанг кунӣ». Хосият маънии ҷӯшидани лабони духтарро ба тариқи худ чунин фаҳмида, нарм шуд.

— Илоҳӣ сабад монда, чӯҷа гирӣ, аз ин ҳам сербача шавӣ. Бачаро тарбия кардан лозим, тарбия! Бачаҳои ту сарҳуй монда, беодоб шуда анд.

— Бачаҳои ман ба гуноҳ нарасида анд, мон, бозӣ кунанд!

Зан шарҳи мураббияро ки шояд дигар буд, чунин фаҳмида, табассум кард, аммо аз чӣ бошад Нишона сурх шуд:

— Аз рӯйи шариат, духтар дар нӯҳ, бача дар дувоздаҳсолагӣ ба гуноҳ мерасад. Мӯйлаби Аҳмадат як ваҷаб ва ба гуноҳ нарасида аст, мегӯйӣ. Ку зуд фароед, дар зот ва бунёди ҳамаат раҳмат! — боз шӯрид Хосият.

— Нафароед, — ишора кард Нишона ба бачаҳои гунҷишкворе аз гӯшаи бом сар бардошта ва ба мураббия нигарон.

— Агар онҳоро худат мезоидӣ, тори сарамон гаҳвора меҷунбондӣ? Ку фароед, беимонҳо! Кофирҳо! Худат ҳам кофирӣ, бачаҳоят ҳам. — Хосият беҳудагии баҳсашро бо «очакалон» фаҳмида, ба роҳи худ ғут-ғуткунон рафт.

Ҳеҷ кас майли фуромадан накард. Хосият аз «кофирҳо» гиламанд даст афшонд ва рафт.

Нишона ҷорӯбашро бардошта, ба меҳмонхонаи масҷид даромад. Вай соҳибхонаи сертараддудеро мемонад ки ба истиқболи меҳмонони олиқадр мантиқ меорояд ва аз кораш ҳанӯз қаноатманд нест. Имрӯз ҳам шифт ва деворҳои масҷидро ҷорӯб зад.

Бачаҳо оқибат аз бозӣ сер шуда ва гурусна монда, назди мураббия расиданд. Ӯро дар ҳолате ёфтанд ки аз дур бо нигоҳ сифати корашро месанҷид:

— Хонаи моро чӣ намерасад? — мегуфт нигоҳи мураббия. Бачаҳо низ бо нигоҳи санҷиш меҳмонхонаро аз назар гузаронданд. Яке кӯрпачаҳои аз хонаашон овардаро густурд, дигаре кӯзаҳоро аз об пур кард, сеюмӣ чароғҳои сиёҳро тоза кард.

— Боз чӣ намерасад? — дастони мураббия ҳаракат карданд ва абрӯвони пайвастааш боло шуданд.

— Чӯби хушк! — гуфт яке.

— Дастархон! — гуфт дигаре.

— Навдаҳои сабзи маҷнунбед ва гули сияҳгӯш, — гуфт Аҳмад, аз ҳама пеш ки мураббияашро аз нигоҳаш мефаҳмид.

Чашмони духтар барқ заданд ва лабонаш шукуфтанд. Китфони ятимакро меҳрубонона навозиш кард. Аҳмади барои донояш соҳиби як дона қурут шуда, ғолибона сӯйи ҳамсолонаш менигарист, рухсораш арғувонӣ буд.

Нишона ки баробари дидани кӯдакони шӯх ва бозигар носозиҳои рӯзгорашро фаромӯш мекард, имрӯз низ ғубори дилашро бачаҳо баровარданд. Ӯ хурсанд буд ки бачаҳояш минбаъд ҳар пагоҳ даста-даста аз дари масҷид ворид шуда, то бирён шудани нахӯд ё гандум гирди дегро мепечонанд. Баъд Нишона ба доман ва тоқии ҳар кадом гандум ё нахӯди сӯзон медиҳад. Онҳо ин лаҳзаҳоро чӣ гуна бо беқарорӣ интизор мешуданд!

Нишона корҳои масҷидро ба сомон расонида, ба дуда рӯб ва сафед кардани долони хонаашон пардохт. Гоҳе ӯ беихтиёр сӯйи бом ки чанде пеш бачаҳо аз бими Хосият парӯ афтода, мехобиданд, нигариста, худ ба худ табассум кард. Ӯ медонист ки бачаҳо дар теппа бо дастакони шахшӯли собун надидаашон, аз таги барф, барои ороиши наврӯзии масҷид сияҳгӯш ва барои мураббияашон решаи сеч меҷустанд.

«Дастакот хунук хӯрданд, Аҳмад. Эҳтиёт шав, боз касал нашавӣ!» хаёлан муроҷиат кард ба бачаи ятим ва бекас.

Аҳмади ятим дар хонаи амаки ба ҷанг рафтааш мезист. Зани амакаш зимистон ӯро гирди сандалӣ гунҷонда наметавонист, чун замин хушк мешуд, Аҳмадак Аҳмадҷон шуд.

Ин зимистон ҷӯйборҳо ях баста анд. Бача ҳар рӯз аз чашма об мекашонд. Кӯзаи Нишонаро низ гирифта, барояшон об меовард. Рӯзе аз чашма то хонаи Нишона ба зӯр расида, дигар аз ҷой хеста натавонист. Зани амакаш боре ба аёдати бачаи бемор наомад. Шири бузи калро чор тақсим карданд. Бача ба по хеста, гули аввалини баҳорро имсол ба Нишона бахшид ва боз ба хонаи амакаш рафт.

Духтар ба оҳак об рехта, ҷорӯбро тар кард, орзуҳои наврӯзияшро дар нақшҳои барои худаш хоно ва гӯё ба шифт ва деворҳои хона ва айвон сабт мекард. Баҳор олами орзубунёди духтари бенасибро рангин карда буд. Дар чунин лаҳзаҳо одатан хаёлан бо

Диловар сӯҳбат мекард. Чанд рӯз аст ки ӯ бо ёри ғарибаш сӯҳбаткунон ғубори зимистони пурмашаққатро аз дил мерӯбад.

— Наврӯз муборак!

Нишона табрики ҷавононро нашунид.

— Наврӯз муборак! — гуфт Зафар.

Зулайхо аз остини ӯ кашида, сахт тарсондаш.

— Эҳе, дар кучо сайр мекунӣ? Наврӯз омада аст! Нишона ба китфи ҷавон ва духтар ба маънии «бахтатон сафед шавад», орд пошид. Зафар навдаи сабзи маҷнунбедро ба кокули Нишона баста, ҷорӯбро аз дасти ӯ гирифтанӣ шуд.

— Арғунчакро соз кунед! — духтар ресмон ба дасти ҷавон дода, сӯйи дарахти тут ишора кард.

Ҷавонҳо арғунчак мебастанд ва духтар ҳавасманд сӯяшон менигарист. Ҳарчанд Нишона танҳоиро хуш карда буд, алҳол аз дидани ҷавонҳо хурсанд шуд. Борҳо мешуд, духтари танҳои хаёлпараст китфон, бозувони қавии ёрашро навозиш мекард, тани хаста ва сари танҳои худро дар паноҳи пайкари ҳузарби ёр медид. Онҳо ҳамроҳ гул мечиданд, дар ҳаёта сабзкорӣ мекарданд, аз чашма об меоварданд. Вақтҳои охир хобпар шуд. То дарз овардани чодари сиёҳи шаб хобаш намебурд. Чун ғанаб мекард, беихтиёр тарсида, бедор мешуд. Ӯ ҳамеша аз чизе ҳаросон ва касеро интизор буд. Пештар вақте ки Алам хурд буд, ӯ чунин аз хоб сер намешуд, кӯдак зуд-зуд бедор мешуд. Чун хола садояшро нашунавад, кокулони ӯро кашида, тарсонда бедораш мекард. Баъд бачаро хоб мебурд ва худ хуфта наметавонист. Лоғар шуда буд, аммо чеҳраи ширвор сафед ва гесӯвони марғулаи ҳинорангаш, лабони ақиқаш қосиди фасли баҳори умраш буданд. Духтар ғунчаеро мемонд ки барои шукуфтанаш қатрае об ва заррае офтоб камӣ мекард. Азизи ғарибафтодаи дилашро ёд карда буд. Ҳузни наврӯзияшро чашмони маҳзунаш менамуданд. Ӯ бо ғам ва шодии худ танҳои

танҳо буд. Мехост модари оҷизаш ки барои ҷурми модарзодии ӯ пинҳон ва аён ғам мехӯрд, танҳо ханда ва шодияшро бубинад ва бидонад. Модар боре мактуби Диловарро дар дасти духтараш дида, ҷойи шодӣ кардан чашмонашро ашк сӯзонд. Ӯ ҳис мекард, ҳар қадар духтар баркамол мешуд, он қадар аз ҳамдеҳаҳо дурӣ меҷуст. Тахмини модар беҷо набуд: Нишонаро чунин менамуд ки мардум ҷурми ӯро ҳамеша дар ёд доранд. Забонашон хомӯш бошад ҳам, нигоҳашон сад забон дорад. Тараҳҳуми баҷо ва ноҷояашон дили шикастаашро сахттар мешикаст. Худро аз касе кам намедонист, аммо одамон камии ӯро ҳар дам хоҳ ва нохоҳ хотиррасон мекарданд. Духтари безабон забони нигоҳҳоро хуб омӯхта буд. «Ҳайф, бо чунин рӯю мӯйи зебо забони гӯё ва гӯши шунаво надорад». Зулфони дарозашро худаш майдабофӣ мекард. Модар чил кокули духтарашро қабза карда, мебӯсид ва мебӯйид ва оҳ кашида мегуфт: «Домодам ба камаш бояд шоҳзодаи Бағдод бошад». Ӯ ки аз қиссаҳои олам, танҳо «Ҳазор ва як шаб»-ро хуш карда буд, барои духтари нозанинаш танҳо шоҳзодаро сазовор медонист. Медонист ки дар Сабзбаҳор шоҳзодае буд ки зиндагӣ барои духтар бе ӯ рӯзи сиёҳ, бо ӯ бахти бахтҳост, аммо...

Нишона ҳамроҳи Зафар ва Зулайхо ҷогаҳи модарашро аз хона ба долон баровард. Чашмони ба нимторикӣ одаткардаи оҷиза чанде нимпӯш ба дар ва девори ороста нигариста, хушҳол дурахшиданд. Зан гиребони шукрона дошта, зери лаб чанде дуохонӣ кард. Зафар духтаронро дар алвончак бо шаст бод медод ва аз ҳаёҳую ҳаросашон завқ бурда механдид. Нишона Аламро ҳам ба бағал гирифт. Ҷуфти парастуе ки таги долонашон ҷойи лона мекофт, бо шодии духтарон ҷӯр шуда, мусобиқакунон ба парвоз омад. Алам завқ карда, беист механдид. Нишона кӯдакро оғӯшкунон бо чашмони пӯшида алвонҷ мерафт. Даме аз худ бехабар шуд ва чунон намуд ки ӯро Зафари ҳамсоя не, Диловар

алвонҷ медиҳад ва хоҳарзодаашро не, писари худро бағал карда аст. Ҳар се сӯйи абрҳои сафед парвоз мекунанд. Духтар аз олами мавҷуда чунон дур рафта буд ки ӯро ва кӯдакро Зулайхо намедошт, афтоданаш яқин буд. Чашм кушода, тарсашро бо хандаи ҳузнолуд фурӯ бурд ва сӯйи модари ҳаросонаш нигарист. Зафар ва Зулайхо ба алвончак нишастанд, серӣ якдигарро дар алвончак ҷунбонда, ханда ва шодӣ карданд ва ҳамчунон хандон ва хушбахт давида рафтанд. Нишона ҷавонҳоро табассумкунон то таги дарвоза гусел кард.

Бача чанги ҳавлиро бардошта, аз пайи бузғола ки ҳадяи нави калбуз буд, медавид... Кӯдаки ҷангзода, акнун ба чор қадам монда буд ва ба қавли бибияш ҷони беқарораш дар танаш намегунҷид. Баҳор раг ва пайванди шахшудаи модарро низ ба ҳаракат оварда буд.

«Ту буз нестӣ, балоӣ, ай чор модагов болоӣ. Дастгири сағирҳоӣ, бузакам, ҷигӣ, ҷигӣ», — барои набераащ, шояд барои дили худаш ки пур буд, мехонд бибӣ. Кӯдаки по ва пар бароварда, забон низ баровард ва бибияшро сахт хушбахт кард. Ӯ ҳаросе дошт ки мабодо бача низ безабон монад. Кӯдак беист бо бузғола он қадар гап мезад ки бибияш гоҳе сардард шуда, хоҳиш мекард Нишона гӯшҳояшро бандад. Духтар табассумкунон ба модараш муқобилият мекард: «Мисли ман мебуд, чӣ кор мекардӣ? «Астағфируллоҳ!» — зери лаб тавба мекард модар ва зуд гӯшҳояшро мекушод. «Гап зан, гап зан, бибит садқат!»

Алам Нишонаро Шона мегуфт. Ин ном ба Зебо ва модар низ хуш омад ва Нишона Шона шуд.

Нишона ҷавононро гусел карда баргашт ва модараш якпаҳлӯ хобида, набераашро танбеҳ медод.

«Чӣ кор кардӣ, Алам? Бист ва як рӯз холаи бечораат ҳар рӯз оби ин сабзаро нав мекард...»

Нишона табақи гандуми сабзидаро назди бузғола чаппа дида, ҳангаш канд. Ҷонвар бо иштиҳо майсаи

нешзадаро мехӯрд ва бача бо ҳавас менигарист. Димоғи духтар дуд кард:

«Ба дастархони наврӯзӣ чӣ мемонем?» бо алам андешид ӯ, ба пешонии фарохи ҷонварак шаппотие фаровarда ва гӯши бачаро сахт тоб дода. Сабзаҳои мондаро ҷамъ карда, бо тарозуи нигоҳ санҷида, тахмин кард: «Барои як ду кулча мерасад».

— Як мавизро чил қаландар хӯрда аст, — ӯро тасалло дод модар ки худро дар ин қисса низ чун ҳамеша гунаҳкор медонист. Духтар таги нигоҳи узрхоҳи модарро фаҳмид. Вақтҳои охир пайваста нигоҳи хаста ва андешаманди модарашро сӯйи худ ва кӯдак эҳсос карда, дилаш вайрон мешуд ва дарк мекард ки модар танҳо мондани духтар ва набераашро ҳамеша дар ёд дорад.

— Наврӯз муборак, Наврӯз муборак! — садо карданд кӯдакон аз сари кӯча.

— Ба Наврӯз расидем! — шукрона кард модар. — Наврӯзи шумо ҳам муборак!

Нишона чормағз дар остин ба кӯча давид ва гули наврӯзӣ дар буни гӯш баргашт.

— Бачаҳоят наврӯзӣ оварданд? Илоҳо, армонат аз бачаҳоят шиканад! — гулро бӯсида ва ба чашм ва абрӯ молида, шукркунон гуфт модар. — Ту кай барои мо гул меорӣ, алами бибӣ? — рӯ овард ба набера ки гули сияҳгӯшро ҷойи ба тоқияш задан ба даҳон мебурд. Бача гӯё интизори ишора буд ки «аспашро» навдаи сабзи бедро қамчин зада, ба кӯча давад.

«Ба баҳор расидем, иншооллоҳ имсол намемирем! Аҷал ҳам дар баҳор аз марги одам ҳазар мекарда аст» — меандешид модар, ба гулҳо нигариста. Аҷиб буд ки алҳол духтар низ дар ин бора меандешид. Вақтҳои охир ӯ дар бораи марг зуд-зуд меандешид. Ҷойи ягон мард як порча хати сиёҳ ояд, касе бемор шавад, марг чун

тортанак дар осмони андешаҳояш чанд рӯз тор метанид.

Духтар бо даҳшат дармеёфт ки пайкари модараш пеши назараш рӯзорӯз хурдтар мешавад ва нигоҳаш маҳзунтар. Ҳоло низ модар гулро бӯйида, табассум карданӣ шуд ва натавонист. Нишона сари по наздаш нишаста, мӯйҳои сафедашро ороста ва навозиш кард.

— Наврӯз муборак! Дӯстон тоҷи сар, душманон хоки тар, — навдаи муғҷадори маҷнунбед дар даст, аз ҳавлӣ гап сар кард Марзия ки дар ин хонаи ниёзманди меҳмон ҳеҷ интизораш набуданд. Ӯ гӯшаи болини Хайрияро бо муроди шифо бардошта, гуфт: — Зудтар шифо ёбӣ, дардат сабук шавад.

— Наврӯзи ту ҳам муборак! Саидҷонат сиҳат ва саломат баргардад, тӯю тамошо шавад, — якдаста омин кард Хайрия. — Хуш омадӣ!

Алами навдасавор ба хонаашон омадани меҳмонро дида, давида омад ва ба остини кампир чашм дӯхт.

— Эҳа, ин бача намурда, одам шуд-ку. Ҳай, ҳай, ин ҷо биё, полвон!— Кӯдак песонда ба меҳмон нигарист.

— Ин ҷо биё. Бачаи бало шуда аст-а? — таърифи меҳмон ба дили абгори бибӣ тир зад. — Кӣ мегуфт ҳамин як реза гӯшт одам мешавад? Аз ҷони набаромада умед ҳаст.

Алам нағмаҳои нав ба нав мекард. Навдаи овардаи кампирро савор шуда медавид, худ ба худ завқида механдид, меафтод ва мехест.

— Бачаи мо мард мешавад, — оҳ кашид Хайрия ки аз бими чашми бади кампир дар дилаш ларза афтода буд ва мехост кӯдакро бо баҳонае аз назди кампир дур кунад. — Рав, ҷони бибӣ, бозӣ кун!

— То гӯсола гов шавад, дили соҳибаш об шавад — гуфт Марзия. — Гӯсолаи шуданист, ин бача, шерзод ин

ҷо биё! — Кӯдак аз остини кампир умедашро канда рафт.

— То мард шудани ин ятимак чӣ қадар мардони асил ғарибхок мешаванд, — оҳи бадард кашид соҳиби хона.

— Ҳа, Хайрия, олам одамхӯр шуда аст. Ҳай-ҳай...

Нишона назди меҳмон дастархон густурд. Ӯ кампирро дӯст намедошт, аз омаданаш хурсанд набуд, бадию балоияшро нисбат ба дугонааш намебахшид. Наврӯзи гуноҳ бахш ва гуноҳ сӯз омада буд.

Байни меҳмон ва соҳибхона чӣ гуфтугӯ мешуд, духтар намедонист, аммо аз табъи хираи модар пай мебурд ки кампир носазо гуфта аст.

Дили ҳассос ва пешбини Хайрияро ки тамоми рӯз офтобӣ буд, абри тира печонд. Ӯро хоҳише пайдо шуд ки кӯрпаро ба сар кашида, худро хобида вонамуд кунад ва аз ҷоғи кампир ки ба ҷонаш расида буд, халос шавад.

— Ба хонаи хоҳарам наврӯзӣ бурдам. Аз гуноҳам гузашт. Гуноҳ-а? Гуноҳро кӣ кунад ва азобашро кӣ кашад, — гуфт пас меҳмон.

— Хайрият, хайрият, — оштишавии хоҳаронро муборакбод кард соҳиби хона. — Гуноҳ барои бахшидан аст, дугона! Хуб кардӣ. Нохунро аз гӯшт ҷудо карда намешавад.

Аз хонаи хоҳараш рост ба хонаи Хайрия омадани Марзия бесабаб набуд. Медонист ки ин навигарӣ ҳатман ба гӯши қудояш Нурия расида, бетаъсир намемонад. Чанд наврӯз пушти сар шуда буд, аммо қудоҳо ҳанӯз ногап буданд. Марзия бо сухан не, бо амал исбот карданӣ буд ки бо қудояш на дар ин наврӯз, на дар бадрӯз майли оштишавӣ надорад. Мизбон мақсади меҳмони сергапро фаҳмида, дигар пурсуҷӯ накард.

— Духтари шоҳи Балх наомада аст? — муроҷиат кард ӯ ба соҳиби хона, Зеборо дар назар дошта.

- Не, — сар ҷунбонд мизбон ки зудтар рафтани меҳмонро мехост.

— Марзия барои духтари Наим шуда, аз ҷон ва ҷигараш рӯй намегардонад! — роҳравон гуфт кампир. Хайрия ҷавоб надод. Марзия дид ки навигарии аҷиб ба ин хонавода таъсире намекунад, аз ҷой хест.

Занак аз дарвоза дур нашуда, кӯдак аз пайи бузғола давида, саракӣ ба оташдон афтод.

— Ана тири чашм, — фиғон кард бибӣ. — Вой, вой, бачама гир!

Нишона кӯдаки хокистар олуд ва тарсидаро аз оташдон берун кашид. Ба бахти кӯдак оташдон сард буд. Сари кӯдак сахт зарб хӯрда, аз чашм ва даҳонаш об мерафт.

Кӯдаки даме пеш давон ва хандон гирён ва нолон ва бистарӣ шуд.

— Бача сари чашм рафт, илоҳо, кафад чашми бад ки аз дили бад аст. Аз либоси кампир буриш ёфтан даркор. Нишона, дав! — менолид оҷиза.

Шодии наврӯзии Нишонаро кӯдаки гирён барҳам зад. Ӯ ки дамеро бе ин кӯдаки пур гап ва хандонрӯй ва шӯх тасаввур карда наметавонист, алҳол рӯяшро ба пешонии кӯдак гузошта, гӯё дардашро ба худ гузарондан мехост. Алам хомӯшона бо чашмони аз дард зардшуда ба холааш менигарист ва гӯё ӯро намешинохт. Пеши назари Нишона азобе ки то ба по мондани кӯдак кашида буд, ҷилвагар шуд. «Агар Алам бимирад, худамро оташ мезанам».

Модар чун ҳамеша фикри духтарашро хонда, фиғон кашид:

— Одами мурдаро дубора намекушанд, Нишона! Духтар латтаи тарро бори дигар ба пешонаи варамидаи кӯдак гузошт.

— По ва пар медоштам, ҳолӣ куртаи Марзия таҳдаргирони алавам мешуд. Чашми бадаш илоҳо кафад!

Хайрияи ҳамеша хушлафз ва бо мулоҳиза ҳоло рӯирост меҳмонро ҳақорат дода, духтарашро аз пайи занаки бадчашм фиристоданӣ шуд.

— Бе нишонаи кампир барнагард! — таъкид кард. Нишона аз зинаи долон пойлуч саросема фуромад. Кафшаш дар дасташ давида рафтанӣ шуд. Чӣ гуна дар остона пайдо шудани Зеборо модар ва духтар надиданд.

— Наврӯз муборак! — Зебо бо даст чашмони духтарро пӯшида, рӯймоли гардии сурхро ба сари ӯ баст.

Нишонаро гӯё афсун карда бошанд, дар ҷояш беҳаракат меистод.

— Чӣ гап, тинҷист? Хола, хобӣ ё бедор? Шери хола, чӣ дар рӯзи равшан таги кӯрпа даромадаӣ? — аз остона саволборон кард Зебо ҳамаро.

— Дар чашми хушдоманат алав, кӯдакро чашм кард, — беҳолона арз кард Хайрия. Зебо хандаашро базӯр нигоҳ дошта, сари по нишаст ва ба пешонаи тафсони кӯдак даст ниҳод. Қиссаи ба ин ҳол афтодани кӯдакро шунида, намедонист тарафи киро гирад.

— Аз либоси кампир буриш даркор, — гуфт Хайрия. — Дуд кунед, бача сиҳат мешавад.

Зебо ки таъсири мақоли «ихлос ва халос»-ро на як бор ва ду бор санҷида ва дида буд, рӯймолашро аз сар гирифта, ба Нишона дароз кард.

— Гир, аз риштааш канда дуд кун, рӯймоли кампир аст.

Модар ва духтар кӯдаквор шодӣ карданд, зеро ба ин зудӣ аз чашми бади Марзия халос шудани кӯдакро интизор набуданд. Нишона риштаи рӯймоли тӯрбофиро бо нӯги сӯзан канда, ҳамроҳи ҳазориспанд

дуд карда, гирди сари кӯдак гардонд. Дуди кабуд гирди сари кӯдак фағона зад. Бачаи дудхӯрда пайиҳам чанд бор атса зад.

— Пир шав! Мард шав! Ана дидӣ? Заҳри чашми бад аз тани кӯдак мегурезад. Нағз мешавад, — хотирҷамъ шуд Хайрия ки лаҳзае пеш мӯйи оташгирифтаро мемонд.

Духтар косаи сафолиеро ки андарунаш ҳазориспанд дуд мекард, назди болини кӯдак гузошт.

— Эҳа, Нишона, рӯймоли нав муборак! Насиб кунад! Аз куҷо? — Модар оқибат рӯймоли нави духтарашро муборакбодӣ кард.

— Ками мо ва карами шумо! — гуфт Зебо бори нахуст аз номи хонавода ба Нишона ҳақрас буданашро изҳор карда. Наврӯзии ман ва модарам, хола.

— Пиллагии[6] туро модарам аз сар намегирад, — ба духтар ишора кард дугонааш. Нишонаро, гӯё сахт пучида бошанд, беихтиёр абрӯ чин кард.

Оне ки бо умед рӯймол бофта буд, аз модари Диловар чунин суханонро умед надошт. Нурия он гоҳ рӯймолро ба сар баста, ҳунари хешдухтарашро таърифкунон гуфта буд: «Дастат дардро набинад хешдухтар, хостгорӣ рафтанӣ будам, сарбандам кӯҳна аст». Нишона он гоҳ аз назди модараш ки бо нигоҳе дили духтарашро фаҳмида, хомӯшона бо ӯ мепечид, аз назди меҳмон оҳиста хест. Кӯзаашро гирифта, сӯйи чашма рафт. Барои об не, барои афзун кардани оби чашма рафт, — аз ашки алам ва ноумедӣ. Минбаъд ҳар бор рӯймоли ҳадяашро дар сари кампир медид, дилаш аз он ёди талх ба дард меомад. Алҳол низ чунин шуд. Зебо аз дугонааш бехабар ба дилаш нештар зад.

Нишона кайҳо чиҳози тӯяшро ҷамъ оварда буд, аммо хостгорҳо аз паси дарвозаи онҳо гузашта, ба

---

[6] Пиллагӣ – навъе рӯймоли дастбоф аз абрешими хом.

хонаи дигарон мерафтанд. Гоҳо муштоқона тӯйи худаш ва Диловарро хоб медид. Медонист ки тӯйро хоб дидан хуб нест, аммо хоб дидани тӯйи худаш ниҳоят хуш буд. Бовар дошт ки Диловар дар паноҳи ишқи ӯ зинда ва саломат бармегардад. Дар Наврӯз ҷиҳози арӯсияшро ки худ гулдӯзӣ карда буд, ба сари борчӯб паҳн карда, бо умед ба куртаи худ ва модараш ва Алам тугмаи нав дӯхт.

— Диловар баргардад, ҳама амон куртаи нав мепӯшем, — гуфт Зебо ки мехост рост ва дурӯғ дили дардманди дӯстонашро ба даст орад.

— Илоҳо, ба ҳамон рӯз расем, — гуфт Хайрия ки аз бача чашми ҳаросашро намеканд.

— Мерасем хола, мерасем, — гуфт Зебо.

— Хушдоманат инсоф надорад, Зебиҷон, — гуфт Хайрия. — Дониста бош, чашми хушдоманат сангро мекафонад. Ӯ на кам ва на зиёд, чибераи Кабир аст.

— Наход? — пурсид Зебо ки албатта аз ҳафт пушти падари духтараш хабар дошт.

— Намедонистӣ?

— Не! Эй, зудтар рӯймолро дӯз. Марзия ташнаи ҷанг ва ҷанҷол аст. Худо накунад ки дар Наврӯз дуоямон кунад. Онҳо дукаса аз пайи риштакашӣ шуданд. Нишона риштаро ба чашми сӯзан гузаронд.

— Намедонистӣ? Ҳай-ҳай...— шавқ кард соҳиби хона. — Минбаъд аз гапаш набаро ки дуояш тирворӣ мерасад.

— Хушдоманам чашми бад медошт, аввал маро аз по меғалтонд, — хандида гуфт Зебо, бо дандон риштаро канда. Ханда ва беғамии ӯ ба соҳиби хона нафорид.

— Нахanд, духтар. Ҳанӯз «лагади гови мурдаро» нахӯрдаӣ. Чашми бад аз дили бад намебуд, як нигоҳи Кабир гардани човандози бечораро мешикаст?

Зебо ҳарчанд ин қиссаро низ хуб медонист, барои дили Хайрия онро аз аввал то охир гӯш кард:

— Кабири раҳматӣ дар дунё ягона одаме буд ки аз пушти чашми бад нон мехӯрд, — гуфт Хайрия ки овозаш ҳангоми нақл кардан меларзид. — Ҳодисае нақл мекунам, шоҳид дорад. Бовар накунӣ аз Халифа пурс, ӯ хубтар медонад.

— Худат нақл кун, холаҷон, ҳоло аз куҷо Халифа боборо меёбам?

«Як сабзбаҳорӣ тӯйи дабдабанок карда аст. Савлати сабзбаҳориҳоро худат медонӣ. Аз зин фароянд ҳам, аз рикоб намефароянд. Қисса кӯтоҳ, чавандозе ҳамаро мағлуб карда, бузро аз таги рони Салими маст ҳам бурда аст. Ана ҳамин вақт набудани Кабири хешат маълум шуда аст. Тӯйдор қасам мехӯрад ки то сабзбаҳориён обрӯи рехтаашонро ҷамъ накунанд, ба таги чойникаш алав намекунад. Агар аҷали чавандоз намерасид, ҳадяҳои гирифтаашро ба асп бор карда, назди зан ва бачаҳояш намерафт? Беҳуда нафси бадро балои ҷон нагуфта анд.

Бузи охиринро ба майдон партофта анд. Чавандозҳо гирди准 маслух ҷувозак мерафта анд, аммо боз бузро ҳамон бахтхандидаи аҷалрасида бардошта аст.

«Бе Кабир намешавад! Кабирро аз хонаи духтараш овардан даркор, — гуфта аст пири маърака» — оҳиста ба ёрдамчияш. Тӯйдор одам фиристода аст.

Дар авҷи бузкашӣ дар сари пушта Кабир пайдо шуда аст. Дасташро болои чашм соябон карда, бафурҷа алови чашми бадашро сӯйи чавандози маст равон карда аст. Мегӯянд ки садои дар таги аспи чавандозҳо шикастани гардани бечораро чандин касон шунида анд». Ана оқибати чашми бад, ҷони хола.

Аз чӣ бошад абрӯвони сермӯйи Зебо гиреҳ шуданд. Кӣ медонад ба ёди ӯ кӣ ва чӣ расид. Ӯ

сарбанди хушдоманашро ки вазифаашро адо карда буд, ба сар баста рафтанӣ шуд. Алам дастонашро сахт дошта, ӯро рафтан намемонд.

Зебо лабонашро ба пешонаи сӯзони кӯдак монда, ӯро бардошт:

— Хола, чашм чашм ва кӯдак таб ҳам дорад.

— Табаш таби чашм аст, ҷони хола, — гуфт бибӣ.

— Шона маро гир, Шона, об! Шона, бузғолая биёр,— худро аз бағали Зебо ба бағали холааш зада, ғаш кард кӯдак. Нишона дугонаашро гуселкунон маҳзунона фаҳмонд: «Маъракаи наврӯзиро худат сомон кун. Мани бечора якумр аз хурсандӣ маҳрумам».

Зебо ба сӯйи масҷид ки аз саҳнаш садои доира ва хандаи занҳо шунида мешуд, роҳ гирифт. Ба навбат доира мезананд. Базми наврӯзӣ метафсид. Духтарон Зеборо дида, шавқункунон доираро ба дасташ доданд. Ӯ рад накард. Худаш низ кайҳо дар орзуи чунин базм буд. Зангори дилаш ба қавли модараш «як ваҷаб» шуда, онро танҳо чашмаи сури занони Сабзбаҳор шуста метавонист. Зебо оҳанги «шаҳбарор»-ро, оҳангеро ки танҳо ҳангоми ба хонаи арӯс раҳ гирифтани домод менавозанд, ба навохтан сар кард. Касе ҳайрон нашуд. Занҳои шоҳмардони худро пазмон пайи ҳам ба рақс даромаданд. Дар саҳни масҷид ҷойи сӯзанпартоӣ намонд. Тамоми деҳа ба ин ҷо кӯчида буд ва ғарами чӯб ва кунда ҳо далел буд ки гулхани наврӯзӣ то саҳар фурӯзон мешавад.

Гурӯҳе бо қошуқҳои дарози чӯбин деги суманакро ки балақ-балақ меҷӯшид, кофта тарона мехонданд. Аслия ҳар дам ноаён сӯйи писараш ки гирд-гирди дег, аниқтараш гирд-гирди Зулайхо парвона буд, гоҳ алав мемонд, гоҳ дег мекофт, табассумкунон менигарист ва қудои ояндааш Хосиятро чашмак занон ва завқ кунон мепучид. Зулайхо мехонд ва дигарон сари овози ӯро мегирифтанд:

*Суманак бӯйи баҳор аст,*
*Милаи шабзиндадор аст.*
*Суманак дар дег мо кафча занем,*
*Дигарон дар хоб мо дафча занем.*
*Иди наврӯзӣ муборак!*
*Базми фирӯзӣ муборак!*

Ҳасан Ризо низ ҳамроҳи зан ва арӯсонаш ба наврӯзгоҳ омад. Марҷон ки сулфакунон нӯг-нӯги по мерақсид, раисро ба давра кашид. Шӯр ва мағали занҳо ба осмон печид. Раис бо мадори асояш, балки ҳамроҳи асояш ду-се бор чарх зада, хаста шуд ва кампирашро ба ҷойи худ хонда, акнун каф кӯфта ва чуқур-чуқур нафас гирифта, сарҷунбон табассум мекард. Хурсандии аҳли маърака ба мардак гузашта буд. Аз пайи кампир арӯсонашро ки аз ҳузури ӯ шармида, дар гӯшае ғунча шуда буданд, ба давра кашид.

Тош аз сари деги наврӯзии колхоз дур намешуд. Ҳар дам ба Сафари хирманбон ки таббох буд, супориш дода, зуд-зуд намаки таомро мечашид. Ин кори мудир аз чашми Марҷон ки дастархондори маърака буд, дур намонд. Вақте ки Тош бори дигар кафлезро пури оби шӯрбо карда, ба даҳон мебурд, кампир аз банди дасташ дошта, шӯрборо ба дег рехт ва паст ва сахт гуфт:

— Ҳамин хел намакашро чашидан гирӣ, дигарон бенамак мемонанд. Баъд заҳри марҷониашро низ чаконда монд:

*Ҷое ки ошай,*
*Кал фаррошай!*

Табъи Тош ки аҷаб нест, ба чарби бурутҳояш як пиёла маска сарф карда буд, хира шуд. Ӯ ки аз сари дег бо нигоҳ Зикаро навозиш мекард, акнун намедонист нигоҳи маломат ба куҷо дӯзад. Дар идгоҳ будани зан ва бачаҳояш ӯро дилтанг мекард. Ноаён аз давра баромада, дар гӯшае истод. Чашмони шикории Зика аз

сари дег дур шудани Тошро дарҳол дида, ӯро ҷустанд ва ёфтанд. Мардак ишорае барои ҳардуяшон фаҳмо кард ва ғайб зад. Касе ногоҳ ғайб задани Зикаро низ нафаҳмид.

Духтарон дар гирди гулхан аловпарак карда, гунаҳсӯзӣ мекарданд. Кампири Марҷон ки безурётияшро гуноҳи азим меҳисобид, чанд бор аз рӯйи гулхани фурӯзон сабук ҷаст, аммо сулфааш авҷ гирифт ва ғутғуткунон сӯйи дастархонҳо рафт.

Табақ болои сар, Фотима ва Зӯҳрояш пеш-пеш Нозӣ аз дарвоза даромад. Зебо табакро гирифта, ҳадаҳа доирароро ба дасти занак дод:

— Гир, полвон, дастам дард кард.

Зебо медонист ки имрӯз касе аз касе намеранҷад, аз ин рӯ бемалол Нозиро «полвон» гуфт.

— Кундаи накафонда бошад биёр. Доира зада наметавонам, маро масхара накун.

Нозӣ доира дар даст музтар меистод.

— Натонӣ, ҳам менавозӣ, — аз номи ҳама ҳукм баровард Хосият. Нозӣ доирароро таги каш карда, ду-се бор навохта буд ки рақс қатъ шуд. Раққосон ҳайрон, сипас, хандон сӯяш нигаристанд.

— Ана, дидӣ? — доирароро ба бағали Зулайхо ки аз ханда дилашро медошт, партофта гуфт Нозӣ ба Зебо.

Базм аз нав тафсид. Зикаи ғайбзада нохост байни маърака пайдо шуда, ба рақс даромад. Шаддаи Марҷон болои синааш меларзид. Касе ба ноз ва ҷилваи ӯ аҳамият надод. Ӯ барои занҳои Сабзбаҳор ангушти зиёдаро мемонд ки буданаш малол ва бурида партофтанаш дардовар буд. Зика чандон ба тоби дил майда ва печон, пур ноз ва адо арғушт рафт, оқибат аз бемеҳрии рӯйрости ҳамдеҳагон шасташ гашт ки ҳаракатҳояш суст шуданд. Касе сар ва либоси ороста, абрӯвони барги гули сиёҳгӯшмолида, чашмони сурмарези занакро намедид. Ӯ ба рӯяш оҳаксанг

молида, сиёҳпӯстиашро аёнтар карда буд. Аз бемеҳрии ҳамдеҳагон ранҷида, дар гӯшае қарор гирифт.

Зебо гоҳ дар як гӯша, гоҳ дар гӯшаи дигар пайдо шуда, ба хурсандии мардум шарик мешуд. Ӯ ҳар дам ба долони Нишона ки чароғи сиёҳи камравған хира месӯхт ва худаш аз базми наврӯзӣ маҳрум буд, менигарист. Оқибат Нишонаро дид ки аз таги долон кӯдак дар бағал сӯйи саҳни масҷид ва гулхани фурӯзон базми тафсон менигарад. Зебо дигар бе Нишона базм карда наметавонист. Ӯ аз давра баромада, ноаён аз сари девор ба ҳавлӣ гузашт. Нишона гӯё ӯро интизор буд ки аз дидани дугонааш ниҳоят хурсанд шуд. Хайрия низ кӯдаквор шодӣ кард:

— Дар қадамат садқа, Зебиҷон, ӯро бубар ки худама алав сар медиҳам. Бечора духтарам ҳамин қадар ҷон канда, охири охирон аз базм маҳрум шавад, дилам намекафад? Э, кошкӣ ,дилам мекафид.

— Кӯдакро назди ман хобонда рав, — ишора кард модар.

Нишона муқобилият накард. Кӯдаки хобидаро ки ноҳамвор нафас мекашид, паҳлӯи модараш гузошта, дастархонашро сари даст гирифт. Онҳо дасти ҳамдигарро гирифта, аз девор не, аз дарвоза ба маърака омаданд.

Духтарон аз дидани онҳо шодӣ карданд. Кампири Марҷон «шайхи бериш»-ро дида, зуд намак ва қаланфурро аз ӯ пурсон шуд. Нишона ҳоҷати дастархондорро бароварда, назди раққосон омад, аммо касе ӯро ба давра накашид. Дар ин боб ҳар яке андешаи худро дошт. Нишона дар дил аз занҳо ранҷид. «Як бор маро ба давра кашед, агар рақсида натавонам, худам рад мекунам» — мегуфт нигоҳаш. Ногоҳ ҳодисае рӯй дод ки касе интизораш набуд ва агар худ шоҳид намебуданд, бовар намекарданд: Нишона ба рақс даромад. Вай ки дар умраш нарақсида буд, ба майдон

ворид шуда, ба ҳозирон не, ба замин нигарон мерақсид. Духтар нигоҳи раҳм ва ҳайрат ва аҳсанти одамонро гӯё намедид. Бо нӯги панҷа, мисли Майсаи дар хоб дидааш, арғушт мерафт. Агар ба модараш хабар медоданд ки духтарат забон баровард аст ва суруд мехонад, ин қадар ҳайрон намешуд, магар аз рақси ӯ. Арғушт парвози орзуи дил аст. Духтар садои доираро нашунида, ба ҳавои зарби он, балки бо ҳавои зарби дили худ чунон мафтункунанда мерақсид ки ҳама ба лол буданаш хаёле шубҳа карданд. Ӯ ба рақс даромад ва дигарон аз давра баромаданд. Ӯ инро ҳам гӯё надид. Як деҳа рақси як духтарро тамошокунон каф мезад. Нишонаи дар давра танҳомондаро рақсаш пуршӯртар шуд. Се нафар бо навбат доира зада,  хаста шуданд, ӯ ҳанӯз мерақсид.

Тамоми алам ва ҳасрати дилашро рақсида, ҳозиронро ҳайрон ва гирён карда, оқибат шалпар, аммо хушбахт аз давра баромад. Чашмонаш Зеборо ҷуста ёфтанд. Ӯ худро ба оғӯши дугонааш андохт. Зебо ва Нозӣ кампири Марҷон ва зани раис, худи Ҳасан Ризо аз рухсораи арғувонии ӯ бӯсиданд. Рақси Нишона ҳозиронро ниҳоят хурсанд ва хушҳол кард. Мардум рақси духтари безабонро чун фоли неки соли нав хуш пазируфтанд. Онҳо ақида доштанд ки Наврӯзро чӣ соне истиқбол бигирӣ, тамоми солат ҳамчунон мегузарад. Мардуми ғамзада то Наврӯзи дигар хушрӯз будан мехостанд. Ба гулхани фурӯзон дарзаи пахоли хушк партофтанд ва алав то осмонҳо гул кард. Дастархондорҳо ҳунари худро ба ҳамдеҳаҳо намудан хоста, гирди дастархонҳо парвона мешуданд.

Кампири Марҷон бо дастёронаш дастархонҳои суннатии наврӯзӣ Ҳафтсин ва Ҳафтшин меорост. Дастархони Ҳафтшинро Нурия ба ӯҳда дошт ва Ҳафтсинро Марҷон. Дар байни дастархонҳо пора-пора кунҷолаҳо ситорачаҳои ба дастархони идона рехтаро мемонданд.

— Нурияи ҷон, духтарама ба ин ҷо чеғ зан! — гуфт Марҷон ки аз духтархондаш дар шаби Наврӯз ҳам таъриф шуниданӣ буд. — Ҳо, Зеби дунё, — ба ҷойи Нурия худаш садо кард Зеборо.

«Зеби дунё» дарҳол назди дастархондорҳо пайдо шуд.

— Ку, ҷони оча, нигоҳ кун, дастархонҳо кироиянд ё не.

Духтар ҳунари модар ва модархондашро таърифкунон гуфт:

— Дастархонҳои шоҳона. Ҳай-ҳай. Кай моро чеғ мезанед? — гуфт Зебо.

Марҷон як пора суманакро ба даҳони духтархондаш гузошта, то фурӯ бурдани он ба рӯяш бо меҳр нигарист.

— Худи ҳозир, марҳамат. Аз бозӣ хуб сер шудед?

— Не, ҳолӣ сер нашудем, — гуфт Зебо ва рақскунон ва раҳравон илова кард:

— Мабодо, ёди дӯстонро фаромӯш накардаед? Занҳо аввал ба якдигар, сипас ба дастархонҳои ороста нигаристанд.

— Ба худо ки духтарамон аз мо пухта аст, — гуфт Марҷон баъди рафтани Зебо. Нурия дар тобадон алав карда, болояш сатил ва чойникҳои пуробро гузошта, назди Марҷон омад. Онҳо оби дидагонашонро поккунон ба поси хотири сабзбаҳориёни ғариб афтода ва ғариб хокҳои шаҳид, ба поси хотири онҳое ки дар сарзамини хомӯшон хуфта анд, рӯйи дастархон коса ва пиёла ва қошуқҳои иловагӣ гузоштанд.

Садои ҳаёҳую кафкӯбӣ кампирҳоро боз ба давра кашид. Сафари хирманбон чашмакзанон ва ришҷунбон ҳамроҳи занаш Аслия арғушт мерафт. Марҷон тоқат накарда, худро ба давраи шӯйи собиқ ва палонҷаш зад. Нозӣ аз ханда дилашро дошта, дар ҷой нишаст. Ҳасан Ризо ба сегонаи ошно ва бегона ишоракунон беист сар

меҷунбонд ва механдид. Аслия Зебо ва Ҳасан Ризоро ба давра кашид. Раис кампирашро кашола кард, кампир арӯсонашро, арӯсон Хосият ва Нуқраро. Нуқра ду қудои ҳамеша таҷанг — Нурия ва Марзияро. Тош чунон ки ғайб зада буд, ҳамчунон пайдо шуда, ишкамҷунбон ба давра даромад. Чашмони Зика бозигар шуданд. Сабзбаҳориён гирди оташи аҷдодӣ покӯбон ва сарафшон рақсида, гӯё ҳамроҳи гарди домонашон тамоми андӯҳи фироқ ва мушкилоти зиндагиро ба гулхани поксӯзи наврӯзӣ афшонда, месӯхтанд.

## БОБИ ШАШУМ

Аввал ҷавонмардҳо, сипас, мардони миёнасол, баъд ҷурмдорҳо даъватнома гирифтанд. Қотили ҷангро фарқе набуд, киро мекушад — тифли гаҳвора ё пири барҷомондаро. Тош низ даъватномаи ҳарбиро тарсон ва ларзон интизор буд. Вақте дар идораи ҷамоат коғазро ба дасташ доданд, онро нахонд, балки беҳол ба шаҳсутуни идора такя кард ва оби дидааш шашқатор шуд. Ӯ худ медонист ва боре гӯшрасаш низ карданд «бо гӯш намеҷанганд». Раиса гӯё аз вуҷуди мардак бехабар бошад, коғазҳоро тагурӯ мекард ва дар ҷамоат дигар каси ба чанг мерафтагӣ қариб намонда буд.

— Нон ёфтам ва дандонам шикаст, — оқибат овоз баровард Тош.

Зебо сар бардошта, ба ӯ хаёлманд нигарист, аммо ҷавоб надод.

— Наход ман баринҳоро ҳам ба ҷанг баранд раиса? — Тош нохост сарбандашро кушод ва ними гӯшашро, аниқтараш, якуним гӯшашро урён кард. Зебо чунин хунук ва безеб будани ҷурми ҳамдеҳаашро тасаввур накарда буд, зеро мардак ҳамеша гӯшҳояшро баста мегашт. Гӯё ба чашмаш ғубор афтода бошад, Зебо чашмонашро мемолид. Дилаш ба ҳоли Нуқраи бечора сӯхт.

— Даъватномаро ҷамоат не, комиссариат медиҳад. — Дар Пунбачӣ аз комиссия мегузарӣ, духтурон месанҷанд, мебинанд, шояд... — гуфт оҳиста раиса.

Хост бигӯяд: «шояд наравӣ», аммо Тош сабаби кироии нарафтан надошт. Агар ҷанг рафтани Тош ба раис вобаста мебуд, бо чунин намуди хунук ӯро на танҳо ба ҷанг, балки ба пуштаи болои деҳа намефиристод.

«Шояд»-и оҳиста ва беихтиёр аз даҳони ваколатдори қонун баромада, мардакро сахт умедвор кард. Тош аз идора баромада, роҳравон сӯйи хонааш дар дил худро маломат мекард ки «ба зӯрӣ, ба зорӣ, ё

ба зар» барвақт дили раис ва раисаро ёфта, худро аз ҷанг халос накард. Ақаллан даҳмарда мебуд. Ба даҳмардагӣ низ даъваташ накарданд. Охир, даҳмардаҳоро ба ҷанг намебаранд. Чун кор аз кор гузашта буд, буд ва шудашро хаёлан пеши назар оварда, ба мӯъҷизае умед баст. Тайёр буд охирин бурдаи нони даҳони кӯдаконашро канда, пора диҳад ва ҷонашро халос кунад. Ба лутфи раис ва раиса умед надошт, зеро онҳоро хуб омӯхта ва шинохта буд.

Зан ва фарзандонаш гирён ва нолон «аскарро» то Буни Ағба гусел, карда қафо гаштанд. Тош сӯйи қисмати худ бо овози баланд гирякунон роҳ гирифт. Вақте аз сарҳади деҳа гузашта, ба марзи район по мемонд, нохост, дилашро ҳузни талхе сахт сӯзонд. Ба ёдаш расид ки аскаронро ҳамеша аҳли деҳа якҷоя гусел мекарданд ва ӯро ҷуз зан ва фарзандонаш касе беруни деҳа гусел накард. «Аз ноодамии сабзбаҳорӣ наранҷ», Тош худро тасалло дода, дар дил шукронаи тақдир кард ки мисли Нукра зане дорад ва асло бачаҳояш хор намешаванд ва кулбааш вайрон... Мегӯянд ки агар аз рӯйи расм ва русуми деҳа мусофир дилашро дар хона фаромӯш кунад ҳам, набояд аз роҳ баргардад. Ӯ аз хонааш хеле дур рафта, фаҳмид ки ҳуҷҷатҳояшро фаромӯш карда аст. Бори дигар коғазҳояшро дар ҷайбаш таг ва рӯ карда, байни роҳ музтар монд.

Пеш ва қафо рафтанашро намедонист. Дар ин давр кӣ ба фаромӯшхотирии ӯ бовар мекунад? Ҳеч кас! — меандешид худ ба худ. Аммо як чизро хуб медонист, бе ҳуҷҷат ӯро ҳеч куҷо намефиристанд ва бори дигар бачаҳояшро, Нукраи меҳрубонашро хоҳад дид. Ҳар чи бодо бод! Дар пайроҳаи оҳугузар ба савори босалобате дучор омада, ҳаросаш афзуд. Ин мардаки бовиқори печидабурутро на танҳо ӯ, тамоми Пунбачӣ мешинохт.

— Ассалом ва алайкум! — даст рӯйи дил салом гуфт пиёдаи музтар.

Савора саломи пиёдаро алек нагирифт, балки бо нигоҳи «аз кадом гӯр пайдо шудӣ?» теғ кашида, сӯяш нигарист. Пайроҳа танг буд ва поён дарё. Яке бояд ба дигаре ноилоҷ роҳ медод. Кадом савора аз дили пиёда хабар дорад? Савора ба пиёда асло роҳ доданӣ набуд. Тош бегуфтугӯ гурбавор ба харсанги бари ҷарӣ часпида, ҷон дар каф ба савора ки аз зери бурутҳояш бо истеҳзо ба пиёда лабханд мекард, роҳ дод. Асп гӯё фикри соҳибашро тасдиқ мекарда бошад, ҳангоми аз назди пиёдаи ҷон дар каф гузаштан «фих!» — гуфт. Дили Тош дар пушташ часпид. Қисмат гӯё барои Тошро аз он ба ин имтиҳон гирифтор карда буд ки баромад. — Агар роҳи ҷанг чунин аст, худаш чӣ гуна аст?» Савора гузашта рафт ва ба мазраи фарохтар расида, сӯйи пиёдаи музтар ки дар куҷое дида буд ва ёд оварда наметавонист, нигарист. Пиёда ҳанӯз дар харсанг овезон буд. Шофбурут, ӯро ишораи фаромадан кард. Мардаки рангпарида сангҳоро ханҷол карда, почаи шими бечорагияшро аз камар то дум даронда, назди савора расид. Тайёр буд наъли аспи рамидаи савораро бӯсаборон кунад.

— Аз куҷо мешавӣ, бача? — пурсид савора.

— Аз Сабзбаҳор! — ҷавоб дод пиёда ба замин нигариста. Гӯё савора аз ҳамин пайроҳа ӯро рост ба ҷанг мефиристода бошад, аён меларзид.

— Ҳм, аз Сабзбаҳор мешавӣ? Ман сабзбаҳориёнро хуб мешиносам. Туро бори аввал мебинам.

— Ман, акаи қиёматӣ, худат, аҳл ва авлодатро мисли нон ҳурмат мекунам. Ҳар бор омаданат ба деҳаи мо ид аст, ба фарзандонам қасам!

Пиёда ба савора дамодам хуш меомад.

— Чанд фарзанд дорӣ?

— Ҳафт нафар, акаи қиёматӣ. Зинда бошем, ҳаштумаш дар роҳ аст.

— Дар ҳамин соли қаҳтӣ мемурӣ камтар зойӣ! — гуфт савора салобаташро бештар намуда. — Куҷо меравӣ? — ба куҷо рафтани ин «хоки роҳ»-ро пай бурда, ҳайрон буд ки чаро ин мардаки чорпаҳлӯ то ҳол ба ҷанг нарафта аст.

— Мурданӣ меравам, акаи қиёматӣ. Вақтам расида аст, меравам ки дар хоки бегона бе гӯр ва кафан гӯрам кунанд.

Оре, Тош намояндаи комитети партиявии районро дар колхози «Коммуна»,- Ёғи Хидирро хуб мешинохт. Медонист ки ноиби раиси комиҷроияи сафарбаркунӣ ба фронт аст. Медонист ки мардак бо ҳавои буруташ дар ноҳия мӯъҷизаҳо нишон медод. Медонист ки ноиби раис ба ҷанг нарафта, ба бузургтарин нишонҳои ҷангӣ соҳиб шуда аст. Тош беихтиёр ба нишонҳои қатори синаи ноиби раис ки дар шуои офтоб медурахшиданд нигарист. Медонист ки дар ҷанг писари Ёғӣ Хидир қурбон шуда аст ва мардак дар дил захми сӯзон дорад. Оқибат шунида буд ки мардак хоҳад аз даҳони аждаҳо оташ гирифта метавонад, ба шарте дилашро ёбӣ. Тош тамоми ҳақирии худро дар нигоҳаш ҷой дода, сӯйи вакили қисматаш чашми имдод дӯхт, балки назди ноиби раис низ гирифтани сарбандашро фаромӯш накард. Рӯйи бурмашудаи Хидирро дида ва намедид, сарбандашро майли бастан надошт. Шахсе ки якумр аз мардум ҷурмашро пинҳон медошт, алҳол тайёр буд ҳар дам онро намуда, ба манфиати худ ҷазои қисматро истифода кунад.

Савора ҷилави аспи ҷавмасташро ки гӯё аз дидани ҷурми одами майли гурехтан дошт ва беқарорӣ мекард, сахт кашида гуфт:

— Оё медонӣ, бо гӯш ҷанг намекунанд?

— Медонам, на бо гӯш, на бо камон ҷанг кардан намехоҳам. Мурдан намехоҳам, акаи қиёматӣ, — гирён зорӣ кард пиёда. — Дар пеши пойи бачаҳоят мурам,

маро ғуломи ҳалқа ба гӯшат кун, аммо аз ҷанг гардон. Мурдан намехоҳам!!!

— Оё медонӣ, «мурдан нахостанат» чӣ маънӣ дорад?

Тоши рамузфаҳм ба забон омад:

— Медонам, ака, медонам чӣ қимат дорад.

— Мурда ва зинда ам хизматгорат мешавад, акаи раиси калонӣ. Ана ҳамин «раиси калонӣ» «ҷони Тош»-ро харид. Ноиби раис ки умре орзуманди раиси комиҷроия буд, аз тавсифи пиёдаи ҳақир фоли нек гирифта, нармрӯ ва нармгуфтор шуд.

— Дил ёфта ва қанд хӯрда метавонӣ.

Хидир кайҳо чунин дастёри беминнатро, шахсеро ки санги осиёро дар сараш гардонӣ ва тоқат кунад, меҷуст, аммо табъи дилашро намеёфт. Он рӯз байни савора ва пиёда чи сӯҳбат шуд, касе намедонад. Бегоҳӣ Тош хотирҷамъ ба хонааш баргашта, зан ва бачаҳояшро хурсанд, ҳамсояҳоро ҳайрон, раис ва раисаро андешаманд кард.

Пинҳонӣ, зуд-зуд, аксар шабона ба хонаи Хидир равуо дошт. Бел ва каланди «раиси калонӣ» аз хизматгор миннатдор буд. Аввалҳо ба сабзбаҳорӣ будани Тош Хидир шубҳа дошт. Дере нагузашта, пораи ӯ шубҳаи ноиби раисро об кард. Шахсе ки пинҳон ва аён буд ва шудашро ба Пунбачӣ мекашонд, медонист ки қисмат бачаи амакаш нест, аз ӯ беҳтар ва болотарҳоро хок ва туроб карда аст. То метавонист «дил ёфта, қанд хӯрданӣ» буд. Аз хушбахтӣ ва фаромӯшхотирӣ не, аз муфлисӣ чанд вақт роҳи хонаи балогардонашро фаромӯш кард. Охир ганҷи хона чашма нест ки хушк нашавад. Як рӯз ба номи Тош такроран даъватнома омад. Латифи хаткашон онро ба даъватшаванда супорид, аммо ӯ аз Зебо гумонбар шуд.

— Раисаро ки бародар ва шавҳараш дар ҷанг аст, ҳамаро ба даҳони аждаҳо тела додан мехоҳад, — гуфт

ба Нуқра, даъватномаро нишон дода. — Ман ба ӯ кӣ буданамро нишон медиҳам.

– Дар ин дунё осиёб ба навбат аст, — гуфт Нуқра.

Тоши даъватнома дар ҷайб ба комиссариат не ба хонаи Хидир роҳ гирифт. Дар хонаи ӯ Тошро мешинохтанд, ҳимматашро медонистанд, таҳдон буданд ки асло дасти холӣ намеояд. Дастовезашро гирифта, худашро дар суфаи пушти дарвоза мешинонданд. Соҳиби хона чун таомашро хӯрда, сари хобашро мегирифт, лозим шуморад, арзи дастёрашро мепурсид.

Тош бегоҳӣ хӯрҷин дар китф аз дарвозаи ноиби раис Хидир ворид шуд. Соҳиби хона ӯро дида, табассуми заҳролуде гирди лабонаш дамид. Сабаби ташрифи шабонаи ӯро пешакӣ медонист.

— Ҳа, якгӯш? Чӣ гап? Тинҷист?

— Тинҷӣ не, акаи қиёматӣ. Раис ва раиса бо ҳар роҳ аз ман халос шуданиянд, — гуфт Тош. — Маро чашми дидан надоранд. Нонашонро нимта накардам, гуноҳамро намедонам, аммо…

Якбора ҷуръат пайдо карда, ба раис ва раиса часпидани мардаки омӣ, ба ноиби раис ки ба ҳар ду роҳбари хоҷагӣ ҳусни таваҷҷӯҳ надошт, аз онҳо низ меҳрубонӣ надида буд, форид.

— Чаро ба ҷанг рафта, қаҳрамон шудан намехоҳӣ, якгӯш? — чашмони махмурашро бозӣ доронда, пурсид соҳибхона. Ҳар рӯз аз комиссариати ҳарбӣ чи қадар хоҳишмандонро бармегардонем. Аз даҳонашон бӯйи шир меояд ва орзуи қаҳрамон шудан доранд.

Тош лаҳзае музтар ба носкадуи нақшин ва бозигари дасти соҳибхона нигариста, беҷуръатона гуфт:

— Ҷонам, садқаи раиси калонӣ, тармарг шавам ки қаҳрамон будан намехоҳам. Дар сояи давлати шумо балогардон, одамвор зистан мехоҳам!

Тош оби чашмашро ки ҳамсӯҳбати бовиқораш ба он кайҳо одат карда буд, бо гӯшбандаш пок кард.

— Ба фикри ту, онҳое ки ихтиёрӣ ба ҷанг мераванд, зистан намехоҳанд? — тагпурсӣ кард соҳиби хона.

— Акаи раиси калонӣ, аз гуноҳам гузар, росташро мегӯям. Онҳое ки ихтиёри худро ба даҳони аждаҳо мепартоянд, худкушанд. Худкуш ҳаром мемурад. Ман ҳаром мурдан намехоҳам.

Чашмони соҳиби хона аз ханда пури об шуданд.

— Балоӣ, якгӯш, бало! Кафлез ба дастат афтад, сартоби як ҷамоатро гардон мекунӣ... Ҳа, ҳа, ҳа!

Ӯ лутф карда, ба пиёла шароби дастакӣ рехта, ба мардак дод. Тош аввал рамида, сипас ҳарисона пиёларо ба сар кашида, холӣ кард. Шароб мардаки гуруснаро якбора бардошт.

— Онҳое ки ихтиёрӣ ба ҷанг мераванд, ё қарзи бисёр доранд, ё аз ҷиҳати мардӣ муттаҳаманд, ё занашон ҷаҳманд дорад. Ҳамин қадар фариштаҳои бесоҳибро монда, мурданӣ рафтан аз рӯйи инсоф аст, раиси қиёматӣ? Ин ҷойҳоро намедонам, дар «Коммуна»-и мо ҳар кулба парихона аст, парихонаи бесоҳиб.

— Ҳа, ҳа, ҳа! Акаатро ба ин парихонаҳо бар охир.

— Марҳамат, худи ҳозир меравем, — мабодо, розӣ шавад, чи кор мекунам, тарсида гузаронд аз дил.

— Ақлат дар ҷояш аст, сағира, — ними гӯши ҳамсӯҳбати забонтафсидаро тоб дод соҳибхона, ҳир-ҳир хандида.

— Ҳолӣ мо бисёр корҳо мекунем, зинда бошем...

— Худо умри чанорат диҳад, — даст ба рӯ кашид Тоши махмур. — Ҳамин ки дилат «дӯғи турш хост» — ӯ қоҳ-коҳ хандид аз лутфи худ. — Мо тайёр.

— Он гӯсфандат хароб ва мурданӣ баромад, ё хасисӣ мекунӣ? — якбора ҷиддӣ шуд Балогардон ки сӯҳбат ба дилаш зада буд. Кайфи дастёраш парид. Байни онҳо боз девор пайдо шуд ва меҳмон дарҳол кӣ буданашро ёд оварда, ба тавалло гузашт:

— Фаҳмидам, акаи Балогардон! Дигар такрор намешавад. — Як қӯшқори сиёҳро бонӣ мекунам, барои бачаҳои Балогардон.

Соҳиби хона аз таъсири суханаш қаноатманд гуфт:

— Ҳамон як бурда гӯшти овардаат ба назарат чанд рӯз мерасид?

Як гӯсфандро як бурда номидани соҳиби хона беинсофии маҳз буд», аммо меҳмон сир бой надода, гуфт:

— Барои ҷавонмарди дасткушод кам буд, албатта. Зинда бошем, гӯсфанд ҳам гап аст, буқа меорем, акаи раиси калонӣ.

Тош ба ҷебакаш даст бурд. Ӯ ки кайҳо даъватномаро ба ноиби раис нишон доданӣ буд ва ибо мекард, фурсатро мувофиқ ёфт. Соҳиби хона ба дасти аз бағал холӣ беруншудаи меҳмон бокароҳат нигариста, пурмаъно сулфид. Маънии нигоҳ ва сулфаи раисро шарҳ дод Тош.

— Акаи раиси калонӣ, то мурдан хизматгорат мешавам.

Хидирро раис номидани меҳмон мефорид.

— Ҳой бача, маро раис нагӯ, ба гӯши раиси комиҷроия расад, хуб намешавад.

— Аз ӯ зиёдӣ ки кам не, — гуфт саросема Тош.

— Раисӣ, албатта гурехта намеравад, ман аз кадом раис кам?

— Сад бор зиёдӣ, — саросема илова кард Тош, — як тори бурутат як раис.

— Раиси мо бачаи бад нест, лекин одамгарӣ надорад. Нонашро ҳамроҳи занаш танҳо мехӯрад. Дастархон ва дари кушода надорад. Ҷавонмарди мансабдор ин хел намешавад. Вақте ки роҳбар чунин муттаҳам аст, мардум арзашонро ба куҷо мебаранд?

— Албатта, ба хонаи раиси калонӣ, — пешгӯйӣ кард Тош.

— Ҷони гапа гуфтӣ. Мардуми хонаи мо омада, дастархонашонро холӣ ёбанд, чӣ фикр мекунанд? «Аҳволи калонҳо чунин бошад, мурдани мо наздик аст» намегӯянд? Халқ аз давлат ноумед шавад, ғалаба намекунем, якгӯш!

— Рост мегӯйӣ, раиси калонӣ! Бе давлат аз дасти халқ чӣ кор меояд? — тасдиқ кард ҳамсӯҳбаташ.

— Маълумот дорӣ? — чун ҳамеша нохост пурсид Хидир Тошро ки бодиққат суханонашро шунида, самар бардоштанӣ буд.

— Синфи дуи нопурра, — тӯтивор ҷавоб дод ӯ, аммо аз чашмони бозигар ва махмури Балогардон ваъдаеро пай бурда, аз ростгӯияш пушаймон шуд. — Лозим бошад, машқ мекунем! — ислоҳ кард худро.

— Машқ кун, машқ кун, зарар намекунӣ, — чашмак зад мизбон. — Анборҳои колхоз ҳанӯз ҳам бе мудиранд?

— Ҳо, бе мудиранд.

— Намедонам калонҳо чи фикр доранд, — ҷавоб дод Тош ки дар ҳақиқат намедонист анборҳои колхоз ба ӯ, ба аробакаши одӣ чӣ дахл доранд.

— Машқ кун, машқ кун, — такрор кард пурмаъно Хидир. — Акнун аз куҷое ки омадаӣ, ҳамон ҷо рав. Мабодо касе соятро набинад.

Меҳмони нохонда даъватнома дар бағал ноумед ва сархам аз дар баромад...

Даъватшудагони дар идораи комиссариати ҳарбӣ ҷамъ омадаро марди либоси низомипӯше як-як ба дарун даъват мекард. Ҳар бор аз дар баромадани сержантро дида, Тош аз ҷой як қад мепарид ва баданашро араќи хунук пахш мекард. «Аз назари бало дур» гуфта, гӯшае нишаст ва навбати худро интизор шуд. Андешаҳояш сарпеч буданд. Метарсид ки балогардони махмур хӯрҷини «ночиз»-и ӯро холӣ карда, соҳиби онро фаромӯш карда аст. Ба ғами хеш он қадар андармон буд ки ҳатто дар долони дарози комиссариат Зафариноболиғро дида, ҳайрон нашуд. Тош хоҳиши ҷанг рафтанӣ ҳамдеҳаашро медонист ва фикрашро нисбат ба чунин «қаҳрамонҳо» шаб ба ноиби раис гуфта буд.

Кӯшиши назди комиссия даромадани ҷавонро ин бор низ нозири дар барбод дод. На танҳо ӯро аз дар ворид шудан намонд, балки шунаво таъкид кард ки ин бор қоидаро вайрон кунад, дар ҳаққаш чора хоҳад дид. Ҷавон зери тири нигоҳҳо ноҳинҷор аз дар дур шуд.

Азбаски Тош байни ин ҷамоат шиносе надошт ва ҳамсӯҳбат мекофт, ҳамдеҳаашро чеғ зад:

— Сафар ба хайр, мулло Зафар!

Ҷавон аз дидани ҳамдеҳааш даст ва по хӯрда, якбора ҷавоб надод. Ӯро аз хонавода пинҳонӣ Зулайхо то Буни Ағба гуселонда, ҳангоми хайрбод бори аввал бӯсида буд. Ба поси ин бӯса ӯ ба Сабзбаҳор қаҳрамон баргаштанӣ буд. Ҷавон китф ба долони дароз ва торик зада, назди ҳамдеҳааш наомад. Тош дар паҳлӯи ҷавон ба девор пушт зада, ба насиҳат пардохт:

— Беақлӣ накун бача, ҷанг гӯсолабонӣ нест, пагоҳ равӣ, бегоҳ баргардӣ. Лозим донад, ҳукумат худаш туро даъват мекунад. Худи ман чанд бор ариза навиштам? — овозашро баланд кард Тош, то ҳама

шунаванд, арзамро гӯш накарданд. Лозим донистанд, ана худашон даъват карданд.

— Ҷойи ту ман равам, ака! — зорӣ кард бача ки ба деҳа баргаштан намехост. Зулайхо ӯро гирён гусел карда, аз Пунбачӣ не, аз корзор интизор буд.

«Аблаҳи бадзод, —дар дил ҷавонро ҳақорат дод Тош, — на худат ақл дорӣ, на падарат». Худро базӯр нигоҳ медошт, то ба рӯйи ҷавони размхоҳ шаппотие нафарорад.

— Баргард, беақлӣ накун, ғами кампир ва мӯйсафедро намехӯрӣ? Ками дигар сабр кун, ба балоғат бирасӣ, меравӣ. Ҷанги мо як сола ва дусола нест, — насиҳат кард ҳамдеҳаашро ӯ бо ҳамин роҳ дили аз тарс ва ҳарос ларзони худро ором карданӣ шуд. Тош ба ҷавони сархам ва ноумед чизе гуфтанӣ буд, ҷамъомадагон ба ҷунбиш омаданд. Дар долони дароз — Ёғӣ Хидир пайдо шуд. Дили Тош ба тапиш даромад. Балогардон андарун набуда аст? Ваҳ! Агар дар набуданаш ӯро даъват мекарданд, чӣ кор мекард?»

— Раиси аз ҳама калонӣ ҷанг, — ҳамсояашро нихта кард Тош. Бачааш дар ҷанг шаҳиди аъло шуда аст.

Ҳамсояи Тош ба арвоҳи ҷавони шаҳид дасти фотиҳа боло кард. Тош низ зоҳиран ба ӯ пайравӣ намуда, худ бо гӯшаи чашм қадамҳои ноиби раисро мешумурд.

— Мардаки ҳаром аст, сақичро аз даҳони шайтон мезанад, — гуфт марди миёнсоле ки ин ҷо ба чи кор омаданаш маълум набуд.

— Барои тӯҳмат одамро мешинонанд, — маслиҳатомез мардакро огоҳонид ҳамсояаш.

— Дар ҳаққи раис ноинсофӣ накун, — таъкид кард Тош.

— Раис не, яке аз ноибони раиси комиҷроия, ҳарчанд худро раис гуфта мегардад, — баланд гуфт мардак.

— Аз ҷонат наметарсӣ, — сахт гуфт Тош, бо мақсаде ки гапашро ҳама шунаванд, ҳатто Балогардони наздикшуда низ.

— Аз ҷонам не, аз бешарафҳо метарсам. Ту ҳам бешарафӣ ки тарафи бешарафро мегирӣ.

— Эй, ба даҳонат нигоҳ кун...

Балогардон наздик омад ва Тош ба истиқболаш ду даст болои дил аз ҷой хеста, эҳтиромашро ба ҳама намоиш дод.

— Ассалом ва алайкум, раиси калонӣ!

Чанд тани дигар ба Тош пайравӣ карданд. Хидир ба саломи ҳозирон сарҷунбон ҷавоб гуфта, паси дари «ваҳмангез» пинҳон шуд. Шахсе ки ноиби раисро бад гуфта буд, сахт хандид.

Гӯсфандро наҳ задан, бо гӯш ҷанг намекунанд гуфтан, боз чунин беэътино гузашта рафтани Балогардон Тошро ба як бор пакар кард. «На хӯрда ва на бурда, гирифташ дарди гурда» яқин кард ки ин бор ба Сабзбаҳор баргаштанаш амри муҳол аст.

— Тош Охун! — садо кард нозири ҳарбӣ аз остона. «Вақте туро ҷеғ мезананд, зуд ҷавоб нате. Худатро ба карӣ андоз» — маслиҳати Балогардон ба ёдаш расид ва аз ҷой наҷунбид.

— Тош Охун ҳаст? Тош Охун! — таги бинии ӯ дод мезад сержант.

— Акаи Тош, хез, — ӯро нихта кард Зафар. Тош ноилоҷ хест.

— Ман.

— Чаро ҷавоб намедиҳӣ?

Ӯ чунон бо ҳайрат ба нозир нигарист ки гӯё номи падари гургхӯрдаашро бори аввал мешунида бошад.

Балогардон ки бо падари ҷавони ҷомаи беқасабпӯше гапгузаронӣ мекард, гӯё ба хона даромадани Тошро надид. Ӯ ба мӯйсафед гуфт:

— Вақти тӯю сурата ёфтӣ, мӯйсафед! Ҷанг меравад, вассалом, мефаҳмӣ ё такрор кунам? Қонун ва қоидаи ҳарбӣ барои ҳама ҳатмист! Лозим ояд худатро ҳам ба ҷанг мефиристем.

— Фиристон, меравам. Ту маро аз ҷанг натарсон.

Ду писарам дар ҷанг аст, инаш ҳам меравад. Гуфтам ку, то тӯй накунад, ба рафтанаш ризо нестам. Лозим шавад, аз рафиқ Сталин дурӯза ҷавоб мепурсам. Кӣ медонад, чи мешавад. Аз ӯ нишонае монад. Ҳамаатон ба тӯй биёед. — Ҷавон норизо тарафи падараш менигарист.

— Домодро маҷбур кардам, ҷомаи домодияшро пӯшад, — бо ҳаваси ҳузнолуд сар то пойи писари домодашро тамошокунон гуфт мӯйсафед. — Бачамро бинед, мардум, домодро бинед!

Ҳозирон бо ҳам гӯшакӣ карданд.

— Оё ман намехостам писарам ҷомаи домодӣ пӯшад? Ҷомааш дар мехи хона овезон аст, — Хидир аламашро ба сулфае сӯзонда илова кард. — Ҳар кор вақт ва соат дорад.

— Дар пеши поятон мурам, — раиси комиссияро зорӣ кард мӯйсафед ки аз алам риши сафедаш меҷунбид.

— Рафтем, падар, — аз остини яктаги падараш кашида гуфт писар. — Рост мегӯянд, ҳар кор вақт ва соат дорад.

— Не, намеравам, худат рав, — кӯдаквор гирён шуд пиракӣ.

— Ба аскар як ҳафта мӯҳлат дода шавад, — гуфт раиси комиссия ки то ин дам саросема чизе менавишт

ва гоҳе сар бардошта, ба баҳси онҳо гӯш медод. Ӯ боз рӯйи коғазе сар хам кард. — Танҳо як ҳафта!

Мӯйсафед аз хурсандӣ гирён писарро оғӯшкунон хонаро тарк кард. Дили Тош ба ҳоли Балогардони танҳо сӯхт. Мӯйсафед ва писари аскарашро бад дид. Ба қудрати ноиби раис дар дил шубҳааш пайдо шуд.

— Хӯш, — ба Тош нигариста гуфт раиси комиссия. Ӯро нохост бо телефон аз марказ ҷеғ заданд. — Давом диҳед, рафиқ Хидир. — Ӯ саросема рафт.

Хидири «худодода» ки алҳол ҷойи раис буд, аз сари миз то остонаро бо қадам чен карда, назди Тош қарор гирифт. Гӯё ӯро бори аввал медида бошад, сар то пояшро бо нигоҳ чен карда, пурсид:

— Тоқиатро гир. — Тош тоқии гулдӯзикардаи Нукраро аз сар гирифта, ғиҷим кард ва боз гашта ба сар монд.

— Ин тоқисурхак аз кадом ҷамоат аст? — гӯё ҳамон дам «тоқисурхак»-ро фаромӯш карда, бухси дилашро кушод. — Гӯё ҷигари онҳо месӯхта бошад ва аз мо не. Гӯё бачаҳои онҳо азизанд ва аз мо партов. Одам аз ғам мемурд, ман мемурдам.

Гапи ӯ ҳамеша бе сар ва нӯг, аз арш ва аз фарш буд. Магар баргаштани раис ба ёдаш расид ки ба ҷояш гузашта нишаст ва саросема пурсид.

— Хӯш, ин тоқисурхак аз кадом ҷамоат буда аст?

— Аз ҷамоати «Коммуна» — гуфт сержант. — Ҳуҷҷаташро фаромӯш карда аст. — Ин хабар Хидирро ҳайрон кард, аммо сир бой надод.

— Калаатро фаромӯш накардӣ? Гумон мекунӣ мо найранги туро намефаҳмем? Ҳой, тоқисурхак, назди одамон даромадӣ, сарпӯшатро гир, — шӯрид якбора Хидир гӯё сабабгори сар шудани ҷанг тоқии Тош бошад. — Чӣ ҳунар доштӣ ки ҳама дар ҷанг ва ту «тарарам — барги карам» гуфта гаштӣ?

— Чӣ ҷурм дошта аст, — пурсид яке аз аъзоёни комиссия.

Касе аз ҳозирон ҷурми навомадаро намедонист. Ёғи Хидир ба яке аз аъзои комиссия оҳиста чизе гуфт.

— Тош Охун, туро мепурсанд, — аз остини ҷомаи Тош кашид сержант.

— Лаббай, акаи қиёматӣ, — ҷавоб дод Тош.

— Чаро зуд ҷавоб намедиҳӣ? — норизоӣ кард сержант.

Тош бо марди ҳарбилибос, сипас ба ҳозирон чунон ҳайрон нигарист ки на танҳо дигарон ва Хидир, ҳатто худаш ҳам ба кар буданаш даме бовар кард.

— Намешунавад, — гуфт марде ки духтур буд ва Хидир ба ӯ гӯшакӣ карда буд.

Марди миёнсоле ба Тош нобоварона ба маънии «То охири бозӣ дошт медода бошӣ?» — нигарист. Ӯ Тош баринҳоро, балки онҳоеро ки барои ҷанг нарафтан даст ва пойҳояшонро шикаста буданд, медонист. Хидир ба ҳозирон муроҷиат кард:

— Ин ҳамон мардест, ки... — боз ба ҳамсояаш гӯшакӣ кард. — Қиссаи писар ва падарро ки гургон тала карда анд, ҳама шунидаед? Баъзе аз ҳозирон сар ҷунбонданд.

— Акнун худашро бинед, рафиқон! Ҳозирон кунҷковона ба Тош нигаристанд.

— Узр дорад, мардак. — Ана ҳуҷҷатҳои Тош Охун, шинос шавед. Тош фаврӣ сарбандашро кушода ними гӯшашро намоиш доданӣ шуд, аммо сари вақт худро даст гирифт.

— Сарбандатро кушо! — ишора кард ҳампаҳлӯи ноиби раис. Тош сарбандашро ба фурҷа кушод. Панҷаҳояш гапашро намегирифтанд. Ҳозиронро даме аз дидани ҷурми урёни одами ҳолати ноҳинҷоре рух дод.

— Фаҳмо, намешавад. Рафиқ Аслон Шокир, — ба ҳамсояаш муроҷиат кард Хидир, — шубҳа дошта бошӣ, метавонӣ санҷида бинӣ.

— Чӣ ҷойи дидан ва санҷидан, — фаҳмо гуфт духтур.

— Барои баталёни коргарӣ мешавад, — гуфт ҳамоно марди миёнсол ки то ҳанӯз озмоишкорона ба навомада менигарист.

«Хонаат сӯзад, бачаат мурад» — ӯро дар дил дуо кард Тош ки метарсид сурхии рӯяш сирашро ошкор мекунад. То охири бозӣ дошт додан мушкилтар мешуд.

— Баталёни коргарӣ дар ақибгоҳ ҳам лозим аст, рафиқ Смирнов, — гуфт Аслон Шокир.

— Дар осоиштагӣ ба чунинҳо давлат нафақа таъйин мекунад, — бо зарда илова кард Хидир. Ҳамсояаш ӯро тарафгир шуд:

— Ӯ баринҳо дар колхоз ҳамчун об ва ҳаво лозиманд.

— Сабаби ҷиддии ба фронт нарафтани ин мардакро намебинам, — аввал Хидир, сипас Тошро «кушт» Смирнов.

— Ман мебинам! Намешавад, — сахт гуфт Хидир ки то таркиданаш нафасе монда буд.

Смирнов чизе гуфтанӣ буд, аммо ноиби раис имконаш надод.

— Дигарашро даъват кунед! — ба поёни баҳс нуқтаи омирона гузошт ноиби раис.

Тош ҳанӯз дар ҷояш меистод. Нақшашро оличаноб бозида, маҷоли ҷунбидан надошт.

— Рав, ҷавоб, — ишораи рафтан кард ӯро сержант, баъд ба ҳозирон рӯ овард. — Ӯро аз хизмат тамоман озод бояд кард! Мирзоӣ паси миз қаламро ба даст гирифт.

— Барои фронт, шермардон лозиманд, на кал ва кӯр ва масхара бозҳо. Барои ҳар кар ва кӯр чунин вақт сарф кунем, кори асосӣ чӣ мешавад? Ту, Смирнов, ҷуз ба худат, ба касе бовар надорӣ.— Дониста бош, ман дигар тоқат намекунам. Минбаъд дар ин хона ё ту меистӣ, ё ман...

— Мебинем, — гуфт Смирнов.

— Чиро мебинӣ? — дод зад Хидир.

— Мебинем, — ҳамчунон оромона ҷавоб дод Смирнов.

Ҷавобнома дар ҷайб Тош сӯйи Сабзбаҳор бепар парвоз мекард. Ба дарахти хушки мазори латтабанд расида, аз остини ҷомааш риштае канда баст. Сипас сари по нишаста, ба рӯҳ ва арвоҳи Хидир, барои пешравӣ ва барори кораш дуо ва фотиҳа хонд. Ба раиси бемор марг ва ба раиса шармандагӣ хостанро низ фаромӯш накард. Аз он ки ӯ низ ҳам маълумоти синфи дуюм дошт ва Ҳасан Ризо ҳам дар дил хурсанд буд.

## БОБИ ҲАФТУМ

— Даҳони ҷуволро банд, аз роҳ намонем, — гуфт раиси ҷамоат ба мудир.

Зика намоён шуд ва ҳаракати дастони мардак суст гашт. Ҳолати мудир аз чашми Зебо пинҳон намонд. Кунҷковияш боло гирифт. Сар то пойи мудири анборро ки ҳадяи меҳнаткашони ҷамоати «Коммуна»-ро дар ҷувол ҷо мекард, ноаён аз назар гузаронд. Мардак гӯё ба тӯйи домодии худ мерафта бошад, ниҳоят олуфта буд. «Ана гап дар куҷо» — хиромон ва кокулҷунбон омадани Зикаро дида, андешид Зебо.

Зика ки ҳамеша худро аз ҷамъияти занон дур мегирифт, ин бор ҳам баъди рафтанӣ ҳама сабадча дар банди даст овезон пайдо шуд. Гӯё Тошро надида бошад назди раиси ҷамоат бафурҷа ҳадяҳояшро берун овард.

— Ана, Зебиҷон, як ҷуфт дастпӯшак, як ҷуфт ҷуроб, инаш як каф чормағз ва ғӯлинг, дигар ҳеч чиз надорам, — узрхоҳӣ кард дар охир, ҳарчанд беш аз ҳама чиз оварда буд.

Зебо атои Зикаро ба Тош дод. Онҳо ошкоро ба якдигар нигоҳ намекарданд, аммо маълум буд ки дар ин субҳи сарди тирамоҳ танҳо якдигарро мебинанд ва аз ҳузури ҳам гармдил ва гармҷонанд. Зика аз таги сабад кадучаеро баровард, намоишкорона ба Зебо дароз кард:

— Дар ин кадуча нос, барои мӯйсафеди ғарибам. Зебо табассумкунон кадуро ба мудир дод. Лутфи носолуди зан ба ҳақраси болои ароба нафорид ки намоишкорона даҳони кадуи рақибашро кушода, ба каф кирои нос рехту, таги забон партофт. Зика низ ки носкаш буданашро аз касе пинҳон намедошт, кафашро нозкунон дароз кард. Тош бе сухан ба кафи занак нос рехт. Гунгакбозияшон дилгиркунанда буд.

— Ҳай кун, мудир! — Зебо тори ароба баромада, ба ҷуволи ҳадяҳо такя кард.

— Зебиҷон, ин фатирча тӯшаи роҳи худат, — гуфт Зика, нонро дароз карда.

«Ва ҷанг карда анд ё айёра исбот карданист ки гап ва калочаи мардум дар ҳаққашон беҳуда аст» — меандешид Зебо ба санъати занак қоил шуда.

— Тӯша дорам — нонро барои бачаҳоят мон! — рад кард ӯ.

— Аз нон рӯ нагардон, гир, Зебиҷон. Давлатамон зинда бошад, бачаҳои ман хор намешаванд! — Зика фатири гармро ба бағали ӯ зер карда, остин ҷунбон ва ғамзакунон рафт.

Тош ҳанӯз пуштгардон гӯё даҳони ҷуволро мебаст.

— Рафтем, аз роҳ мондем, — саросема кард ҳамроҳашро.

Табъи Тош аз белутфии Зика ҳавои борониро мемонд. Ароба ҳаракат кард. Садои сулфаи кампири Марҷон аз хамгашти кӯча ба гӯш расид:

— Аспро нигоҳ дор, очам меояд, — гуфт Зебо.

— Оббо, — ғурунгид мардак лаҷоми аспро сахт кашида.

Кампир попеч ва сулфакунон сӯйи ароба медавид. Чунон менамуд ки бори дигар зӯр зада сулфад, дил ва ҷигараш ба даҳонаш меояд. Сафаракиҳо яке дилсӯзона, дигаре дилтангона поёни сулфаи беохири ӯро интизор шуданд.

— Худо на маро гирифт ва на сулфа амро. Хунук шавад, даҳонамро пӯшида наметавонам, — узр пеш овард кампир сулфа ва тақдири бадашро маломаткунон даҳонашро бо рӯймол пӯшида. Сипас аз остин як ҷуфт ҷуроби нақшинро берун кашид. Зебо аз ароба фуромада, меҳрубонона кампирро оғӯш кард. Зери

куртаи карбоси яктора китфҳои лоғари кампир аз сардии ҳаво меларзиданд.

— Дар ҳавои хунук, овора шудӣ, очаҷон, мегуфтӣ худам рафта мегирифтам, — узр хост Зебо.

— Ҳозир тамом кардам, ҷони оча. Шаби дароз сулфидам ва бофтам. Хайрият, шаби тирамоҳ дароз аст.

— Барои як ҷуфт ҷуроб аз роҳ мемонем — ғут-ғут кард мудир.

— Барои як ҷуфт ҷуроб аз роҳ мондӣ, Юшак — хашм гирифт Марҷон, бо неши нигоҳаш мардаки аз гуфта пушаймоншударо сӯрох карда.

— Э вой! «Хар чӣ донад хӯрдани қанд ва набот, охури коҳ бошад ва кунҷи работ».

Кампир Тошро бо овози баланд «хар» гуфт ва ӯ нашунид.

— Ин як ҷуфт ҷуроб аз худат ва Охуни гургхӯрда қиматтар аст, — шӯрид кампир.

— Ҳо, як ҷуфт ҷуроб! Кампири Марҷон хазина надорад. Агар хазина медошт, садқаи сари Исталини ҷон мекард. Зебиҷон, нашунидам нагӯйӣ. Ин ҷуробҳо охирин нури чашми очаи бебачаи туанд. Нури чашмам тамом шуд. Қалам ва дафтар гир ва навис.

Ҳарчанд амри кампир дар айни ҳол беҷо буд, Зебо ба иҷрояш тайёр шуд:

— Чӣ нависам, оча?

— Навис, — абрӯвони чун боли шикастаи кабӯтар поёнашро боло бардошт кампир, — навис! «Ба Исталини ҷон, аз Марҷони сабзбаҳорӣ, чун нишонаи зиндагӣ...» Чӣ гаранг шудӣ? Навис! Исталини ҷон худаш напӯшад, бачаш мепӯшад, набераш мепӯшад!

Гардани кӯтоҳи Тош ба гиребонаш фурӯ рафт. Зебо ноилоҷ хоҳиши кампирро навишт. Марҷон ангушташро ба рангдон тар карда, ба коғаз пахш кард ва варақро ба даруни ҷуробҳо андохт.

— Зеби оча, агар ҷуробҳо ба соҳибашон нарасанд, дар қиёмат ҳам, доманатро сар намедиҳам, фаҳмидӣ?

— Фаҳмидам, оча.

— Ба амони Худо! — даст бардошт кампир.

Ароба чарxҳои кӯҳнаашро дар роҳи санглохи деҳа совиш дода, «фиғонкунон» ба ҳаракат даромад. Вақте ки аз деҳа берун шуданд, Зебо ҷуробҳоро гирифта, тамошо кард. Ҷуробҳо — охирин нури нигоҳи кампири бефарзанд, охирин алами нақшини ӯ дар ҳақиқат бебаҳо буданд. Ӯ ба ҷуробҳо менигарист ва зиндагии рангин ва нақшини кампири ҷигарсӯхта пеши назараш ҷилва мекард...

...Табиат дасти Марҷонро гулсоз карда, худашро бераҳмона ранҷонда буд. Аз даҳ панҷааш ҳунар мерехт ва аз ду чашмаш чашма. Азбаски безурёт буд, дили шод ва хонаи ободро надид. Се бор ба шавҳар баромада хона обод кард, се бор боғ сабзонд, се бор бе насиб ва хонавайрон шуд. Бегуноҳии худро медонист, аз ин рӯ зуд ранҷ ва болоназар буд. Ҳусни ҳунараш тундӣ ва урён гӯйишро мепӯшонд. Захми бесоҳибӣ ва бефарзандияш ҳамеша хуншор буд. Аламҳояшро бо забони нақшҳояш баён мекард. Нақшааш мисли худаш аз дигарон фарқ дошт. Занҳои Сабзбаҳор ҳар кадом нақши хоси меросӣ дошт. Яке нақши дигареро хоҳад, бояд иҷозат мепурсид, вагарна ҳунармандонро мешӯронд. Нафис риштани пашм ва бо рангҳои хос ранг кардани ришта дар ин маҳал ҳунари дурӯза набуд. Дар нақш ва нигорашон фасли зимистон чун баҳор мешукуфт. Ҷӯробу даст пӯшакҳои аз ин деҳа ба фронт фиристода бемонанд буданд, хоса нақши дастони Марҷон.

Тош бе димоғ ва хомӯш ароба меронд.

Зебо ба пушти сари мардак нигариста, беихтиёр кашф кард ки Тош дигар он ҳақир ва фармонбардори пешина нест. Хаёле чунинаш намуд ки наздаш Тоши Охун не, Ёғӣ Хидир нишаста аст. Чаро чунин андеша ба сараш омад, худаш ҳам намедонист. Даҳшати ҷанг

на танҳо дар қотилӣ ва хунрезӣ, инчунин дар кӯрии чашми раҳмаш буда аст. Ҷанг паҳлӯҳои дигари даҳшатноктаре дошта аст.

Кулоли ҷанг аз Тоше ки нони серӣ ва кӯрпаи баробари пояшро орзу дошт, шахси дигаре сохт. Шахсе ки ҳангоми аз паси дарвозаи мулло Наим гузаштан беихтиёр дасти эҳтиром рӯйи дил мениҳод, акнун рост ба чашми духтари ӯ нигариста, аён нописандӣ мекард. Нигоҳаш рӯзорӯз бепарда мешуд. Ӯ калиди анборҳоро ба кисаи шимаш не, ба банди тасмаи паҳни сагакдораш овехта, мегашт. Ҳангоми роҳ гаштан калидҳо ҷаранг-ҷаранг садо медоданд ва лаззат мебурд. Ҳамин садои калидҳояш Зикаро ром кард. Ҷанг ба деҳаи бемард ки ҷазираи авратонро мемонд, Тоши дигареро, аниқтараш они бударо аз пардаи забунӣ берун кашида, сар дод.

Дирӯз ба Зебо хабар доданд ки бояд тӯҳфаҳои меҳнаткашонро ба район, аз он ҷо ба шаҳр барад. Зебо мудирро ба идора даъват кард. Мудир ду даст дар камар назди раиси ҷамоат меистод ва бо нигоҳи бепардааш ӯро меомӯхт. Чизе гуфтанӣ буд ва лаб мехоид. Халифабобо ки гоҳе раги масхарабозияш меҷунбид, мардакро тарсонда гуфта аст ки ба номи ӯ боз даъватнома омада аст. Тош ин бор ба раиса, кӣ буданашро намоиш доданӣ шуд.

— Рафиқа Наимӣ, хӯш, ба ман чӣ кор дорӣ? Бигӯ, медонистагиатро бигӯ!

Зебо мехост Тош аз номи ҷамоат ҳадяи меҳнаткашонро Сталинобод барад. Вазъият ҳаминро талаб мекард. Дар ин масъала розигии раисро ҳам гирифт.

— Ба тарафҳои поён майли сафар дорӣ? — пурсид мудири анборро ки нигоҳи бепардааш ғазабашро меовард.

Тош якбора чунон забон баровард ки на танҳо Зеборо, балки деворҳои идораи ҷамоатро низ ҳайрон кард.

— Аввал тобути ту ва раиси лангатро ба мазор мебарам ва баъд ба ҷанг меравам!

Мудир дари идораи ҷамоатро аз пасаш чунон сахт пӯшид ки як пора андова канда шуда афтод. Зебо ки чунин ранг гирифтани гуфтугӯро чашмдор набуд, паси миз шах шуд. Чун ба худ омад, бо фаросат дарёфт ки Тоши якгӯшро пираш Хидир аст ва ӯро қувват ва тамкин мебояд ки ба ин ду тан таслим нашавад, балки дар ин муҳориба сарбаланд ғолиб ояд. Раисаро гӯё аз идора сур карда бошанд, давон аз дар баромад." Намедонист, чаро аз пайи мардак чунин тунд ва боғазаб медавад, аммо оқилона мефаҳмид ки ин бор Тош ғолиб ояд, дигар асло гапашро гузаронда наметавонад. Раиса мудирро ними роҳ дарёб намуд. Хомӯшона бо панҷаҳои ларзон аз гиребонаш гирифт ва сӯйи идораи ҷамоат кашид. Андаруни идора мардакро сахт такон дода, гиребонашро сар дод. (Баъд ин воқеаро борҳо ёд оварда ҳайрон буд, чаро Тош муқобилият накард). Зебо мушташро фишурда, оромона, аммо заҳролуд гуфт:

— Пагоҳ то пешин ҳамаи ҳадяҳои сабзбаҳориёнро ҷамъ накунӣ, аз ҳафт пушти Наим гашта бошам, байни мардум ба рӯят туф мекунам.

Зебо мардакро дар идора музтар монда, худаш баромада рафт. То рӯзи дигар дар ғами он буд ки агар Тош супоришашро иҷро накунад, маҷбур аст гуфтаашро бикунад. Аз қасамаш сад бор пушаймон буд, аммо қайсарии мудирро бахшида наметавонист.

Вақти таъйиншуда аробаи колхоз, дарунаш пури ҳадя буд, назди идора расид. Тош ҷилави аспро сар намедод.

— Ана ин гапи дигар, — гуфт Зебо беихтиёр табассуми қаноатмандияшро пинҳон карда натавониста.

Ароба назди бинои комитети ичроия қарор гирифт. Тош ҷувол дар пушт аз паси Зебо вориди бино

шуд. Қабули ҳадяи меҳнаткашон дар авҷ буд. Ёғӣ Хидир ки нишонҳои бешумори барояшон маълум ва номаълумро ба сина овехта буд, даст дар камар ба ёрдамчиёнаш супориш медод. Сабзбаҳориён ноиби раисро дида, саросема шуданд. Хидир қаноатмандӣ ё норизоияшро бо чини абрӯ ё тофтани буруташ изҳор намуда, дар дили шахсоне ки бори аввал остонаи комиҷроияро зер мекарданд, нисбат ба ҳокимият ва намояндаҳояш тухми ҳарос мекишт.

Зебо баъди ҳодисаи дар тангии дара рӯй дода аз мардаки нохалаф ҳазар мекард. Хидир низ бо ӯ сари сӯҳбат намеҷуст. Акнун хоҳ ва нохоҳ бояд ба ҳам дучор мешуданд. Ноиби раис заҳри кинаашро ба косаи сабзбаҳориён чаконданро кайҳо орзу дошт. Ӯ раиси ҷамоати «Коммуна»-ро рӯйирост ки аз саҳар бо нигоҳ байни ҳозирон меҷуст, бо тири масхара истиқбол кард.

— Ками дигар хоб накардӣ, рафиқа Наимӣ? Бо ҳавои остинат арғушт меравӣ. Замона намебардорад...

— Бо супориши ҳукумат бозӣ мекунед-а?

— Колхози «Коммуна!» — эълон карданд дастёрон.

— Ман! — бо овози баланд гуфт Зебо ки аз назди мардаки кинагир роҳи гурез мекофт.

Ҳозирон ҳама сӯйи ӯ гаштанд. Ноиби раис заҳрханда карда гуфт:

— Мана, шунидед? — диққати ҳамаро сӯйи худ ва Зебо ҷалб карда. — Наход Наимӣ, танҳо худат як колхоз бошӣ? Мана! Ақаллан «мо!» гӯй. Ҳа-ҳа-ҳа!

Бадани Зеборо арақи сард зер кард. Рангаш аввал сурх, сипас сафед шуд. Тош хурсандияшро аз мулзам шудани ҳамдеҳааш пинҳон накард, балки ба даҳони Хидир бо умед нигарист ки шояд кинояи талхтаре нисбат ба раиса бигӯяд.

— Колхози «Коммуна!» — такрор карданд эълонро.

— Ман! — баландтар гуфт Зебо ки аз хандаи ноиби раис ва ҳозирон ранҷида буд.

Касе баланд ва пурмаъно сулфид. Дигаре хандид.

Яке аз дастёрон қаламро аз пушти гӯшаш гирифт. Зебо бо «ман»-и худ сабзбаҳорӣ буданашро намоиш дода, акнун дар оташи ҳаё месӯхт. Мехост чизҳои овардаашро зудтар супорида, бо роҳи омадааш ба қафо баргардад ва мисли Тобон дигар аз дарё нагузарад. Хидир сари миз пайдо шуда, бо овози баланди даъводор гуфт:

— Ку бубинем, сабзбаҳориёни баландовоз ба фронт чӣ мефиристанд. Кушо хирворатро, мардум бубинанд, — амр кард Хидир, қиёфаи ҷиддӣ гирифта.

Раиси ҷамоат зери нигоҳи кунҷкови ҳозирон бо панҷаҳои ногиро ҷуволро кушод.

Аввалин чизе ки ба дасти дастёр афтод, тоқии хушдӯхти кӯҳистонӣ буд. Хидир тоқиро чун муши ба қапқон дармонда, бо нӯги панҷа гирифта, дур партофт. Зебо теғ кашида ба ноиби раис нигарист. Дастонаш дар остинаш мушт шуданд.

— Фронта мазоқ мекунӣ? — рост ба чашмони Зебо нигариста пурсид Хидир.

Зебо бо эҳтиром тоқиро аз замин бардошта, чангашро афшонд. Рӯймолашро оромона ба китф фаровардa тоқиро пӯшида, бе сухан рақибашро кушт.

— Дар сар рӯймол дошта бошад ҳам, дар миён дастор дошта аст, — гуфт касе аз ҳозирон шунаво.

Хидир ба ҷувол худаш даст андохта, ҷуробҳои кампири Марҷонро берун овард. Нигоҳаш об хӯрд ки бурутҳояшро тофт, аммо забонаш чизи дигар гуфт.

— Ҳм, гӯё ба фронт не, ба тӯйи арӯсӣ ҳадя оварда бошанд. —Ӯ ҳадяҳоро таъриф мекард ё танқид маълум набуд.

Ҳозирон аз ҷуробҳои нақшини бебаҳо чашм намекананд. Мардак бо беэътиноии сохта ҷуробҳоро болои чизҳои дигар не, ба гӯшае партофт. Зебо мақсади

ӯро хуб фаҳмид. Навбати нешзании ӯ расида буд. Ҷуробҳоро намоишкорона ба даст гирифта, бо овози баланд гуфт:

— Ин ҷуробҳо соҳиб доранд. Ба каси дигар насиб намекунанд, — ба мардаки қаламдор муроҷиат кард:

— Навис, бист ҷуфт ҷуроби нақшин аз ҷамоати «Коммуна».

— Бист ва як ҷуфт, — гуфт беҷуръатона мардак.

— Ин ҷуробҳоро дар варақи махсус менависем, — таъкид кард Зебо.

Ёғӣ Хидир бо ҳама берӯияш даступо хӯрд, ҳолати ӯ аз чашми ҳозирон пинҳон намонд.

— Қандата хӯр, Наимӣ, боб кардӣ, — шунаво шодӣ кард раиси ҷамоати «Иттифоқ» Бақоӣ.

Хидир панҷа зад, ҳамроҳи ҷуробҳои кампири Марҷон гӯё қаҳр ва ғазабашро ба ҷувол партофт.

— Бо чор дона ҷуробаш корвонро аз роҳ дошта, боз забондарозӣ мекунад! Дидед? — ҳозиронро зидди сабзбаҳориён шӯронданӣ шуд, ноиби раис — Наимӣ, ту бояд аз ҳама бисёр ба фронт ҳадя фиристӣ. Ду ҷуфт ҷуроби овардаатро додар ва шавҳари худат мепӯшад!

Зебо ғазаби ҷӯшидаашро бо нафаси чуқуре дарун кашид. Тош ки тезӣ ва тундии ҳамдеҳаашро таҳдон буд, аз ҷавоби оромонаи ӯ ҳайрон шуд.

— Занҳо буд ва шудашонро оварданд, нони даҳони бачаҳояшонро оварданд. Ман амлокдор нестам, касеро маҷбур карда наметавонам. Ҳадя фиристодан ба фронт ихтиёрист.

— Наимӣ рост мегӯяд, — Зеборо тарафдорӣ кард раиси «Иттифоқ».

— Аз ту напурсидам, навбатат расад, гап мезанӣ. Занак лаб газида, хомӯш шуд. Хидир ба ҳуҷум гузашт.

— Ба фронт ҳадя фиристодан ихтиёрӣ буда аст, ҳаҳ! Бо ихтиёри худ мурғ тухм намекунад. Раиси

ҷамоати як ноҳия чунин гӯяд аз дигарон чӣ гила? Ба виҷдонам қасам, чунин раисҳо аз ёрӣ дида, ба кори мо зарар мерасонанд. Аз ӯҳдаи кор набаромада, курсии давлатро банд карда шиштан айб аст, Наимӣ!

Зебо забон мегазид, то ҷавоби сабзбаҳоронае ба ҳафт пушти Хидир ҳавола накунад.

Танбеҳи ноиби раисро онҳое ки ҳадяи кам оварда буданд, ба тариқи худ фаҳмида, безобита шуданд.

— Ба фронт ҳадя фиристодан ихтиёрӣ буда аст, ҳаҳ! — такрор кард Хидир. — Барои чунин суханҳои ғайриқонунӣ Наимӣ одамонро ҷазо медиҳанд, ҷазо!

Салобат ва калом ва ҳисси масъулиятшиносии ноиби раисро баъзеҳо бо сарҷунбонӣ тасдиқ мекарданд. Баъзеҳо сӯйи зани ҷавон ки ба тири ғазаби раиси комиссияи қабул дучор шуда, чӣ кор карданашро намедонист, дилсӯзона менигаристанд.

Зебо дар ин «задухӯрд» нигоҳи маъно дор ва бозигари ҳамдеҳаашро сӯйи Хидир дар ҳаво дошта, ба иттиҳодашон зидди худ бовар кард. Худро байни ҷамоа танҳо ва бепаноҳ ёфта, дилаш ба дард омад. Ёғӣ Хидир аламашро аз раиси ҷамоати «Коммуна» ситонда, назди мизи дигар рафт.

Зебо сӯяш омадани раиси ҷамоати «Иттифоқ» Бақоиро дида, мисли зарбхӯрдае аз дидани табиб, беҳолона рӯйи ҷуволи овардааш нишаст. Занак дилсӯзона ӯро ба по хезонд.

— Хез, — оҳиста гуфт ӯ, — дӯсткуши душманшодкун, нашав. Ягон рӯз дар кӯчаи мо ҳам тӯй мешавад. Хонаи Хидир сӯзад!

Хидир намоишкорона, бе ҳеҷ мақсад раиси ҷамоати «Иттифоқ»-ро наздаш ҷеғ зад. Бақоӣ рафт, аммо суханонаш ба Зебо қувват бахшиданд ва ба девор такя карда, чашмонашро сахт пӯшид ва оҳи чуқур кашид. Ашк гулӯяшро месӯхт, нигоҳи аз ашк пардапӯшашро намедонист ба куҷо дӯзад. Лабашро сахт газид, аммо оби чашмашро дошта натавонист.

— Ғам нахӯр, хоҳар. Ёғӣ Хидир касеро дӯст дорад, ҳамин хел муомила мекунад. Розияро рӯзона назди мардум ба хок зада шабона аз оғӯшаш сар намедод. Хушёр бош, духтар!

Ба Зебо чунин намуд ки ин суханонро дар хоб мешунавад. Вале ӯ бедор буд. Шавҳари котибаи собиқи комиҷроия Низори якдаста ки хумор дошт, дилашро холӣ карда, дур шуда буд. Зебо беихтиёр сӯйи ноиби раис ки пуштгардон меистод, чашм дӯхт. Пушташ аз рӯяш беҳтар буд, зеро дар паси сараш чашмони косамонандаш айёрона бозӣ намекарданд. Хаёле дар назараш тофт ки мардак паси сар низ чашм дорад ва ҳамаро мебинад ва месанҷад.

Мардак якбора ба қафо гашт. Нигоҳаш ба нигоҳи нафрати Зебо рост омад. Нигоҳаш пур аз нафрати мағлубият буд.

— Шарм ва ҳаё зевари занон аст, — шунаво гуфт Ёғӣ Хидир. — Аз чунин зевар бенасиб будани зан айб аст, Наимӣ.

Зебо нигоҳашро нагурезонд. Хидир тоб наовард, пушт гардонд. Зебо дигар худро дошта натавонист. Ӯ аз ҷой ҷаста, чашмони хукмонанди рақибашро канданӣ шуд, қадаме монд ва калавид. Зане ӯро кашола карда оҳиста ба гӯшаш гуфт:

— Баракат ёбӣ, хоҳар, занҳоро шарманда накун. Ҳаволаи бад ба Худо!

Зебо бо мадори девор поён шуд. Ӯ вақте ба худ омад ки ҷуволҳои охиринро болои аробаҳо бор мекарданд. Аз дур Тошро назди ароба хушҳол дид. Ҳамон зан аз остинаш кашида, чизе мегуфт. Зебо беҳис ба ӯ нигариста, чизеро намефаҳмид. Бақоӣ боз наздаш омада, занеро ба ӯ шинос кард.

— Саврӣ, говҷӯш, аз ҷамоати ман. Ҳамроҳ меравед.

— Хез, хез!

— Хез, ҷони апа хез. Қасдан ба аробаи аввалин савор мешавем. Дасти маро бин! Зан остинашро бар зада, оринҷи лахчавор сиёҳашро нишон дод.

— Хусурам зад. «Ҷони бачаи ман дар чашми сӯзан аст ва ту саёҳат мееравӣ» мегӯяд. Ба саёҳат не, ба мазор меравам гуфтам. Гапи апаи Бақоиро гардонда наметавонистам. Байни об ва оташ мондам. Баргардам, пиракии беимон маро мекушад. Рафтем, хоҳар.

— Не, намеравам! — гуфт беҳолона Зебо.

— Меравӣ! — амри занонаи Бақой ҳукмномаро мемонд.

— Ҳо, меравӣ, хез. Ба тақдир тан нате. То омадани шавҳаронамон мурда ва зиста тоқат мекунем, хоҳар.

— Дар дунё нанг ва номӯс гуфтанӣ гап ҳаст, барқасд рав, — гуфт Бақой, — роҳи сафед!

Суханони ҳамдардии занҳо гӯё ба оташи ғурури Зебо равған рехт ки якбора даргирифт. Оне ки мӯҳри ҷамоатро супурда рафтанӣ буд, эҳсос кард ки то Ёғӣ Хидир ва хидирҳо ҳастанд, ӯ низ хоҳад буд.

— Дастатро те апа! — рост гуфтӣ, ба аробаи аввалин мешинем! — муроҷиат кард, ба ҳамсафари меҳрубонаш. — Хайр, мо рафтем!

Бақой табассумкунон онҳоро то аробаи аввал гусел кард.

Тош нигоҳи тамасхурашро аз раисаи рангпарида гурезонда, балки гӯё ӯро надида ба ароба савор шудан хост.

— Чӣ гуфтӣ? Ба ҷойи ман меравӣ? — ба мардаки хомӯш муроҷиат кард Зебо, почаҳои поҷомаи пора-пораашро ноаён бо домани ҷомааш печонида.

Ҳамроҳаш ҳайрон ба ӯ нигарист.

— Кӣ гуфт ки ман ба Сталинобод намеравам?

— Ту ва ҷӯраи фосиқат дониста бошед, то духтари Наими сабзбаҳорӣ зинда аст, ҷояшро ягон хари якгӯш гирифта наметавонад.

Тош чизе ҷавоб гуфт, Зебо нашунид. Раиси комиҷроия табассумкунон сӯяш меомад. Шамс Исо ки ба гусели корвон омада буд, сабаби нарафтани раиси «Коммуна»-ро донистанӣ шуд, аммо ҷавоби қаноатбахше нашунид. Худаш бо Зебо гуфтугӯ карданӣ шуда, ӯро суроғ кард:

— Ба ман гуфтанд ки шумо майли рафтан надоред. Сабабаш кироист, раиса? — табассумкунон пурсид Шамс Исо.

— Сабаби нарафтани ман дигар аҳамият надорад, раис. Меравам. Албатта, меравам, — гуфт Зебо бо чашмони дурахшон ва пурашк, худро ба ҷомааш печонда.

— Ана, ин гапи дигар, роҳи сафед — раис хурсанд шуд.

Зебо ба аробаи аввалин савор шуда, аз чӣ бошад беихтиёр рӯйи раиси ҷавон ки ҳанӯз дар ҷояш меистод, нигарист. Нигоҳашон ба ҳам омад. Садои бесадое дар фазои тирамоҳи сард печид, аммо онро касе нашунид.

Корвон чанги роҳро хезонда, сӯйи Сталинобод равон шуд. Аробаҳои пурбор оҳиста роҳ мекашиданд. Азбаски роҳи Қалъаи Даштро барф пӯшида буд ва рӯфтанаш фурсат мехост, корвони Пунбачӣ дар Оби Гарм ист кард. Боби дили Зебо шуд. Ҳар чӣ зудтар ба деҳа баргаштанаш айни муддао буд. Ҳам ба модар, ҳам ба раиси бемор ваъда дода буд ки аз район бармегардад. Ғурури сабзбаҳорияш ӯро ба ин сафари дур ва дароз ки хайрият, худ аз худ кӯтаҳ шуд, маҷбур кард.

Қабули ҳадяҳо вақти зиёдеро нагирифт. Намояндагони пойтахт бо корвон омадани ду нафар занро махсус қайд карда, дар ҳақашон суханҳои

дилгармкунанда гуфтанд. Ба қавли говдӯшзани сода раисашон айнак ки дошт, либоси фарсуда ва кафшҳои даридаи онҳоро дарҳол дид. Аз номи комиссариат ба занҳо як куртаворӣ чит, як чуфтӣ калӯш, ду собун, ду каллақанд тақдим карданд. Занҳои дербоз пазмони меҳрубониро ин лутф сахт мутаассир кард.

— Чизҳои додаашонро кашида намегиранд? Ҳамааш барои худамон ё барои калонҳо? — пурсид зани сода, ба бахти шоҳонааш бовар накарда.

— Ҳеҷ кас кашида намегирад, — ӯро ором кард Зебо.

То дам додани аспҳо занҳо иҷозат хоста, дар ҷустуҷӯи Чашмаи Шифо шуданд. Говдӯшзан ки бори аввал аз остонаи хонааш ба дунёи кушод қадам монда буд, остини ҳамроҳашро сар надода, беист гап мезад:

— Кирои лат хӯрдан Сталинободро надидам. Сад ҳайф.

— Ҷанг тамом шавад, худам туро ба тамошои Сталинобод мебарам, — ваъда дод Зебо ки назар ба ҳамроҳаш худро дунёдида меҳисобид.

— Худо давлат ва сарват диҳад, намепурсад бачаи кистӣ, — остини варамидаашро намоишкорона ҷунбонда гуфт занак.

— Калӯшатро пӯш апа, замин хунук аст, — гуфт Зебо ки ҳар дам ноаён ба калӯши нави худ бо ҳавас менигарист.

— Ҳайф мешавад, — иқрор шуд занак остини ҳамроҳашро сахттар дошта ва беист маслиҳат ва машварат пурсида. Ҳарчанд зан аз Зебо калонсол буд, дида ва шунидаашро нисбат ба маҳалли машҳур нақл карда ва шарҳ дода, аз хурсандӣ ва ҳайрат ва саволҳои содаи ҳамроҳаш завқ мебурд. Алҳол худро на танҳо намояндаи ҷамоати калон, балки ҳомии ҳамаи занҳои ноҳия медонист. Аз беҷуръатӣ ва беқудратии пештарааш шармаш меомад. Ӯ низ бори аввал аз

кӯчаҳои танг ва морпечи Оби Гарм ки ду тараф сафедорон саф ороста буданд, бори нахуст қадам мезад, аммо худро чунон менамуд ки гӯё умре сокини ин маҳал бошад.

Чанд сол муқаддам вақте ки ҳамроҳи падар Майдонро гузашта, Сталинобод ҳақиқатҷӯӣ мерафт, аз сари кӯҳ Оби Гарми машҳурро бо нигаҳ ҷустуҷӯ кард, аммо чизеро надид. Район зери анбӯҳи дарахтон наменамуд.

Қиссаи мӯъҷизаи Оби Шифо дар забони дардмандон ояти намоз буд. Воҳима ё орзу мекарданд ки оҷизони модарзод низ ду-се бор ба ҳавзи табаррук дароянд, парзанон берун меоянд. Хайрия оҷизи модарзод набошад ҳам, дардаш кӯҳна буд. Бемор ки ба мӯъҷизаи об бовар дошт, қарибонашро низ бовар кунонда тавонист. Зебо даҳ қадам аз Оби Шифо дуртар меистод ва мехост бо чашми худ мӯъҷизаи онро бубинад.

Ба умеди дидани сарчашмаи муқаддас қад-қади ҷӯбори калони буғхез равон шуданд. Дар ду тарафи ҷӯйбор занҳои кокулдарози Обигарм сӯҳбаткунон сар ва либоси худ ва кӯдаконашонро мешустанд. Онҳо ба саломи занҳои ношиноси ҳайроннамо беэътибор алейк гирифта, машғули кор ва сӯҳбати худ шуданд. Говҷӯшзан аз ин занҳои бе меҳр ва бе парвофалак ранҷид:

— Беваҳо як бор намепурсанд ки ҳой бандаҳои Худо, аз куҷо омада, куҷо равонед? Аз чою нонашон гузаштем. Тоҷик нестанд, чӣ бало?

— Мисли мо ҳар рӯз садҳо нафар аз ин ҷо мегузаранд, — кадоми онҳоро пурсупос карда, ба чой таклиф кунанд? — гуфт Зебо ки худ низ аз белутфии занҳои обигармӣ хурсанд набуд. Ба бахти занҳои худодод ки бе дуд ва алав ва харҷи ҳезум дар оби гарм муфт шустушӯ мекарданд, занона ҳасад бурда, минбаъд

мекӯшиданд, сӯйи «бевaҳои худодод» нигоҳ накунанд. Раҳравон пинҳон аз якдигар, кокулони худро ба кокулони заминрӯби занони обигармӣ муқоиса карда, нисбат ба худ беинсофии қисматро медиданд.

Ҷӯйбори Шифо яқин бе мӯъҷиза набуд. Дар сарбанди ҷӯйбор, дуртар аз ҳавзи калон ки банди даст барин новадон дошт, одамон кам буданд. Мӯйсафеди дасторкалоне бо чашмони пӯшида сукут мекард. Гоҳе зери айнак ба китоби муқовачармин нигариста, лабонаш меҷунбиданд. Занҳо дар гӯшае нишастанд.

— Шайхи чашма будагист? Зебо ҷавоб надод.

— Наход ҳамон чашмаи таърифӣ, ҳамин ҷуйбор бошад? — оҳиста пурсид говҷӯшзан. Зебо кифт дарҳам кашид. Воҳима мекарданд ки дар дами чашма тухм мепазад. Говҷӯшзан афсӯс мехӯрд ки лаблабуе наоварда аст, то қудрати обро бисанҷад. Дар поёноби сарчашма чанде оҷизони солхӯрда, ба кӯрпа ва ҷома печида мехобиданд. Касе парвоз намекард. Занҳо рӯй шуста, ба мурод зулфашонро дар ҷӯй тар карданд. Онҳо бо эҳтиром аз мӯйсафед чашм намеканданд. Оқибат шайх чашмонашро кушода, ба маънии «хӯш, чӣ мефармоед?» сӯяшон нигарист. Зебо таърихи касалии Хайрияро мухтасар нақл кард.

— Дардаш кӯҳна шуда аст. Мушкили оҷизаро танҳо парвардигори ҳаждаҳ ҳазор олам осон карда метавонад, аз ҷони набаромада умед ҳаст, — гуфт шайх.

Бепарвоии шайхи чашма нисбат ба оҷизаи сабзбаҳорӣ ба Зебо сахт расид. Худро базӯр аз талхгӯйӣ нигоҳ дошта пурсид:

— Зарфе мебуд, ҳамроҳ каме об мегирифтам.

— Чашмаро хокаш шифобахш аст, — гуфт мӯйсафед ва хам шуда аз шерозаи сафолакбастаи ҷӯйбор чанд пора хок канда, ба занҳо тақсим кард.

— Хокро бе об мехӯранд, — ҷиддӣ суол кард говҷӯшзан.

— Хокро об карда, ба тани бемор мемоланд, — кӯтоҳ ҷавоб дод пиракӣ, дар ивази меҳрубонияш аз Зебо як пора қанд гирифта. Вақте занҳо ба сарой баргаштанд, аспи аробаҳо омодаи баргаштан буданд.

Хайрия кулӯхи хушкро ба чашм ва абрӯ молид. Дер гоҳ зери лаб ибодат кард ва нохост онро газид. Фиғони Зебо баромад, Нишона норизо сар ҷунбонд. Кулӯхро газидани бибияшро дида, Алам низ талабгор шуд. Зебо каллақандҳоро панҷ тақсим карда, ҳиссаи аз ҳама калонашро ба кӯдак дод. Ҳиссаи дигарашро барои Лола монд. Хайрия ба қанд нигоҳ накард. Малӯл буд ки аз хӯрдани хоки муқаддас маҳрумаш карда анд.

— Шайх гуфт ки хокро намехӯранд, об карда, ба бадан мемоланд, — гуфт Зебо.

Оҷиза ба хурмати суханони шайх даст ба рӯй кашид.

— Аз мӯй мадад. Миранда заҳри морро хӯрда, шифо ёфта аст, — гуфт Хайрия.

— Духтарат, модарат сиҳат ва саломатанд, — пораи хокро зери болинаш аз бача пинҳон карда, ҳолпурсӣ намуд Хайрия ки умеди шифо дилгарм карда буд.

— Сари раҳ аввал ба хонаи шумо даромадам, — гуфт Зебо.

— Худо бахти сафедат диҳад! —дуо кард кампир. Нишона ба модар ноён чашмак зад. Метарсид, мабодо модар аз ташрифи дирӯзаи Марзия ки арӯси гумгаштаашро аз ҳар хона меҷуст, нақл кунад. Духтар пешакӣ медонист, дугонаи аз сафар хушҳол баргаштаашро чӣ базме дар пеш аст. Модар не, Зебо чашмакзании ӯро дида ҳаросон шуд.

— Чӣ гап, хола?

— Ҳеҷ гап не, тинҷист, — гуфт соҳиби хона — Беваи бадгуҳар аст, хушдоманат, — илова кард Хайрия ки дар ҳаққи хуки саҳро бадгӯйиро раво намедид. — Ба дил нагир!

Суханони таҳдори зан Зеборо безобита карданд. Ӯ аз ҷой хест.

— Лоларо ёд кардам.

— Чой чӯшид, — ишора кард Нишона.

Нишона дугонаашро гусел карда, норизоияшро аз модар пинҳон накард.

— Шарт буд як пиёла чой нанӯшида, хабар расондан? Бин, ҳатто қандашро нахӯрда рафт:

— Забонамро Худо гирад, — узрхоҳӣ кард модар. Нишона бедимоғ ба таги сандалӣ лахча кашид.

— Номаъқул карда аст, бева. Зебо сӯзан аст ки гум мешавад. Ақлаш кам шуда аст, Марзияро, — худ ба худ гуфт Хайрия.

— Бояд ҳамроҳаш мерафтӣ, — Нишонаро маломат кард модар. Марзия бе иҷозат ба сафар рафтани келинашро асло намебахшад. Оламро ба сараш мебардорад. Нишона низ айнан дар чунин андеша буд.

Ҳаво торик мешуд. Нишона чароғ гиронда, кулӯхи шифобахшро ба оби гарм маҳлул кард ва аз гардан то кафи пойи бемор молид. Сипас, алави таги сандалиро рӯшан карда, кӯрпаро то гардани оҷиза ки зимистон ва тобистон хунук мехӯрд, пӯшонд. Бемор зери лаб дер гоҳ ибодат карда, набераи дар паҳлӯяш хуфтаро навозишкунон чашм пӯшид.

Нишона ки дилаш баъди рафтани Зебо дамодам сиёҳӣ меовард, аз хона баромад, дарро аз пасаш занҷир кард. Духтарак дар роҳи торики деҳа ба сангҳои яхбаста пешпо хӯрда сӯйи хонаи Зебо медавид ва замини зери пояшро ҳис намекард. Гӯё касе ӯро бо қувваи даҳчанд ба он тарафи деҳа тела медод. «Вақт

ҳам талх ва ширин» мешуда аст, — меандешид ӯ. Зебо ва Саидро ки ҳанӯз дар ҳаққашон бад ва нек мегуфтанд, раҳораҳ ёд оварда. Ҳамон вақт як деҳа ду тақсим шуда буд: гурӯҳе тарафдор ва гурӯҳе маломатгар. Оқибат ҳар ду гурӯҳ тарафдори зан ва шавҳари ҷавон шуданд ва Марзия танҳо монд, аммо ба танҳоияш асло тан доданӣ нест.

«Меҳри кампири Марзия якчашм аст, — меандешид духтар. Ӯ писарашро дӯст намедорад. Писарашро дӯст медошт, занашро азоб намедод. Барои Диловар на танҳо модар ва хоҳараш, балки калбеди таги дарвозаашонро низ дӯст медорам».

Нишона аз дарвозаи нимроғ ворид шуда, якбора худро ба пушти шаҳтут гирифт. Барои нишондани ҳаяҷон ангушташро сахт газид. Он манзараеро ки аз дари кушоди хона медид, раҳораҳ дар хаёлаш намуда буд.

Ҳама чизеро ки дар ин хона ба арӯсаш нисбат дошт, рӯйи ҳавлӣ мепартофт. Духтарча ки ба хархашаи беохири модар ва модаркалонаш ҳеҷ одат карда наметавонист, лухтакчаи худбофташро аз пояш кашолакунон гоҳ ба яке, гоҳ ба дигаре менигарист. Оқибат ба умеди амният домани бибияшро дошт. Ҳадяҳои аз Оби Гарм овардаи Зебо дар рӯйи ҳавлӣ чош ва париш буданд. Охирин чизе ки ба он оташи ҷаҳли хушдоман рехт, сӯзании арӯсии арӯс буд. Кампир бо шаст сӯзаниро аз девор канда партофт ва ба Зебо ки ба девор пушт монда хомӯш меистод, наздик шуд.

— Аз куҷое омадӣ, ба ҳамон ҷо гум шав, қанчиқ. Дар хонаи ҳалоли писарам туро дигар роҳ намедиҳам. Зани худфурӯш сазовори сангсор аст. Тамоми Сабзбаҳорро ба по мехезонам, туро шарманда ва расво мекунам!

— Оҳиста, амма мешунаванд. О мардум чӣ мегӯянд? — сӯзанияшро аз рӯйи хок бардошта ва афшонда, зорӣ кард Зебо.

— Мардум чӣ мегӯянд? —- шӯрид кампир. — Мегӯянд, ки... э зудтар хона амро холӣ кун, бехосияти шумқадам!

— Аз хонаи худам, ба ҳеҷ куҷо намеравам, — гуфт Зебо.

— Аз хонаи худат? — шӯрид хушдоман. — Ту садқаи хонаи обод шавӣ!

Зебо чун дид ки кампир ба гапаш эътибор надода, ба ҳуҷум гузаштанист, пешакӣ ба худмудофиа гузашт:

— Ҳамроҳи мо зистан нахоҳӣ чор тарафат қибла? Нони моро талх накун, мон одамвор зиндагӣ кунем.

— Ҳаҳ! Ту кай соҳиби хона шудӣ? — набераашро мисли калоба тела дода, ба арӯсаш наздик шуд хушдоман. Дузди зӯр соҳиби говро баста аст? Ку гум шав!

— Худат гум шав!

Остини куртаи фарсудаи келин дар дасти хушдоман монд. Нишона ки аз гуфтугӯи онҳо чизеро намефаҳмид, аз паси тут баромад. Даме ба худ омад ки Зебо ӯро аз болои кампири мӯйпарешон кашола мекард. Духтар аз дасти дугонааш раҳо ёфта, ба китфони лоғари кампир ду-се мушт зада, фиғони кӯдакро баровард.

Зебо ба бари рӯйи оташгирифтаи дугонааш бехудона ду шаппотӣ фаровард. Мӯйҳои сафед ва парешони хушдоманашро ба тартиб овард. Нишона бари рӯйи сурхшудаашро дошта, ҳанӯз ғазаб мекард. Аз чашмонаш шарора мепарид. Забони ишораҳояшро ҳатто Марзия мефаҳмид.

— Дар пуштат зин зада савор шавад, гап намезанӣ? Дар ин хона як дам истӣ, ту одам не! Пеш даро!

Нишона боз ба кампир наздик шуд. Зебо аз эҳтиёт хушдоманашро ҳимоя карда, пеши роҳи дугонаашро ки дер метаркид, аммо чун метаркид, дер ба худ меомад, дошта мушти обдоре ба пушташ хӯрд:

— Ӯро бори дигар биранҷонӣ,аз сари китфи дугонааш кампирро бо мушт ишора ва таҳдид кард Нишона, ангушт ба гулӯ бурда,мекушам, баъд хонаатро оташ мезанам!

Духтар чунон кампирро таҳдид кард ки ба ҷиддӣ будани он синҳор ва хушдоман шубҳа накарданд. Кампирро гӯё афсун карда бошанд, набераашро ба бағалаш шинонда, пушташро ба сутун ниҳод ва ба олами торикистон бо чашмони хирааш нигариста, хомӯш монд. Ӯ дар чӣ хаёл буд, Зебо намедонист, аммо дилаш ба ҳоли кампир сахт сӯхт. Ӯ Марзияро хуб омӯхта буд. Баъди сард шудани ӯ оташи ҷаҳлаш ҳар бор аз карда пушаймон, домани гиряро сар медод, аммо бори дигар нағмаашро айнан такрор мекард.

Зебо ӯро танҳо партофта, рафтанӣ набуд, аммо Нишона чизҳои чош ва парешро ҷамъ оварда, ӯро ишора ва амр кард:

— Пеш даро!

Дудилагии дугонаашро дида, духтарчаро аз бағали бибияш канда гирифт ва пеш даромад. Зебо лакот ва хаста аз паси соҳибдараки безабонаш ки дар айни ҳол аз ӯ чанд сар ва гардан боло буд, равон шуд. Раҳораҳ дар дил барои хушдоманашро напурсида, ба сафари дур рафтанаш худро маломат мекард, аммо ҳар қадар аз хонааш дур мешуд, бегуноҳии худро бештар эҳсос карда, ҷойи раҳм ва шафқатро нисбат ба кампири золим дар дилаш хашм ва ғазаб мегирифт. Ҳанӯз намедонист, Марзия ба тамоми деҳа гум шудани арӯсро овоза карда аст, аммо як чизро хуб медонист, алами Нишона бесабаб нест. Зебо ба остонаи хонаи Хайрия по монда, хастагии сангинеро ҳис кард. Пойҳояш беҷон шуданд, мадораш хушк шуд ва дилаш беҳузур. Ҷонаш

гӯё дар баданаш тангӣ мекард. Бори аввал беадолатии бадбахтиро эҳсос карда, беҳол шуд.

# БОБИ ҲАШТУМ

Аз боғи колхоз садои тарона ва хандаи занҳои себчин ба гӯш мерасид. Зебо тирезаи идораи ҷамоатро кушод.

Аз раҳаки дур ба худма ёр овардам,
Як тути музаффарӣ ниҳол овардам.
Аз тути музаффарӣ ниҳолам нагирифт,
Як ёраки шӯхи беқарор овардам.
Шаб куҷо будӣ, гули себи ман?
Бебақо будӣ, гули себи ман!

— Очат дар боғ аст?

— Не, дар хона.

— Чаро худаш наомад? — аризаро аз дасти духтарча гирифта, пурсид раиси ҷамоат.

Духтарча даме музтар ба ӯ надониста, оқибат бо содалавҳии кӯдакона ҳақиқати ҳолро баён кард:

— Курта надорад. Куртаашро падарам даронд, дигар куртаашро шуст, тар аст.

Пас аз хондани ариза иқрори бепардаи кӯдак дарди дили шикастаи Зеборо гаронтар кард. Ҳарду хомӯш ба якдигар менигаристанд. Нигоҳи духтарча ки аз Лолаи ӯ андак калонтар менамуд, пур аз ҳарос ва суол ва зории гунгонӣ буд.

Зебо ба духтарча як пора сақич дода, гуфт:

— Модаратро гӯй ки куртааш хушк шуд, назди ман биёяд.

Духтарча давида рафт.

Зебо оҳ кашид ва аз нав коғазро ба даст гирифт. Аризаи зани аламдида ки бо дасти кӯдак навиштанаш маълум буд, гӯё чашм баровarda, сӯяш менигарист. «Корд ба устухонаш расида аст. Зане ки «сар кафад зери тоқӣ» мегуфт, ба ҷон расида, сирри хонаашро ба бозор баровarda аст». Беихтиёр Нуқраи лоғар ва рангпарида ва Тоши сурхрӯйи равғанинбурутро ки

вақтҳои охир ба Ёғӣ Хидир тақлидкунон, шими галифэ пӯшида, шиками дамидаашро бо тасмаи пахни сагакдор мебаст, пеши назар овард. Қисмат Нуқра ва Тошро зери як бом ҷо дода, мақоли «гул бо хор»-ро тасдиқ кард. Онҳо мисли шаб ва рӯз аз якдигар фарқ доштанд. Қиссаи заношӯйияшон ҳам гӯё аз «Ҳазор ва як шаб» буд.

Нуқра куртаи нимтарро аз борчӯб гирифта, пӯшид ва рӯймолашро гирди гулӯ печонда, сӯйи идораи ҷамоат равон шуд. Дастонашро дар остинҳояш печонда мекӯшид, изи мушт ва лагади бегуноҳиашро пинҳон кунад. Зан роҳравон зиндагии бесарусомонашро ки аз беандешагии худ ё бераҳмии қисматаш имрӯз соҳибдарак мехоҳад, пеши назар меовард. Як ҳиссаи қиссааш чунин буд:

...Сарчашма, макони роз ва ниёзи духтарони деҳа буд. Мардҳо байни худ онро «парихона» низ меномиданд. Агар зане як рӯз ба сарчашма намеомад, аз кулли хабари олам бенасиб мемонд. Чанд рӯз, дар ҷамъияти хушҳоли духтарон хандаи Нуқра садо надод. Ӯ аз зинапоя афтода, пояш лат хӯрд ва ба сари чашма омада натавонист. Дугонаҳояш ба аёдат меомаданд. Ҳар бор хабари на ва пурхандае дастовез доштанд. Охирин хабаре ки аз таги дар қаҳ-қаҳзанон ба бемори бистарӣ расониданд чунин буд: Тоши якгӯш духтари ҳазрати эшонро хостгор шуда, паси дарвозаи ҳазрат як шаб ва як рӯз нишаста, гашта рафта аст. Духтари нозанини эшон бо ифтихор гуфт ки магар ӯ аз дигар духтарони Сабзбаҳор кам аст ки Тош ҳамаро хостгорӣ карда, ӯро аз ёд мебарорад?

— Навбати ту, — Нуқраро огоҳ карданд духтарон. — Ҷуфти мувофиқед, пойи ту ланг, ӯ якгӯш.

Нуқра ки аз ханда дардашро фаромӯш карда буд, ҳозирҷавобӣ кард:

— Барқасди ҳама ба Тош худам мерасам. Якгӯши бечора аз олам муҷаррад гузарад, убол нест? Убол аст! Ҳо, худам мерасам, ана мебинед.

— Омин! — баробар даст боло карданд духтарон, модари духтарро тарсонда.

— Аз даҳонатон шамол барад! Дар ин бегоҳи ҷумъа фариштаи роҳгузаре омин гӯяд, сарамро ба куҷо мезанам? — ранҷид модар.

— Мон, оча, омин гӯяд! — хандида гуфт Нуқра. Духтарон ба дугонаашон шифо хоста, хандон-хандон рафтанд.

— Ҳазли хунук карданд, духтарҳо, — гуфт модар. Бо тақдир шӯхӣ намекунанд. Рӯҳ ва арвоҳ дар пуштамон буда аст, фақат поят лат хӯрд, миёнат мешикаст чӣ кор мекардем? Ба Тош зор мешудем. Барои рӯҳ ва арвоҳ бояд худоӣ кунем.

— Як кулчаи худоӣ аз Тош, — ҳамчунон механдид духтар.

Нуқра сиҳат шуда ба по хест, модар кулчаи худоӣ пухт. Духтар кулчаҳоро ба дастархон печонда, кӯзаашро гирифта, сӯйи «парихона» роҳ пеш гирифт. Ӯ ҳанӯз меланггид ва оҳиста роҳ мерафт. Барои духтарон ӯ низ хабари коғазпеч дошт. Хостгорҳои Тош остонаи онҳоро низ бо умед зер карданд. Ӯ онҳоро пеш кард, аммо мехост ба хонаи онҳо низ омадани хостгорҳоро духтарҳо бидонанд. Дирӯза савобҷӯ сиҳат ёфта, дилёбӣ ва хайр ва саховатро зуд аз ёд баровард. Ҳаво торик мешуд. Нуқра сарчашмаро аз духтарҳо холӣ ёфта, малул шуд. То кулчахамираш расид ки пода омад ва духтарон парешон шуда анд.

Духтар кулчаҳоро рӯйи дастурхони тахтасанг барои мусофирон ва роҳгузарон гузоштанӣ шуда, ба долони чашмахона ворид шуд ва беихтиёр худро қафо кашида, ба девори сангин бархӯрд. Марде бо овози баланд мегирист. Ҳатто чунонаш намуд ки мард худ ба

худ гап мезанад. «Шомгоҳон дар сарчашма аҷинаҳо базм ороста меракcанд, доира мезананд», — шунидаҳояш ба ёдаш омад ва пойҳояш суст шуданд. Овози гиряро шилдироси об гоҳе пахш мекард. Гӯё дар ҷояш мехкӯб карда бошанд, на пеш рафта метавонист, на қафо. Майли гурехтан дошт, аммо пойи зарбхӯрдааш карахт ва беҷон буд. Он чиро ки намехост бишунавад, мешунид ва бовар намекард. Наход мард бигиряд?

«Худоё, маргам бидеҳ, — баръало шунид овози гиряндаро. — Дигар тоқати чунин хорӣ ва зорӣ надорам. Худоё, ба хости худат падарамро гургон тала карданд ва мардум ба ҷойи раҳм ва шафқат аз ман рӯй гардонданд. Мардеро ки мардум аз ӯ ҳазар мекунанд, мурданаш беҳ!»

Нуқра гӯш ва ҳуш шуд. На, дев ва аҷина не, инсони пураламе мегирист. «Мусофир ва бехонумон аст бечора», — андешид духтар. Духтар гиряи мардро бори аввал мешунид. Ба ақидаи ӯ, зӯри мард дар он аст ки гиристан бихоҳад ҳам, битавонад ки нагиряд. Гиряи ҷавони ношинос ки ба ӯ пуштгардон менишаст, духтарро сахт мутаассир кард. Ӯро хоҳише пайдо шуд ки ғами марди ғарибро андаке сабук гардонад, бе нон бошад нонаш диҳад, бе бом бошад, бомаш диҳад, оҷиз бошад, асои дасташ шавад, зеро дар ин шомгоҳ, баъди офият ёфтан ва ба по хестан қисмат беҳуда ба ин марди аламзада дучораш накарда аст. Аҷаб не, метавонист худаш оҷиз ва хор ва зор шавад, аммо қисмат ба ӯ раҳм кард.

Мардак шарфаи пойро шунида, саросема ба рӯяш об пошид ва аз ҷой хест. Онҳо шах шуда, ба якдигар нигаристанд. Кӯзаи духтар худ аз худ ғалтида, ба санг бархӯрд ва дастааш шикаст. Ин фоли нохуб буд, аммо вақти фолкушоӣ набуд. Раҳми духтар алҳол ба ними олам басанда буд, аммо на ба шахсе ки наздаш музтар

меистод. Худаш хостгорҳои ин мардро пеш карда, аз паяшон ҷорӯб зада буд.

«Ҷуръата бинед-а, Тоши якгӯши Охуни гургхӯрда ба Нуқра даҳон зада аст», — мегуфтанд хандон хешовандон ки қимати хеши худро хуб медонистанд. Магар ӯро беҳуда Нуқра ном карда анд?

Тош дастаи шикастаи кӯзаро аз замин бардошта, сархам меистод. Чаро ҷуръат карда ба хонаи онҳо хостгор фиристод? Шунида буд ки духтар аз зинапоя афтода, маъюб шуда аст... Духтарро сиҳат ва бардам дида, интизори таҳдид ва таҳқири Нуқраи шӯх музтар ба оби равон менигарист. «Агар гӯшашро аз даҳони гург гирифта, ба ҷояш часпонад, худам ба пойи худам хаскаппаи Тошак меравам. Ҳа, ҳа, ҳа!» Истеҳзояш аз пайи хостгорҳои музтар дар гӯшаш садо дод. Аз ин садо тарсид. Оё яке ҳақ дорад ки дигареро барои ҷурмаш таҳқир кунад?

Духтар ба дарахтони анбӯҳи мазор ки бо забони баргҳо байни худ сӯҳбат доштанд, нигарист. Хаёле худро ҷойи ин ҷавони кулфатзада ки қисмат на танҳо гӯш, балки ягона соҳибдаракашро ба даҳони гургони гурусна дода буд, тасаввур кард. «Магар ӯ чунин қисматро талабгор буд? Он шаб дар тангии дара, Тош ва падараш не, Нуқра ва модараш ки саҳар бо ҳамон роҳ аз осиёб омада буданд, ба чанги гургон меафтоданд, аз дасташон чӣ меомад? Ҳангоми зилзила хона болояшон меафтод, чӣ кор мекарданд? Нуқра дар чанги андешаҳо буд ва Тош кӯзаи якдастаи ӯро боҳавсала регшӯйӣ мекард. Ҷавон нигоҳи чашмони аз гиря варамидаашро гурезонда, кӯзаро аз об пур кард ва ҳамчунон беҷуръатона гуфт:

— Ба кампири Ғамза бароят кӯзаи аз ин беҳтар мефармоям!

Зери осмони деҳа ки дар гирди доси мохи нав ситораҳои хурд ва калон чашмак мезаданд, ҷавон ба назари духтар чунон сияҳтолеъ ва бадбахт намуд ки

барои нишондани яъсаш ба рӯй чанд каф об пошид. Болои сар дар осмони нилгун доси моҳи навро дида, ба замин нишаст:

— Мубораки моҳи нав, тани сиҳат, дили беғам, омин!

Тош низ ба ӯ пайравӣ карда, даст ба рӯй кашид. Духтар кулчаҳои дастархонро рӯйи тахтасанг рехта, ду донаашро ба Тош дароз кард. Ӯ гурусна буд, аммо нагирифт.

— Гир, гир, барои ту кӣ нони гарм мепазад? Гир, ҳамаи кулчаҳоро гир, — меҳрубонӣ кард духтар ки раги савобҷӯияш ҷунбида буд.

Тош гӯё ях баста буд, намеҷунбид.

— Миёнбандатро деҳ! — амр кард Нуқра ин бор сахт ва Тош дилтангона итоаткорона миёнбандашро кушод. Духтар кулчаҳоро ба рӯймол баста, ба дасти ҷавон дод. Ҳанӯз Нуқра ба ёд оварда наметавонад ки он дам ба ҷавон худаш ё парие ба ҷойи ӯ гуфт: «Хостгорҳоятро гӯй, биёянд, модарамро худам ризо мекунам». Ин суханонро на танҳо оби равон ва дарахтон, балки Тош низ баръало шунид ва ҳамчунон ки фармуда будандаш, «аз ту ба як ишора, аз мо ба сар давидан» шуд.

Сабзбаҳориёнро дар тамузи тобистон дар рӯйи бомҳояшон барф меборид, чунин ҳайрон намешуданд. Қарори Нуқраи нозанин ва пур харидор аҳли деҳаро мот кард. Ҷавонҳои орзуи духтарро дошта, чанд рӯз сархам ва малӯл гаштанд. Касе сарриштаи ин муамморо пайдо карда наметавонист. Рафтори Нуқраро дугонаҳояш байни худ ба тариқи худ шарҳ медоданд:

«Равад ки Тоши якгӯш аслан шоҳзода бошад?»

«Биллоҳ ки аз қурбоқа бадафт аст!»

«Қодирқалам дар пешонааш навишта буда аст».

«Қодирқалам инсоф надошта аст!»

«Зинда бошем, чунон аҷоибот ва ғароиботро бубинем, ки...» Нуқра бо бемулоҳизагияш ҳамаро сахт сӯзонд ва баъд худаш низ сӯхт.

Тош оне ки ба мурданаш ризо буд, якбора чун калаки афсона хушбахти олам шуд. Хушбахт шуд ва бадбахтияшро зуд фаромӯш кард.

Тоши хонадомод тайёр буд, остонаи хушдоманашро бо мижгонаш рӯбад. Агар аз дасташ меомад, ҳар рӯз хамир карда, барои зан ва хушдоманаш фатири гарм мепухт. Ғайри нонпазӣ дигар ҳама кори хонаи бемардро ба гардан гирифта, хушдоманашро ки аввал гирди як дастархон бо домодаш нишастанро забунӣ медонист, дере нагузашта, шукргузор кард.

Нуқра шавҳардор шуд ва дигар ба хонаи дугонаҳояш панҷакбофӣ намерафт. Ӯ панҷакбоф дошт. Ба охири номи Тоши якгӯш панҷакбоф илова шуд. Нуқра ҳам ба Тош одат кард. Балки хурсанд буд ки ин мардаки хизматгор ва қадршинос тасодуфан насиби дигаре нашуда аст. Соҳиби фарзанд шуданд ва қадри сардори оила афзуд. Тош занашро дӯст медошт, аммо аз ӯ сахт метарсид. Доим дар ёд дошт: Рӯзе ба ғазаби Нуқра ва модараш гирифтор шавад ва аз хона ронандаш, боз рӯйи замин бе макон ва якка ва танҳо мемонад. Ҳамин тарси дар аввал ширин, рафта-рафта, боиси ҳарос ва кинаи мардак шуда, оқибат ба дилсиёҳӣ ва дилсардӣ расид. Нуқра шавҳарашро ба қатори мардони деҳа тела карда, пойгаҳнишинро болонишин кард. Дар маъракаҳои тӯю азо пеш аз ҳама Тош бо дастархонаш пайдо мешуд. Ҳақ мегӯянд ки мардро мард мекардагӣ ҳам зан ва номард мекардагӣ ҳам зан аст. Нуқра шавҳарашро ба қатори одамон даровард ва хавфи аз қатор баромадани худаш сар зад. Даме ба худ омад ки Тош соҳиби як даста калиди анборҳои колхоз буд ва нонаш дар равған, рӯйи дилаш як ваҷаб чарб зер карда.

«Эҳ ҷанг, ҷанги балодарсар,

Тошҳоро ҳай майдон ва асп ва зин додӣ!»

Нуқра раҳораҳ гуноҳ ва савоби худро таҳлилкунон ва ашкашро бо остинаш поккунон ба идораи ҷамоат расид. На танҳо Зебо, дигар занон низ ӯро дилсӯзона интизор буданд.

— Кай ҷанг кардед, шаб ё рӯз? — ҷабрдидаро дар остона бо савол пешвоз гирифт Аслия.

— Гӯям ки гоҳе аҷлакат мегурезад, меранҷӣ, — гуфт Нозӣ. — Чӣ фарқ дорад ки Тошак кай ба камари Нуқра лагад зада аст?

— Фарқ дорад, —гуфт ҷиддӣ Аслия.

— Ҳар рӯз ҷанг мекунад, ҷавонмарг, — ҷавоб дод Нуқра.

— Ҷанги охиринаш кадом вақт буд охир? — боз пурсид Аслия. — Аввали шаб, нисфи шаб, саҳар, кай?

— Мушти шабонаи Сафар аз мушти саҳарияш беҳтар аст? — пурсид Нозӣ. — Ҳой чӣ фарқ дорад?

— Ҷанги аввали шаб ва саҳарӣ ҳисоб нест. Онҳо баъд оштӣ мешаванд ва мо шармсор, — сӯйи Нозӣ гашта гуфт Аслия.

— Дугона ам рост мегӯяд, ба ҷанги зан ва шӯ остонаи хона хандида аст, —Аслияро чун ҳамеша тарафдорӣ кард Хосият.

— Дина вақти подаҳайкунӣ ҷангро сар кард, — гуфт Нуқра.

Дигар касе намехандид.

— Шин, Нуқра, — гуфт Нозӣ ба зани дар остона рост истода.

— Шин ва буд ва шуди гапро ба занҳо нақл кун. Аризаро худат навиштӣ?

— Ман гуфтам, духтарам навишт, — кӯтоҳ ҷавоб дод ҷабрдида.

— Бечора кӯдак! — гуфт Зебо зери лаб. — Худат мехонӣ ё ман хонам?

— Худат хон, Зебиҷон, — гуфт бо овози гиряолуд Нуқра.

Занҳо гӯш ва ҳуш шуданд. Зебо мактубро канда-канда, ҷойҳои нофаҳмояшро партофта мехонд.

«Фарбеҳиро гӯсфанд мебардорад, баландиро уқоб, — шунаво хонд Зебо. Занҳо табассум карданд. Шӯяшро якбора гӯсфанд ва уқоб номидани Нуқра ба занҳо форид.

«Шӯям ба айёшӣ ва дуздӣ ном бароварда аст ва кӯдаконам нони хӯрданӣ надоранд, — менавишт ҷабрдида. — Буд ва шуди анбори Сабзбаҳорро ба хонаи занаки ба ҳамаатон маълум мекашонад».

— Номи занака бигӯ! —талаб кард Нозӣ. — Бигӯ, фаҳмем.

— Номашро худат аз ман хубтар медонӣ, — ранҷида гуфт Нуқра.

— Бигӯ, дигарон донанд, — исрор кард Нозӣ.

— Зика! — зани аламкашида номи рақибаашро ба ҳама бори аввал маълум кард. — Зикаи мори обӣ!

— Воҳ! — якбора чанд зан оҳ кашиданд.

— Чӣ воҳ мегӯед, аз осмон афтодаед? — гуфт бо истеҳзо Нозӣ.

Қиссаи муносибати Тош ва Зика дар деҳа кайҳо овоза шуда буд. Рӯйрост дар идораи ҷамоат, дар ҳузури ҳама бори аввал гиреҳи ин алоқаро мекушоданд.

«Дар ҳама деҳаҳое ки колхоз анбор дорад, ӯ зани никоҳӣ дорад». Занҳо мағал бардоштанд.

— Ором шавед, духтарҳо!

Баъд Зебо ҷойҳои қаламкашидаи аризаро ки ба рост буданаш шубҳае надошт, бо овози баланд, таъсирбахш хонд. «Анбори колхоз ва ҷебаки пурам бошад, натанҳо мансаби раисии колхоз ва ҷамоат, ҳамаи беваҳои Сабзбаҳорро мехарам. Бачаи Охуни гургхӯрда, Тоши якгӯш будан бас аст. То зан ва духтари ин мардуми бадзабонро фалон накунам, аз

ҳафт пуштам гашта бошам. Гушнагӣ оқибат ҳамаи занҳои Сабзбаҳорро ба ҷогаҳи ман меорад. Илоҳо, ҷанг асло тамом нашавад! Аз ду сар Гитлер ба Сабзбаҳор намеояд, биёяд, марҳабо!»

— Ҳаҳ! — даст ба зону зад Нозӣ. — Шӯ надорам гуфта, ғам мехӯрдам, Тоши якгӯш кайҳо маро ба никоҳаш дароварда аст... Худаш куҷост? Биллоҳ ӯро худам хасӣ мекунам.

— Ист, ист! — аз остини ҳамсояаш кашида, ӯро ба зӯр шинонд Хосият.

— Давомашро хон, Зебиҷон, — хоҳиш кард Асал. «Туро, яъне Нуқраро, — шарҳ дод Зебо, — бо марги худат не, бо азоби алим, хорӣ ва зорӣ мекушам».

Нуқра гирён шуд. Нозӣ аз ҷой хест. Ӯро дигар шинондан мушкил буд.

— Дигар нахон, Зебиҷон, ҳаминаш ҳам кифоя ки Якгӯшро ахта кунем, — аз номи ҳама ҳукм баровард Нозӣ.

— Зебиҷон, ёд дорӣ, Тошак барои як ҷомаи кӯҳнаи Саид як ҳафта дар хонаи шумо ҳоҷатхона кофта буд?

— Ҷомаи домодияш аз раҳматии Сафо буд, — гуфт Нуқра. — Шаб пӯшид, саҳар баргардондем. Ба ёдаш биёрам, маро лагадкӯб кард.

— Даъвои раисӣ карданаш ба ман форид, — заҳрханда кард Зебо.

— Якгӯш орзуи даҳшатнок карда аст, — оҳ кашид Асал ки беист сар меҷунбонд. Орзу карда аст ки ҷанг асло тамом нашавад ва бачаҳои мо барнагарданд. Худоё ба бе даст даст, ба калбуз шох надеҳ!

— Ҳамин хел орзу карда аст-а? Ин хел бошад, ӯро куштан кам аст. Хунаш дар гардани худаш. Сарашро дукафон мекунам ва воҳ намегӯям, — дар қатори Нозӣ рост шуд Хосият.

— Ҳой, духтарҳо, истед! — занҳои роҳакиро боздошт раиса. — Шуморо аз кор мондам ки сарҷамъ маслиҳат кунем. Ба Нуқра ёрӣ даркор духтарҳо. Чунон ёрие ки «на сих сӯзад, на кабоб».

— Рост, рост, «ҳам лаъл ба даст ояд ва ҳам ёр наранҷад», зиндагӣ савдои умр аст, — раисаро тарафдорӣ кард Хосият.

— Розӣ ҳастӣ, ӯро ба Сурхоб партоям? — ҷиддӣ пурсид Нозӣ ки дамодам аз алам ва ғазаб сурх мешуд.

— Афсӯс, дарё ҳаром мешавад, — гуфт Нозӣ, беҳолона сар хам карда. — Идора аз онҳое ки омадани занакро дида, зиндагии тоқатфарсои ӯро медонистанд, пур шуд. Онҳо низ ҷабрдидаро тарафдорӣ карда шӯйи аз худ рафтаашро санги маломат мезаданд.

— Хайрият шӯ надорам, — гуфт Нозӣ.

Касе ӯро тарафдорӣ накард. Бештари занҳо шавҳарони нағзи худро ёд оварданд ва ашк чашмонашонро сӯзонд.

— Худи Нуқра чӣ мегӯяд? — пурсид Аслия ки маслиҳатро дар ҳар кор лозим мешуморид.

— Ҷонама Худо гирад. Чӣ мегӯям, айби худам шуд, — гуфт зан.

— Албатта айби худат, — тез шуд Нозӣ. — Ба шӯ қаҳтӣ зада буд?

— Занакбозияшро намегӯйӣ, кадом аламамро гӯям?

— Занакро ба хонаат овард?

— Худаш ба хонаи занак меравад.

— Пояша намешиканӣ? Рӯ ва мӯйи занаки бадгардро намеканӣ? — саволборон карданд Нуқраро.

— Ба занаки бечора ширеш барин часпад аз дасти ӯ чӣ меояд?

— Номаъқул кардӣ, Аслия! Занак мисли чашма аст, дар сел ҳам бояд соф бошад, — шӯрид Нозӣ.

Зебо дид ки бо чунин ҳол то пагоҳ ба хулосае омада наметавонанд, қарор дод баъди кор аъзои совети занонро даъват карда, ба поёни ҷанҷоли зан ва шавҳар нуқтаи итмом гузоранд:

— Духтарҳо ба ҳама ҷавоб, аз пайи кор бошед. Лозим шавад, худам шуморо меёбам. Нуқра, ту ист, ба ман даркорӣ.

Занҳо бо дили нохоҳам идораи ҷамоатро ки занбӯрхонаро мемонд, холӣ карданд. Зебо ба Нуқраи дар гӯшае сархам нишаста нигариста, Халифа-боборо ки беҳуда лақаби «тамбаи дари ҷамоат»-ро соҳиб нашуда буд, чеғ зад. Мӯйсафеди рамузфаҳм гоҳ ба Нуқраи ғунчашуда, гоҳ ба Зебо нигариста, пешакӣ медонист ба куҷо равад.

— Бобоҷон, Тошро ёфтан даркор!

— Медонам, ҷони бобо!

Мӯйсафед рафт. Зебо дастони зарбхӯрдаи Нуқраро молида гуфт:

— То омаданат хеле фикр кардам. Фарз кардем, аз район милитсияро чеғ зада, ҳуҷҷат тартиб медиҳем ва шӯят мувофиқи гуноҳаш ҷазо мебинад... Аммо кӯдаконат ман ва туро асло намебахшанд. Сазовор аст ки калиди анборро аз дасташ гирифта, аз давлат ва савлаташ маҳрум кунем, аммо дар даври бемардӣ аз куҷо ба зудӣ мудир меёбем? Чораи беҳтарин ин аст: шуморо оштӣ дода, аз Тош забонхат мегирем. Ҳам шумо хурсанд, ҳам мо, чӣ гуфтӣ?

Нуқра чизе гуфтанӣ буд ки ба идора Халифа-бобо даромад.

— Дари анбор қулф задагӣ, — забон хоид мӯйсафед.

— Бобо, маро фиреб медиҳӣ. Тош дар анбор аст. Росташро гӯй, чӣ гуфт?

Мӯйсафед сӯйи Нуқра нигарист.

— Гӯй, гӯй, бигузор занаш ҳам шунавад.

— Гуфт ки лозим бошад, худи раиса биёяд?

— Ҳо, ҳамин хел гуфт. Ман гуфтам: Номаъқул кардӣ, — гуфт мӯйсафед.

— Мастии ин мардак бе пастӣ нест, — фиғон кард Нуқра.

— Боз гуфт ки раиса роҳи анборро хуб медонад, чаро худаш наомад, ҳамин тавр не? — суол кард Зебо.

— Ҳа, ҳамин хел гуфт, — қоил шуд қосиди музтар.

— Дидӣ, Зебиҷон, дидӣ? — нолиш кард занак, ба ҷойи шӯйи мастшудааш шармида. — Хоҳари қиёматӣ аз гуноҳаш гузар.

Зебо аз ҷой хест. Мӯйсафед ки ғазаби ӯро таҳдон буд, роҳашро гирифт. Косаи обро дароз карда, оҳиста гуфт:

— Духтарам, сад бор чен карда, як бор бур. Тош ки хислати раисаро хуб медонист, дарро қуфл зада баромада рафт.

Зебо мудирро наёфта, ҳатто хурсанд шуд. Ҳар коре, сари қаҳр мекард, оқибат пушаймонӣ дошт. Сари кундаи хушки ҳавлии анбор андешаманд чанде нишаст. Ҳайрон буд ин моҷарои аз доираи ҷанҷоли оилавӣ баромада, ба ҷамоат расидаро чӣ гуна ҳал кунад. Аз рӯи гап, бе маслиҳати раиси пир намешавад. Роҳравон беихтиёр сӯйи хонаи Зика нигарист.

Зикаи аз маҷлиси занон бе хабар ва аз ҷамъияти онҳо ҷомаҷандаи шавҳарашро пӯшида, поруи порсоларо ҳамроҳи кӯдаконаш тапак мекард. Чун аз пайи Нуқра ба идораи ҷамоат даромадани занҳоро дид, занак «аз бало ҳазар» гӯён хонааш рафт ва аз пайи зиндагӣ шуд.

Занҳо дар боғ Зикаро наёфта, ғазаб карданд ва ба хонааш намояндаҳои худро фиристоданд. Зебо ба ҳавлии Зика даромадани Хосият ва Аслияро дида,

норизо абрӯ чин карда, қадаммонияшро сӯйи хонаи раис тезонд.

— Аввал пурсиш, баъд кӯшиш, — ба нигоҳи ҳайрати Зика бо табассум ҷавоб гардонда, оҳиста ба ҳамроҳаш гуфт Аслия. Ҳамеша дар хиёнат аввал мардонро айбдор мекард. Ақида дошт ки агар мард нахоҳад, аз дасти зани бечора ҳеч кор намеояд.

Занҳо Зикаи таннозро байни поруи бадбӯй машғули тапакзанӣ ёфта, шасташон гашт. Занак то зону ба ахлот ғӯтида, тапакҳои кулӯлакардаашро ба дасти духтарҳояш медод, онҳо ба болои бом мебароварданд. Аз сӯрохиҳои ҷомакӯҳнаи дарида китфон ва тахтапушташ намоён буд. Зикаи тапакзан ва ошиқи Тоши мастшуда дар тасаввури занҳои ҳақиқатҷӯ нагунҷид. Онҳо ки бо мақсади аз хок гирифта, ба лой задани маъшуқаи мудир омада буданд, байни ҳавлии ҳамеша тоза ва обзадаи соҳибхона музтар, чӣ кор карданашонро надониста, меистоданд. Занак бо табассуми ҳалим ва рамуздораш меҳмонҳои нохондаро истиқбол кард, аммо даме аз кор наистод:

— Ҳай, ҳай, хуш омаден, кадом шамол парронд? Ҳозир дастама шуста меоям, — аз байни ахлоти порина баромаданӣ шуд соҳибхона.

— Не, не, — баробар рад карданд меҳмонҳо. — Дидем танҳо тапак мекунӣ, диламон сӯхт, то сар шудани кор камтар ёрдам карданӣ шудем.

Хосият остин ва поҷома барзада тапаки шилмакро аз дасти Зика гирифт.

— Навбати мо расад, ту ҳам ёрдам мекунӣ, — зуд илова кард Аслия, калӯшашро кашида.

— Албатта, бо ҷон ва дил, — гуфт занаки айёр.

— Чой мон, ҷони оча, — гуфт ба духтари қадрасаш соҳиби хона. — Таги дегро коб, як коса ҷурғот ҳаст. Холаҳоят чӣ шуд моро ёд карданд, вақти

дигар шутур кушӣ намеоянд. Ҳай-ҳай, аҷаб хуш омаден, дугонаҳо!

«Байтал!» — дар дил айёраро ҳақорат дод Хосият ки раҳмдилӣ ва ваколаташ, аз омаданаш сад бор пушаймон буд.

Пайваста табассум кардани соҳиби хона ҷони меҳмонҳоро ба лаб меовард. Сӯҳбаташон қӯр намегирифт. Оқибат занҳо аз бахри чою ҷурғот баромада, гӯё ба чӣ кор омаданашонро фаромӯш карда «танаффус тамом шуд, зудтар ба боғ биё!» гӯён рафтанд.

Табассуми Зика занҳоро мағлуб кард. Занак бо табассумаш фаҳмонд ки дунё чаппа шавад ҳам пойи фароғаташ раг намекашад, чунон ки бо майли дилаш мезист, ҳамчунон хоҳад зист. Тош низ ба ин хона пинҳонӣ омадурафт хоҳад кард. Дузде ки ба даст наафтода аст, оё дузд аст?

Зика на танҳо бо чӣ кор омадани занҳоро напурсид, балки аз пасашон то таги дар набаромада, баъди рафтанашон бо рӯймол даҳон пӯшида, пеши худ ба ҳоли занҳои сода хуб хандид.

Дар хонаи Тош қиёмат қоим мешуд. Садои дод ва фарёди кӯдакон ки модарро зери мушт ва лагади мӯзаҳои хироми падарашон дида, ба ӯ ёрӣ дода наметавонистанд, маҳалларо пур кард. Тош Нуқраи аз идора баргаштаро таги дарвоза пешвоз гирифта, ба кокулонаш чанг зада, байни ҳавлӣ кашола кард.

Ба шаъни ҳомиёни занаш — занҳои Сабзбаҳор, чанд ҳақорати ногуфтанӣ фиристода, барои «сири хонаро ба бозори деҳа баровардан» занашро талоқ кард ва баромада рафт.

Нуқра ки то ин дам аз тарс ва ғазаб гиряро фаромӯш карда буд, аз паси шавҳараш «паят гум шавад», — гӯён бо ҳасрат чанд бор ҷорӯб зад ва аламаш боло гирифт. Аз тақдири бадаш фиғонкашон ба замин нишаст.

Зебо овози гиряро аз дур шунида, ба хонаи раис нарасида, аз роҳ гашт.

— Ягон кас мегиряд ё хурӯс ҷеғ мезанад? — пурсид Нозӣ, нафасгир то Зебо расида.

— Имрӯз хаткашон ба район нарафта аст, — гуфт Зебо қадаммонияшро тезонда. — Нуқра мегиряд.

— Маро беҳуда аз роҳ гардондӣ, Зебӣ, — аз пайи ӯ давон мегуфт Нозӣ, — сари вақт нӯхтаи ин пирхарро накашем, дар пуштамон зин зада, савор мешавад...

Зебо «ҷамъияти ҷамъи занонро дар хонаи ҷабрдида, ёфта дар ғазаб шуд. Занҳои Сабзбаҳор дасташон дар оби тилло бошад, овози ҷанҷолро шунаванд, тиллоро партофта, сӯйи мағал медаванд. Меваҳои пухта рехта нобуд мешуданд, занҳо инро гӯё намедиданд. Агар медиданд, аз раиси ҷамоат пештар дар хонаи Нуқра ҳозир мешуданд? Зебо андешаашро ба забон овард:

— Ҳамин рӯз Охунро гург хӯрда аст, беваҳо? — пурсид занҳоро Зебо аз таги дарвоза.

Ҷамъияти ҳангоматалаб ба маънии киноям раиса расида, ба ҷунбиш омад, аммо ҳисси кунҷковияшон аз тарс ва эҳтиром боло буд, онҳо мехостанд бидонанд ки намояндаи ҳукумат — раиси ҷамоат ба поёни ин моҷарои кашолёфта чӣ гуна нуқта мегузорад.

— Илоҳи дастони Якгӯш шиканад. Чӣ хел дилаш шуд ки туро ба ин ҳол расонд! Худат гӯй Нуқраи ҷон, бо шӯйи тармарги ту чӣ кор кунем? — дастони латхӯрдаи зани гирёнро молида мегуфт Нозӣ.

— Бечораро ба ин ҳол андохта гурехта аст, — гуфт Аслия. — Ӯро ёфтан даркор, Зебиҷон, — таклиф кард Хосият.

— Меёбем, таги замин рафта бошад, меёбем, — ваъда дод Нозӣ. — То ӯро наёбем ва ҷазояшро надиҳем, қадамамон боғи колхозро намебинад, ана ҳамин хел, беваҳо!

— Нозӣ ҳақ ҳақи ту, — ӯро тарафдорӣ карданд занҳо.

— Зебиҷон, — рӯ овард Нуқра ба Зебо — намояндаи ҳукумат шуда, лаҷоми як бегӯшро кашида натавонӣ, мани бечора дигар роҳ ва соҳиб надорам. Ё арзамро аз Сабзбаҳор берун мебарам, ё худамро ба Сурхоб мепартоям. Ӯ маст шуда аст. Мастии ӯ бе пастӣ нест. Дидӣ, ҳатто туро писанд накард, ба идора наомад. Гӯй ки ман чӣ кор кунам? Ягон рӯз маро мекушад, чӯҷаҳоям бесоҳиб мемонанд, у-у-у! — фиғон кард аламкашида.

Танбеҳи занаки ҷабрдида, гиряи пураламаш, бечорагияш дар ҳузури ҳама ба мағзи устухони Зебо расид.

— Ҳақ ба ҷониби туст. Нуқраи ҷон, аммо боз мегӯямат: ҳар чорае на андешам, зарараш ба худат мерасад. Тош сазовори бадтарин ҷазо аст. Ӯро ҳабс кунанд меарзад, аммо ту бо ин як села гунҷишкаконат чӣ кор мекунӣ?

— Дар ақлат садқа, Зеби ҷон, — ӯро тарафдорӣ кард Нозӣ ки даме пеш каллаи Тошро кандан мехост. Шояд азоби танҳоии худро ёд оварда, чунин мулоим шуда буд.

— Рост мегӯйӣ, ӯ маст шуда аст, — гуфт ба Нуқра Зебо. — Ҳушёр карданаш тани мо. Туро талоқ карда рафтанаш чунин маънӣ надорад ки бори хонавода аз дӯшаш афтода аст. Номаъқул карда аст. Талоқи ту дар сандуқи фӯлодии ҷамоат аст.

— Духтарам, — дар ҳузури ҳама соҳиби раиси ҷамоат буданашро намоиш доданӣ шуда гуфт Марзия.

— Лаҷоми ин беасл ва насабро сахттар каш. Аз одамон натарсад, аз қонун, аз давлат тарсиданаш даркор.

— Фақат як талоқат кард, — оҳиста пурсид Аслия.

— Ҳа, як талоқ,— ҷавоб дод зани ҷабрдида.

— Дар Сабзбаҳор як зани шӯдор буд, ӯ ҳам алҳол бева монд, — оҳ кашид Нозӣ.

— Хайрият, хайрият як талоқат карда аст, — гуфт Хосият.

— Як талоқ кам аст? Тавба. Гул барин занака Якгӯш талоқ карда аст, — алами занакро шӯронд Марзия.

— Наход ҳамин якгӯши оқи падар мани гулғунчаи тарро талоқ кунад-а? — Нуқраро аламаш тоза шуд. — Аз ин рӯз мурданам беҳ нест?

Занҳо Нуқраи аламзадаро дер гоҳ дилбардорӣ карданд. Зебо дигар ғазабашро пинҳон карда натавонист.

— Барои шумо ҷанҷоли Тош ва занаш аз кори колхоз муҳимтар аст? Ку, тезтар сабадҳоятона бардоред, бекорхӯҷаҳо! Аз кор мисли аз мор мегурезед. Ба шумо баҳона зарур.

— Ин ҳам кор аст, Зебиҷон, — гуфт бо зарда Аслия — Хонаи гунҷишк не, хонаи одам вайрон шуда аст.

— Ҳо, гул барин занаки бегуноҳ шата хӯрда аст, — илова кард Хосият.

— Хайр, агар бе ёрии мо гӯри Тошро канда тавонӣ, мо рафтем, — аз номи ҳама гуфт Нозӣ.

— Гуфтам-ку Тош беҷазо намемонад, — арз кард Зебо ки ба кафидан наздик буд.

— Ӯро ёфтӣ, моро ҳам ёб, — гуфт Нозӣ. — Дониста мон, ӯро бахшидан гуноҳ аст!

— Хуб, хуб, мо ӯро бахшем, ҳам Нуқра намебахшад, — Зебо ба дугонаи рамузфаҳмаш пурмаъно чашмак зад.

Нозӣ маънии чашмакии ӯро дарҳол фаҳмида, ба занҳо амр кард:

— Ку, пеш дароед, духтарҳо! Хуб дам гирифтед, биллоҳ ки ҳамин рӯз ҳамаи себзорро начинед, рӯйи хона ва даратонро намебинед. Тоши тармарг имрӯз на худаш кор кард ва на моро кор кардан монд. Ба ҳар ҳол, Зебиҷон, ӯро ёбем, чӣ гуна ҷазо медиҳем?

Занҳо баробари Нозӣ дар остонаи дарвоза қарор гирифтанд.

— Ҷазояшро ба худи Нуқра ҳавола мекунем, — гуфт Зебо.

— Ба ман ҳавола накунед ӯро ба ҷанг фиристед, — зорӣ кард занак ки аз калимаи ҷанг чун аз аҷал тарсидани шӯяшро медонист.

— Ба ҷанг? Не, не! — эътироз кард Хосият. —Тош ба дасти душман афтад шарманда мешавем.

— Аз ҷанг ҷазои бадтаре фикр мекунем, — гуфт Аслия. Занҳо сахт ва пурмаъно хандиданд.

— Барои ӯ аз ҷанг ҷазои сахттаре нест, —гуфт занаш. — Равад, кулчаи худоӣ мекунем, мурад — бачаҳоям бо сари баланд мегарданд, гашта биёяд — давлати худаш.

Занҳо қарори Нуқраро маъқул дониста, ғалоғулакунон баромада рафтанд. Нуқра низ сабадашро бардошта, аз пайи онҳо равон шуд. Раиси ҷамоат дар ҷустуҷӯи мудири анбор ки дар рӯзи равшан ғайб зада буд, афтод.

## БОБИ НУҲУМ

Тош ҳар қадар аз хонааш дур мешуд, он қадар худро парандаи озод ҳис мекард. Аввал аз занашро талоқ доданаш пушаймон шуд. Сипас худро бовар кунонд ки кори оқилона карда аст. Дандони дардмандро сари вақт кандан лозим! Вақтҳои охир зистан бо Нуқраи пур гап ва серталаб ки ҷо ва ноҷо кӣ ва чӣ будани шӯяшро дар ҳузури худӣ ва бегона ёд мекард, аз дарди дандон ҳам тоқатфарсо буд. Беҳуда акнун аз Сабзбаҳор ва занҳои шилқинаш ки ҳатто ба чӣ гуна пӯшидани тоқият кор доранд, сӯи деҳаи Гулзор фирор намекард. Занҳои ин деҳа ҳарчанд бо мардони бегона забони салом надоштанд, ин ҷо онро низ ҷанг аз мардон холӣ карда, дар ҳар хона парие танҳо ва маҳзун мезист. Чунин парӣ дар назди анбор манзил дошт. Тош аз равзанаи анбор соатҳо ҳавлирӯбӣ ва нонпазии духтарро тамошо карда, орзупарвар шуда буд.

Тош ва Парӣ ду-се бор дар танҳоӣ дучор омаданд. Ҷавонзан дар ҷавоби саломи мардак сар ҷунбонда табассум карда, ӯро умедвор кард. Хусури ӯ мӯйсафеди ниҳоят дам дузд ва бад қавоқ буд ки бо як дидан шасти мудири анборро гардонд.

Роҳи паст ва баланди деҳа ки Тош вақтҳои охир онро бо қадам бисёр чен мекард, имрӯз ба назараш тахт ва ҳамвор менамуд. Мӯзаҳои хиромашро ки дилаш намешуд дар роҳи пурсанг пӯшад, хӯрҷинвор ба китф овехта, кӯталро мебаромад ва ҳис мекард ки дамодам нафасгирияш мушкилтар мешавад. Бори шиками дамидаро пойҳои борикаш базӯр мекашиданд. Садои тапиши бенизоми дил ҷавонии ройгон ва бо хорӣ ва зорӣ гузаштаашро хотирнишонаш менамуд.

«Умр меравад, — меандешид мардак, балки умр ба тамом рафта аст, — чун занбӯри асал шаҳди гулҳои зиндагиро бояд макид! Одам як бор зиндагӣ мекунад, як бор!!!» Одам як бор зиндагӣ мекунад ва ба назари

Тош ӯ ҳанӯз чӣ будани зиндагии инсонанаро намедонист.

Мардак медонист ки бо як талоқ аз зани арбадаҷӯяш муфт халос нахоҳад шуд. На танҳо қонун, балки занҳои бад ва балои Сабзбаҳор ки дар ҳама кор қонунҳои нонавиштаи худро доранд, тарафдори зани ӯянд. Ягона умедаш ба замонаи бесар ва сомон буд. Зеро бо чашми худ медид, бо ақлаш мешинохт ки ҷанг ҳама қонун ва қоидаҳоро дарҳам ва барҳам зада аст. Оне ки умре аз меҳр ва муҳаббат бенасиб буд, зудтар арӯси бахташро ба зини шикастаи давр савор кардан мехост. Ба банди тасмаи худ даст бурда, дарзаи калидҳои хушовозро устувор ёфт ва хотираш ҷамъ гашт.

Мардум гумон доштанд ки Тошро бо айби бегӯшияш ба ҷанг набурда анд. «Мардум сода, дил ёфта қанд хӯрдан ҳунар аст! — чунин буд маънии лаб каҷ карда худ ба худ писханд заданаш.

Сангҳои тафсони роҳ кафи пояшро месӯзонданд, аммо дар роҳи беодам ва ноҳамвор зинҳор мӯзаҳои хироми ба ҷон баробарашро нияти пӯшидан надошт. Чун мӯзаҳои хиромро пӯшида, анбор мерафт, садои калидҳо бо ғарч-ғарчи мӯзаҳояш як шуда, диққати мардумро, аниқтараш диққати занҳоро сӯйи ӯ ҷалб мекард. Мардак аз нигоҳи пурмаъноии эшон як ҷаҳон лаззат мебурд.

Тош кӯталро баромада, вазнин-вазнин нафаскашон, даст дар камар, сӯйи деҳа нигарист. Деҳаи зери шох ва барги дарахтон монда чун дар кафи даст менамуд. Болои бомҳоро дастархонҳои зардранги себ ва ғӯлинг пӯшида буд. Беихтиёр себи сурхи ҳавлии мӯйсафеди гулзориро ки аз самар шохшикан буд, бо нигоҳ ҷустуҷӯ карда ёфт ва мазаи себро дар комаш эҳсос намуд. Себҳои Гулзор дар назараш аз себҳои Сабзбаҳор ширинтар ва хуштаъм буданд. Занҳояш низ ҳусн ва латофати дигар доштанд. Беихтиёр чашмаш ба

роҳи морпечи дараи Осиёбҳо ки аз дур наздик метофт, афтод ва беихтиёр нигоҳи хаёлаш дар тангии дара гиреҳ баст. Ӯ ин хаёли хонумонсӯзро мурданивор бад медид, аммо аз он ҷудоӣ надошт.

Роҳи сабзпӯшро ғайриихтиёр дар хаёлаш барфи сафед пӯшид. Рӯзи сафедаш дар диди хаёлаш шаби сиёҳ шуд. Дар роҳи барфпӯш ду танро дучор омад: яке хурд ва дигаре калон, яке калтак ба даст ва дигаре бор ба дӯш, то зону ба барф ғӯтида, сӯйи деҳа мерафтанд. Падарашро ки зери бор китфонаш хам шуда, рӯяш наменамуд (ҳамин зайл дар хотираш монда аст) шинохт. Даванди қайсари хотирааш майдаҳамвор не, тундхӯ, ӯро ба қафо, сӯйи ду тани бечораҳол бурд ки халтаи гандумашонро сӯйи осиёб мебурданд. Обҳо ях баста буданд. Танҳо санги як осиёб мегашт. Он рӯз навбати осиёб ба падараш нисбат дошт. Падар ва писар бояд шабро дар осиёб рӯз намуда, гандумро орд карда, навбати осиёбро ба дигаре ҳавола мекарданд. То осиёб нарасида, дар нимараҳ фаҳмиданд ки обҳо ях баста, ягона осиёб низ аз кор монда аст. Падар борашро болои барф гузошта, сар хам ва бечора ҳол паҳлӯи ҷуволи гандум поён шуд. «Камбағалро аз болои уштур саг газида аст» — гӯён «оҳ» кашида, аз ҷой хест ва ҷуволро бардошт. Сар хам ва музтар сӯйи деҳа рӯ оварданд. Писар ҷуволро аз пушти падар гирифтанӣ шуд, аммо падари дилсӯз борро ба ӯ надод. Онҳо пеш ва қафо афтон ва хезон роҳ мерафтанд. Шамол ба мағзи устухон мерасид. Ҳама ҷо сафедпӯш буд. Падар ногоҳ аз чизе хавф бурда ҷуволро ба замин гузошта, ба атроф нигарист. Чизе наменамуд, аммо рӯҳи ҳарос бузургтар мешуд. Ҳароси падар ба писар гузашт, онҳо саросема равон шуданд. Дар тангии дара, дар ҷое ки кӯтал охир шуда, домани деҳа оғоз меёфт, сӯяшон аз чор сӯй чанд ҷуфт чароғакҳои зардро дида, дар ҷояшон шах шуданд. Гургҳои гурусна аз чор тараф сӯяшон шикаммолон меомаданд. Бӯйи хатар талхадар буд. Ҷувол аз китфи

падар афтода кафид ва ғалла ба рӯи барф чош ва пареш шуд. Падар ҷуволро оғӯш кард. Ҳанӯз баҳорон дар ҷойи ҷуволи кафидаи Охуни бетолеъ гандуми хасакӣ мерӯяд.

— Гурез, мардумро хабар кун, — калтаки падар дар сари гурге шикаст ва суханаш дар даҳонаш монд. Гургҳо ба писараш дарафтоданд. Падар худро рӯйи ҳайвонҳои гурусна партофт. Байни инсон ва ҳайвонҳои даранда лаҳзае задухӯрди хунин шуд. Хуни сурх дар рӯйи барфи сафед ақли ҷавонро гурезонд. Аранге дар ёд дорад, балки дар хоб дида аст ки падар гӯши писарашро аз даҳони гург халос карда, худаш зери дарандаҳои гурусна монд. Писар бори охир ба қафо нигариста, рӯйи барфи сафед гулхани арғувонии аз хуни падар боқӣ монда ва галаи гургонро рӯйи ҷасади ӯ дида аз по афтод. Дигар чизеро ёд надорад. Чун ба худ омад, дид ки асо дар даст мехобад ва болояш барф меборад, барфи сурх ва гарм.

Мардум ҷойи воқеа расида, ҷуволи кафида, ғаллаи рехта, каллаи дар дастор печида ва тӯдаи устухонҳои Охунро ёфтанд. Устухонҳои урёнро дар ҷувол андохта ва баста, гӯр карданд. Сабзбаҳориёни дар ҳиммат беҳамто, дар нафрат низ бемонанд буданд. Баъд ин ҳодисаро таҳлил карда, гуноҳи ҷавонеро ки падарашро дар коми дарандаҳо монда, ҷони худро гирифта гурехта аст, бахшида натавонистанд. Рӯзҳои аввал аз гармии ҳодиса нисбаташ ғамхорӣ карданд, рафта-рафта фоҷиа кӯҳна шуд ва номардии ҷавони буздил аёнтар гашт. Агар ӯро низ гургон тала мекарданд, шояд мурдааш дилсӯзе меёфт. Аз чунин зиндагие ки баъди сари падар дошт, мурданаш беҳтар буд. Дигар ӯро касе ба подабонӣ, ба ҳашар ва мардикорӣ даъват намекард. Ӯ радди маърака шуд. Чанд зимистон ва тобистонро дар кунҷи кулбаи фақирона гузаронд. Чӣ мехӯрд ва чӣ мепӯшид ба чӣ кор машғул буд, касе намедонист. Аз даме ки ақлашро шинохт, ҳамроҳи падараш мезист.

Модарашро ёд надошт. Аз падар шунида буд ки ҳангоми таваллуди ӯ сари хишт рафта аст. Падараш сипас худаш подаи деҳаро бонӣ карда, нон мехӯрданд. Баъди он ҳодиса аз хӯроки подабонӣ низ маҳрум шуд.

Тош ба танҳоӣ чунон одат кард ки ӯ акнун худаш аз одамон мегурехт. Тоҳири Хоркаш гурезаи бақуввати хонашинро аз кунҷи кулба оқибат маҷбур берун карда, аз пайи ҷуфти барзаговҳои колхоз сари кишт фиристод. Мардум бори аввал ҷойи гӯши рости Тош изи сурхрангеро дида, чашми раҳм ба замин дӯхтанд.

«Бар падарат лаънат!» Тош киро дашном дод, худаш ҳам намедонист, аммо аз садои дашноми худ як қад парид. Ин дам баръало ба гӯшаш овозе расид. ки аз сафоли шикаста бармеояд. Ӯ ин садоро ки садои шикастани поймонаи умрашро мемонд, ҳаргиз фаромӯш карда наметавонист. Садои ба санг бархӯрда шикастани кӯзаи Нуқра зуд-зуд дар пардаи гург садо медод ва нороҳат ва дилтангаш мекард:

«Тинг, тинг, тинг!» Тош хам шуда, буттаи макаки заъфарониеро канда, шираи онро бо ҳирс макида, чанд мӯрчаяки макакиро зери забон афшурд. Садои дастаи шикастани кӯза сахттар шуд.

«Тинг, тинг, тинг!»

Он шом аз баҳри зиндагии ҳақиронааш гузаштанӣ буд, аммо дастаи шикастаи кӯзаи Нуқра ӯро наҷот дод. Акнун аз ин садо куҷо гурехтанашро намедонист. Мӯзаҳояшро байни алафзор гузошта, дароз кашид ва бо фароғат чашмонашро пӯшид. Ногоҳ чизи сарде ба пойи урёнаш расид. Хеста нишаст ва атрофро санҷида нигарист. Чизеро надида беихтиёр сӯйи роҳи калони деҳа чашм дӯхт. Байни деҳа гурӯҳи занҳоро ки аз назди анбор гузашта мерафтанд, дида, тахмин кард ки занҳо ӯро мекобанд ва умеди ёфтан доранд. Худ ба худ писханд зад. Хурсанд буд ки аз занҳои балоғазаб боло нишаста аст ва ба чашмашон алҳол наменамояд. Ногоҳ. дилашро сиёҳӣ гирифт. Мабодо ба Гулзор рафтани ӯро

фаҳмида, занҳо таъқибаш кунанд, чӣ кор мекунад? Мӯзаҳояшро хӯрҷинвор ба китф партофта, саросема аз ҷо хест. Аз бало ҳазар!

Тош дам нагирифта, ба Гулзор расид. Сар ва рӯяш арақшор буд. Аз кисаи гимнастёрка ба ҷойи рӯймолча нусхаи аризаи ба комитети партиявии район фиристодааш берун шуд. Аризаро бори дигар аз назар гузаронда, хурсанд шуд ки онро дар хона фаромӯш накарда аст. Албатта аз пайдо кардани ни коғаз бодоми занаш гул мекард. Аризаро бори дигар ҳиҷҷа карда хонд ва қаноатманд сар ҷунбонд. Бовар дошт ки ин бор бо санадҳои боварбахш духтари мулло Наимро ки ҳафт пушташ мулло ва эшон гузашта анд ва асло сазовори курсии ҷамоат нест, боб мекунад.

«Ба болои ҳама гуноҳҳои дар боло арз карда, — мехонд аризаи худро барои дилхушии худ, — духтари мулло баъди ҷанг рафтани шавҳараш, гӯё мероси падараш бошад, мансаби раиси ҷамоатро низ аз Ҳасан Ризо бо пора ва бо танбахшӣ харида гирифт. Аз аспи» ҷамоат нафаромада ва бенаво аз болои зин фармон медиҳад. Занҳои бечораро шаб ва рӯз кор фармуда, худаш ба оби хунук даст намезанад. Аз партия ва ҳукумат пурсонем ки аҳволи мо чунин бошад, ҷонбозӣ ва хунрезии мардонамон ба чӣ хотир аст? Барои он ҷанг мекунем ки яке шоҳона зиндагӣ кунад ва дигарон бо хорӣ ва зорӣ? Талаб мекунем, Зебо Наимиро ки бо рафтор ва кирдораш сазовори раиси ҷамоати «Коммуна» нест, аз вазифа озод карда, ба ҷавобгарӣ кашед. Занҳои колхози «Коммуна».

Даҳ ангушти худро ба рангдон тар карда, ба поёни ариза имзо монданро аз ёд набароварда буд. Ангуштони дигар аз кӯдаконаш буданд. Тош қаноатманд табассум кард. Бовар дошт, ин бор тираш ба нишон хоҳад расид. Чунин ба осонӣ аз Нуқра халос шуданаш низ умеди ҳамин ариза ва ваъдаҳои Ёғӣ Хидир буд.

Деҳаи Гулзор дар назараш доман паҳн карда, ӯро беовоз сӯяш мехонд. «Бар падарат лаънат!» — аз рӯйи одат Тош хаёлашро бо ҳақорате парешон карда носашро туф кард ва мӯзаҳояшро аз китф гирифта, пӯшиданӣ шуд. Пояшро ба мӯза дароварда, зуд берун кард. Чизи шилмак ва сарде ба пояш расид: рангаш канд.

Мор! Мӯзаашро дур партофт. Ду баҳтури курки баҳам печида берун лағжиданд. Баҳтурҳо ҷойи гарми худро тарк карданӣ набуданд ки гашта ба мӯза даромаданӣ шуданд. «Хайрият, мор не, баҳтур буда аст», — шукр кард мардак ки аз тарс пешониашро араки сард зер карда буд. Аз рӯйи шунидаш, баҳтур танҳо рӯзи ҷумъа газида метавонад, дигар рӯзҳо гӯё забонаш баста аст. «Хайрият, —ӯ зери лаб бори дигар такрор кард Тош мӯзаашро афшонда. — Аҷаб рӯзи наҳсе ҷанг ва ҷанҷоли занаш кам буд ки боз баҳтур дар мӯзааш...».

Мӯзаро бори дигар такида пӯшид ва деҳаро дид гирифта, сарнишеб шуд.

Мардум кушода шудани дари анборро дида, пинҳон ва аён он сӯ менигаристанд. Ин нигоҳҳоро Тош дӯст медошт, зуд онҳоро медид ва ғурураш меҷӯшид. Ин бор ҳам мудир ҷойи барои ҳама намоён рост истода, аз кисаи бетаги шимаш кадуи носашро баровард. Аз рӯйи одат онро чанде тамошо карда, ба зонуяш зад ва як каф носро таги забон партофт. Майли ба анбор даромадан, сари кореро гирифтан надошт. Ноаён сӯйи ҳавлии мӯйсафед менигарист. Нигоҳи ташна ва муштоқаш аз ҳама ҷо зани ҷавонро меҷуст. Соҳиби хона дар ҳавлӣ наменамуд. «Мабодо ба хонаи падараш кӯчида бошад? Дар як ҳавлӣ бо як мӯйсафеди фартут зистан осон аст магар?» — гузашт аз дили ӯ.

Ҳар гоҳ Тош дар деҳа пайдо мешуд, ба назараш чунин менамуд ки арӯсак маҳз барои дидани мудир намоишкорона ҳавлиро об зада мерӯбад ва таги чашм

сӯйи анбор но аён ва пурмаъно менигарад. Бо арӯсак маврид ва имкони сӯҳбат ва розгӯйӣ мекофт. Ду бор аз анбори колхоз, албатта аз номи худаш барои оилаи аскар ғалла фиристод, аммо мӯйсафед дар ҷавоб танҳо «давлатамон кам нашавад» — гуфт ва бас. Мудирро на танҳо ба хонааш даъват накард, балки як чойник чой ҳам нафиристод. «Ин мардум дар саховат ба сабзбаҳориҳо расида наметавонанд», — андешид дар дил шахсе ки чанде пеш аз шунидани номи деҳааш дилаш ғаш мекард. Умедашро аз арӯсак намеканд. Дам ба дам хоҳиши дидорбинӣ дар дили мардак меафзуд. Шаддаи Марҷони занашро дар ҷебаш барҷо ёфта, ҳолати Нуқраро баъди ғайб задани шадда пеши назар оварда, хушҳолона хандид.

Дилаш аз бедаракии арӯсак ки бо мадори ҳавасаш ин сӯй парвоз карда буд, бухс кард. Ӯ намедонист ки худи ишқ чист, аммо медонист ки гули зеборо дида, бӯй накардан гуноҳ аст, зеро гул барои бӯйидан аст. Ишқи ӯ нафсаш буд. Оташи нафсаш аз надидани гули хушбӯйи гулзорӣ сӯзонтар мешуд. «Мабодо духтарак марди доротар ва ҷавонтареро хуш карда баромада рафта бошад?» Магар дар ноҳияи «Коммуна» аз ӯ ҷавонтар ва доротаре ҳаст?

Тош бо андешаҳои худ саргарм, аз гузаштани аробае ки аз пояш чанг ва ғубор мехест, бехабар монд. Мӯйсафед дар даст химчаи дароз баробари чана медавид. Духтар ба истиқболи хусураш баромада, табассумкунон чапардарро кушод. Яктаҳи мӯйсафедро меҳрубонона аз танаш кашида, афшонд ва косаи обро ба дасташ дод. «Меҳра бинед-а, гӯё падараш бошад», — ҳасад бурд Тош. Баъд дар тани арӯс адраси ҳадякардаашро дида, рамуз бурданӣ шуд, аммо дарҳол ба ёдаш расид ки мӯйсафед ҳамон дам пули матоъро гардонда буд. Ба ҳар ҳол куртаи рангини арӯсаки нозанинро ки моли худӣ буд, фоли нек донист. Хаёле

ӯро чунин тофт ки зани ҷавон сӯяш табассуми маънидоре кард.

Тош медонист ки аз Гулзор баргашта, ба раис ё раиса ҳатман ҳисобот бояд дод. Анвои анборро ки мисли даҳангушташ медонист, бори дигар аз назар гузаронд. Ӯро бо ҳазор гуноҳ муттаҳам кардан мумкин буд, аммо роҳи корро хуб медонист ва меҳнатдӯсти беҳамто буд. Анборҳояш ҳамеша батартиб ва ороста буданд. Кунҷи деворе сӯрохиеро дида, дарҳол онро бо мушхор руст кард. Оне ки имрӯз як даста калидро соҳиб буд, басо хорӣ ва зориҳоро дида, дар кори худ ҳамеша ороста ва оҳиста ва дониста буд. Медуздид, аммо чунон медуздид ки муш аз ҳунараш ҳайрон мемонд. «Мушҳои анбори Тош аз гуруснагӣ ҳама лоғаранд» — мегуфт Марҷон. Оре, ӯ аз зотҳое буд ки ҳам мехӯрд, ҳам мебурд, ҳам медод, аммо касод намешуд. Раис ва раиса дар масъалаи кор аз ӯ шикоят надоштанд. Тош инро медонист. Агар пурс ва суроғ карда, ҳисобот талаб бикунанд, ҳамеша коғазҳояш ҷобаҷо буданд. Гулзорро маҳали фирор қарор доданашро худаш медонист ва халос. Дар ҷавоби пурсиши раис ва раиса баҳонааш кирой буд: «Дар анбор кӯрмуш пайдо шуда аст!».

Тоши аз дидани ҷавонзан хушҳол дилгарм ба кор часпид. Ягон сӯрохии тоза аз назараш дур намонд. Ба сӯрохиҳо мушхор зада ва марги муш рехта, ҷуволҳои пашмро ки ба назараш нам кашида буданд, рӯйи ҳавлӣ паҳн кард. Аз халтаҳо мушт-мушт гандуми сафедак ва нахӯд гирифта, дар халтае рехта, даҳонашро баст. Магар ӯ ба хонаи хушдораш дасти холӣ меравад? Халтаро фардо рӯзона ба хонаи аскар хоҳад бурд. Имшаб ба маҳбубааш марҷонҳои занашро бахшиданӣ буд». «Мабодо, шабона ҷогаҳи мӯйсафед ва арӯсашро ки болои чайлаи ҳавлӣ мехобиданд, дар торикӣ фарқ накунад? Мабодо, мӯйсафед бедор шуда, ҳамсояҳоро ба ёрӣ даъват кунад?»

«Мағал бардорӣ, худат шарманда мешавӣ», — дар дил мӯйсафедро ба тамкин даъват кард «ошиқи беқарор». Аммо дилаш аз ваҳм холӣ набуд. Аёнаш буд ки роҳи хатарнокро пеш гирифтанист...

Ба коса аз хурмае асал рехта, бо оби хунук ҳамроҳ карда, хӯрд ва табъаш чоқ шуд. Чанд дона қурутро ба ҷебак андохта, аз хурмаи равғани зард ду-се ҷангол лесида, назди даҳмардаҳои колхоз ба пуштаи болои деҳа роҳ гирифт. Он қадар бемағз набуд ки танҳо барои дидорбинӣ ба Гулзор биёяд. Медонист ки раиси бемор аз болои ҷогаҳ ҳар қадами ӯро таҳти назар дорад. Медонист ки ба ин қарибиҳо «раиси нозукбадан» аз ҳол ва аҳволи даҳмардаҳо хабар нагирифта аст. Рӯзи тобистон дароз буд ва Тош онро беҳуда гузарондан намехост. Назди рама расида, ҳамон замон аз омаданаш пушаймон шуд. Даҳмардаҳо рафиқашонро ки аз кӯҳ афтода, дар дами марг буд парасторӣ мекарданд ва ба меҳмон чун барфи тобистон ба сарашон борида аҳамият намедоданд. Ин бор касе арз ва ниёз накард, аз намояндаи колхоз ёрӣ напурсид. Табъаш хира шуд. Бе ҳеҷ зарурат ба даҳмардаҳои ғамгин чун ваколатдори раис, чанд ваъдаи ҳавоӣ дода, сӯйи макони дилхоҳаш саросема нишеб шуд. Аз сари рама ин бор дастхолӣ баргашта, дахмардаҳои ҳатӯлро ки ба назди меҳмон ба ҷойи гӯшт зағораи товагӣ гузоштанд, дар дил маломат мекард: «Касе ки худаш хӯрда наметавонад, ба дигарон ҳам дода наметавонад. Даҳмардаи гаранг аз гуруснагӣ ба ҷар афтидагист»... Дар анбор чанд дона чормағзро ба пошнаи мӯзааш шикаста хӯрда кирми дилашро кушт ва аз чашми мӯрича ба ҳавлии мӯйсафед чашм дӯхт.

Мардум бенаво бошанд ҳам, одамгарияшон барҷо буд. Дар косае барои мудири мусофир атола оварданд. Барои савоб ва барори сайди шабона косаро аз нахӯд пур карда, ба соҳибаш баргардонд. Дарозттарин рӯзи олам ба назараш ҳамин рӯз буд. Оқибат намози шом

фаро расид. Мардаке ки чанд ракаат будани намозро намедонист, бо баҳонаи таҳорат кардан қад-қади шиғдевори мӯйсафед поён шуд. Шахсе ки як оятро намедонист, «намозхонон» аз поён обмӯрии ҳотаи маъшуқаи гунгакбозашро санҷида, пеши худ баъзе нуктаҳои нақшаашро дигар кард». «Агар аз тарафи бора ба обмӯрӣ наздик шавад, ӯро касе намебинад. Аз ин роҳ бемалол ба ҳавлӣ ворид мешавад, он тараф Худо карим ва раҳим» аст. Аз заковати худ хушнуд миёнбандашро афшонда, гӯшҳояшро баст. Вақте дари анборро қулф мекард, шаб чодари сиёҳашро ба сари олам ба тамом кашида буд. Мардум аз хастагӣ ва эҳтиёти сӯзишворӣ баробари торикӣ сар ба болин ниҳоданд. Аккоси беҳавсалаи сагон чунин маънӣ дошт ки деҳа ба хоби фароғат рафта аст. Шаби кӯҳистон фавқулодда ваҳмангез аст. Ҳар санг ва бутта ҷон гирифта, дар назар ба сурати ҳаракат ва даҳшат медарояд. Овози паранда ва чарандаҳо ваҳмангез садо дода, ба инсони мағрур ночиз будани салобот ва манманияшро хотиррасон мекунад. Тош низ ҳарос дошт. Бештар аз он метарсид ки мабодо мӯйсафед бедор шавад. Ҳарчанд нақшаи андешидааш пухта менамуд. Медонист ки қонуни нонавиштаи ахлоқ ва одоби деҳро таги по карданист, аммо ба боли замонаи наҳс парвози баланд кардан мехост. Ба нафаси ҳамвори шаби деҳ гӯш дода, бовар кард ки кӯҳ чаппа шавад ҳам, касе бедор нахоҳад шуд. Оромии деҳа чунон оромаш кард ки қариб аз дари муйсафед ворид мешуд.

«Даҳ бор чен карда, як бор бибур», — ӯро насиҳат кард овозе аз ниҳодаш. Чароғи гирдаи моҳ гӯё барои равшан кардани роҳаш ба осмони ҳавлии духтар омада буд. Ошиқ моҳи фалакро дар дил маломаткунон ба обмӯрии мақсуд наздик шуд. Даҳони обмӯрӣ намоён шуд ва дили мардакро ҳаяҷони ширине фаро гирифт. «Ба обмӯрӣ бо сар даромадан мувофиқ аст, ё бо пой?» — суол кард аз худ.

«Бо сар!» — маслиҳат додаш ҳамон овози ниҳонӣ.

Шиғпояро дошта, сарашро ба обмӯр даровардани шуд. Пояи пӯсида садои дағале баровард. Саросема пояи дигареро дошта, нисфи танашро ба ҳотаи мӯйсафед даровард. Сангҳои аз зери пояш кандашударо варта фурӯ бурд. Поёни обмӯрӣ мавҷуд будани ҷарии бетаг ба ёдаш расид ва аз мурод ва армонаш якбора пушаймон шуд. Дилаш ба пойкӯбӣ сар кард. Садои аз қаъри дара ба сангҳо бархӯрда ҷорӣ шудани дарёча ба гӯшаш расида, дилашро бимхона шуд. Ҷон аз даст ва пояш майли баромадан дошт.

«Шахсе ки дар оташ бояд бисӯзад, дар об ғарқ намешавад» — ба ёд овард масали дӯстдоштаи балогардонро. Ҳарчӣ бодо бод! Ӯ синамолон зӯри дигаре заду...— Воҳҳҳ... дамаш ба дарун афтод... Зарбаи ҷонкоҳе такроран ба сараш расид ва кулчаи сурхи моҳ дар назараш ба фатири сӯхта табдил ёфт. Аз талвосаи ҷон худро беихтиёр қафо кашид. Якбора чанд санг канда шуда, ҳамроҳи ҷисми ӯ ба қаъри ҷарӣ рафтанд.

— Оооо! — садои пурталвосаи мардак дар гулӯи худаш ва дара печид.

Мӯйсафед калтак дар даст, чашмонашро бо мушташ мемолид ва чизеро намедид.

— Худоё, барои мурғ шуда одам куштам! — гуфт шунаво. Ӯ саросема сӯйи чайла давид ки болояш арӯси аз фоҷиа бехабар бо фароғат мехобид:

— Хез, духтарам, хез. Об биёр, дастонамро шӯям. Падарат хун рехт...

Ҷавонзан даме ҳаросон ба риши ларзони падарарӯсаш нигариста, худро аз чайла поён партофт.

Шамоли сард ва шав шуви дарё субҳидам мардаки нокомро андак ба худ овард. Дар куҷо буданашро ва чаро ба ин ҳол гирифтор шуданашро ба ёд оварда наметавонист. Аъзои баданашро гӯё дар осиёб орд

карда, дар намакоб тар карда буданд. Бо азоби алим чашм кушода, худро байни анбӯҳи буттаҳои сӯзанкаҳ ёфт ва дилаш ба бечорагии худ сӯхт. Буттаеро дошта, аз ҷой хестанӣ шуд, аммо сӯзанқаҳ дастони захминашро чунон сӯзонд ки оби чашмонаш беихтиёр шашқатор шуд. Ба фарози болои сараш беҳол нигариста, чизеро надид ва ба зинда монданаш аввал шубҳа кард, сонӣ аз қисмат миннатдор, дар дил шукронаи зиндагиро ба ҷо овард: «Рӯзам буд нашуда буда аст. Аз чунин баландӣ афтода намурдам, дигар асло намемирам!».

Оқибат аз куҷо ба куҷо афтоданашро ёд оварда, аз тарс нафасе дардашро фаромӯш кард. Шахсе ки ӯро ба ҷарӣ тела дода аст, оқибат ба ҷустуҷӯяш хоҳад омад. «Ин маҳали касофатро зудтар бояд тарк кард!» — қарор дод дар дил. Майли ҷунбидан кард ва натавонист. «Маро дуои Нуқра гирифт, ҳо, дуои занак маро гирифт. Бо по рафта, ба сар биёӣ, — гуфт, мастии ту пастӣ дорад гуфт. Ана мастӣ, ана пастӣ!» Тош муштборон карданӣ занашро ёд оварда, аз беинсофии худ пушаймон шуда, нолиш кард. «Ба по рафта, ба сар биёӣ! — пеши гӯшаш садо дод овози занаки гирён. «Гуфти ту шуд...» — тасдиқ кард ӯ. Агар Нуқра алҳол наздаш мебуд, Тош дастони занашро бӯсида, мисли пештара гирён ва нолон афви гуноҳашро мепурсид. Ба ин афт ва намуд, ба ин ҳол ва аҳвол ҷуз ба зан ва фарзандони ҳақққ ва ҳалолаш ӯ дигар ба кӣ даркор аст? «Аз ин вартаи марговар халос шавам, ба пойи занам сар монда, барои ҳама беинсофӣ ва бераҳмиям узр мепурсам, ба арвоҳи падарам қасам, узр мепурсам. Барои он зинда монда ам ки узр пурсам ва Нуқра гуноҳамро бахшад, — ғоибона аз қисмат ва Нуқра афв мепурсид мардаки маъюб. — Агар маро бахшад, зани ҳаққ ва ҳалоламро боз ба никоҳам дароварда, асло майли ҷогаҳи бегона намекунам. Зани ман аз кӣ кам аст?!»

Ҳар гоҳ ҷунбида майли ҳаракат мекард, ба назараш менамуд ки гӯшти баданаш аз устухонаш ҷудо мешавад. Оринҷи сиҳаташро ба харсанге такя дода, худро аз анбӯҳи сӯзанкаҳ берун кашид ва ба атроф нигарист. Бо чунин ҳол аз ин варта баромадан амри муҳол буд. «Мурам ҳам, бояд худро зудтар ба роҳи калон бирасонам». Майли хестан кард, аммо девори баланд ва сангини пуштаро дида, ғамгин шуд.

Рӯди шӯхоб пойи кӯҳро бӯсида, ғавғокунон мерафт. «Агар аз дарёча ба соҳили дигар гузашта тавонам, мӯйсафед паямро гум мекард», — тахмин кард ӯ.

Қад-қади соҳили заҳ ва регзор синамолон сӯйи наҷот хазид. Пойи чапаш шояд шикаста буд ки ҷон надошт. Боло нигариста, Тош беихтиёр гиребони тавба дошт. Барои зинда монданаш дар дил гӯсфандеро ба арвоҳои мададгор худоӣ ваъда кард.

Майли хестан кард, аммо ба пойи захминаш истода натавонист. Афтод ва қисмати бераҳмашро ҳақорати қабеҳе дода, гӯё аз ин дардаш андаке сабук шуд. Шикаммолон худро ба дарё расонда, ҳарисона чанд каф об хӯрд. Сар ва рӯйи хуншорашро фиғонкунон нимкора шуст. «Ҷое ман афтода ам, танҳо «хонапарҳо» меафтанд[7]. Одамони дилсоф аз мӯрӣ не, аз дар меоянд. На танҳо соҳиби арӯс ҳар касе дучор ояд, сангсорам мекунад. Дар Гулзор чӣ бисёр санг!» Тош ба зӯрии дарди захмҳояш тоқат карда, саросема ҳаракат мекард. Регзор захмҳояшро бераҳмона мехарошид. Вай ки дирӯз аз кӯтали Гулзор бо орзуҳои болдор поён шуда буд, акнун дар қаъри ҷарӣ синамолон роҳи наҷот мекофт. Одамӣ дар ду ҳолат бад ва неки худро ёдрас мешавад: дами марг ва дармондагӣ. Мардаки дармондаро то марг як дам роҳ буд. Ҳамин дармондагӣ

[7] **Мардҳои майли зани бегона доштаро дар кӯҳистон «хонапар» мегӯянд.**

алҳол ба дасташ оинае дод ки дар он бад ва некӣ дирӯз ва имрӯзашро дида, минбаъд агар зинда монад, шояд одамвор зиндагӣ бикунад. Бад ва некаш алҳол баробар дар оинаи хаёл ва инсофаш аксандоз шуданд. Аз мумсикӣ ва бераҳмияш дар нисбати зан ва бачаҳояш, аз мактубҳои тӯҳматбораш нисбат ба раис ва раиса, аз ҳаққи беваю бечораҳоро хӯрданаш ва порадиҳияш пушаймон буд. Ҳарчанд ҳанӯз намедонист ки асли пештара сиҳат ва саломат шавад, кирдори пештараашро такрор мекунад ё не...

«Кӣ бадӣ карда, некӣ дида аст?» — кирдори худро бо оҳе ҷамъбаст кард мардаки оҷиз. Тайёр буд гуноҳашро назди Ҳасан Ризо ба гардан гирад, ба зан ва бачаҳояш одамвор муносибат бикунад, дигар остонаи Ёғӣ Хидирро зер накунад.

Аммо... Зеборо бахшиданаш дар гумон аст. Аниқтраш, Саидро. Дар хаташ ба Саид зани ӯро тӯҳмат мекард ва ғойибона лаззат мебурд. Таъми ин лаззат ҳатто дар чунин ҳолат низ барояш гуворо буд. Магар Саид, ӯро барои ба ғаллазор даромадани пода назди ҳама қамчинкӯбӣ накарда буд? Магар одамонро барои он вазифа медиҳанд ки ҳукмашонро аз болои онҳое, ки, вазифа надоранд гузаронанд? Захмҳояш ба дард омада, тори хотирашро канданд. Ӯ боз сӯйи ҳақиқати ҳолаш баргашт. Хурсанд буд ки ба роҳи калон наздик расида, аз вохӯрӣ бо мӯйсафеди «одамкуш» раҳида аст. Роҳи калон намоён шуд ва алови умеди мардак рӯ гирифт. Мебоист ҳар ки ӯро дучор меомад, дурӯғи боварибахш мегуфт: «Дуздҳоро пеш карда ба ҷарӣ афтодам». Бо мадори дурӯғи худ чолок шуд. Оқибат бо азоби алим, ба пайроҳаи оҳугузар ки ба роҳи калон мепайваст, расид. Хуш ҳол ва бемадор заминро оғӯш карда, чашм пӯшид ва дер гоҳ аз ҷо наҷунбид. Нохост гӯё бедораш карда бошанд, ҳаросон чашм кушод. Чашмонаш худ аз худ калон шуданд. Касе сӯяш меомад. Ба назараш намуд ки кӯҳи рӯ ба рӯ канда шуда, ҳаракат мекунад.

Таги пӯсташ чизе дамид. Мӯйсафеди Гулзориро шинохт. Дарди захмашро фаромӯш кард. Мӯйсафед асобадаст дар сараш рост меистод.

Яке ғолиб, дигаре мағлуб ба якдигар хомӯшона менигаристанд. Тош ба нигоҳи мӯйсафед тоб наоварда; чашм пӯшид. Ӯ ки аз пушти дурӯғ бисёр нон хӯрда буд, ин бор ҳам аз дурӯғи худ фурӯғ хост, зеро дигар аслиҳаи ҳифзи тан надошт:

— Бин, duздҳои лаънатӣ маро ба чӣ ҳол андохтанд? — нолиш кард мардак, чашмонашро «ба зӯр» кушода. — Туро Худо овард, падар! Онҳо се нафар буданд ва ман танҳо.

Дид ки нолиш ва зорияш ба мӯйсафед таъсир намекунад. «Мурдам», —аз дил гузаронд ӯ, аммо ба тақдираш ҳанӯз тан доданӣ набуд.

— Худо ғами бачаҳои маро хӯрд, — гуфт нолишашро баланд карда ва раҳми мӯйсафедро овардани шуда.

Мӯйсафедро, гӯё дилаш аз санги хоро буд ки бепарво, боистеҳзо, ба арзи мардаки маслуқ гӯш мекард ва чизе намегуфт.

«Маро асло намебахшад», — андешид Тош, аммо ҳанӯз аз содагии мӯйсафед ва айёрии худ умед дошт.

— Ароба лозим падари қиёматӣ, ҳаққи хизмататро даҳчанд мегардонад! Не! Не! — бо дастонаш сари кафидаашро дошт мардаки ҳақир.

Мӯйсафед асои ба сари сахти Тош шиносро баланд бардошт.

— Назан, мӯйсафед, назан, мемурам, ба хунам зомин мешавӣ! — фиғон кард мардак.

Мӯйсафед асояшро поён кард. Сипас таги бинии марди ҳақир кафашро кушод. Мудир банди калидҳояшро дида, шах шуд. Мӯйсафед калидҳоро ба рӯйи хуншори мудир зада, бо нафрат гуфт:

— Худо ба ҷойи ман ҷазои туро дода аст. Туро бояд дар калбеди ҳавлиям овезам, аммо ҳақам меравад.

Ҳеҷ қарз ба қиёмат намонда аст. Ягон рӯз ҳисобӣ мекунем. Писарам аз ҷанг баргардад, «хонапариро» ба ҳафт пуштат тавба медиҳад, фосиқ. Ту ҳам зан ва духтар дорӣ...

Мӯйсафед дилашро холӣ кард ва бо кароҳат рафт, аммо аз роҳ баргашта, ба рӯйи Тош бо нафрат туф кард…

— Мардака тарсондед, тарки ватан карда аст, — гуфт табассумкунон Халифа-бобо ба Зебо. — Як шаб ва рӯз шуд даракаш нест. Гум шуда аст, нишонаш дар ҳеҷ куҷо нест.

— Ӯро пайдо кун, бобо, дастонам мехоранд, — гуфт ҷиддӣ Зебо ки худро низ дар хонавайроншавии Нуқра айбдор меҳисобид. Воқеаро ба тамоми Сабзбаҳор бод надода, худаш ба хонаи онҳо мерафт, кор ба талоқ ва ҷудоӣ намерасид.

— Чӣ кор кунем, бобо? Ӯро ёфтан даркор!

— Дар Сабзбаҳор ва Ҷавгӣ нест. Дар Пунбачӣ мебуд, меомад.

— Аҷабо, гӯё ӯро замин кашида аст, — гуфт Зебо ки аз гум шудани мудири анбор ташвиш шуда.

— То Гулзор равам? — пурсид мӯйсафед.

— Барои чӣ то Гулзор? — пурсид Зебо.

— Баъд сабабашро мегӯям, — пурмаъно сулфид мӯйсафед.

Зебо мӯйсафеди ҳамеша бомулоҳиза ва асрорпӯшро бо нигоҳи ҳайрат гусел карда, ҷониби даравгарҳо гашт.

Даравгарҳо баҳс-мабаҳс дарав мекарданд. Як сабад себи аз боғи колхоз фиристодаро дар даме «тороҷ» карда, сабади холиро ба писарча баргардонданд. Онҳо дастҷамъӣ медаравиданд ва суруд мехонданд:

Чормағзаки чоркӯшаи марзи гандум,
Бачаи мардум, чашми сиёҳта гардум.

Тарси падарум набоша, шарми мардум,
Парвона шавум, гирди сарат мегардум.

Дастам гуле,
Ё дасторам гуле,
Рухсорам ақиқ
Ё мижгонам гуле.

Рӯз чошт шуда буд. Даравгарҳо, ба қавли худашон, ба «обчинак» баромада, гурӯҳ-гурӯҳ зери сояи дарахтон ғунча шуданд. Бачаҳо аз чашма бо навбат об меоварданд. Кӯзаҳо дастибадаст мегаштанд. Зебо аз дур Халифа-боборо дида, ноаён аз ҷо хест. Баҳонакунон аз шохи себи ёбоӣ себчаеро канда, бо остинаш поккунон газид ва ба мӯйсафед наздик шуда, нигоҳи саволашро ба ӯ дӯхт.

— Ӯро аз роҳи Гулзор ғарқи хун ёфтем, раиса, — хабар овард мӯйсафеди ҳамеша бамулоҳиза.

— Ғарқи хун? — овозашро баланд кард Зебо, аммо сӯяш нигаристани даравгарҳоро дида, оҳиста пурсид: —

— -Зинда аст?

— Зинда, — гуфт мӯйсафед. — Шабона аз пайи дуздон давида, ба сой афтода аст. Ранг бин ва ҳол пурс.

— Рӯяш сиёҳ, ягон ҳила кардагист. Дар Гулзор аз куҷо дузд?

— Ягон илоҷ ёфтан даркор, — маслиҳатомез гуфт мӯйсафед.

— Рафтем, худат бо Нуқра гуфтугӯ кун. Мардакро ба хонааш роҳ намедиҳад.

— Чаро роҳ намедиҳад? Ҳуш дорад? — ҳайрон шуд Зебо ки намедонист ба ҳоли мардаки маъюб дилсӯзӣ кунад ё шодӣ.

— Наход сабабашро нафаҳмӣ? Онҳо номаҳраманд. Мардака ба чунин ҳол партофтан убол аст, айб ва шарм аст. Хуб ё бад, падари фарзандонаш аст. Мабодо занҳо хабар ёбанд, аробаро печонда, мардакро маймун мекунанд.

— Рафтем, духтарам, бо Нуқра гуфтугӯ кун, гапи туро намегардонад, — зорӣ кард пири раҳмдил.

— Тош чӣ мегӯяд? — пурсид Зебо.

— Мардак сад бор розӣ аст. Худам онҳоро никоҳ мекунам, ба шарте ки занак розӣ шавад.

— Нуқраро маҷбур розӣ мекунем, — гуфт бо боварӣ Зебо ки тарафдори ободии хонаи Нуқра буд, ҳарчанд бо шӯйи фосиқи ӯ на танҳо дар як деҳа, балки дар олам намегунҷид.

— Хайрият, кор ба «ҳалола» нарасид. Дар ин замони валангор хонаи як мусулмон обод шавад, аҷаб кори хуб мешавад, — гуфт мӯйсафед.

Раиси ҷамоат пеш-пеш, мӯйсафед аз пояш сӯйи деҳа равон шуданд. Занҳои Сабзбаҳор аз тамошои як саҳнаи аҷоиби зиндагӣ бенасиб монданд.

## БОБИ ДАҲУМ

Занҳои раҳмдил Тошро ки қисмат сазовор ҷазо дода, назди зан ва бачаҳояш баргардонда буд, ночор бахшиданд. Мардаке ки дирӯз занашро бева, бачаҳояшро зиндаятим намуда, бо ғарч-ғарчи мӯзаҳояш заминро миннатдор мекард, акнун захмин ва оҷиз мехобид ва на танҳо аз Нуқраи бадқавоқ, балки аз тифли ширмак умеди меҳр ва шафқат дошт. Ҳамсояҳо аз рӯйи одамгарӣ ҳоли беморро пурсон шуда, аз таги долон мерафтанд. Зебо низ чанд бор аз остона сиҳатии мудирро пурсон шуд. Маслиҳат кардагӣ барин, касе қиссаи ҷанги зан ва шавҳарро ёд намекард. Нуқра низ аз ҳамдеҳаҳои рамузфаҳмаш миннатдор буд.

Тош муддати дароз бистарӣ шуд. Нуқра дар хурма ба даравҷо шӯрбо бурд ва мардум фаҳмиданд ки Тош ба по хеста аст, ба қавли Марҷон, паҳлӯи устухонҳои Охун як қабр ҷо холӣ монда аст. Занҳо табақи нимшударо дилкашол назди бачаҳо гузошта, кампири Асалро хоҳиш карданд ки дуои офияти беморро бикунад. Кампир на ба табақ даст бурд ва на дуо кард. Вай тамаъи даҳшатноки мардакро хуб дар ёд дошт. Марҷона ноилоҷ аз номи ҳама дасти дуо боло кард:

— То одамизод ба ягон бало гирифтор нашавад, ба қадри ҳамдигар намерасад. Илоҳо, ба давлати пирӣ расад, серфарзанд шавад, сабад монад, ҷӯҷа гирад. Сутуни хонааш рост, обаш хунук, нонаш гарм, дегаш дар ҷӯш, дастархонаш пури нон, хурмааш пури шир бошад! Омин!

Мардум даст ба рӯй кашида, бовар доштанд ки дигар асло аз ҳавлии Нуқра овози гиря баланд намешавад.

Рӯзи дигар сари субҳ Тош пеш-пеш, занаш аз қафо сӯйи анбор равон шуданд. Сабзбаҳориён, онҳоро ҳамроҳ дида, пурмаъно чашмак заданд. Тош рӯзҳои аввал ба ёрии занаш мӯҳтоҷ буд. Зуд хаста мешуд, ба ҷояш менишаст ва хеста наметавонист. Занаки гулдаст анбори калони колхозро мисли хонаи худаш ба тартиб овард. Дили Тош боғ-боғ мешукуфт.

— Занак, дигар бе ту, ба анбор қадам намемонам, — бо тантана эълон кард ӯ. Нуқра хурсанд буд.

Тош ба тамом сиҳат шуд ва ваъдаашро фаромӯш кард.

— Раисаи бахил розӣ нест ки ҳамроҳ кор кунем, — гуфт ӯ боре.

— Худам аз Зебо илтимос мекунам, — гуфт занак ки ҳар рӯз кӯдак ва бор ва бандро бардошта, саҳро рафтан ба дилаш зада буд.

— Кори намешудагӣ, — ғазабашро базӯр нигоҳ дошта гуфт Тош. Ӯ хуб медонист, агар Нуқра ёрдамчии ӯ шавад, Зикаро дигар аз мӯрӣ ҳам дида наметавонад.

Нуқра сӯйи хонаи Зика ноаён нигаристани шӯяшро пай бурда, намоишкорона дари анборро сахт пӯшид. Ҷони мардак ба ҳалқаш расид, аммо сир бой надод.

— Очаи бачаҳо, ман аз ту ризо, акнун досатро гир ва назди даравгарҳо рав, хуб намешавад. Мо аз кӣ болоем ки назди кӯдаконамон хобем ва дигарон дар кӯҳ ва пушта?

Таклифи шавҳар ба фармон монанд буд. Ин фармонро зан он вақте шунид ки раис ва раиса ба хотири амнияти оилавӣ ба ӯ дар анбор кор карданро иҷозат дода буданд.

— Зикаи мори обӣ аз шабдарав омада аст? — захр зад занак. Мардак хомӯширо авло донист. Нуқра на он рӯз, на рӯзи дигар фармони шӯяшро иҷро накард. Тош бо ӯ ногап шуд.

— Кош мемурдӣ, аламатро нолида халос мешудам! Нуқраи таҳқиршуда досашро таги каш карда, бо нафрат ба пушти гардани кӯтоҳ ва пурзахми шавҳараш чанде нигарист ва анборро тарк кард. Тош оҳи сабук кашида, ҷузвдони чармии дарозбандашро аз мехи сутун гирифта кушод ва як даста коғазро наздаш паҳн кард.

Ҳар дам аз дари кушода беихтиёр сӯйи кулбаи ошно дилкашол нигариста, афсӯс мехӯрд ки Зика дар шабдарав аст ва аз ҷони пазмони ошиқаш хабар надорад. Эх, Зика, Зика! «Шояд Зика Нуқраро дар даравҷо дида, ёди деҳа кунад?» меандешид Тош. Зика камнамо буд.

Рӯзҳо кӯтоҳ мешуданд. Заминҳо баъди хушксолии порсола гӯё хуб дам гирифта, фаровон ҳосил доданд. навъи харбузаи себдона ва тарбузи наскакро аз пуштаҳо ду-се бор чидан ба полез подаро сар намедоданд… Хурд ва калонро ҳосили имсола хурсанд кард.

Имсол бачаҳо серӣ тарбуз ва харбузаи лалмӣ хурданд. Чанд бор ба марказ меваю сабзавот фиристоданд. Зебо ҳар бегоҳ ҳарбузача «дар остин аз суфаи» раис боло шуда «себдонаро» бозӣ доронда, хушҳол давлати фаровони имсолаи хоҷагиро намоиш медод:

— Ҳам мехӯрем, ҳам ба давлат мефурӯшем, боз бисёр — гуфт Зебо.

— Мондагияшро ба мардум тақсим кун, — маслиҳат дод раис.

Тарбузҳоро бояд зуд ғундошта, ба Пунбачӣ мефиристоданд. Ғаллаи тирамоҳӣ низ расида буд. Мактаббачаҳо аз пайи даравгарон хӯша мечиданд. Аробаҳо байни полез ва даравҷо беист равуо доштанд. Аробаи Тош гоҳ дар даравҷо, гоҳ дар сари тароз ва пайдо мешуд. Баъди «аз паси duздҳо давида, ба ҷарӣ афтоданаш» аз сояи худ мерамид. Хавфи мардак беасос

набуд. Бачаи Хосият аз фронт баргашта, дасти захмин дар гардан овезон ҳамроҳи хоҳараш дарза мебаст.

Тош раис ва Зеборо байни замин дида, беихтиёр гардани кӯтоҳашро ба гиребон кашид. Ӯ ин дуро чашми дидан надошт, аммо аз қудраташон мерамид. Онҳо ӯро надиданд, аммо бо калонҳо салом накарда рафтанро ба худ муносиб надид.

— Ассалом ва алайкум, раис-бобо, ба сари кор омаданҳо муборак! Раиса, худат, духтарат сиҳат ва саломатӣ? Аз Саиди раис хат ва хабар ҳаст? Ҳай-ҳай, — хандаи хунукашро нишон дод мудир.

Раис ва Зебо ба саломи ӯ бо имо алек гирифта, ба пурсишаш ҷавоб надода, сӯҳбаташонро давом доданд. Тош аз муносибати сарди онҳо ранҷид ва норизо сӯйи аскар ки бо духтарҳо баҳс-мабаҳс дарза мебаст, бо қаҳр нигариста, тори ароба баромад. На таронаи даравгарҳо, алҳол ба гӯшаш овози булбул намефорид:

Пудинаи лаби чӯ ниҳолам кардӣ,
Қаҳрӣ будамо, оштӣ хаёлам кардӣ?
Порина гули сурх будам, дастам кардӣ,
Имсол ки хазон шудам, қасдам кардӣ?!

Мардак ногоҳ сӯяш равона будани ду оташаки гармӣ бахшро дар хун ва пӯсташ эҳсос кард. Зика аз вуҷуди худ Тошро огоҳ мекард ва дидор мехост. Аммо Нуқра ки тифлашро маконда, аз дур ҳаракат ва нигоҳи шавҳарашро мепоид, ошиқони пазмонро имкони гуфтор намедод. Хавфи аз калидҳои анбор маҳрум шудан, бо Зика пайти гуфтор наёфтан, муомилаи сарди калоншавандаҳо мардакро беҳол мекард. Болои ин хабари ба деҳа омадан ва ҳоли ӯро напурсида, рафтани балогардонро шунида, ба худ ҷойи нишаст намеёфт. Бегоҳ Нуқра аз даравҷо хабари нав овард:

— Чӣ зонуҳота оғӯш карда мотам гирифтаӣ? Балогардонат имрӯз ҳам омада буд.

Дар чашмони Тош оташаки ноаёне дурахшид, нӯгҳои бинияш шукуфтанд. Ӯ «фих» кашида чизе нагуфт.

— Аҷаб мардаки хунуке! — шодии шавҳар ғаши занакро овард. Кайҳо Хидирро надида, ба хонаи ӯ дастовези кирой набурда буд. Хидирро ба мурдан ва зистани Тош коре нест. Ӯ ҳаққи худро мехоҳад ва вассалом. Мудир медонист ки мабодо дучор оянд, Хидир ҷои долпурсӣ ва салом ва алек хоҳад пурсид: «Ҳа, якгӯш, камнамоӣ, ё харат аз об гузашт?»

«Хока, харам аз об гузашта аст», — бо зарда пеши худ ба Хидир хаёлӣ гуфт Тош. Ӯ Хидирро дар Сабзбаҳор дидан намехост. Барои район рафтан сабаб лозим буд. Ӯ сабаби кироиро бисёр накофт. Дар анбор базми мушҳо гардон буд ва доруи марги муш тамом шуда. Ӯ ин саҳар дар даравҷо бо нигоҳ Зикаро мекофт. Аробаро чанд бор рост сӯйи полез ронда, аз тарбуз ва харбуза пур кард ва ба деҳа баргашт.

Рӯзи дигар Тош хаста ва ошуфта аз хоб хеста, худро дар хона танҳо ёфт. Занаш даравҷо, бачаҳояш саҳни масҷид рафта буданд. Хонаи холӣ ба назараш ваҳмовар тофт. Занбӯри зарде виз-визкунон гирди сараш чарх зада, гӯё ними гӯши ӯро майли газидан дошт. Тош тоқии навашро пӯшида, гӯшҳояшро сахт баст ва роҳи анборро пеш гирифт.

Ба мушгирак нигариста, онро холӣ ёфт, аммо тарбуз ва харбузаҳои барои Ёғӣ Хидир ҷудокардааш сӯрох буданд. Мушҳо мағзро хӯрда, гӯё пӯстлоххоро барои масхараи мудир монда буданд. Дилаш мисли дег сиёҳ шуд. Агар ба Пунбачӣ нарафтан мумкин мебуд, асло намерафт. Ҳисоботи даҳрӯзаи хоҷагӣ дар ҷайбаш буд. «Меравам ва зуд бармегардам. Худро ба касе нишон намедиҳам», — қарор дод дар дил. Ба дари анбор қулф заданӣ буд ки овози ошное нарм ва ширин маломаташ кард:

*Дар ҳар сари шох себи сурх бисёрай,*

Тош ҳарчанд кайҳо интизори дидор буд, саросема шуд.

— Боз каламуш пайдо шуда аст, — ба лутфи занак белутф ҷавоб гардонд ӯ, худро гум карда. Занак баланд хандида, ӯро ҳаросонтар кард.

«Оҳиста, ҳуш дорӣ?» — гуфтанӣ шуд ба занаки баландханда, аммо Зика ки беист механдид, пешдастӣ кард:

— Муши дупо ё чорпо? — бо ноз суол кард занак.

— Чӣ? — пурсид Тош ки худро ба даст гирифта буд. Ӯ ин овози пурнозро пазмон шуда буд ва пазмон сӯйи соҳиби овоз гашт. Зика қарсашро рӯйи чашмон кашида, бо нигоҳ ӯро маломат мекард. Мардак акнун саропои занаки нотарсро ки дар рӯзи равшан дидорбинӣ аз пушта ба деҳа омада аст, бо нигоҳ месанҷид:

— Ҷӯи дари хонаат хушк шуда аст? — ба кӯзаи пуроб нигариста, пурсид соҳиби онро.

— Ҷӯйи инсофи баъзеҳо хушк шуда аст, — ноз ва итоб кард Зика ки «элак баҳона, дидор ғанимат», — гӯё аз пушта ба деҳа омада буд.

Тош бистарӣ шуд ва занак хоб ва хӯрашро гум кард. Мисли дигарон ба аёдати бемор рафта наметавонист. Худ ба худ ғам мехӯрд ва офияти мардакро аз Худо металабид. Он рӯз Тошро дар даравҷо дида, аз шодӣ досро ба пояш зада, захмин шуд.

Акнун мардак ҷойи лутф ва меҳрубонӣ аз муш ва ҷӯйбор ҳарф мезанад, зеро медонад ки гунгакбозии онҳо дар рӯзи равшан бехавф нест. Ӯ «лагади гови мурда»-ро хӯрда, дурандеш шуда буд, ҳарчанд Саиди бо пойи худ омадаро раҳо карданӣ набуд. Вай ба атроф нигариста, бо нимовоз гуфт:

— Ёд кардам, Зикаҷон.

— Ёд карданат маълум нест, — ҷавоб дод зан.

— Ба номат қасам, мисли нон ёдат кардам. Мемурдам, дастам аз хок берун мемонд, — гуфт Тош шерак шуда.

— Ман зинда, ту чӣ ҳақ дорӣ мурӣ? Айба намедонӣ? Инсоф надорӣ? — хандида ҷавоб дод занак. Ӯ чунон боварибахш гап мезад ки гӯё маҳз бо фармони ӯ Тош зинда монда аст.

— Хумори ту маро ба по хезонд. Ту набошӣ сабзаи хокам як ваҷаб мешуд. Ёдат кардам, ба худо, ёдат кардам! Дасти таги сангам дар гӯр. Пойи дар занҷирам шиканад!

— *Ёдат кардам, дар хуморат бошам,*
*Гумат кардам, дар сурогат бошам,*

— байт гуфт зан ки гӯё майли рафтан надошт. Мудир калидҳоро бозӣ доронда гуфт:

*—Гумат кардам, кадом гӯша дар бизанам,*
*Зардоби дилам гун шудаст, ҷар бизанам!*

— Зардоби дилама кай ҷар мезанӣ, Зикабону?

— Зардоби дили мана кӣ ҷар мезанад? — пурсид занак.

— Дар зардоби дилат мурам, Зикабону.

Ин дам духтарчаи Зика бузғолаеро пешандоз карда, аз наздашон гузашта рафтанӣ шуд, аммо кӯзаи пуроби модарашро дар остонаи анбор дида онро бардошта бо худ бурд.

«Мисли модараш аз бало наметарсад», — гузашт аз дили мардак.

— Метарсӣ, бача?

«Албатта, метарсам, натарс ва қандата хӯр!» — гуфтанӣ буд ӯ, аммо ғурураш боло гирифт ки гуфт:

— Имшаб даратро нимроғ мон!

— Шабдарав меравам, — гуфт занак.

— Сад ҳайф, — афсӯс хӯрд мардак.

— Каламӯш бисёр шуда аст, гӯй? — Уууу, аз муш метарсам! — кӯзаашро бардоштанӣ шуд Зика, аммо онро дар ҷояш наёфта, хушҳолона табассум кард.

Мушҳои ту асал ва нахӯд ҳам мехӯранд? — пурсид занак.

— Чизҳои даркориятро аз ҷойи пештара пайдо мекунӣ, — гуфт Тош.

Занак ишвакунон равон шуд ва дили мардак ба тапиш даромад. Ӯ намехост Саиди бо пойи худ омада чунон осон аз даст раҳо ёбад.

— Зика! — оҳиста ҷеғ зад ӯ. — Як гап фаромӯш шуда аст.

Зан истод. Тош бо панҷаҳои ларзон қулфро кушода, занакро даруни анбор кашола кард... Мардак аз равзана кӯчаро холӣ дида, дарро кушод ва занакро гуселкунон меҳрубонона гуфт:

— Аз Пунбачӣ чӣ биёрам?

— Кафши чакӣ, сӯзан ва ришта, қанд ва собун, — ғамзакунон гуфт занак сӯйи хонааш шитобон.

— Ҷонама аз ту дареғ намедорам, — ваъда кард Тош ки ниҳоят хуш ҳол ва дил кушод шуда буд.

Ӯ гӯё бори вазнинеро аз дӯш афканда бошад, сӯйи Пунбачӣ сабук роҳ гирифт. Туғёни эҳсосаш раҳораҳ паст шуд ва худ ба худ шӯрид: «Кӯр як бор ба чоҳ меафтад, ту чанд бор афтоданӣ ҳастӣ? Кай аз баҳри ин занак мегузарӣ? Аз ҷонат наметарсӣ?»

«Ҳай-ҳай, ҳамин қадар ҳунар дорӣ, хонашери майдонғариб? — хаёлан шунид таънаи Зикаро. Мардҳое ҳастанд ки чанд зани қонунӣ доранд ва чанд дилбари дилхоҳ, аз касе наметарсанд. Шайх аз беҳунарӣ гуфта аст ки хонақоҳ танг. Беҳунарӣ ту!»

«Кӣ беҳунар? Ҳанӯз нисфи ҳунарамро нишон надода ам. Беҳунар-а!» — Тош шӯрид худ ба худ.

Кӯтали баландро баромада, бозии дилашро ҳис кард ва пойҳояш бемадор шуданд. Ба тахтасанге расида, онро оғӯш кард. Рӯяшро ба санги сард гузошта, даме оромид. Зика дар назари хаёлаш пинҳон ва аён мешуд. «Ин занак рӯзе саратро мехӯрад, Тош» — гуфт ба худ.

Аввал гуфтугӯ, сипас садои суми аспро шунида, ба роҳ нигарист. Ду савора баҳскунон меомаданд. Тош Ёғӣ Хидир ва раиси колхозро шинохта, худро паси харсанг гирифт. Саворaҳо гӯё қасд карда бошанд назди харсанг аспҳояшонро қарор дода, овозашонро баландтар карданд:

— Вақте кор аз кор гузашт, ба ёди шумо ёрдамчӣ ва ҳашар мерасад, — рафиқ Ҳасан, пештар фикр кардан лозим буд, — гуфт Хидир. (Раиси лангро ӯ кайҳост ки аспсавор надида буд).

— Не, ӯ ҳоли намемурад, — худ ба худ андешид Тош беихтиёр.

— Ёрӣ дода метавонем, ба шарте ки ҳашарчиёнро ба об ва нон таъмин карда, ҷойи хоб диҳед.

— Ёрдамчӣ не, меҳмон меояд, гӯй. Ерӣ ин хел намешавад. Вақти моро маҷлис ва тафтишҳои зиёд гирифт. Чунин намебуд, худамон илоҷе мекардем, акнун ки барф то домани кӯҳ фаромада аст ва ҳосил хавфи нобуд шудан дорад, маслиҳатчӣ бисёр шуда аст. Якеаш худат.

— Ба шумо сабзбаҳориён гап фаҳмондан амри муҳол, беҳуда омада ам.

— Мо ҳам аз омадан ва рафтани беҳудаи баъзе рафиқон сер шудем, — гуфт Ҳасан.

— Маро ҳурмат накунӣ, партияро маҷбурӣ бояд ҳурмат бикунӣ.

— Барои ман — Ёғӣ Хидир партия нест, — гуфт раис.

— Ҳосил имсол талаф шавад, ба ту дигар хел гуфтугӯ мекунем, — гӯё гапи раисро нашунида бошад, овозашро баланд кард ноиби раиси комиҷроия.

— Чӣ номаъқулие аз дастат меояд, бикун! Ҳасан Ризо аспашро қамчин зада рафт ва Хидир байни роҳ музтар монд. Аспаш дар ҷояш ҷувозак мерафт.

Дили Тош ба ҳоли ноиби раис сӯхт. «Ҳасан Ризо бо думи шер бозӣ мекунад, — дар дил раиси захминро ки меҳмонро на танҳо ба деҳа таклиф накард, балки байни роҳ ба маънии «аз куҷое омадӣ, ҳамон ҷо рав» гузошта рафта буд, маломат кард. — Ба ҳавои бурути ин мардак нисфи Пунбачӣ арғушт меравад ва раиси ланг инро намефаҳмад...»

Тош ба умеди хӯшгӯйӣ ва дилбардорӣ ва бо ҳамин роҳ гуноҳхарӣ паногоҳашро тарк кард. Хидир ки аз пушти раис ғазаболуд менигарист ва чӣ нақшаҳое дар дил мекашид, наздаш Тошро дида, аввал ҳайрон шуд, сипас кӣ будани мардакро ёд оварда, маънидор сулфид. Ӯ нисбат ба дастёри кӯрнамак кайҳост ғазаб дошт. Нигоҳи announced нописанди савора алҳол ҷуз пиёда тамоми санг ва хори дараро медид ва месанҷид. Онҳо бесухан якдигарро фаҳмиданд. Тош даст болои дил рост меистод:

— Ассалом ва алайкум, акаи раиси калонӣ, — бори дигар салом дод ӯ. — Аҳли байт, хурд ва калон, тан ва ҷони раиси калонӣ сиҳат ва саломат аст? Янга ам, бачаҳо бардаманд?

— Харат аз об нагузашта «бале» гуфтаӣ, якгӯш? — аз болои сари пиёда нигариста, бо зарда гуфт савора.

«Дурусттар нигоҳ мекард, захмҳоямро медид ва чунин намегуфт», — гузашт аз дили мардаки музтар.

— Ранг бин ва ҳол пурс, раиси калонӣ, умри дубора ёфтам! — қадаме сӯйи меҳмон гузошта, барқасд сахт лангид.

Хидир беҳавсала ба ҳамсӯҳбаташ нигариста, акнун захмҳои ӯро медид.

— Ба ҷанг нарафта, тир хӯрдӣ, якгӯш?

— Тир киро меҷӯяд? Махфиро! — хушгӯйӣ кард Тош, зӯракӣ хандида, зеро калимаи ҷангро бо задаи махсус талаффуз кардани ноиби раис барои ӯ маънии махсус дошт.

— Раис аз кори ту ризо нест! — гуфт Хидир, аз ӯ норизоии худро фаҳмонда.

— Фаҳмидам, — гуфт мардак, мисли мурғи посӯхта дар ҷояш ҳаракат карда.

Хидир бо нигоҳ хӯрҷини холии рӯйи санг афкандаи Тошро санҷида киноя кард.

— Аскарҳо аз ҷанг бармегарданд, ошатро соҳибӣ накунӣ, кафлезро аз дастат зада мегиранд, аз гуруснагӣ мемурӣ!

Пиёдаи музтар бо сарҷунбонӣ гапи савораро тасдиқ мекард. Нохост Хидир сари аспашро сӯйи район не, сӯйи Сабзбаҳор гардонда, сахт қамчин зад.

«Каламушҳо тамоми анборҳои «Коммуна»-ро хӯранд ҳам, алҳол ба Пунбачӣ намеравам», — қарор дод Тош ва дарди пояшро фаромӯш карда, аз пайи савора сӯйи деҳа давид. Хуб медонист ки Ёғӣ Хидир беҳуда аз роҳ намегардад.

***

Тош аз идораи колхоз ба хонааш дер баргашт. Ӯ ки аз падараш бештар ишкамашро дӯст медошт, рӯйи табақи оши бурида хам шуда, то сер шудан сар набардошт. Ҳаракатҳои асабонӣ ва беқарораш аз назари занаш пинҳон намонданд.

— Поят дард мекунад? — пурсид Нуқра ки дирӯз бор ва бандашро аз шабдарав оварда, ҳанӯз бо шавҳараш одамвор ду даҳон гап назада буд. Дили занонааш гувоҳӣ медод ки шавҳараш ба «мори обӣ» вохӯрда аст.

— Ҷонам дард мекунад, ҷонам! — дод зад мардак бе ҳеҷ зарурат.

— Одами ҷондард як табақ оширо мехӯрад? — гуфт бо зарда.

— Ҷонат баромад? Ана дигар намехӯрам. — Тош қаҳр кард.

Ӯ ки шавҳарашро хуб медонист, нақшаи пеши худ кашидаашро аз нав таҳлил карда, онро маъқул меёфт.

— Боз мехӯрӣ? — баъди даме пурсид занак.

— Захр те, заҳр! — мардак аз дағалияш зуд пушаймон шуд ва аммо заҳри боқимондаро бояд мечаконд: — Ба ҷон расидам. Дами беғам задан намемонад. Худаш аз таги кӯрпа намебарояд ва дастнигаронаш ҳол надоранд. Намурд ки халос шавем!

— Аз даҳонат шамол барад! — аз раиси пир шикоят кардани шавҳарашро фаҳмида, шӯрид Нуқра. — Раис-бобо намебуд, ҳама амон ҷон ба ҳақ месупурдем.

— Аниқтараш ҳама амон бе шавҳар мемондем, гӯй. — Шумо занҳо имкон медоштед, кайҳо раисро байни худ тақсим мекардед.

— Аз раиси ҷамоат сар карда, то кампири Марҷон ҳам ошиқи Ҳасани ланг. Ман ҳам ланг шуда ам, чаро маро дӯст намедоред? — Тош хандаи хунуке кард.

— Ҷоната Худо гирад! — гуфт Нуқра.

Тош бо азоб мушти ба сари занаш боло кардаро поён фаровард.

— Вақте одамон сар ба болин мемонанд, якбора калон буданаш ба ёдаш расида, сар мебардорад, — ғурунг-ғурунг кард Тош.

—Хидирата дидӣ? — ба пиёла чой рехта, пурсид Нуқра.

— Танҳо Хидири ман не, азони ту ҳам. Ӯ намебуд, мисли Тобони Шодӣ зонуятро оғӯш карда мехобидӣ.

Мардак ҷогаҳашро ба зан миннат кард.

— Номи Хидирро, ношукри кӯрнамак, дигар бе бисмиллоҳ ба забон нагир.

— Хидират қиблагоҳ шавад, барои саҷда намеравам, — гуфт Нуқра ки муҳаббати шӯяшро нисбат ба ноиби раис медонист.

— Ас одам нашудӣ ту, ҳе дар...

Мардак сӯйи осмон нигариста, аз чӣ бошад якбора меҳрубон шуд. Дар каломаш ҳатто марҳамате нисбат ба раиси шабкор садо дод:

— Фикр намекарда бошад ки ба гӯши одами хоболуд дастур ва насиҳат он тараф истад, овози булбул ҳам намефорад?

Нуқра гӯш ба карӣ зада, аз ҷой хест ва номаълум таги ҳамсоядевор омада, оҳиста садо кард:

— Ҳамсоя, ҳо ҳамсоя!

— Чӣ мегӯйӣ? — аз таги бинии ӯ овоз дод Нозӣ ки бо ҳоҷате таги шиғро иҷора гирифта буд.

— Нозиҷон, маслиҳатамон ҳамон маслиҳат. Якшаба хобатро барои дугонаат мекушӣ.

— Барои ту ҷонама мебахшам.

— Худо бахтата сафед кунад!

— Куҷо гум шудӣ, занак?

Нуқра овози шавҳарашро шунида, саросема чанд навдаи хушкро аз шиғ канд ва сӯйи долон давид.

Тош бехабар буд ки занаш паҳлӯи доми макри ӯ доми қавитаре гузошта аст.

— Ҷогаҳро соз кун, — амр кард ба занаш.

— Ҷогаҳ кайҳо интизорат, дадаи Суман, марҳамат! — меҳрубонии сохтаи зан ба мардак нафорид.

— Дар айвон мехобӣ, ё назди бачаҳо? — гуфтанӣ буд ки «бо ман мехобӣ ё танҳо?» Баъди захмин шуданаш Тош аксар вақт танҳо мехобид. Барои шубҳаи занашро дур кардан дар айвон хобиданӣ шуд.

— Албатта, дар айвон, очаи Суман!

— Худат намехобӣ? — ба ҷунбуҷӯли беохири занаш нигариста, асабӣ гуфт ӯ, ҳарчанд мекӯшид меҳрубон бошад.

— Ҳозир меоям, ҳозир. Коса ва табақ шабмонда нашаванд.

Занак деги оши шабмондаро ба харошидан сар кард. Не, Тош дигар меҳрубон ва батоқат буда наметавонист.

— Доираро гир ва тори бом баро, аблаҳ!

Зан деги нимшустаро тори дегдон гузошта, боз машғули чандин кор шуд, оқибат ба ҷогаҳ даромад. Гӯё ҳамроҳи занаш ба ҷогаҳи гарм шамоли сард даромада бошад, мардак якбора сахт хунук хӯрд.

— Мисли қурбоққа хунукӣ, — пушт гардонда, гуфт ӯ ки аз талхгӯйӣ худро базӯр нигоҳ медошт. Нукра барқасд ба вай ҷафс шуд. Ӯ имшаб беист гап мезад. Кулбаи меросияшро ки ба таъмир зор буд, ба ёди шавҳараш оварда, захмҳои мардаки бевафоро молида, балки мехарошид. Тош сӯйи занаш гашт. Зери нури маҳтоб чеҳраи хаста ва зардгаштаи зан ниҳоят заҳир менамуд. «Арвоҳ, арвоҳи тайёр!» — чунин буд хулосаи мардак ки боз сӯйи зан пушт гардонда буд.

— Фариштаҳои осмон бекор шишта анд, чӣ бало? Ин ҷанги балодарсар кай тамом мешавад? Вақти қотил албатта рӯзе тамом мешавад, аммо домоди ҳамсинн ва соли Гулсумана аз куҷо меёбем?

— Эҳа, ин қадар дур рафтӣ? — нимғурма гуфт Тош.

— Духтари Шери шаҳтутиро Қурбонкӯса бе тӯю сур ба никоҳаш даровардааст. Аз духтар чил сол калон

аст, кӯса. Рӯзе ягон бузриши занмурда духтари нозанини моро хостгор шавад, чӣ ҷавоб медиҳем, бобош? Не гӯем, ба нафсаш зомин мешавем, ҳа гӯем, ба коми аждаҳо мепартоем.

— Ҳеҷ кас дар ин дунё безан ва бешӯй намонда аст.. Духтарат шӯяшро меёбад, хоб кун, занак.

— Дилам барои Суман пилтаи чароғвор месӯзад. Худо накарда, ягон мӯйсафеди бузриш...

— Хобидан мемонӣ ё не? — тоқати Тош тоқ шуд.

— Мардак, умуман ба духтарамон хостгор набарояд чӣ кор мекунем?

— Худамона ба Сурхоб мепартоем, — ғурид падари бепарво.

— Ба Худо, ба Сурхоб партофтан кам аст! Аз пирдухтари хона Худо нигоҳ дорад! Санги осиёб дар гардани падар ва модар! Агар мабодо...

— Ҳой, хобидан мемонӣ ё не, зоғ?

Мардак қаҳролуд кӯрпаро ба сар кашида, чашмонашро сахт пӯшид. Нуқраи тундфеъл, ин бор ҷойи ранҷиш ва талхгӯйӣ, баръакс бо дастони пуробилаи шахшӯлаш пушти шавҳарашро молида, деги ғазаби ӯро лабрезтар кард.

«Ин занакро ҳатто навозишаш хор дорад. Оҳ Зика, Зика дигар аст. Бемақсад як тори мӯяшро намеҷунбонад, бемақсад лаб намекушояд». Оқибат занак ором гирифт ва мардак оҳи сабук кашид. Чанде ба нафаскашии ҳамвори занаш гӯш кард, чун ба хоб буданаш бовар кард, ҷомаашро ба китф партофта, оҳиста аз ҷой хест.

Моҳ ними осмонро тай карда, гӯё болои ҳавлии онҳо дам мегирифт. Вақти қиммати ошиқ кам монда буд. Дигар бор сӯйи занаш ки ғунча шуда мехобид, беихтиёр нигарист ва абрӯ чин кард. Занак ниҳоят лоғар ва пажмурда буд. Гирди чашмонашро тӯри ожанг

печида, чеҳраи замоне чун пахтасеб сафедаш рангпарида ҷо-ҷо доғи ҳамл дошт.

«Боз буғӯз шуда аст? Худо накунад!» — Тош аз ин занак дигар фарзанд намехост.

Чеҳраи занашро ба чеҳраи оне ки сӯяш мешитофт беихтиёр муқоиса кард. Занаш аз маъшуқааш хушрӯй буд, аммо аз ҳунарҳои Зика бенасиб буд. Дар ҷавонӣ ҳама зебоянд. Вақте ки зан ҳусни табиияшро ба фарзандонаш бахшида, худ камоли ҳусн ва ҳунар пайдо кард, он гоҳ метавон гуфт, кӣ чӣ қимат дорад. Зика ӯро мисли асал пашшаро сӯяш мекашид. Ҳар қадар мехост худро дур гирад, он қадар сӯяш медавид. То худ бемор нашавӣ дарди дигарро намефаҳмӣ. Тош акнун ба кисаи шайхи ҳаҷкарда ки ишқи насронидухтар хукбонаш карда буд, бовар кард. Занҳое ҳастанд ки хушрӯй нестанд, аммо қудрати мардафканӣ доранд. Бӯйи махсус доранд, нигоҳи махсус доранд. Бо нигоҳе мардро аз пайи худ дур мебаранд. Зика низ чунин аст. Ҳар бор аз хонаи ӯ носер ва дилкашол мебарояд. Ҳар бор тавба мекунад ки саломи айёраро дигар алейк намегирад, чун ӯро бубинад, аввалин шуда салом мекунад, як олам суханҳои осмонӣ мегӯяд.

Зика шавҳари пир ва ҷӯтурашро дӯст намедошт, аммо касе шикоят ва нолишашро нашунида аст. Баръакс ба шавҳар хизматгор ва меҳрубон буд, аммо ба мардони дигар низ нигоҳи меҳр ва илтифоташ медурахшид. Ба Тоши саропо бо нигоҳи айбҷӯ не, балки бо нигоҳи савобҷӯ нигариста, сари мардакро ба осмон расонд. Дӯстдории ин зан ба дӯстдории мор монанд буд ки гоҳе аз меҳри зиёд метавонист, газад. Тош аз Зика ҷавонтар ва хушрӯйтарҳоро бинад, ӯро зуд фаромӯш мекард, аммо дере нагузашта боз ба чашмакбозӣ ва гункакбозиҳояш пазмон мешуд ва роҳи дидор меҷуст. Мардум оқибати «Лайлӣ ва Маҷнун»-и сабзбаҳориро ҳар хел тахмин мекарданд. Баргаштани содибдараки зани сабукпо бояд ба поёни ин қисса нуқта

мегузошт. Алҳол то омадани табар кунда осоиш дошт. Дар бораи Зикаи ҳамеша ороста ва хушгап ва пурноз мегуфтанд ки «метавонад аз даҳони шайтон сақичро зада, куртаи париҳоро кашида, ба тани худ ва кӯдаконаш пӯшонад». Духтарони Зика бо роҳ ва равиш ва сар ва либос аз кӯдакони дигар фарқ доштанд. Нигоҳи истеҳзо ва нописанди одамонро сӯйи худ ва модарашон медиданд, аммо бо дарки асли воқеа ақлашон намерасид; бовар доштанд ки модари онҳо аз ҳама беҳ ва болост. Чун ҳама падарашонро интизор буданд ва дар сояи меҳри модар зиста, ба хонаашон ними шаб омадани мудири анборро медиданд ва хомӯш буданд. Байни худ Тошро «дугонаи очам» омад мегуфтанд.

«Дар оғӯши ошиқаш хобида, риши шӯйро шона мекунад», чунин буд баҳои занҳо дар бораи занаки ҳамдеҳаи худ.

Шавҳари Зика аз занаш дилпур буд ки бачаҳояшро зинҳор хор намекунад. Дар ҳақиқат низ чунин буд. Зика ба панҷ духтараш бо панҷ лаҳҷаи меҳрубонӣ сухан мекард. Ба санги роҳ кор надошт ва аммо хости дилашро мекард. Ҳоҷат барор ва даст кушод буд. Аз ин рӯ занҳо аз озораш худдорӣ мекарданд, аммо хулқашро намебахшиданд...

Вақте ки Тош аз дари нимроғи маъшуқа ворид шуд, хурӯсҳо паиҳам фарёд карданд. «Мо дузд шудем, шаб маҳтобӣ», — афсус хӯрд ошиқи шайдо. Бо нигоҳе айёрии маъшуқаро пай бурд. «Эҳ Зика, Зика, ақл ва фаросататро як ҷуфт барзагов намекашад. Мисли ту зан доштан балои азим аст, аммо ноз ва ишваат ба дунё меарзад. Нотарсияшро бина, кӯдаконро дар хона хобонда, дунёро бедушман карда, ҷогаҳро дар чайлови баланд, байни ҳавлӣ ороста аст. Қандата хӯр!» — занакро дар дил тавсиф кард мардак ва хез зада, болои чайлови тобистонӣ баромад...

Нохост дар як порча замини Сабзбаҳор зилзила шуд... Нуқра бехудона шавҳарашро муштборон мекард ва Нозии шоҳиди ночор ҳайрон ва пушаймон ва музтар дуртар рост меистод. Зика аз поёни ҷогаҳ ноаён лағжида, худро ба долон гирифт. Акнун шоҳидвор ҳарби зан ва шавҳарро холисона ва бепарво назора мекард. Дар олам алҳол касе ёфтан мушкил буд ки Нозиро мисли ин занак ҳайрон мекарда бошад. Нуқра ҳамоно бехудона бо панҷаи алам сар ва рӯйи мардаки бевафоро ханҷол мекард. Ин дам нигоҳаш ба рақиби тамошогар афтод ва мардакро ба ҳолаш гузошта, асои шикастаро гирифта сӯйи долон тохт. Занҳо ба ҳам дар афтоданд. Мӯканӣ ва рӯкание шуд, ногуфтанӣ. Нозӣ онҳоро бо азоби алим аз ҳам ҷудо кард. Тош аз боло ба ду зани ношинос ва шиноси ҳурмат кунанда ҳаросон нигариста, чӣ кор карданашро намедонист. Ҳамин вақт санге ба қафаси синааш расид ва дамаш дарун афтод. Зика ба хона даромада, дарро қулф кард. Нуқра дари хонаро беист муштборон мекард. «Хола, аз Худо наметарсӣ?» — шунид овози духтари калонии Зикаро. Аз даруни хона паст-паст гиристани духтарон шунида мешуд. Аз чӣ бошад ки алҳол дили Нозӣ ба Нуқраи ҷабрдида не, бештар ба Зика ва духтаронаш ки дар хонаи худ амният мехостанд, сӯхт. Нуқра овозашро сар дода, аз тақдири бадаш менолид. Зикаи андаруни хона пинҳон, алҳол бар Нукраи рӯканда ва мӯканда ғолибият дошт. Ғалабаи ӯ дар сабр ва тамкинаш буд. Ба ёди Нозӣ насиҳати модари Зика расид ки аз забони худаш шунида буд: «Духтарам, Худо ба ту ҳусн надода аст, аммо ғам нахӯр. Ҳусни зан дар дасти худи ӯ аст. Ҳамеша аз худ бохабар бош. Зани хуш либос ва олуфта хуш гуфтор ва хуш рафтор зебо набошад ҳам, дилкаш аст».

Зикаи ороста ва ботамкин берун баромад. Ӯ курта ва почомаи дигар дар бар дошт. Нозӣ рақибаҳоро

беихтиёр ба ҳам муқоиса карда, ба ҳақ будани модари ӯ бовариаш яқин гашт.

— Фаро мегӯям, пирхари якгӯш, фаро! — ҳанӯз дод мезад Нуқра. Тош аз чайлов майли фаромадан надошт. Ӯ оқибати фаромаданашро пешакӣ хуб медонист.

— Фарооо! Аз худо ва пайғамбар гашта бошам нафароӣ, ҳозир худам ва мори обиро оташ мезанам!

— Ҳамсоя фаро, — оромона амр кард Нозӣ ки ин моҷаро дилгираш карда буд.

Ин амр ба гӯши мардак тундарвор расид ва майли фуромадан кард. Нуқра сӯйи Зика гашт:

— Ин хари якгӯшро лиллоҳан ба ту бахшидам, кӯрмори обӣ.

— Чизатро даст гир ва ҳамсояатро дузд нагир. — Хари якгӯшат ба худат насиб кунад. Бечора, бечора фариштаи партовӣ!

— Ман фариштаи партовӣ, ту моча хари ҳаром! — фарёд кашид Нуқра.

Зика ҷавоби рақибашро дода, сӯйи Тош музтар чунон бепарво нигарист ки гӯё ӯро бори аввал медида бошад. Теғи нигоҳи мардак ягон ҷояшро сӯрох накард. «Ана зан ва мана зан, дар пеши гӯшаш кӯҳро тарконанд, мижа намезанад», — аз дил гузаронд Нозӣ ки акнун бетоқатона ба Тоши дар зинаи суфа монда менигарист.

— Фарооо! — Нуқра болои чайлов бароmадaнӣ шуд ва қувваташ нарасид.

— Мефарояд, — оромона гуфт Нозӣ. — Фаро! — Лаҳҷаи сангдори зан мардакро ба поён партофт. Дар сари гуноҳаш пайдо шудани ин зан, аниқаш Нозӣ — полвон кайфи ӯро паронда буд. Аз зан ва маъшуқаш дида бештар аз ин шоҳид метарсид. Нуқра сарриштаи моҷароро дар дасти ҳамсояаш дида, беҳол рӯйи хок

поён шуд. Соҳиби хона ба меҳмонони худ пуштгардон дар такяи девори долон меистод.

Моҳи ба гӯшаи осмон субҳ расида бозии шабзиндадоронро бо нигоҳи сард ва зардаш назора мекард. Тош ба ҷанг ва ҷанҷоли занаш одат карда буд. Нукра дарундор ва кинагир набуд. Мағал карда, дилашро холӣ мекард ва ба худ омада, аз карда пушаймон роҳи сулҳ ва салоҳро меҷуст ва мешукуфт. Алҳол дар бораи Зика фикр намекард, аммо аз шоҳидии Нозии дар назари аввал ором ва батамкин хавф дошт. Ин занак ҳам зӯр буд ва ҳам ҳақиқатталаб. Ба ақидаи сабзбаҳориён, агар савод медошт, ҷояш марказ буд, на кунҷи дараи кӯҳистон. Вақте ки духтари бокира буд, сиёсаташ домодҳои ояндаро аз чанд фарсах мерамонд. Пас аз чанд мушт хӯрдани бригадири собиқ ки занеро бегуноҳ дашном дода буд, муносибати аҳли деҳ ба Нозӣ дигар шуд. Занон ва духтарон соҳиби пуштибони қавӣ гардиданд. Нозӣ алови чашми мардонро гирифта, худ аз алови меҳри эшон бенасиб монд ки ин алами қиссаи дигар аст.

Дар ҳузури зан ва маъшуқа аз Нозӣ мушт хӯрдан барои Тош аз марг бадтар буд. Нозӣ ба мардак наздик мешуд ва ӯ қафо мерафт.

— Нагурез, дастама дар тани ту ҳаром карданӣ нестам. Туро Худо худаш мезанад, — гуфт оромона Нозӣ аз тарси мард ғашаш омада. Ӯ паҳлавон не, зани нозук ва меҳрубон будан мехост, аммо зиндагӣ ба ӯ чунин сифатро надода буд.

— Ӯро назан, дугона, айб аст, — оҳиста гуфт Нукра. — Зикаро ханда гирифт ки гӯшаи рӯймолашро сахт газид. Нозӣ аз Нукра низ ранҷида сар ҷунбонд. Мардакро асло заданӣ набуд. Дили Нозӣ алҳол ба холи худаш месӯхт. Қисмати бераҳм ва зиндагии бесар ва сомонаш ба ёдаш омад ки якбора алови хашмаш забона зад. Алами ҳама занҳоро аз Тош ситонданӣ шуд. Дасти якраваш аз остин берун гашт ва сӯи мардак дароз шуд.

Нукра ҳамин дам дида ва дониста ё тасодуфан хоҳарвор сарашро ба китфи ӯ монд. Нозӣ досташро ба остинаш печонда, ба мардак маслиҳатомез гуфт:

— Ку зуд ҷонатро гир ва гурез. Э ҷоната Худо гирад! Тоши маътали ишора худро бар дар заданӣ шуд, аммо наздаш Сафари хирманбонро дида, шасташ гашт.

Нуқра ба ҳавлӣ ворид шудани мӯйсафедро дида, алови аламаш аланга зад ки ба Зика наздик шуд:

— Пеш даро, чилгазамӯ, — амр кард ӯ рақибашро.

Ҳарчанд ҷойи ханда набуд, ҳозирон аз ин ташбеҳ дар дил завқ карданд. Ду кокули мисли думи мор борики Зика бо дидани хеши шавҳараш ба ларза даромаданд.

— Зудтар ҷунб, чилгазамӯ, — такрор кард Нукра ки худро ором гирифтанӣ мешуд. — Дар идораи колхоз ин Рустами достонро ҳалол тақсим мекунем. На ҳаққи ту равад ва на ҳаққи ман!

— Ба ҳеҷ куҷо намеравам, — ҷавоби ором дод Зика.

— Меравӣ, аз Худо гашта бошам ки меравӣ.

— Девонагӣ накун, Нуқра. Дар ин нимишабӣ дар идора киро меёбӣ, — дугонаашро аз роҳ гардонданӣ шуд Нозӣ.

— Ҳама дар идора, раис, раиса, ҳама. Мағалатон аз он тарафи Ағба шунида мешавад, — гуфт мӯйсафед ки дидани чунин манзараро дар хонаи хешаш чашмдор набуд. Ӯ ба Зика оромона, аммо бо нафрат гуфт: — Ҷони ту барин зана Худо гирад. Аз мо шарм намедорӣ, аз духтаронат шарм дор, аз шавҳарат шарм дор.

Зика мисли пештара ором ва бепарво буд. Гӯё тӯй мерафта бошад, рӯймолашро дуруст карда ба хеши шӯяш он қадар наздик шуд ки аз байнашон як мӯй намегузашт.

— Туро ба ин ҷо кӣ хабар кард? Зоғ? Чанд сол шуд хешат дар ғарибиҳо гашта аст, кӯдакони ӯро дидан ва холпурсӣ кардан ба ёдат нарасид, акнун омадӣ ки хонаи маро дар пуштам чаппа кунӣ? Ку гум шав, э афти ту барин хеш дар гӯр!

— Аз ин рӯз мурданат беҳ, — гуфт мӯйсафед оҳиста.

— Ман ҳамаатро гӯр накунам, намемурам, — гуфт Зика. Сӯий Нозӣ гашта зорӣ кард. — Нозҷон, равед, мағал накунед. Аз барои Худо ғами духтарҳоямро хӯред!

— Хоҳари қиёматӣ, — ба Нуқра муроҷиат кард, соҳиби хона, — аз гуноҳам гузар, ба ҳафт пуштам қасам ки гуноҳамро наздат мешӯям. Акнун зудтар хона амро холӣ кунед! — муроҷиат кард ба ҳама зорикунон, аммо омирона.

— Туро дар сад дунё намебахшам, қанчиқ, — шӯрид Нуқра.

— Аз ман беҳ мебудӣ, мебахшидамат.

— Нуқраи ҷон инсоф кун, аз Худо нагузар. Вақте ба хонаат равам маро ба идораи колхоз не, Пунбачӣ бар.

— Туро ҳозир ба идораи колхоз мебарам, — ғазаб кард зан. — Якгӯш худро ба ягон занаки ҳалол бадном мекард, алам намекард. Шармандаат накунам, номама мегардонам.

— Шармандая овозаша мешунавам! — ғурури Зика низ боло гирифт. — Ку аз хона ам дафъ шавед! Занаки беайбро шавҳараш орзуи ҷогаҳи дигар намекунад. Бе айб мебудӣ...

Нуқраро барқ мезад чунин сӯрох намешуд. Дар торикии шаб низ бехунии рӯяш аён шуд. Сӯйи Зика давид, аммо Нозӣ роҳашро дошт. Ба бари рӯйи шавҳараш ки боиси ба ин хона омадан ва хорузорияш

шуда буд, чунон кашида ва кушода фуровард ки аз чашмони мардак алав парид. Тош ҷавоб гардонданӣ шуд. Нуқра дар паси Нозӣ меистод.

— Холи ман айб дорам гӯй, — ғуррид Нуқра сӯйи рақибаш аз паси ҳамсояаш. — О сиёҳмори обӣ! — Ташбеҳи Нуқра сабаб дошт. Чанд сол пеш, тобистон ҳамроҳ ба регистони соҳили Сурхоб рафтанд. Зика Нуқраро хоҳиш карда буд ки ӯро таги рег бикунад. Нуқра болои ҷисми урёни рақиби ояндааш реги сӯзон кашида, ноаён баданашро аз назар мегузаронд. Даме ба назараш намуда буд ки занро не, ҷасади хушкидаро зери реги сӯзон мегӯронад. Баъд қаробати Зика ва шавҳарашро пай бурда, борҳо кашфашро дар ҷогаҳ ба шавҳараш бо об ва ранги махсус нақл кард, аммо дили Тош аз Зика намонд.

— Дафъ шав аз хона ам! — соҳиби хона оташ гирифт. Магар Нуқра аз ин хона бе рақибаш мерафт? Ҳаргиз! Нуқра Зикаро сӯйи пеш тела дод.

— Аввал худат пеш даро, мори обӣ!

Айб дорон ва айбдор кунандагон пеш ва қафо сӯйи идораи колхоз роҳ гирифтанд. Раҳораҳ байни Тош ва занҳои оташгирифта ҷанги бехун мерафт. Нозӣ аз ин таҳқир ва кашокашҳои бемаънӣ ва бепарда хаста ва дилгир шуда, назди духтарчаҳояш ки таги долон мехобиданд, гурехтан мехост. Сафари хирманбон низ аз ҷойи омадааш сад бор пушаймон, дар дил худро маломат ва мазаммат мекард. Аз дур дар тирезаи идора нури чароғро дида, алами Нуқра тоза шуд:

— Илоҳӣ устухонҳои Охуни гургхӯрда дар гӯр сӯхта хокистар шаванд!

Тош ба камари зан лагаде фуровард. Зан калавид ва зуд ба ҳуҷум гузашт. Нозӣ дасти ба сари зан болошудаи мардакро чунон тофт ки ӯ зери лаб нолише карда хомӯш шуд.

Тош овози Зеборо аз паси дар шунида, пойхояш суст шуданд. Аз карда пушаймон, аз накарда пурармон, дар иҳотаи се зан ва як мӯйсафед паси дари идорае ки чанде пеш бо баҳонаи дардмандӣ онро тарк карда буд, музтар меистод. Занеро ки ду қадам он тараф сархам меистод ва боиси шармандагӣ ва ҷазояш шуда буд, аз таҳти дил бад дид. Лаҳзае зани худаш ба назараш тоза ва хушрӯ намуд ва маъшуқааш бад афт ва зишт. Нуқраи алҳол аз ӯ чун моҳӣ лағжидаро даме мисли пештара дӯст дошта, худашро назди занаки мағрур ва ҷабр дида чун ҳамеша ҳақир ва нотавон ёфт.

Занашро ба инсоф даъват карданӣ шуд:

— Занак ҳушатро ба сарат гир. Фикри бачаҳоро кун! Аз гуноҳам гузар.

Нуқра сахт хандид.

— Бачаҳо дигар падар надоранд ва модарашон шавҳар, фаҳмидӣ якгӯш? Ман бева ам, беваи Нуқра. — Ӯ Тошро тела дода, пеш гузашт ва бо шаст дари идораро калон кушод. Гапи Ҳасан Ризо дар даҳонаш монд. Шамоли ба хона даромада чароғро кушт. Хона торик шуд. Касе чароғро аз нав фурӯзон кард. Зебо аз ҷой хест. Ӯ медонист ки ҳодисаи андак-мундак занҳоро дар ин нимшабӣ бо чунин аҳвол ба идора намеорад. Дар идора пайдо шудани Нуқра ва Зикаи мӯйпарешон ва рӯканда, Тоши музтар, Нозӣ ва мӯйсафеди Сафар ки бинияшро беист бо фаши дастораш пок мекард, ҳозиронро ҷоду кард.

— Тинҷист, Сафар? — пурсид Ҳасан Ризо.

— Хока тинҷист, — гуфт мӯйсафед, аммо бо андешае ӯ суханашро тарафи дигар тоб дод.

— Ҳам тинҷӣ, ҳам нотинҷӣ, раис.

Раис ки асли воқеаро пай бурда буд, нигоҳашро аз яке ба дигаре дӯхта, намедонист ҳақиқати ҳолро аз кӣ тагпурсӣ кунад. Аввал ба мӯйсафед мурочиат кардани раис беҷо набуд. Ногап будани Сафарро бо зани хешбачааш аҳли деҳ медонист.

— Дурусттар гап зан, Сафар. Чӣ гап шуд, мӯйсафед?

— Аз ман чӣ мепурсӣ, аз худаш пурс, — саросема гуфт пиракӣ. — Арзанро гунҷишк хӯрад, калтакро бедона? — ришашро молида гуфт мӯйсафед, саволи раисро бе ҷавоб монда сар хам кард. — Ба ҷойи хешам ба маргам розиям, Ҳасан!

— Чӣ гап, Нозӣ бону? — аз ҷавоби мӯйсафед умедашро канда пурсид раис.

Баногоҳ Нуқра чанг зада куртаи Зикаро то доман пора кард. Ҳозирон низ бехабар монданд ки куртаи Нуқра низ чи гуна зери пояш афтод. Ҳозирон чунин ранг гирифтани воқеаро чашмдор набуданд. Нигоҳҳо ба ҳар тараф гурехтанд. Зика ба замин парӯ афтод. Нозӣ бо рӯймолаш Нуқраи урёнро пӯшонданӣ шуд, аммо зани аз алам ақл рамида аллакай таги бинии раис рафт ва луч меистод:

— Ба ман нигоҳ кун, падари қиёматӣ! Ба ман нигоҳ кунед мардум!

Нуқра Зебо ва Нозиро ки ӯро ба шарму андеша даъват карданӣ буданд, тела дода, ба раис наздиктар шуд:

— Ба ман нигоҳ кун, раис бобо!

— Номаъқулӣ накун, Нуқра, — аз замин чашм наканда, гуфт раис ки на танҳо пойи захминаш, балки аъзои баданаш ба дард омада буд.

— Бубинед, мардум, — аз нигоҳи ба замин дӯхтаи раис умедашро канда, ба ҳозирон мурочиат кард занаки алам зада. — Аз рӯйи инсоф бигӯед: ҳамин мори обӣ аз ман чӣ беҳӣ дорад ки хари якгӯш оғӯши ӯро авло медонад? Хез, беваи сиёҳ, хез, мардум бинанд, кӣ чӣ қимат дорӣ. Мани айбдор беайбии туро донистан мехоҳам! Хез! — Ӯ ба гесӯвони рақибааш чанг андохтанӣ шуд. Зика заминро сахттар оғӯш кард. — Бинед, мардум! — Занак чун савдогар молашро, бадани

ширвор сафедашро бо тани гандумгун ва лоғари рақибаш муқоисакунон баҳои ҳақониро талаб мекард.

Ҳасан Ризо лангон худро то Тош расонда, ба бари рӯяш чунон шаппотие фаровард ки садояш хонаро пур карда, ҳатто Нуқраи бехудро ба худ овард. Занак дастҳояшро рӯйи сина салибвор гузошта, рӯ ба девор гардонд.

— Марги ту барин ҷавонмард, гул барин занро ба чи ҳол расондаӣ! — гуфт раис.

Ҳасан Ризо лангон-лангон идораро тарк кард. Аз пояш дигарон низ сархам баромаданд. Зебо ҳанӯз пакар буд. На рафтанашро медонист, на истоданашро.

Лабони оҳаквор сафеди Тош ҷунбиданд, аммо касе чизе нафаҳмид. Оқибат мардак ҳалқашро тар карда, шунаво гуфт:

— Мӯйсафеди Сафар, дар шоҳидии ту ин занаки беҳаёро се талоқ кардам!

— Астағфируллоҳ! — тавба кард мӯйсафед.

Занҳо гӯё аз ҷой ҷунбиданӣ набуданд. Зика ҳамчунон фарши замин буд ва Нуқраи беҳол дар рӯймоли Нозӣ печида, сӯйи шавҳари собиқаш пакарнамо менигарист. Намедонист аз ин озодии мутлақ шодӣ кунад ё ғамгин бошад. Тош сӯйи дар равон шуд. Бори охир ба занаш не, ба девор гуфт:

— Се талоқ кардам! Се талоқат кардам! Се талоқат кардам!

— Гӯри падари гургхӯрдаат сӯзад, беимон! — гӯё бори охир тани бегонаашро ба марди бегона намуда, чароғи фурӯзонро ба сари ӯ партофт. Хонаи бечароғ мисли дили ҳозирон сиёҳ ва торик шуд.

***

Ҳасан Ризо пойи маслуқашро ки оҳанпораҳои ниҳон гӯшташро мехоиданд, кашола кунон ва аз дард лабгазон сӯйи хонааш мерафт. Марди майдон озмуда ва аҷалдидаро имшаб гӯё бо туфанги номӯс паронда

буданд, ӯ зинҳор чунин бемадор ва музтар, чунин захмин ва дардманд набуд. Воқиае ки дар идорааш рух дод, тири нангҳо, балки тири ҷангҳо буд. Оре, тири ҷангҳо буд ва пайи захмаш ҳаргиз аз хотирҳо намерафт. «Наҳси ҷанг танҳо дар ҷаҳл ва кушторaш нест. Ҷанг кушторҳои даҳшатноке дорад бехун, — меандешид марди корзордида. — Занҳо сарҳуй шуда анд, навозиш ва муҳаббат мехоҳанд, гулҳо ташнаи обанд. Ҳайфи занҳо!» Исёни Нуқраи табиатан шармгин ва бамулоҳиза ҳанӯз дар ақли мардак намегунҷид.

Зебо аз дур пайкари хамидаи раисро дида, чаққон шуд, наздик шуда гулӯ афшонд, аммо ҳамсафараш чунон ғарқи гирдоби андеша буд ки сӯяш нигоҳе накард.

— Аҷаб кори безебе шуд, раис-бобо, — оҳ кашида гуфт Зебо.

— Ҳа, кори ногуфтанӣ шуд! — тасдиқ кард раис ва ҳамоно хомӯш шуд.

— Тош занашро се талоқ кард!

— Оббо номарде, — сар ҷунбонд раис. — Кор ба ин дараҷа расид албатта, он тарафаш маълум.

— Моро мебахшӣ раис-бобо, — аз номи ҳама занҳо узрхоҳӣ кард Зебо. Узри содалавҳонаи зани ҷавон ки пур аз дард ва ҳаё буд, дили марди пирро ларзонд.

— Намурда ба чӣ рӯз расидам, духтарам. Чунин ҳодисаро ҳафтод ва ҳафт пушти Сабзбаҳор ёд надорад. Ҳайфи занҳо! — оҳ кашид ӯ. Тош сер шуда аст. Дарди серӣ аз гуруснагӣ қотилтар аст. Дар хусуси чунин зотҳо гуфта анд: «Бедаст ба даст нарасад, калбуз ба шох». Ягон ҷавонмард аз фронт баргардад, худи ҳамон рӯз аз дасти ин бадзот кафлезро мегирам.

— Назари бачаи Хосият чӣ, раис-бобо. Дасташ сиҳат шуда аст.

— Назар, ҷони бобо, дили бо мо зистан надорад, меравад. Дар Русия зан ва фарзанд дорад.

— Наход? Афсӯс. Ҳамин шаби дароз дар бораи ӯ фикр кардам. Як гӯшаи борамонро мебардошт.

— Овоза накун, модараш хабар надорад. Чи ҷойи пинҳон доштан. Мо ба Тош зорем.

— Чанд сол пеш маро ба ҳафт пуштам қасам диҳанд, ба хонапарии Тош бовар намекардам, — гуфт баъди чанде хомӯшӣ раис ва илова кард: — Оҳ ҷанг, ҷанг моро ба чӣ рӯз расондӣ?

— Илоҳо, аз ин бадтар накунад, — хирадмандона гуфт Зебо.

Раис нохост нолиши дарднишоне карда оҳиста, ба замин нишаст. Ба чунин ҳолат афтодани ӯро Зебо бори аввал шоҳид набуд. Агар ба хонае хати сиёҳ расад, касе бимирад, одаме аз роҳи одамгарӣ барояд, асаби аскари пир чун ноқили барқ ба шӯр омада, захмҳояш ниҳон ва аён хунчакон мешуданд. Аз майдони ҷанг маслуқ баргашта, дар корзори озор ва андӯҳ ва кашма-каши одамон маслуқтар шуд. Дили Зебо ба ҳоли ҷӯраи падараш доғ буд, аммо ба захмҳояш марҳам намеёфт. Раис он гоҳ бо асобағал ба деҳа баргашт ки ду писараш арӯсонашонро дар паноҳи сабр ва тоқати модари нолонашон гузошта, ба фронт рафта буданд. Хонаи Ҳасан Ризо мисли ҳама хонаҳо умедпаноҳ буд. Аз равзанаш риштаи нури ноаёне партав афканда, дилҳоро бақувват медошт. Аммо таноби умри мардак фарсуда буд. Ситораҳо дар осмон ноаён гум мешуданд. Чанд ситора гӯё касеро интизор бошад, ба тамкин чашмак зада, сӯйи замин менигарист. Ситорае бо суръат канда шуда, ҳамон дам сӯхт. Ҳар ду онро дида, худро ба нодонӣ заданд. Дили онҳоро нохуни ҳаросе харошид: «Ситораи кӣ канда шуд? Паймонаи кӣ пур шуд?»

Зебо лаби ҷӯро палмосида, чанд барги зуф канд. Ба бемор дар кашидани мӯзаи пойи захминаш ки як

рақам калонтар буд, ёрӣ дода, баргҳоро рӯйи захм гузошт. Таъсири воқеаи чанде пеш рух дода, дарди ҷонкоҳ, дилсӯзии зани ҷавон дар ин нимишабӣ ба мардак сахт таъсир кард. Ҳар қадар худро медошт, ҳамон қадар беҳол ва бемадор мешуд.

— Беҳуда ба идора омадӣ, раис-бобо. Қариб шифо ёфта будӣ. Чаро хестӣ? Ё ба ман бовар надорӣ? — гӯё кӯдакашро сарзаниш мекарда бошад, пойи захмини ӯро ба мӯза дароварданӣ шуда, ғут-ғут дошт Зебо. Чашмонаш аз бехобӣ месӯханд ва дилаш аз алам.

— Ҷогаҳ аз ман безор шуда аст, ман аз ҷогаҳ, духтарам, — аз таъсири дард дандон ба дандон расонда, гуфт раис. Ба ту бовар накунам, ба кӣ бовар мекунам? Тамоми бори хоҷагӣ дар китфи нозуки ту...

— Ғами ман ва хоҷагиро нахӯр, ғами худатро хӯр. Ту бошӣ, мо ҳастем.

Раисро тасаллои духтар хушҳол кард. Дардаш баъди ба мӯза даромадани пойи баргизуфпечида андаке паст шуд.

— Э, офарин, ҷони бобо, офарин. Биллоҳ ки ту ба хироҷи як мамлакат меарзӣ.

— Ба хироҷи кадом мамлакат, бобо? — хандид Зебо, қомат рост карда.

— Ба хироҷи кадом мамлакате ки хоҳӣ...— ҷавоб дод раис ки майли хестан дошт.

Зебо рӯзорӯз вазнинии бори хоҷагиро ҳис мекард. Ба қавли худаш аз ҷон безор шуда буд, аммо назди раиси захмин зинҳор аз касе ва чизе норозӣ буданашро зоҳир намекард. Бо сардори хоҷагӣ маслиҳат ва машварат мекард, аммо зинҳор наздаш арз ва шикоятро раво намедид. Аз дари хонаи раис ворид шуда, гули қаҳ-қаҳа чун ба кӯча мебаромад, мешукуфт, абрӯвонаш ки аксар гӯё ба ҷояш меандешиданд, сар ба сар мерасиданд.

—- Чи хелӣ, духтарам? — ҳолпурсӣ мекард ӯро раис.

— Ҳар хел раис-бобо, — ҷавоб медод аз рӯҷи одат. Ҳар «хел»-и ӯ дар ҳақиқат аз рӯзгори ҳархелаи худаш ва хоҷагӣ сар мезад. Раис ба маънии «ҳархел»-и раиси ҷамоат хуб сарфаҳм мерафт. Аз осмон наафтода буд ки мушкилоти хоҷагиро надонад.

Субҳ аз паси қуллаи кӯҳи Уқоб майли дамидан дошт. Раис аз тафси дард сардии ҳаворо эҳсос намекард, аммо Зебо ки куртаи ситора дар тан дошт, ноаён меларзид. Раис баъди пӯшидани мӯзааш чанд бор пеши худ майли хестан кард ва натавонист. Зебо низ дар паҳлӯи ӯ ноилоҷ сари по нишаст. Онҳо канори роҳ менишастанд. Раис сукут меварзид. Зани хаста ва дилтанг чашм пӯшидан мехост. Мехост ки мӯъҷизае шавад ва чашм пӯшида, дигар накушояд. Бо умеди мӯъҷиза чашмонашро сахт пӯшид. Раис дардолуд нолиш кард:

— Духтарам, азоб кашидӣ. Рафтем, ҷони бобо! Зеборо аз орзуи бадаш шарм омад. Китфашро зери тафи раис гузошт:

— Рафтем!

— Ё пирам! — зане ба по рост шуд. Онҳо ба роҳ даромаданд.

— Аз Саид хат ва хабар ҳаст? — пурсид раис.

— Дина хат гирифтам, — кӯтоҳ ҷавоб дод Зебо.

— Чӣ менависад?

— Ҳар чиз! — ҳамчунон кӯтоҳ гуфт ӯ.

— Аз шербачаҳои мо хат нест, — оҳ кашид раис. — Кампир мисли барфи пушта дар чашмам рӯзорӯз об мешавад.

— Диловар чӣ менависад? — аз ҳузни худ раҳиданӣ шуда пурсид Зеборо.

— Диловар аз ҳамон ҷо истода моро дилбардорӣ мекунад. Шукронаи додарам. Илоҳо, авлоди фашист бе даст ва по шавад, бача ва качааш бе сар шавад, хона ва боғаш валангор шавад, — якбора дуоро қатор кард Зебо. — Додаракама ёд кардам, дилам гум мезанад.

Раис дигар савол надод. Чанд нуқтаи гуфтаи Зебо муносибат ва муҳаббати ӯро нисбат ба аскарон маълум кард. Онҳо чанде хомӯш роҳ паймуданд.

— Чаро модарат ба хонаи Хайрия хостгор намефиристад? — ногоҳ пурсид раис.

— Сабабаш маълум, — гуфт Зебо оҳ кашида. — Якравии модарам маълум. Вақте арӯсам набера амро алла гӯяд, бояд номи Сабзбаҳор паси дарам биёяд, мегӯяд. Модар бо орзу зинда аст.

— Ҷавонҳо чӣ мақсад доранд?

— Мақсадашон маълум. Диловар вақти рафтан ба доманам чанг андохта гуфт: — Нишонаро хор шудан намон, апа. Ӯ хор шавад, ман хор мешавам.

— Диловар мисли падараш мард аст, мард — писари ҷӯраашро таъриф кард Ҳасан Ризо.

— Аз ишқи Нишона ва Диловар сад китоб нависанд, кам аст, — гуфт Зебо. — Дӯстдорияшон, раис-бобо, аҷиб аст. Дур ва дароз ба якдигар нигариста, табассум мекунанд, нигоҳашон пур аз ханда ва гап, худашон хомӯшанд. Барои хондани хатҳои Диловар ҳудомӯзӣ карда, савод баровард. Ягон муаллим талабаашро дар чунин мӯҳлати кӯтоҳ босавод карда наметавонад. Аҷаб ишқе! Зебо нохост пай бурд ки ишқи дигаронро васф карда, ишқи овоза дор ва нокоми худро ба ёди ҳамсӯҳбаташ расонда аст. Шармида зуд суханашро хулоса кард:

— То Диловар аз ҷанг барнагардад, дар бораи хостгории Нишона гап намезанам. Ҳамин ки додарам баргашт, худам ва худат хостгорӣ меравем, чӣ гуфтӣ раис-бобо?

— Албатта меравем — гуфт раис. — Тақдир ба ин духтараки бегуноҳ беинсофӣ карда аст. Дарвоқеъ, чӣ ҳол доранд?

— Дилам ба ҳоли ин хонавода мисли кабоб месӯзад, — ҷавоб дод Зебо.

— Зарур донӣ, аз ҳаққи худам ва худат ҳам гирифта, ба онҳо деҳ, — гуфт раис.

— Дуои ҷони ту доим дар забони зани оҷиза аст, Раис-бобо. Нишона соҳиби кор шуд ва рӯзгорашон ҷон гирифт. Лекин азоби духтари бечора зӯр. Кӯдак дар китфаш, модараш дар ҷогаҳ. Хайрият бачаҳо ба ӯ ёрӣ мерасонанд. Бачаҳои калонтарро саҳарӣ хӯшачинӣ мефиристад, аз хӯшаи овардаашон дами гарм мепазад. Бачаҳо сер ҳам набошанд, гурусна нестанд. Як бозиҳо ёд медиҳад ки ҳайрон мемонӣ. Ҷангбозиро аз рӯзи аввал манъ кард. Бачаҳо мабодо пинҳонӣ ҷангбозӣ кунанд, сахт меранҷад. Намехоҳад ҳатто фашистонро «паронанд».

— Имсол ҳоламон бад нест. Ба Тош фармо, ба ҳаққи ҳаррӯзаи бачаҳо илова кунад.

— Афти Тош дар гӯр! Баъди воқеаи имшаба бо ӯ на танҳо дар Сабзбаҳор, балки дар тамоми олам гунҷида наметавонам!

— Раисаи мӯҳтарам! — Зебо нафаҳмид ки раис ҳазл мекунад ё ҷиддист, — ноз ва аламатро як сӯ парто ва Тошро мурданивор кор фармо. Бигузор гуноҳашро бо меҳнати ҳалол бишӯяд. Албатта, барои ба шаъни оилаи аксар иснод оварданаш, барои бачаҳояшро зиндаятим карданаш назди қонун ҷавоб мегӯяд. Алҳол, ҷони бобо тамоми қонунҳо «ҷанг» ном доранд. Худакат ҳам фаромӯш накун ки дар дунё ғайри бори ба гардани мо афтода дигар шуғле ва коре нест. Кор, духтарам, танҳо кор! Ҳамаи аламамонро аз кор мегирем. Фаҳмидӣ? — овози раис якбора аз тавалло ба фармон гузашт.

— Аз кор наметарсам, аммо... Мурем, ҳамроҳ мемирем, зием, ҳамроҳ мезием, раис-бобо, — гуфт духтар, оҳ кашида. «Аз ҷонам безор шуда ам», буд маънии оҳаш.

Ҳасан Ризо аз овози ларзони ӯ маънии рӯзгори пурмашаққаташро дарк карда, ноаён ба оҳи ӯ ҳамроҳ кард. Зебо медонист ки худи раис низ аз ҷони афгораш безор асту, танҳо умеди ғалаба ва бозгашти мардон ба по медорадаш.

— Тоқат мекунем! Андаки дигар тоқат кардан лозим. Душман заиф шуда аст. Дар охири кор мо сустии худро набояд нишон диҳем. На ба дӯст, на ба душман...

Субҳ чодари сафедашро батамом паҳн кард. Мурғакони саҳархез дар сари шохаҳои пурбори дарахтон базми субҳона доштанд. Онҳо дар таги зардолуи тирамоҳпаз таваққуф карданд, соҳиби ин зардолуро касе ёд надошт, аммо ҳама аз он ком ширин мекарданд. Зебо кафашро аз зардолу пур кард ва роҳашро давом доданд.

— Зардолуи қандак, бобо, хӯр қувват мешавад.

— Эҳ, зиндагӣ, зиндагӣ, садқаат шавам. Биллоҳ ки мурдан намехоҳам! — гуфт раис зардолуи қандакро ба даҳон партофта.

— Ту мурӣ, мо ҳам мемирем! Гир, зардолу хӯр бобо.

— Худат хӯр, духтарам Қувват барои ман чӣ лозим? — Ба Худо, ба мурданам розиям. Мехоҳам худро сарозер ба «Қабри шайтон» партофта, худам ва шуморо халос кунам. Даҳшат аст, вақте аз дасти мард коре намеояд.

Суханони рӯирост, аммо ваҳмангези бемор дар ин субҳи содиқ ба дили духтар нештар заданд. Пештар раис чунин рӯйрост наменолид.

«Ҷанг мардҳоро шикаста аст, аз мо чӣ гила», — хаёли дардолудашро бо зардолуе фурӯ бурд Зебо.

— Не, духтарам, натарс, ман намемурам, — илова кард раис — Алҳол ба мурдан ҳақ надорам! То дами охир хизмати шумо, занҳои Сабзбаҳорро мекунам. Шербачаҳо баргарданд, шуморо ба дасти соҳибдаракҳоятон супурда, ана он вақт агар лозим шумореед, аз паси тобути боботон гириста, дил холӣ мекунед. Узри васиятмонанди мардак дили духтаракро вайрон кард, аммо зӯракӣ хандида гуфт:

— Хобат омада аст бобо, ҳар хел гапҳо мегӯйӣ.

— Кайҳо аз ду чиз монда ам: аз хоб ва хӯр. Натарс, духтарам, ҳоло намемурам. Шавҳарҳотон баргардад, ҷомаҷандаҳоятонро кашида, куртаҳои шоҳӣ мепӯшед ва ба абрӯвон ӯсма, ба рӯй об ва ранг молида, кулча ва чапотӣ пухта, ба сайри гул меравед... Самари орзуи худро надида, мурдан аз рӯйи инсоф нест.

— Кошкӣ паҳлавон мебудам ва туро сари даст бардошта, то хонаат мебурдам. Дар ин ҳол то ба хона расидан ҷонат дар азоб мемонад, — гуфт Зебо риштаи армони ҳамсӯҳбаташро тоб дода.

— Орзуи занона бикун, духтарам. Зан бояд зан бошад. Паҳлавонӣ тани мардҳо. Воқиан худат аз кадом паҳлавон камӣ? Шумо, занҳои Сабзбаҳор, ҳама паҳлавонед. Маро бубахшед ки ҳама бори хоҷагиро ба дӯшатон партофта ам. Бо чунин аҳвол паҳлавон набошӣ, рӯзат сиёҳ мешавад. Қудрати зан дар назокати ӯст. Ҳайфи занҳои нозанин! — оҳ кашид раис.

Зебо чӣ гуфтанашро намедонист.

— Туро ба раисии ҷамоат ки дасти рости раиси колхоз аст, пешбарӣ карда, гумон доштам, маслиҳатгар ва мададгорат мешавам. Баръакс шуд. Ту бори дард ва масъулияти маро мекашӣ. Аслан ғалабаи мо ғалабаи сабр ва тоқати ту баринҳост, духтарам. Оқибат ман ба орзуям мерасам. Худат раиси «Коммуна» мешавӣ.

— Чӣ гуфтӣ, бобо? — ранҷида пурсид Зебо.

— Роҳбаре ки ба ҷойи худ ақаллан се ҷавони шоистаро тайёр намекунад, сазовори роҳбарӣ нест, — ба саволи Зебо ҷавоб надода, суханашро давом дод раис. — Ту орзуи манӣ, духтарам!

Абрӯвони Зебо гиреҳ шуданд. Ҳарчанд раис масъаларо дар комитети партиявии район пазонда буд, худро дар дил барои чунин «лутфи» беҷояш маломат кард. Пушаймонияш беҷо набуд. Ӯ хуб медонист: барои ин ҷавонзани хаста ва аз лутф ва зиндагӣ бенасиб, ҷуз бурдаи ноне ва болини фароғат, на мансаб лозим аст ва на мартаба. Замонаи пуршӯр маҷбураш карда аст ки ба ҷойи худ ва дигарон шаб ва рӯз меҳнат кунад. Ҳамаи инро дида ва дониста занро ваъдаи мансаб карданаш аз рӯйи одоб ва инсоф набуд. Раис лаб фурӯ баст ва Зебо низ эътирозашро фурӯ бурд.

Тарзи роҳгардӣ ва нафаскашии мард чунон буд ки гумон мекардӣ ин дафъа то ҷогаҳ расад, дигар сари по намехезад. Зебо аз дур дар остонаи дарвоза ғунча шуда нишастани зани раисро дида, дилашро ҳисси аҷибе нисбат ба ин зани пуртоқат ва меҳрубон фаро гирифт. «Чӣ қадар нишаста бошад? Аз аввали шаб то саҳар?» — суол дод ба худ. Зан онҳоро аз дур дида, сӯяшон давид. Нигоҳи чашмони маҳзун ва чӯкида ва бехобаш ки пур аз ҳарос буданд, саропойи шавҳарашро палмосиданд. Зани зирак бо нигоҳе аҳволи шавҳарашро фаҳмида, норизо сар ҷунбонд. Мардакашро бе озор оғӯш карда гуфт:

— Аз китфам гир, Ҳасани ҷон! Азобат додем, духтарам, моро бубахш, — аз номи аҳли оила узрхоҳӣ кард занак, шавҳарашро ба такяаш гирифта.

— Бо раис-бобо чақ-чақ карда, андак дер омадем, хола.

— Ҳа, канда-канда ҷавоб дод раис, — чунон чақ-чақ кардем ки шаб рӯз шуд. Чаро хоб нестӣ, кампир? — саволаш маломатомез буд.

— Аз бачаҳо хат омад, якбора аз ҳардуяш! Аз шодӣ хобам набурд! Туро интизор шудам! — зан хатҳоро аз остин баровarda бӯсид ва ба шавҳараш дод.

— Муборак, муборак! — ба шодии модар ҳамроҳӣ кард Зебо.

— Ин гапи дигар! — қомати мардак каме рост шуд. Онҳо дар таги дарвоза ҷудо шуданд.

— Даро, як пиёла ширчой хӯр, духтарам.

— Насибаи маро мон, бегоҳ меоям, холаҷон. Хуш бошед!

— Худо ба ту бахт диҳад, — дуо кард зан аз паяш. Раҳораҳ гӯши Зебо нолиши паст ва дардолуди марди захмин ки назди духтари ҷӯрааш аз нолидан шарм медошт, аммо дардаш аз тамкинаш зӯр буд, пайваста садо медод.

## БОБИ ЁЗДАҲУМ

Занҳои Сабзбаҳорро на танҳо гуфтор ва рафторашон, балки роҳгардияшон низ шеваи махсус дорад. Агар чунин намебуд, магар Марҷон Марзияро аз дур, аз тарзи роҳгардияш мешинохт? «Гӯрсӯхта Пунбачӣ арз меравад, — гузашт аз дили кампир. — Э почаҳои борикаата хок кашад, рӯзи равшана набинӣ, ба нохуни пойи духтарам зор шавӣ, даҳонат қоқ шавад, як қатра об наёбӣ, Худо хорат кунад беваи ношукр! Ба по рафта, ба сар биёӣ! Инсофата Худо гирифта аст ки аз болои фарзандат арз мекунӣ? Тирмор! Э, рафтаната бинам ва омаданата не. Ба ин бадгуҳарият манаҳата кӣ мебандад ва дастонатро кӣ ба қадат рост мекунад ва чашмоната кӣ мепӯшад?» То наздик омадани Марзия Марҷон тамоми дуоҳои бади медонистаашро ба забон овард, аммо тафсаш паст нагашт. Вақте ки кампир «хурӯси сурх» шуда, хонаи Марзия омад, хушбахтона, ӯро наёфт. Онҳое ки ба ҳавлӣ даромадани кампирро дида буданд, гирди шиғ гунҷишквор қатор шуда, дуоҳои болохонадор ва беҳадафи меҳмони нохондаро, кайф карда шуниданд.

«Парвардигори ҳаждаҳ ҳазор олам, — мегуфт кампир, ҷони ту барин хушдоманро аз ҳафтод ва ҳафт раг ва пайвандат бо азоби алим кашида гирад. Дар

гӯрат мисли саг бичақӣ, бева! Хӯрокат дар даҳонат захр шавад ки ҳаёти духтари ширинама заҳроба кардӣ. Дар кафи поят сангкӯб; дар нарҷанголат хасмол бparty барояд. Ба гапи хуб қаҳт зада аст ки духтари бегуноҳа фақат туҳмат мекунӣ? Илоҳо, бачаат аз ҷанг ба чор ишкели дуруст баргардад ва рӯяша дида, ҳамон дам сиёҳпича мурӣ!» Кампири сарсафедро «сиёҳпича мурӣ» гуфтани сарсафеди дигар, мардумро хандонд.

Хандаи шоҳидони паси шиғро шунида, кампир пай бурд ки ин дафъа низ бетамошобин намонда аст. Вай ғут-ғуткунон ҳавлии холиро тарк кард. Одати худ ба худ гап задани кампири танҳо ба ҳама маълум буд.

Қаҳри Марҷон кӯҳна шуда, Марзияро бахшида буд. Ӯ сулҳхоҳона кампирро дарёб карданӣ шуд, аммо зуд хаста гашта, қаҳраш ҷӯшид. Марзия шояд бо чашми пушти сараш Марҷонро дида буд ки бошаст медавид.

_ — Ҳой, духтари шоҳи ҷаҳон, куҷо азми сафар дорӣ? — суол кард Марҷон. Марзия гӯё овози ӯро нашунида бошад, чақонтар шуд. Кампири нафасгиршуда ҷӯйборро гузашта, ба ӯ расид ва аз остини фарохаш кашида, қарораш дод ва сипас беохир сулфид.

— Э, Худо ҷоната гирад, дами диламро сӯзондӣ. Остинҳота бод дода, кадом гӯр равонаӣ?

Марзия хомӯширо авло донист, зеро бо вуҷуди тундӣ ва баддаҳонияш аз Марҷон метарсид. Кампир сабади пури каҳро аз сараш ба замин гузошта, болои он нишаст ва ба ҳамроҳаш ки майли гурехтан дошт, омирона гуфт:

— Ку бишин, хеле шуд надидамат. Илоҳо, асло набинамат! Куҷо равонаӣ, духтари хеш?

— Дунё кушод аст, куҷое хоҳам меравам. — Марзияро марзиягияш гирифт ва Марҷон шӯрид:

— Аз болои занҳои Сабзбаҳор арз меравӣ.

— Арз меравам, арғушт меравам, кори ту чӣ?

— Кори ман чӣ? Э ҳарду бари рӯят сиёҳ. Мо обрӯмона аз бозори таги чанори Пунбачӣ харидем? Обрӯи мо оби кӯзаи мушғалтида аст? Э илоҳо раги поят кашад ки аз ҷоят наҷунбӣ!

— Ҳавз пур шавад — лаб мезанад, обила пазад — мекафад, — ғайричашмдошти Марҷон нарм гуфт ҳамсӯҳбаташ. — Мани кампирро дар хонаи худам мушткӯб кунанд ва хомӯш гардам? Арзи мана дар Сабзбаҳор кӣ мепурсад? Аз идораи ҷамоат то мақбараи мазор зот ва бунёди Наим «уф»* бошад, мани бечора арзамро куҷо барам?

— Арзатро ба гӯр бар, малоикаҳо мепурсандат!

— Духтари Наим маро пеш аз аҷалам зада мекушад!

— Духтарам туро зада аст мегӯӣ? Э дар кафи пояш мураме. Барои туро накуштанаш аз ӯ домангирам!

— Духтарам мегӯӣ, бева? — ҷойи ҷони кампирро дошт Марзия. — Ӯро сари хишт шишта зоидаӣ? Худат бача мезоидӣ ва занаш ба сарат мушт мебардошт, алами маро мефаҳмидӣ, бева!

Марҷони безурёт чунин таънаҳои дилшикофро бисёр шунида буд, аммо ин бор зуд даступо гум кард. Дар чилаи тобистон хунук хӯрд. Бо андешаи танҳо ба худаш маълум дастони серраг ва пояшро ба паноҳи остин гирифта, сӯйи ҳамсӯҳбати заҳрзабонаш чанде хаёлманд нигарист ва оромона, аммо наштардор гуфт:

— Ҳозир аз пешам як села хук баромад. Ҳар хук — даҳ-дувоздаҳ хукбача дошт. Таги гапама фаҳмидӣ, беимон?

---

* уф – калоншаванда (лаҳҷа)

Нармгуфтории кампир Марзияро сахт тарсонд. Дарк кард ки кампир ӯро асло намебахшад. Аз гуфтааш сад бор пушаймон шуд, аммо тир аз камон ҷаста буд.

— Баргард, бева, — ҳамчунон амр кард кампир. — Ҳеҷ куҷо намеравӣ! Ҳар арзе дорӣ, дар Сабзбаҳор мемонад. Гапамона аз ҷӯйбори деҳа гузаронӣ, бе гӯр ва кафан, бе ҷаноза мемонӣ. Туро аз хубият гандагият зиёдтар аст. Хулқи бадат ба хун омада аст, ба ҷон меравад! — Ӯ аз ҷой хеста сабадашро бардошт. Марзия гӯшаки дигарро хомӯшона гирифт.

Кампирони хастаҷон ва беҳол ки ду тарафи сабадро бардошта мерафтанд, аз дур хоҳарони дугоникро мемонданд. Бори тарафи Марҷон раҳораҳ каҷ мешуд. Таънаи Марзия ӯро бемадор карда буд. Марзия беадолатияшро раҳораҳ дарк карда, дилаш ба ларза даромад. Ӯ ҳамроҳашро ки ҳамсолаш буд, аз худ камтар намешинохт. Дар кӯдакӣ мӯйҳои ҳамдигарро нанҷак мебофтанд. Ноаён ба мӯйҳои сафед ва пахолини Марҷон нигариста, хазони умри худро бо сӯзиши дил дарк кард. Деҳотиён ҳафт пушти якдигарро хуб медонанд. Ӯ низ дарак дошт ки ҳафт пушти кампир ҳоҷӣ гузашта аст. Ба эҳтироми ҳафт пушташ ва сиёҳбахтияш ин зани тезгуфтор ва нешзабон, аммо ҳақталошро мардум дар ҳозир ва ғоибаш эҳтиром карда, дӯст медоштанд. Марҷон тарозуи адл ва инсофи деҳа буд. «Касе ӯро бегуноҳ ранҷонад, ба сад балои азим гирифтор мешавад», — мегуфтанд дар ғайбаш. Онҳо хомӯшона сабадро кашола мекарданд. Соҳиби сабад ба ҳамроҳаш нигоҳ намекард, балки нигоҳи узр ва зорияшро дида худро ба нодонӣ мезад.

— Сабадро тори сари ман мон, — ба оҳанги зорӣ гуфт Марзия, — ки дилашро ҳароси ноаёне ханҷол мекард. Оё занеро ки қисмат бераҳмона ранҷонда аст, чунин тир зада беҷазо мемонад?

Марҷон хомӯш мерафт ва ҳарфе намегуфт.

— Сад лак тавба кардам, аз гуноҳам гузар, хоҳари қиёматӣ! Худамро ҳар чӣ мегӯӣ, бигӯ, аммо таги дил шаҳбози ғарибамро дуои бад накун! Бача ам дар ғарибӣ дар даҳони аждаҳост, — фиғон кард Марзия. Акнун бори тарафи ӯ каҷ шуд.

Марҷон сабадро ба замин гузошта, қоматашро рост кард, ӯ даст дар миён ба нуқтаи ноаёне нигариста гуфт:

— Туро агар тавонад, Худо бубахшад! Мурдаро бори дигар куштан аз рӯйи инсоф нест!

— Худо ҳамин замон ҷонамро бигирад, ризоям, хоҳари қиёматӣ! Хулқи бадам дар гӯр!

— Ту рӯз то рӯз беинсофтар мешавӣ, — гуфт кампир. — Наметарсӣ ки қабратро лагадкӯб мекунанд?

Сабад аз дасти кампир афтода, пойи урёнашро захмин кард, аммо ӯ дардро ҳис намекард. Марҷон рост ба чашми ҳамроҳаш менигарист.

— Гандамир нашав, дугона! Бисёрат рафта, камат монда аст.

— Аз ғами бачам девонаи алавпар мешавам, — беҳол нолид Марзия. — Ҳар шаб дар хоб байни дуд ва хун мебинамаш. Чашми бадам шаб ва рӯз мепарад. Наход аз ҳашт фарзанд Худо якка ва ягона тобутбардорамро амон намонад. Кӣ ба теппаи гӯрам як каф хок мепартояд? Марзия Марҷонро оғӯш карда, рӯйи синаи пажмурдаи ӯ сар монда, паст ва сӯзон гирист, алами ӯро сӯзонтар кард. Дили кампир ба ҳоли модари бадбахт сӯхт!

— Шукронаро фаромӯш накун, кампир. Худо ба ман ангуштак барин фарзандро ато мекард ва ҳамон дам ҷонашро мегирифт, ризо будам. Як бор рӯяшро медидам, бе армон мемурдам. Аз армони ман хок алов мегирад. Ягона тасаллоям ин аст ки аксар пайғамбарон фарзанд надоштанд. Ту кампир, шукрона кун, шукрона!

«Беваи беимон худро дар қатори пайғамбарҳо мемонад»-е, Марзия қаҳраш ва эътирозашро ба зӯр лаб газид.

— Ин гапҳоро барои тасаллои дилам мегӯям, аз зани безурёт санги роҳ беҳ аст! Ту беваи ҷон — муроҷиат кард ба Марзия, — ғами ин дунёро нахӯрӣ ҳам, аз он дунё бехабар намон. Мардумозорӣ накун.

— Маро ранҷонанд, майлаш? — пурсид беҷуръатона кампир. — Мӯйи сафеди маро эҳтиром накунанд ва ман хомӯш бошам? Худат бигӯ: бе шамол шохи дарахт меҷунбад?

— Меҷунбад, — яккаф об ба рӯяш пошида, гуфт Марҷон. — Худат ҷунбондӣ, ҷунбид! Ту аслан аз гуноҳ пеш таваллуд шудаӣ. Ҳама гуноҳатро мебахшам, ғайри якеш.

— Ба гапи мардум бовар накун, Марҷони ҷон, ман асло гуноҳ надорам, — худро ҳимоя кард кампир. — Баъди ҳамон корат асло гуноҳ накунӣ ҳам як тоқи дӯзах аз они туст, — гуфт Марҷон ки нишонаи ҳазл дар ягон раги рӯяш намоён набуд.

— Тавба, тавба, чӣ гуноҳ? Назди ту дугона мисли оби чашма софам.

— Табақи қурутови маро дар тӯий писарат «нони безурёт макрӯҳ аст» гуфта, дар дастархони маърака намонданатро фаромӯш кардӣ? Санг ва чӯби гӯрам он рӯзро фаромӯш намекунад. — Марҷон дилашро холӣ карда, сабадро сабук тори сар монд ва роҳакӣ шуд. Чанде рафт ва нохост қафо гашта, ба кампири мехи замин шуда гуфт:

— Аз ту зорӣ ва илтиҷо мекунам, духтарамро азоб надеҳ! Дар бист ва се мӯяшро сафед кардӣ, мефаҳмӣ? Духтарамро азоб надеҳ ки чанголамро дар хунат тар мекунам!

Марзия аз пайи ӯ музтар нигариста, бо даҳшат дарёфт ки ин кампири бесоҳиб айни ҳол аз ӯ

хушбахттар аст. Чашмони пурашкашро ба оби равон дӯхта, дар оҳанги ҷӯй чеҳраи писарашро дид ки пинҳон ва аён мешуд. «Ғами ту очата беаҷал мекушад, писаракам! Марҷон хушбахт аст ки чизи гум мекардагӣ надорад!»

Кампир аз алам регҳои лаби ҷӯро ба сараш бодкунон мегирист ва мегирист.

Марҷон ба деҳа расида, аз кӯчаи ошно сӯйи кулбааш рост шуд. Мехост зудтар ба кулбаи ғампаноҳаш расида, сарашро ба дӯши хамбаи холӣ гузошта, дилашро холӣ кунад. Қариб ҳар рӯз мегирист, аммо гиряи ӯро ҷуз чор девори хонааш шоҳиде набуд. Занеро дар тамкин ва тоқат таъриф карданӣ шаванд, мегуфтанд: «Аз Марҷон мегузаронад». Марҷон аз пушти дарвозаи нигиндоре гузашта, гӯшаи докаро рӯйи чашм кашид. Ҳарчанд устухони шавҳари аввалаш кайҳо дар гӯр сафед шуда буд, сӯйи ин дар чашм ва нигоҳ надошт. Дар ин хона орзу ва ормонашро абадан гӯр карда, баромада рафт ва дигар рӯйи шодиро надид. Се бор хона обод кард, се бор дастхолӣ аз хона берунаш карданд. Мардум барои зуд-зуд шавҳар карданаш маломат не, таърифаш мекарданд, зеро медонистанд ки боз хона обод мешавад. Зани безурёт ҳар бор аз хонаи обод бо дили вайрон мерафт ва аламашро аз дуо мегирифт. Қисмати бераҳм ва шӯйи бешафқаташро то холӣ шудани дилаш дуои бад мекард.

— Ё парвардигори карим ва раҳим, ҳамаи зӯратро ба як паршикаста нишон додӣ? Изо намекашӣ, шарм намедорӣ, сурх намешавӣ? Ба ҷойи ту ман шарм медорам, ман сурх мешавам.

Мардум ӯро ба тавба ва надомат даъват мекарданд, аммо то худаш ором намегирифт, ором карданаш мушкил буд. Дардаш паст шавад, бар қасди шавҳари бебақояш рубоӣ мебофт ва онҳоеро ки бо алами худ пештар гирёнда буд, механдонд:

Эй чӯраи ҷон, ба ту гул ва хор як аст,
Дар назари ту сиҳат ва бемор як аст.
Ту чӣ медонӣ қадри ёри сараро,
Ба ту хари ланг ва аспи раҳдор як аст!

Умре аламашро аз кор мегирифт. Доим чойникаш дар ҷӯш буд. Ҳамеша касеро мунтазир буд ва дараш нимроғ. Кӯдаконро гум кунанд, аз хонаи ӯ меёфтанд. Шири касе камӣ мекард, коса дар даст сӯйи хонаи ӯ медавид. Касе нони гарм напухта бошад ва меҳмон ояд, болои дастархон нони гарми ӯ пайдо мешуд. Чунин буд, зане ки дили афгорашро шикаста буданд. Марҷон ҳар қадар худашро даст мегирифт, ҳамон қадар аламаш сӯзонтар мешуд. Қисмати бадашро шунаво мазамматкунон зери бори сабад мерафт ва ҳис мекард ки замин ӯро мекашад. Умраш тамом шуда буд ва қиссаи сиёҳрӯзияш дар дуоҳои нек ва бадаш давом дошт. Ҳамеша эҷодкорона дуо мекард. Ҳангоми дуо карданаш касе ҳақ надошт, ӯро боз дорад. Дар мазаммати бадон хастагиро намедонист. Дар фуроварди ҳар дуояш даст ба замин зада, даҳ панҷаашро чунон чарақас мезанонд ки дар хаёли ҳозирон, агар дуояш дар ҳақи Гитлер бошад, фашист, хок ва туроб мешуд, хонааш оташ мегирифт, занаш бева мемонд ва модараш бесоҳибдарак.

Бадбахтии худро гоҳе фаромӯш мекард, зеро ҷанг ҳамаро як ранг чанг мезад. Занҳо гоҳе барои холӣ кардани дилашон аз кампир хоҳиш мекарданд ки ҳафт пушти ҳоҷияшро ёд карда, қотил ва хунхорона дуои бад бикунад. Дар чунин ҳолатҳо кампир занҳоро талхакаф карда бо офаридгори бандаҳояшро сарҳуй монда, даст ба гиребон мешуд:

— Эй расули барҳақ! Эй офаридгори ҷук ва ҷондори олам! Вақте ҳамин (Гитлерро) махлуқи хунхӯрро халқ мекардӣ, дар чӣ хаёл будӣ? Бо кадом рӯ хукмодарашро сари хишт шинондӣ? Каждум ва мор,

гург ва аждаҳор офаридӣ ҳеҷ чиз нагуфтем. Чӣ хел дилат шуд ин деви одамхӯрро ба сари бева ва бечораҳо фиристодӣ? Эй карим ва раҳим, ба ҷойи ту шарм медорам, аммо аз дасти мани бечора чӣ кор меояд? Бандаат аз он пургуноҳ аст ки шири хом хӯрда аст. Туро чӣ шуд, холиқи олам? Дуои мани ҷигарсӯхтаро мустаҷоб гардон ва махлуқи офаридаатро зер ва забар кун! Омин! — занҳо ба таъсири дуоҳои кампир сахт бовар мекарданд. Охирин ихтирои кампир тамоми деҳаро пакар кард:

— Ба гӯҳи мурғи курк, ношукрии Гирмон! — Ӯ Ҳитлер ва Гирмонро фарқ намекард.

— Чаро ба гӯҳи мурғи курк? — тагкобӣ карданд баъзе кунҷковон.

— Чӣ медонам, — шӯрид ӯ ва дарҳол илова кард: — Хайр, ана ба реги дарёи Сурхоб ношукрии Гирмон!

— Одамро лафзаш ҳалол аст, ақида дошт ӯ, бояд аз даҳонаш ҳамеша сухани хуш барояд. Биллоҳ ки тундии ман бо айби дигарон аст. Гирмонро дуои бад кардани ман аз хушӣ нест, худаш айбдор, — мегуфт кампир.

Дуои некӣ ба қавли худаш Исталини ҷон ҳамеша дар забонаш буд. Ҳамчунин дуои бади Гитлер. Зане дар гӯшаи дурдасти олам нек ва бади оламро дар симои ин ду одам медид. Барои Сталин мисли писари набудааш ғам мехӯрд. Ҳарос дошт, мабодо ба ӯ сӯиқасд кунанд, ё тири кӯре ӯро ба нишон гирад.

«Душман барои он душман аст ки номард аст! Исталинро бояд эҳтиёт кунем, беваҳо». Дар деҳа радио набуд. Чун аз район рафтани Ҳасан Ризо ё Зебо бохабар мешуд, ҳатман супориш медод ки аз забони табақи сурбӣ (радио) хабари ҳол ва аҳволи Истолини писарашро биёранд.

«Ҳо, Исталинро бояд эҳтиёт бикунем, беваҳо» — ба занҳои Сабзбаҳор ба камаш ҳар рӯз даҳ бор супориш медод кампир.

— Исталин набошад, Гирмон дар масҷиди Сабзбаҳор намози чошт мехонд, — мегуфт зуд-зуд хоби занҳои бечoраро паронда. Гоҳе эҳтиётан ба ёдаш меоваранд ки Гирмон дар масҷид намоз намехонад, чунки аҳли дини дигар аст, зуд худро ислоҳ мекард: — Намоз нахонад, дар чашмаи мазор оббозӣ мекунад.

Дурандешии кампир занҳоро ба гирдоби андешаҳои даҳшатнок мепартофт. Табассум аз чеҳрааш мегурехт.

— Мабодо Гирмон ба Сабзбаҳор биёяд, аз дасти мо чӣ меояд? — бо ҳарос мепурсиданд аз ҳамдигар.

— Ҳасан Ризо ҳаст ку!

— Ҳасан Ризо ҷони ҷунбидан надорад, — оҳ мекашид кампир.

— Ришашро як тор як тор мечинам, — мешӯрид Нозӣ.

— Гирмон кӯса аст. Ришдор номард намешавад, — ҷавоб медод Марҷон.

Занҳоро ғам мегирифт. Онҳо хаёлан ба муҳорибаи зидди Гирмон ки ҳазорҳо чақрим дур буд, аммо ба Сабзбаҳор таҳдид мекард, тайёр мешуданд. Ва зуд-зуд қиссаи буда ё набудаи шоҳзодаи Дарвозро ба ёд меоваранд. Кадом замоне шоҳзодаи Дарвоз меҳмони Сабзбаҳори овозадор шуда, нозанинтарин духтари деҳаро талаб карда аст. Деҳхудо арз ва аламашро назди зани оқилааш ки дар ҳама кор маслиҳатгараш будаст, бурда аст.

«Шоҳзодаро ба ҳарами ман биёр» — гуфта аст занак, шавҳари аз алам нимҷонашро ба тамом кушта.

«Туро зинда ба шоҳзода намедиҳам!» — таҳдид карда аст шавҳар.

«Духтаре аз Сабзбаҳор низ луқмаи шоҳзода нахоҳад шуд», — гуфта аст зан. Деҳхудо шаҳзодаро ба карами занаш ки аз ақл ва фаросати ӯ дилпур буд, оварда барои худ бандеро дар шохаи тут овехта аст.

Баробари ба хона ворид шудани шоҳзодаи қайсар аз дасти зани деҳхудо бесар шуда аст. Зан, ошбур ба даст, назди шавҳари ҳалқа ба гардан расида, бандро бурида аст.

Касе ростӣ ё дурӯғии ин қиссаро намедонист, аммо ҳама ба он бовар мекарданд ва ошбурашон тез карда дар ҷойи намоён меистод. Занҳои Сабзбаҳор бо сардории Марҷон зуд-зуд ба ҷанг даромада, ғолиб меомаданд... Онҳо намедонистанд ки сарлашкарашон аз як даҳан гапи Марзия ба тамом шикаст хӯрда аст.

Марҷон ба остонаи хонааш расида афтод. Кампири бесоҳиб сабади пури қахро мисли фарзандаш оғӯш карда, беовоз метапид ва метапид.

## БОБИ ДУВОЗДАҲУМ

Села-села зоғон қар-қаркунон болои хирман парвоз карда, аз фарорасии зимистон хабар медоданд. Дарзаҳои ботартиб хобида аз боди сард ва гардолуди охири тирамоҳ маҳзунона садо бароварда, дили ғаши раиси ҷамоатро ғаштар мекарданд. Ӯ мунтазири омадани Халифа-бобо ва хирманкӯбҳо буд ва дилбардории хирманбонро гӯё намешунид.

— «Дилатро ғаш накун, ҷони бобо, «мард бояд ки ҳаросон нашавад, мушкиле нест ки осон нашавад».

«Куҷои ман мард аст?» — дар дил эътироз кард Зебо.

— Дастобадаст гирем, як дарзи накӯфта намемонад. Эҳ, духтарам, мо рӯзҳои аз ин ҳам бадро дидаем. Ғаллаи Содирбойро аз таги барф даравида, дар доманамон хушк карда будем, — давом кард мӯйсафед.

Зебо акнун ба маънии лақаби Сафар ки Ях буд, сарфаҳм рафт.

«Ягон гапи тасаллобахш бигӯй» — чунин буд маънии абрӯвони сар ба сар расида.

— Дина Ҳасани бечора андак монда буд, бандагӣ кунад. Ҳайфи мардак. Оқибат надорад. Камаш монда аст. Зистан мушкил аст, мурдан як дам аст.

Зебо хӯшаеро дар каф молиш дода, сӯйи роҳи калон менигарист. Порина ғалла норасида хушк шуд. Базӯр то ба баҳор расиданд. Имсол ҳосили хуб, аммо дасти корӣ намерасад. Ҳосилро то хирман расондан ними кор аст. Аз дасти занҳо хирманкӯбӣ намеояд. Онҳоро ба хирманкӯбӣ ташвиқ карданӣ набуд, зеро кореро аз дасти худаш намеомад, ба дигарон низ зинҳор раво намедид. Бори дигар маслиҳаташро бо раис хаёлан таҳлил карда онро дуруст меёфт.

— Ягон илоҷ ёфтан даркор, ғалла таги барф мемонад, раис-бобо — гуфта буд Зебо.

— Зинда бошем, ғалларо талаф шудан намемонем, — ӯро тасалло дод раиси пир ки базӯр ба мадори асояш истода, аз хирмани пурбор чашм намеканд. — Аз комитети районии партия ёрӣ мепурсем. Ёғӣ Хидир низ камтар аз мо манфиатдор нест. Беҳтараш рав ва вазъиятро ба мутасаддиямон мӯ ба мӯ маълум бикун.

Зебо гуфтугӯеро ки байни ӯ ва ноиби раис шуда буд, аз раис пинҳон кард. Ҳарчанд ягон нуқтаи он сӯҳбатро фаромӯш накарда буд.

— Ёрӣ лозим аст? Гумон дорӣ дигар хоҷагиҳо ба ёрӣ мӯҳтоҷ нестанд? Мӯҳтоҷанд, аммо ба мо муроҷиат намекунанд, шарм медоранд. Ғаларо коштӣ, бояд худат ҷамъ бикунӣ. Ё гапам дурӯғ аст? Рӯзи дигар раиси ҷамоат роҳи комитети иҷроияро пеш гирифт.

— Ҳо, сад бор дурӯғ аст, — паст наомад раиси ҷамоат. — Хоҷагии мо дар ноҳия калонтарин аст. Бо нӯги каланд ва зоғнӯл дар тал ва пуштаҳо кишт кардем. Ҳосил аз буда зиёд аст. Ёрӣ лозим!

Зебо назди раиси комиҷроия рафт, аммо ӯро пайдо накарда, сархам боз назди Хидир баргашта, бори дигар ёрӣ талаб кард. Рафтор ва гуфтори ҳамсӯҳбаташ гувоҳӣ медод ки беҳурматии ин занакро нисбат ба худ як зарра фаромӯш накарда аст.

— Дар хоҷагидорӣ ҳунар лозим, хунар! Қадбонуи беҳунара нонаш месӯзад, — киноя зад мардак.

— Биё, рафиқ Хидир, ҷоямона иваз мекунем, — шӯрид раиси ҷамоати «Коммуна». Ту ҷойи ман кор кун, ман дар ҷойи ту. Он вақт кӣ чӣ хунар дорад, маълум мешавад.

Ноиби раисро ки курсияшро аз ҷонаш камтар дӯст намедошт гӯё мор газид. Ӯ беқарор шуд ва ақлона дарк кард ки бо ин занак баланд гуфтан танҳо ба зарари худаш хоҳад буд. Ӯ як парда паст омада гуфт:

— Бо комитети партиявӣ маслиҳат мекунем...

— Маслиҳат чӣ лозим, — гуфт Зебо. — Ба мо ёрӣ лозим аст! Мо ёриро хоҳиш не, талаб мекунем. Ҳосил ҳосили давлат аст, хусумати шахсиятро фаромӯш кун, рафиқ Хидир. Бояд ту аз ман не, ман аз ту домангир бошам! — Зебо дарро оҳиста пӯшида баромад.

— Раиси комиҷроияро наёфтам, маҷбур вазъиятро ба Ёғӣ Хидир арз кардам, — гуфт раиса ки метарсид арзи ҳақиқати ҳол раисро безобита хоҳад кард.

— Чаро Ёғӣ Хидир худаш наомад? — суол кард раис.

— Кораш бисёр буда аст, — аз худ бофт Зебо.

— Ёғӣ Хидир ҳамеша моро дар мушкилӣ фаромӯш, дар фароғат ёдамон мекунад. Ҳама умед ба шумо, занҳо! Садқаи дастонатон! Мабодо барф борад, дарзаҳоро ба хонаҳо тақсим мекунем, ягона илоҷамон ҳамин аст! — Ӯро дилбардорӣ кард раис. Бо ин роҳ ҳам ҳосилро наҷот медиҳем ва ҳам коҳро... Мефаҳмам, одамон бенавоянд, аммо нанг ва номусашон баҷост.

— Дигар илоҷ нест, ғаллаи боқимондаро ба хонаҳо тақсим мекунем, — қарор дод Зебо мушти аз ғаллаи заррин пуршудаашро рӯйи дарзаҳо афшонда. Хирманбон саракҳои парешонро бо ҷорӯб ҷамъ

мекард. Шамол сахттар мешуд. «Оне ки зиндагиро ба чунин ҳол андохта аст, оё модар дошта бошад? — беихтиёр гузашт аз дили маҳзуни зани ҷавон.

«Хонаи Гирмон сӯзад! — Э, Худо сад тавба кардам» — шунид овози хирманбонро. «Аз ноумедиҳо басо умед аст, поёни шаби сиёҳ сафед аст». Халифабобо ки ӯро чунин тасалло медод, чаро дер кард?»

— Ҷавонҳо меоянд, — ба роҳ нигариста гуфт хирманбон, хаёли раисаро пароканда.

Садои таронаи ҷавонон ки аз шабдарав рост ба хирман меомаданд, наздик мешуд.

— Уф, хайрияте! — оҳи сабук кашид раиса, аз дур байрақи парафшони ҷавононро дида.

Зулайхо пеш-пеши комсомолон ва пионерон — шарқияхонон меомад. Зафар ҳамроҳашон набуд. Ӯ бо Халифабобо дар ҷустуҷӯи хирманкӯбҳо ба деҳаҳои дигар рафта буд. Таронаи ошно дили аз ишқ ва умед лабрези зани ҷавонро ба ҷӯш овард. Чеҳраи духтарони таронахон ба назараш зеботар намуд. Ба ҷойи ҳама Зулайхои котиби комсомолро ки дар ҳама кор ёрдамчии дасти росташ буд, бӯсида ба таронахонии онҳо ҳамроҳ шуд:

Пӯшидаи[8] давлатӣ ба як дав миёя,
Ай даруни пӯшида ду хат мероя.
Мардумо меган ки хат хати аскарай,
Дӯстои ширин, соҳиби хат кай миёя?
Дастам гуле,
Ё дасторам гуле?
Рухсорам ақиқ
Ё мижгонам гуле...

— Дӯстони ширин, соҳиби хат кай ояд? — шунаво гуфт Зебо.

[8] Пӯшида – почта (лаҳҷа).

— Боз кӣ меояд? — пурсид Зулайхо ба рӯйи сафед ва гирдаи раиси ҷамоат чашм дӯхта.

— Зафар меояд, — пурмаъно табассум кард Зебо. Чеҳраи духтарак лолагун шуд ва раиса гапро дигар сӯ гардонд. — Дар пушта ки монд, ҷони апа?

— Гулшан ва звенояш. То бегоҳ марзро аз дарав бароварда, наздамон меоянд, — гуфт духтарак.

— Ҷонам садқаи ҳаматоне! — дили Зебо мисли боғи шабнамзада мекушод.

Хирмани чанде пеш холиро садои тарона ва хандаи ҷавонон пур кард. Ҷавонон баҳсмабаҳс ба кор часпиданд. Хирманбонро гӯё ба боғи ангураш майна ҳуҷум карда бошад, ба кори ҷавонон нобоварона нигариста, даркор ва нодаркор ба онҳо маслиҳат медод.

Дере нагузашта, чанги роҳро бардошта, аробаи Тош сари хирман пайдо шуд. Мудир аробаро рост сӯйи раиси ҷамоат ронд. Аз тори ароба марди тахминан панҷовупанҷсолаи олуфтанамое сӯйи духтарони таронахон бепарда менигарист. Табассуми барои худаш фаҳмое дар лабаш бозӣ мекард.

— Чӣ гап? — Тошро имкони даҳонкушоӣ надода, пурсид Зебо.

— Намоянда омада аст! — гуфт Тош.

— Чӣ гуна намоянда?

— Намояндаи ҳукумат, — қадри меҳмонро афзуда гуфт мудир.

— Ӯ ба раис кор дошт, аммо ман назди худат овардамаш.

— Кани намоянда?

Зебо дида ва дониста, худро ба нодонӣ мезад. Ӯ ин мардакро ки дар комичроия кор мекард, мешинохт. Хуб медонист ки ноиби раис ба Сабзбаҳор одамони бегонаро намефиристад.

Намоянда дили нохоҳам аз ароба фаромад: Нигоҳи Зебо сар то пойи ӯро чен мекард. Духтарон сӯи мардаки олуфта нигариста, баробар духтарона хандиданд. Меҳмон даступо гум кард. Раиси ҷамоа лифофаро гирифт ва накушод, маънияшро пурсон шуд.

— Дастури нав. Хушк кардани ғалларо маслиҳат медиҳад, — сода ва хандаовар номаро шарҳ дод қосид ки худ низ маънии онро намедонист. — Рафиқ Ёғӣ Хидир фармуд ки дастур фавран ба мардум хонда шавад!

— Ёғӣ Хидир боз чӣ фармуд? — пурсид Зебо. Намоянда имдодталабона ба ҳамроҳаш нигарист.

Тарзи гуфтори раиса Тоши таҳдонро сахт ба ташвиш овард. Ӯ ки назди намоянда Бало гардон ва худро то сари хирман беист тавсиф мекард, назди раиса музтар меистод ва метарсид сухане аз худ илова кунад. Зебо ҷавоби намояндаро нашунида лифофаро ба хирманбон дода гуфт:

— Бобо, инро руст кун. Зулайхо, зуд ин ҷо биё, ҷони апа.

Духтар панҷшохаашро ба дарзае халонда, омаданӣ шуд.

— Панҷшохаатро биёр, ҷони апа.

— Ку, меҳмони азиз, — гуфт Зебо, — аз боло гузар ва ба мо ёрдам кун. Ҳиммати ноиби раис як нафар ёрдамчӣ бошад ҳам, мо намеранҷем. Ана аз ин тараф, паҳлӯи духтарҳо марҳамат!

Мизбон панҷшохаи духтарро ба меҳмон дод ки аз сӯҳбати ин олиҳаи сахтгир ҳарчӣ зудтар майли гурехтан дошт.

Меҳмон музтар чанде ба панҷшоха нигариста, ноилоҷ онро ба даст гирифт. Хандаи духтарҳо баланд шуд. Ранги Тош канд.

— Аробаро пеш ҳай кун, — мудирро амр кард раиса. Мо ёрии беғаразонаро асло рад намекунем. Ӯ худ аз паҳлӯи меҳмон ҷой гирифт. Тарзи доштани

панҷшоха, дар даме арақшор шудани меҳмонро духтарони хандон нусхагирӣ мекарданд.

Тош дид ки меҳмон аз ӯҳдаи бод кардан намебарояд ва қаҳ-қаҳи духтарони шайтон дамодам баландтар мешавад, панҷшохаро гирифт ва меҳмонро маслиҳат дод ки дарза кашонад. Зебо ноаён ба сар ва рӯйи арақшор ва бурутҳои поён хамида ва пурчанги мардаки олуфта ва бовиқор нигариста, хандаашро базӯр нигоҳ медошт. Афсӯс мехӯрд ки ҷойи ин мардак худи ноиби раис ба хирман наомада аст. Тош аробаи пурборро ба рафтан омода кард ва мизбон меҳмонашро ки яқин аз омаданаш пушаймон шуда буд, бо табассуми зебоёнааш «ҷавоб» дод. Ароба сӯйи анбор роҳ гирифт. Мудир ва намоянда хайрухушро насия карда, рафтанд. Дили Зебо осмони тори сараш ки як парча абр надошт, кушода буд. Ҳарчанд дер кардани Халифа-бобо ӯро ба ташвиш оварда буд. Мӯйсафеди нармдил ва кордон дар рӯзҳои барои хоҷагӣ мушкил қадаме аз ӯ дур намешуд. Хоҳиш ва талаби ин кӯдаки бузург ва коркӯфтаро мӯйсафеди бефарзанд чун қанд дар коми талхи рӯзгораш меписандид. Бо ҷон ва дил хизматгори беминнаташ шуда, аз ин лутфи тақдир ки ӯро аз танҳоӣ раҳонида аст, беҳад хурсанд буд. Меҳр ва муҳаббати дар ниҳонхонаи дил хуфтаашро нисори Зебо мекард. Марзия борҳо мегуфт: «Агар Ҳасан Ризо чун санги роҳ намебуд, Халифаи беимон дар охири умраш арӯси маро кайҳо ба ақди никоҳаш медаровард». Дар хирман набудани мӯйсафед ба назараш ғайриодӣ метофт, худ беихтиёр бо нигоҳ бобояшро меҷуст. Зебо сӯяш омадани набераи раисро дида, панҷшохаро партофт.

— Чӣ гап, Рустам? — ҳаросон пурсид писарчаро. Кӯдак ба гӯши ӯ чизе гуфт ва чунон ки давон омада буд, ҳамчунон ба қафо гашт. Хирманбон назди раиса омада, саволомез ба ӯ нигарист.

— Тинҷист, духтарам?

— Тинҷӣ, тинҷӣ!

— Бобо, аз ҷавонҳо бохабар бош! — ман ҳозир меоям. Мӯйсафедро саросема ором кард, оне ки худ безобита буд.

То хонаи раис расидан хаёлан Зебо чанд бор олами даҳшатро сайр кард. «Ҳеҷ кас намегиряд-ку?» — гузашт аз дили пурҳаросаш. Ба овози гиря чунон одат карда буд ки мисли дигарон баъзан овози хурӯсро гиря гумон карда, саросема сӯйи хонаи хурӯсдор медавид. Хайрият, ҳеҷ кас намегиряд» — худро тасалло дод. Аз дур, байни ҳавлӣ зани раис ва Латифи хаткашонро дида, пойҳояш суст шуданд.

Соҳиби хона ин бор «духтари ширинашро» набӯсид. Ваҷоҳати зан алови дили ӯро сӯзонтар кард. Аз ин хомӯшӣ бӯйи марг меомад.

— Тинҷист, хола? — пурсид соҳиби хонаро.

— Кошки тинҷӣ мебуд, ҷони хола, —оҳ кашид зан, ӯро беовоз хонаи дарун даъват карда. Чеҳраи қаҳрабоии раис ба назараш ниҳоят пир ва пажмурда намуд. «Дар ним рӯз одам ин қадар пир мешуда аст?» — гузашт аз дилаш, ӯ ҳамин саҳар ба аёдати раис омада буд. Чашмони пур аз саволаш рост ба чашмони бемор нигаристанд. Хаткашон низ ки аз паяш ба хона даромада буд, хомӯшона хати сиёҳро рӯйи сандалӣ гузошта, ба сутуни байни хона такя зад. Зеборо арақи сард пахш кард. Хати наҳсро ба даст гирифтанӣ шуд, аммо натавонист, раис пешдастӣ кард.

— Боз кӣ? Боз кӣ, бобои Латиф? Хаткашон гӯё саволи ӯро нашунид.

— Ман ва ту минбаъд хаткашонӣ ҳам мекунем, — ба Зебо нигоҳ накарда гуфт раис.

Тапиши дили Зебо аз чӣ бошад ҳамвортар шуд.

— Масъулияти худатро ба гардани дигарон бор карданат нағз не, ҷӯра! — хаткашонро маломат кард Ҳасан Ризо.

— Ман ҳам ном ва нишон, ёр ва дӯст доштам. Ҳама аз ман дур шуданд. Бачаҳо бо ҳарос ба халта ам нигоҳ мекунанд. Занҳо гӯшрас дуои бад мекунанд. Ҷӯрагиямон ҳамон ҷӯрагии пештара. Аз ман малол нашав, Ҳасан, — овози хаткашон ларзид. — Аз баҳри ин кор гузаштам! — Латиф хӯрҷинашро ба мехи сутун овехта, рафтанӣ шуд.

— Ист, Латиф, номардӣ накун! — овози канда-канда, аммо бозарбаи раис оҳанги фармон ва зорӣ дошт. — Ин корро ту накунӣ, кӣ мекунад? Сумани ман, кампири худат ё кампири Марҷон?

— Дар хобам ҳам овози гиряро мешунавам. Ягон гӯркоб гӯри худро натканда аст. Писарам дар ҷанг аст, метарсам. Сад ҷойи ҷигарам шикоф шуда аст, Ҳасан, — хаткашон беовоз гирён шуд.

— Ҳамин қадар вақт ба мардум танҳо «хати сиёҳ» овардӣ?

— Як «хати сиёҳ» ҷойи ҳазор хабари хушро мегирад.

— Дар ҷанг ақибнишинӣ накарда ва дар деҳаи бемард ақибнишинӣ мекунӣ?

— Ҳо, ақибнишинӣ мекунам, ҷӯра.

Хаткашон беҷуръатона сӯйи раиси ҷамоат нигарист ва баромада рафт. «Кӣ, Саид ё Диловар?» пеши роҳи хаткашонро гирифтанӣ шуда пурсид, Зебо ки дилаш ба кафидан наздик буд. Хаткашон гӯё ӯро надида бошад, ашкашро бо кафаш поккунон лангон рафт.

— Боз кӣ раис-бобо? — тамоми тамкинашро дар саволаш гунҷонда, пурсид Зебо раисро. — Гӯй, маро азоб надеҳ! Диловар ё Саид?

— Аз даҳонат шамол барад, — гуфт Суман. — Шодӣ! — ҷавоб дод ба ҷойи шавҳараш.

— Оҳ! Уф! — Зебо бемадор ба замин нишаст.

— Уболи ҷони Асал, беаҷал мемурад, — гуфт зани раис.

— Чанд рӯз аст ин шумхабар дар китфи Латифи бечора савор аст, — хат дар дасти раис меларзид. — Духтарам, хатро ба модари аскари шаҳид худат медиҳӣ.

Чашмони Зеборо сиёҳӣ гирифт. Ба хате ки дар назараш кӯршапараки мурдаро мемонд, пакар менигарист. Ҳаргиз чунин супориши мудҳишро иҷро накарда буд.

— Не, не, наметавонам, раис-бобо, — рад кард қатъиян.

— Ту раиси ҷамоатӣ. Шодиро ҷамоат ба фронт фиристода аст.

— Барои ҳамин наметавонам. Бигӯ, рафта худатро ба Сурхоб парто, мепартоям, аммо... Аз гуноҳам гузар раис-бобо, — ӯ рафтанӣ, балки сӯйи қафо гурехтанӣ шуд.

Раис музтар монд. Ӯ ҳатто кӯшиши аз ҷой хестан карда натавонист. Аз дард пешонааш пурчин шуд.

— Қадрам намонда аст, — гуфт мардак бо оҳе музтарӣ ва бечорагияшро баён карда.

Суман хомӯшона болини шавҳарашро дуруст карда, кӯрпаро болояш пӯшида меҳрубонона ба чеҳраи ришрасида ва заъфаронии шавҳараш нигариста гуфт:

— Не, Ҳасани ҷон, то вақте ман зинда ам, қадри ту баҷост. Хатро ба ҷои ту худам мебарам. Шодиҷони ҷавонмарга худам нола мекунам.

Зан хатро ба остин ниҳода, аз дар баромад. Зебо низ ба раис ки чашмонашро пӯшида, буд ва дар пешонааш араќи сард медамид, гунаҳкорона нигариста, хонаро тарк намуд. Ҳар қадар аз хонаи раис дур мешуд, дилашро кирми афсӯс ва пушаймонӣ мехӯрд. Ӯ аз роҳи хирман баргашта сӯйи хонаи Асал роҳ гирифт. «Хатро бояд зани раис не, худи ӯ, раиси ҷамоат ба дасти модари аскари шаҳид бидиҳад. Бояд бо Тобон азо

гирад. Ӯ зани раисро дар остонаи дарвозаи Асал дарёб карда, аз остинаш кашида гуфт:

— Хатро ба ман те, хола. — Занак на ҷавоб дод, на хатро. Аз қаъри остинаш, хати чун мори афъӣ хобидаро берун кард. Онҳо пеш ва қафо, аз дарвозаи ҳамеша нимроғи кампир ворид шуданд. Модар писари дар ҷомаи домодӣ ба ҷанг рафтаашро шаб ва рӯз интизор буд. Пӯшидани дари хонаашро фоли бад медонист.

«Дарвозаатро ақаллан шабҳо бипӯш, — мегуфтанд ҳамсояҳо.

Дари пӯшида ҳафтод балоро мегардонад!

«Дари пӯшида, садқаатон шавам, ҳафтод малоикаро ҳам ба хона даромадан намемонад», — ҷавоб медод ӯ.

«Шодиҷон баргардад ва дарвозаро пӯшида ёбад, модарам ва арӯсам маро интизор набуда анд, гуфта малол намешавад?» Асал то зон ва дар лой ғӯтида, девори ғурамбидаи хонаи писарашро андова мекард. Тобон лой кӯлӯла карда, ба хушдоманаш медод. Дар мехи долон дутор ва тоқии аскар овезон буд. Дили меҳмонҳо ки даромадан баробар дутор ва тоқии гулдӯзии шоҳмарди ҷавонмаргро дида буданд, ба пушт часпид. Арӯс ва хушдоман меҳмононро дида, табассумкунон аз кор бозистоданд:

— Ку, биёен, ҷонам садқаи хоки поятон, ку биёен, ҳай-ҳай! Дидӣ Тобон беҳуда нагуфта анд ки ба хонаи нарӯфта меҳмон омада аст. Моро ҷанг накун, раиси хурдӣ, — ба Зебо мурочиат кард кампир. — Бояд мо туро ҷанг кунем ки дар ваъдаат наистодӣ. Даҳ бор район рафта, як бор ба пӯшида надаромадӣ ки хати бачама биёрӣ. Аз Худо гашта бошам ки пагоҳ худам меравам! Уф, ҷоғама Худо гирад, боз тафсид. Маро ҷанг накун, раиси оча, бехи девори бача амро ловида, ҳамроҳи духтарам ба хирманат меравем ва чанде ки амр кунӣ, меистем.

Онҳо ҳарду хомӯш буданд ва кампири Асал беист гап мезад:

— Тобистони дароз дар пушта будем. Худо медонад, деворамон хушк мешавад ё не. Ку болои кӯрпача гузаред, ҷонам садқаи қадаматон.

Меҳмонҳо рӯйи кӯрпачаи оростаи арӯсак нишастанд. Тобон аз офтоба ба дасти хушдоманаш об мерехт ва пайваста табассум мекард.

Меҳрубонии арӯсак нисбат ба кампир чашми дили меҳмононро сӯзонд. Зебо ба тоқии гулнақши домоди ноком нигариста, нақши бомуҳаббат дӯхтаи Тобонро тамошо мекард. Ашки сӯзон то гулӯяш расида буд.

*«Мо дар чи хаёл, фалаки мо дар чӣ хаёл».*

*«Мо дар пайи ободӣ, фалак вайронкор!»* — ба девори нимловидаи кампир нигариста, меандешид Суман. Зебо ба чеҳраи пажмурдаи кампир чашм дӯхта дарёфт ки алҳол хат дар дасташ мебуд, аз ду сар онро ба модари зор дода наметавонист.

Соҳиби хона обро аз пали пиёз ба ҷӯяки каду гардонда, назди меҳмон омаду, кафи дуо кушод:

— Илоҳо, қадаматон муборак шавад, аз паятон Шодиҷони ман ҳам аз дар дарояд, тӯю тамошо шавад! Омин!

Хомӯшии сангин ва ногуворе шуд. Вакилаҳои раис аз чӣ гап сар карданро намедонистанд. Зебо аз ин хонаи озодаи фақирона то «Қабри шайтон» гурехтан мехост.

— Аҷаб рӯзи хубе. Чӣ меҳмонҳои қимат ёфтам, Тобони ҷон. Ку дастархоната тезтар биёр, ҷони оча! Чанд рӯз аст дилам худ аз худ бухс карда, сиёҳ мешавад. Мехоҳам рӯ ва мӯямро ханҷол кунам, сарама ба девор занам. Бачама ёд кардам. Эй хеш ва табор. Нигоҳи пурғам ва интизори Тобонро бинам, алав мегирам. Кампир якбора ба Зебо ҳуҷум кард:

— Раиси хурдӣ, ту дон ва Худо, ба пӯшидаи район рафтӣ ё маро фиреб медиҳӣ?

— Аҳволи бибиҷон ба худат маълум. Ҳар рӯз гап ва кори нав, ҳар як намояндаи тафтишгар, — гапро дур бурд Зебо, сӯйи кампир нигоҳ накарда. Кампир хаёломез ба арӯсаш ки дар дасташ дастархон ва чанд дона қурут сӯйи меҳмонҳо меомад, нигариста гуфт:

— Кӯки чашми арӯсакам канда шуд, шаби дароз хоб надорад. Рӯи ҳавлӣ мегардад, шабро рӯз мекунад. Пагоҳ худам рафта дараки бача амро меёбам!

Нигоҳи Суман ва Зебо беихтиёр ба ҳам бархӯрд ва маслиҳат кардагӣ барин баробар сар хам карданд. Дигар имкони дурӯғбофӣ ва баҳоначӯйӣ надоштанд. Кампир нигоҳи маънидори меҳмонҳоро дар ҳаво дошта, гӯё аз зарбаи ногаҳон пакар шуда бошад, беҳол ва музтар ба яке ва дигаре менигарист. Сипас нигоҳи берӯҳашро ба арӯсаш ки дастархон меорост дӯхта, бегонавор зорӣ кард.

— Тобон, ҷони оча, мурдаи маро бесоҳиб намон!

Ранги арӯсак ширвор сафед шуд. Қурутҳо аз дасташ афтода, ғелида, ба лой омехтанд. Худаш беҳолона ба замин нишаст. Суман хати сиёҳро аз остин бароварда, таги намад монд ва кампирро ба такяи худ гирифт. Дами кампир ва арӯсак ба дарун афтода буд. Ӯ ҷойи модари лол ва арӯси беҳол овоз андохт:

*Садбарги сафеди гӯшаи дегдунум,*

*Ба бачаи ҷавонмарга хунабунум.*

Зебо сари овози Суманро ки нафасгир мешуд, гирифтан хост, аммо натавонист. Зани раис барои ҳама, ба ҷойи ҳама, аз номи ҳама мегирист.

Кӯтал қӯша, миёни кӯтал қӯша,

Дар минакӯтал ҷуфти гули сиёҳгӯша.

Ҷон ва ҷигарам дар хуҷраи рӯпӯша,

Гуфтум — биравум, мурӣ кушоям рӯша,

Ай бод ва ҳаво замин гирифтай рӯша, —
Шодии ғарибхоки хола, баламе, аламе!

Зебо Тобонро аз замин хезонда, паҳлӯи хушдоманаш шинонд ва ду чакаи ӯро молида, ба девори афтодаи аскари шаҳид менигарист. Беист мижа зад ва байни мижаҳояш ин манзараро ба хоб табдил додан мехост. Вуҷудаш фиғон мекард, аммо дар чашмаш қатрае ашк набуд. Ғами кампири Асал ашкашро сӯзонда буд.

Гулҳои заъфарон ва бӯстонафрӯз ки арӯси орзупарвар дар шерозаи палҳо ва ҷӯйбор батартиб шинонда буд, гӯё ба фоҷиаи хонадон ҳамроҳӣ карда майда-майда меларзиданд.

Дере нагузашта, «фарёди хати сиёҳ» хурд ва калонро ба ғамхона кашонд. Анбӯҳи одамонро дида, Зебо ба худ омад. «Зимистон боз як рӯз наздиктар шуд, боз як рӯз дер мондем». Аз андешаи ноҷойи худ шармида ҳавлиро ки ҷойи сӯзанпартоӣ надошт, ноаён тарк кард. Аз назди анбори колхоз гузашта, беихтиёр ба дари дутабақаи чӯбин нигарист. Дар қулф надошт. Гузашта рафтанӣ шуд, аммо қувваи ноаёне ӯро сӯйи дар тела дод.

— Мудир, ҳо мудир! Ягон кас ҳаст? — дарро бо шаст тела дод. Дар аз дарун маҳкам буд. — Э, бало дар сарате, хобӣ? — Дар рӯзи равшан аз дарун қулф будани дари анбор ки хонумони хоҷагӣ андарунаш буд, ӯро безобита кард.

«Тош дар сари хирман, мардум дар хонаи Асал, ба анбор дузд даромада аст», — тахмин кард ӯ. Дар кӯчаи холии деҳа касе наменамуд. Ба умеди пайдо кардани шоҳиде таги дарахти сада нишаста, аз дари анбор чашм намеканд. Аз ғамхона овози гиря паст ва баланд мешуд. Ногоҳ як табақаи дари кӯҳна фиғонкунон кушода шуд ва Тош, чун кӯрмуши аз таги хок сарбароварда, ними сарашро берун карда, атрофро аз назар гузаронд.

Касеро надида, дарро калонтар кушод. Гӯшаи рӯймолашро газида, Зика бӯғча дар даст баромад.

— О ғарбуз!

Тош раиси ҷамоатро не, аввал овозашро шинохта, худро ба дарун зада, дарро пӯшид. Зикаи аз олам бехабар пушти дар монд. Зеборо рӯ ба рӯ дида, аз саросемагӣ ва ҳарос сахт хандид. Зебо бӯғчаи занаки хушбахтро чанг зада гирифт ва аз кокулони борикаш дошта, сӯйи худ кашида гуфт:

— Ба ман нигар, қанчиқ!

Зика рӯяшро ба Зебо гардонд. Ӯ ки аз фоҷиа бехабар буд, аз самти номуайяне овози гиряро шунида, ҳаросон шуд.

— Мешунавӣ? — ба бари рӯйи занак шапотие фуроварда, пурсид Зебо. — Шодӣ дар ҳимояи номӯси мо ҳалок шуд. Падари бачаҳоят барои номӯси туӣ беномӯс меҷангад.

Зебо чанд ҳақорати мардона ва занонаро ба забон оварда, қасам хӯрд ки ӯро ба ҳукми занҳои Сабзбаҳор ҳавола мекунад.

Аз гардиши кӯча як гурӯҳ занҳо намоён шуданд ки сӯйи ғамхона медавиданд. Зика бари рӯйи арғувонияшро молида, Зеборо хоҳарвор оғӯш кард.

— Дар пеши поят мурам, Зеби ҷон, маро шарманда накун, ту ҳам занӣ. Ба арвоҳи ҳафтод ва ҳафт пуштат хотири духтаронамро бин.

— Садқаи духтаронат шавӣ, беномӯс! Маро сар деҳ, ҳаром!

Зеборо чунон намуд ки баробари даст расондани Зика ӯ низ олудаи гуноҳ шуд.

— Ҳаром не, Зеби ҷон. Мардак маро ба никоҳаш даровардa аст! — ҳамчунон оҳиста гуфт занак.

— Сад тавба! Занаки душавҳара? — Зебо гапашро гум карда, гиребон дошт.

— Шавҳар шаш моҳ занашро об ва нон надиҳад, аз рӯйи шариат никоҳ бурида мешавад. Ман чанд сол шавҳар надорам?!

— Пас ҳамаи занҳои Сабзбаҳор талоқ шуда анд? Занҳои ба ғамхона равона гирди онҳоро печонданд.

— Хонаи Асали бечора меравед? — пурсид Аслия.

— Ҳо! Уболи ҷони кампир, — ба ҷойи Зебо ҷавоб дод Зика.

— Рафтем, дарди бечорая ҳамроҳаш бинолем, — гуфт Хосият.

— Рафтем, — пеш даромад Зика, дилкашол ба бӯғчааш, ҳаросон сӯйи Зебо нигарист.

Зебо бӯғча дар даст ба анбор даромад. Алҳол барояш ҷуз Тош на Марзия вуҷуд дошт ва на ғайбат ва тӯҳмати олам. Мудир гӯё раиси ҷамоатро надида бошад, аз болои коғазҳояш сар намебардошт. Дар гӯшае косаи чинии асалдор ки дарунаш пури нонмайда буд ва як чойник ва ду пиёла меистод. Пиёлаҳо чой доштанд. Зебо бӯғчаро таги бинии мудир сахт афшонд. Ду газ чити байрақворӣ ва анвои хӯрок рӯйи фарш парешон шуд. Саховати ошиқи шайдо аз ҳад гузашта буд.

— Анбор аз Охуни гургхӯрда аст ки онро тарака мекунӣ, якгӯш?

Алҳол ба сари мудир санг меборид, садояш намебаромад. Зеборо ки дар хонаи кампири Асал чашмаш нам нагирифт, акнун ашки сӯзон буғӣ мекард. Беихтиёр, аз алам ё ғазаб аз хаёлаш Саиди камонбадаст, баъд Диловар гузашт. Сипас ҷойи онҳоро Карим ки хати сиёҳаш аввалин шуда деҳро гирёнда буд гирифт. Ҷасади беҷон ва хунолуди Шодӣ аз чӣ бошад ки дар навори хаёлаш бе тобут буд. Ногаҳон Зебо ба мардак дарафтода, то дастонаш бадард омадан бехудона ӯро кӯфт. Тош аз гӯшае ба гӯшае фирор карда, рӯяшро аз зарбаҳои пай дарҳами зани

оташгирифта, муҳофизат карданӣ мешуд. Албатта, метавонист, бо муште ҷавоби ҳама зарбаҳои занро якбора гардонад, аммо дар ҳолате буд ки ба сараш сурби сӯзон резанд, мебоист хомӯш бошад. Метавонист берун гурехта, ба ин задухӯрд яктарафа хотима гузорад, аммо аз шоҳидон хавф дошт. Қади паст ва пойҳои кӯтоҳ, шиками тарбузвор дамида, гардани ғафси серраг, сари бо теғ тарошида, сарбанди ба гарданаш фаромада, ҷойи изи сурхшудаи гӯшаш, буд ва шуди ин махлуқ нафрати Зеборо чунон оварда буд ки мехост то мурдан ӯро мушткӯб бикунад. Оқибат занозанӣ ба дилаш зад ки аз баҳри ӯ баромада, нафасгир ба девор такя кард. Чашмони хурд-хурди мардак аз нафрат пур буданд. Тош зери лаб, аммо шунаво гуфт:

— Дар кӯчаи мо ҳам рӯзе тӯй мешавад, раиса.

— Ту маро метарсонӣ? — Зебо боз аз ҷояш канда шуд, аммо худро зӯракӣ ба даст гирифт. — Дар тӯйи мо ту аз гиря мемирӣ. Соҳибони моро дур дида, бучулат хеста аст? Мекушам, бо табари кунд туро мекушам, якгӯш!

Зебо ба рӯйи мардаки муштхӯрда дари анборро чунон сахт пӯшид ки ними андоваи тагдарӣ канда шуда афтод.

Зебо сӯйи хирман медавид ва аз алам ва ғазаб замини зери пояшро ҳис намекард. Гумон дошт баъди ҳодисаи дар идора рух дода, Тош аз сояи худ хоҳад тарсид. Зика бояд аз шунидани номи мардак талхакаф мешуд. Ба худ омада ҳайрон шуд ки чаро мардак ба ҳақорат ва зарбаҳояш ҷавоб нагардонд. Гуфт ку, «Дар кӯчаи мо ҳам тӯй мешавад», «э, асло ба тӯй нарасӣ?» дар дил мудирро дуои бад кард Зебо. Ӯ ақлона дарк кард ки минбаъд дар таги осмони деҳа ғунҷидани ӯ ва Тоши якгӯш — Зика низ осон нест. Ҳар лаҳзаи зиндагии ин зани ҷавон имтиҳон ва задухӯрд мехост.

Дар хирманҷо кор меҷӯшид. Мӯйсафедони ҳамроҳи Халифа-бобо омада, аз пайи говони пал оҳиста қадам монда, аз таронаи ҷавонон баҳра мебардоштанд. Зебо кӯзаро аз дасти писарбачае гирифта, об нӯшид ва ба кор часпид. Ӯ мекӯшид ҷойи ҳамаи занхое ки бо Асал ашк мерезанд кор карда, алами дилашро чун ҳамеша аз кор бигирад. Дар як гӯшаи Сабзбаҳор мотам буд ва дар гӯшаи дигари он чархи зиндагӣ дар дасти зиндаҳо, барои зиндагӣ тез ва тунд мегашт.

Бод беист хокро ба ҳаво бардошта, кори бодгаронро осон ва мушкил мекард. Ҳар тарафе бод мевазид, ободгарон ба ҳамон тараф мегаштанд. Бачаҳои Нишона ки ҳамроҳи дегашон аз саҳни масҷид ба хирманҷо кӯчида буданд, аз ҳузури модаронашон хушҳол ҷувориҳои хушкро дона мекарданд. Нишона низ ҳаққи бачаҳоро ба доман ва тоқияшон дода, дегро чапа кард ва ғирборро ба даст гирифт.

***

Хирманҷо он рӯзҳо корзорро мемонд. Гурӯҳе аз занҳо ғалла бод карда, гурӯҳи дигар сарак мебехтанд. Мӯйсафедон дар ин маърака аз ҷавонҳо, аниқаш, аз ҷавонзанҳо тавонотар буданд. Онҳо на танҳо мондашавиро намедонистанд, балки говҳои палро «бош, бош!» — гӯён «Майдаё» мехонданд:

Ман хоб будам таги чанори пургул,
Бедор шудам ки нола дорад булбул.
Гуфтам: булбуло, чӣ доғ дорӣ дар дил?
Гуфто, ки: маро фалак ҷудо кард аз гул.
Майдаё, майдаё, майда!

Нозӣ говронаро аз дасти Халифа-бобо ки пойҳояшро базӯр кашола мекард, маҷбуран гирифт.

Гови чашмбаста зарби дасти бегонаро ҳис карда, чаққон шуд ва занакро саросема кард. Магар давидан ба дилаш зад ки попархам дар ҷояш истод. Нозӣ гардани ҷонварро меҳрубонона хорумол карда, зӯракӣ ба роҳ даровардани шуд, аммо барзагов гарданшахӣ карда, ҳар тараф сар ҷунбонда, майли хирманкӯбӣ надоштанашро рӯирост менамуд. Чанд говрона хӯрда, гови пал аз давра баромад ва аз пояш ғарами пахоли нимкӯфтаро кашола кард. Нозӣ имдодталабона бо нигоҳ он мӯйсафедеро меҷуст ки гов ба ӯ одат карда буд. Тоқати занак тоқ шуд ки китфашро таги шиками барзагови якрав гузошт. Говро сӯйи давра чунон тела дод ки ҳайвон мувозинаташро гум карда, сари зону нишаст ва ҳаросон ба по рост шуда чаққон гирди хирман давра кашид.

Мардум ки ҳаракатҳои Нозиро тамошогар буданд, кайҳо чунин аз таҳти дил нахандида буданд. Нозӣ беихтиёр бори дигар ба ҳамдеҳагонаш фаҳмонд ки ӯ ҳамон паҳлавони пештара аст ва қувват ва қудраташ заррае кам нашуда аст.

— Мушт не, санги осиёб, — гуфт яке.

— Бечора бригадир хайрият он вақт ҷон ба ҳақ насупорид, — ҷавоб дод дигаре. — Дар муштат садқа Нозӣ! — ӯро таъриф кард Марҷон ки аз ҳама баландтар механдид.

— Худо ҳунаратро нагирад, гови колхоз ҳаром мемурд, чӣ кор мекардем? — механдид Аслия.

— Дар ин замони қаҳтӣ як гов ба хироҷи як мамлакат меарзад, тавонашро аз куҷо медиҳам? — илова кард Хосият.

— Хандед, хандед, шумо ғайри хандидан чӣ хунар доред? — гуфт Нозӣ ки хандаи мардум ба ӯ нафорида буд. Худро ба нодонӣ зада, аз пайи гови палӣ мерафт. Занҳо сахттар хандиданд. «Бригадирро барои Марҷон шуда зад ва имрӯз кампир аз ёдаш механдад. Аҷаб

мардуме, нағзиро намедонанд!» Занак гузаштаи бо сабзбаҳориён чун гӯшт ва нохун пайванди худро ёд карда оҳи бадарде кашид. «Ҳо, сари қаҳр бригадирро як мушт зад. Мардак сустҷон бошад, айби ӯ чист? Дигар қабурғаи мардакро барқасд шикаста буд?»

Зан ва духтарони бригадири давре аз Нозӣ мушт хурда даҳон ва бинияшонро баста сарак мебехтанд. Нозӣ сӯйи онҳо гунаҳкорона нигариста, аз дил гузаронд: «Илоҳо, бригадир саломат аз ҷанг баргардад, дар акси ҳол хешовандонаш маро асло намебахшанд!» Баногоҳ дили Нозӣ беҷо шуд. Чашмонаш сиёҳ заданд ва дарахтони мазор дар назараш сарнишеб шуданд. Замин пеш ва қафо такон хӯрд. Саросема аз давра баромада, дар гӯшае сари по нишаста, меъдаи холияшро холитар кард. Гови пал бесоҳибияшро ҳис карда аз давра баромаданӣ шуд. Нуқра говро баргардонд.

— Агар Нозӣ аз по афтад, ҳама амон меафтем, — гуфт шунаво Аслия. Ӯ низ дере нагузашта химчаашро партофта, аз давра баромад.

Нуқраи сар чархак ва дил беҳузур низ аз паҳлӯи дугонаи паҳлавонаш ҷой гирифт. Чунин сурат дошт хирманкӯбии занҳо.

Торикӣ чодар паҳн мекард, аммо аз Зебо ки деҳаи Шаҳтут рафта буд, ҳанӯз дарак набуд. Нурия Нишонаро ки Аллам дар оғӯш аз назди модараш меомад, бо ишора пурсид: «Зеборо надидӣ?»

Нишона ки аз дидани модари Диловар ҳамеша сурх мешуд, ин бор низ аввал сурх шуд, сонӣ ба инкор сар ҷунбонд.

Меҳнати тоқатфарсо, шабҳои бехобӣ, беғизоӣ занҳоро абгор карда буд. Ба вақт ва соат нигоҳ накарда, ба рӯйи дарзаҳо сар мемонданд ва ҳамоно хобашон мебурд.

Буданд занҳое ки ҷисми афгорашонро хоб намегирифт, онҳо гирди гулхан нишаста, оби ҷӯш

мехӯрданд ва рӯзҳои хуш ва азизони раҳдурашонро ёд мекарданд.

Нишона Аламро хобонда, рафтанӣ шуд.

— Шин духтар, — аз доманаш кашид Марҷон. — Шин, об хӯр, — Нишона нишастанӣ буд, аммо ба гулхан наздик шудани Нурияро дида, оби пиёларо ба даст ва доманаш резонд. Занҳо пурмаъно табассум карданд. Духтар рухсораи арғувонияшро молида-молида, сӯйи коргоҳ равон шуд. Нурия, гӯё Нишонаро надида бошад, аз паҳлӯяш гузашта, як дарза хасро ба гулхан партофта оташро хандонд.

— Дертар наомадӣ, Нишона об нахӯрда рафт, аз ту шарм медорад, — гуфт бо ҳавас Марҷон.

— Шарм ҳусни духтар аст, — бепарво ҷавоб дод Нурия, пиёлаи оби ҷӯшро аз дасти Марҷон гирифта. — Духтарамон дер кард, очаҷонаш, дилама гургон мехоянд, — гуфт.

— Савора аст? — пурсид кампир.

— Ҳа, савора.

— Мушк бошад, парво накун, — ӯро тасалло дод Марҷон ва худаш ба роҳи торик синчакунон нигарист.

Гирди гулхан сӯҳбати занҳо, қӯр мегирифт. Нишона Зикаро бо ишора фаҳмонд ки «бирав чой бихӯр». Зан роҳакӣ шуд, аммо нигоҳи дилшикофи Нуқраро сӯяш дида, зуд ғирболро ба даст гирифт. Дили духтар ба ҳоли зани радди маърака сӯхт. Нуқра ба гулхан чӯб партофт ва чашмони дуд хӯрдаашро молид. Нозиро Худо дод:

— Ҳанӯзам барои Тош мегиряде, бечора!

— Барои умри хазонаш мегиряд, — гуфт бо дилсӯзии сохта Аслия, ба китфи лоғари занак тап-тап зада.

— Э бевахо, шумо навигарии аҷоиб ва ғароиб намедонед. — Занҳо гӯш ва ҳуш шуданд: — Гург гӯши Тошро не, Тош гӯши гургро хӯрда аст, — гуфт Нозӣ.

— Оббо, аҷаб навигарие... Хаёл кардам аскаре баргашта аст, — афсӯс хӯрд Хосият.

— Қиссаат кӯҳна шуда аст, Нозӣ, — гуфт Нуқра ки ба ҳазл ва шӯхии занҳо одат карда буд. — Донӣ, навашро бигӯ, надонӣ гапро ба медонистагиҳо те.

Зафар як дарза гулхори хушк оварда, назди гулхан монд ва аз дасти модараш пиёлаи оби ҷӯшро нагирифта рафт. Аслия сӯйи қудои ояндааш бо ифтихор, ба маънии «шоҳмарда дидӣ?» нигарист.

— Бахтат аз осмон биёяд! — аз паси ҷавони наврас дасти дуо бардошт Нурия, аз роҳи торик чашм наканда.

— Дар тӯяш арғушт рафта, як ҷуфт кафша медаронам, — ваъда кард Марҷон.

— Илоҳӣ ба ҳамон рӯз расем, — гуфт Аслия.

— Мерасем! — қатъӣ гуфт Нозӣ ки мақоли «нияти нек ними давлат»-ро дӯст медошт.

— Омин! — даст бардошт Нурия ки аз дунё умеди бисёр дошт.

Гулхан забона мезад. Кӯҳҳои уштурвор гирди мазор хобида, қабристонро аз буда ториктар нишон медоданд. Занҳо сӯҳбаткунон ноаён сӯйи мазор ки ҳар кадоме дар он қабрҷои аҷдодӣ дошт, пурҳасрат менигаристанд.

— Духтарам дер кард, — аз ҷой хест Нурия. Марҷон аз доманаш кашида ӯро шинонд.

— Ками дигар истем, наояд ҳамроҳ ҷустуҷӯяш меравем, дар роҳ будагист, — модарро ором кард модархонд.

— Гули қаҳ-қаҳа нест, чизе намерасад, — гуфт Аслия.

— Ҳо, бе Зебо мо зеб надорем, — илова кард Нозӣ.

— Мардуми Роғ ва Шаҳтут ҷанг карда анд, халоскунӣ рафт, — хабар дод, Марзия. — Вақтҳои пеш доварҳо мӯйсафедони риш ва фашдор буданд. Ба чӣ рӯзҳое расидем.

Нурия таъсири наштари Марзияро гӯё ҳис накард. Ӯ байни ҳама, ба қудои бадгуҳараш баробар шуданӣ набуд.

— Сабаби ҷанг карданашонро медонед?

— Барои як санг ҷанг карда анде. Тавба, — гиребон дошт Хосият.

— Барои як санги роҳ, — аз хок хӯрдани тираш нармтар шуда гуфт Марзия. — Барои як санг як ҷамоат овора.

Зебо хандон сӯйи гулхан меомад.

— Номаша гир ва гӯшаша каш, ана худаш, — чашмони Нурия ва Марҷон дурахшиданд.

— Биё моҳпораи оча, гули қаҳ-қаҳи оча, ситораи якдонаи оча, — таърифро барқасди Марзия қатор кард Марҷон. Зебо пиёлаи оби ҷӯшро аз дасти Нозӣ гирифта, як қулт нӯшид.

Занҳо саволборонаш карданд:

— Бекор бошанд, бо мо хирман кӯбанд, ғалла безанд. Вақти ҷанга ёфта анд.

— Шаб ва рӯз дар сари хирмананд. Ҳамон ҷо ҷанҷол карда анд, — гуфт Зебо. Ӯро саволборон карданд:

— Кӣ бо кӣ ҷанг карда аст?

— Ҳама бо ҳама!

— Туро наранҷонданд? Беҳуда лақаби роғиҳо «ҷайра» нест.

— Фатирмаска хӯрдаӣ ки ин қадар об мехӯрӣ, ку гап зан, чӣ гап шуд ки ин қадар дер мондӣ? — гуфт Нозӣ.

— Бахилӣ накун, об дар гулӯи духтарам мемонад, — тарафгирӣ кард Марҷон ки аз ҳама беш оқибати воқеаро донистан мехост.

— Барои як санг ва ду тараф чунон алав гирифтанд ки базӯр хомӯшашон кардем, — гуфт Зебо.

— Нагуфтӣ, омада ҳама сангҳои Сабзбаҳорро баранд ва дилсияҳӣ накунанд, — ҳотамӣ кард Хосият дар балои Нозӣ монда.

— Як санги Сабзбаҳорро беҷо кунанд даст ва пояшонро мешиканам!

— Мебахшӣ, ман сангдевори худамро дар назар дорам, — гуфт Хосият.

— Сангдевори ту аз падарат мерос нест, аз Сабзбаҳор аст, — ҷавоб дод Нозӣ.

— Хайр, оқибаташ чӣ шуд?

— Шаҳтутиҳо мардуми бамулоҳиза анд, — ба поёни баҳси санг нуқта гузоштанӣ шуд модар, духтари хастаашро аз савол ва ҷавоби беохири занҳо раҳонданӣ. шуда.

— Хока ба маслиҳатанд, доим аз паси санг ва буз ва бузғола меҷанганд, — гуфт Марзия ки бо қудояш ҳамгап набошад ҳам неш заданашро дӯст медошт.

— Роғиҳо як санги шаҳтутиҳоро напурсида гирифта анд, ҳамааш ҳамин, — гуфт беҳавсала, оне ки ду деҳаро базӯр оштӣ дода буд.

— Хуб карда анд, роғиҳоро набахшида анд.

— Гап дар санг не, дар нанг аст. — Панди Нозиро занҳо писандиданд.

— Сангро аз роғиҳо барои худ талабида, ба шаҳтутиҳо хадя кардам. — Ҳосилро ғундошта

подаашонро сар доданд ки ҷанг мекунанд? — пурсид Аслия.

— Кор ва борашон таърифбоб не. Аҷаб не, ҳама амон аз сари ин хирман ба ёрии онҳо меравем.

Зебо аз ҷой хест ва хез зада

э аз болои гулхан гузашт ва бо ҳамин ба қиссаи санг нуқта гузошт.

— Ку, духтарҳо, шумо ҳам гуноҳатонро сӯзонед, — гуфт пурмаъно Марзия. Нурия ва Марҷон теғ кашида, ба кампир нигаристанд.

Зебо гӯё гапи хушдоманашро нашунида бошад, бори дигар аз болои гулхан ҷаҳида, назди мӯйсафедҳо рафт. Марҷон аз пайи духтараш аз болои гулхан ҷаҳида дигаронро низ даъват кард. — Ку беваҳо, гуноҳ ва шабушатона ба оташ партоед!

— Шабуш доштанамро намедонам, аммо гуноҳ надорам, — танбалона хамёза кашид Нозӣ.

— Моҳ дар осмон беайб нест, мепарем духтарҳо, — гуфт Хосият.

— Ту гунаҳ надорӣ Нозӣ? — доман афшон гуфт Марҷон. — Дар пушти чанд кас мӯҳри муштат тамға гузошта аст? Одамонро мӯҳр задан гуноҳ нест?

— Нуқра, рав Зикаро гӯй, омада гунаҳсӯзӣ кунад, — таклиф кард Нозӣ аз ҷой хеста.

— Зикаи бечора чанд ҷон дорад ки назди гулхан биёяд? — гуфт Нозӣ хамёзакашон, паҳлӯи духтарчаҳояш сарашро рӯйи дарза гузошта.

Дар «гунаҳсӯзӣ» аз кампири Марҷон то Зулайхо ва Гулшан ва Нишона ҳама иштирок карданд.

— Пуф, пуф, бӯйи латтаи сӯхтагӣ, — сулфакунон гуфт Марҷон.

— Домани Хосият месӯзад, — саросема хабар дод Аслия.

Мағали занҳо Нозиро бедор кард.

— Чӣ гап, беваҳо, як дам роҳат кардам, ҷонатон баромад? — шӯрид занаки хоболуд. Хосият доманашро таконда, беихтиёр чӯби сӯзони ба доманаш дармондаро нӯги по ба гулхан партофт.

— Воҳ! — гуфт Аслия.

— Сад тавба кардам, — гиребон дошт Марзия.

— Худо инсофата гирад, занаке, — сулфиданро бас кард Марҷон. — Одам нури илоҳиро ба пояш мезанад? Тавба кун ки кӯр мешавӣ! — овози кампир ки ин манзараи гунаҳолудро бо чашмони худ дида буд, ларзид.

Занҳо баробар гиребон доштанд. Хосият ҳайрон ба ҳозирон нигариста чӣ гуфтан ва чӣ кор карданашро намедонист.

— Кори шудагӣ шуд, зуд тавба кун ки поят хушк мешавад, — гуфт Нурия.

— Сад лак тавба кардам, — гиребон дошт зани рангканда.

— Хушбахт будаӣ ки шӯят барвақт мурд ва ин гуноҳатро надид, — сар ҷунбонд Марзия. Занҳои хушҳолро гуноҳи дугонаашон якбора малӯл кард. Ҳама дар дил баробар аз мазор ва гулхани фурӯзон ба ҷойи худ ва Хосият узр мепурсиданд. Оне ки оташро бо пой зада буд, худро соф карданӣ мешуд:

— Аз мурданам хабар дорам, аз ин гуноҳ не. Наход дида ва дониста алавро пеши по занам?

— Тавба кун, тавба, — чунин буд тасалло ва ҷазои умум.

— Хайрият, кор ба хонавайронӣ намерасад, — гуфт Марзияи шумгап. Маънии сухани ӯ ба ҳама маълум буд ва қиссае дошт.

...Аскарбачаи наварӯсе ба ҷанг меравад. Аз ӯ дер гоҳ дарак набуд. Арӯси интизор аз дарвоза чашм намеканд. Оқибат ба арӯси муштоқ аз бозгашти шавҳар

хушхабар расид. Ӯ аз пайи дастархонорой шуд. Вақте ба танӯр нон мечаспонд, аскар аз дар даромад. Арӯс бол баровarда сӯйи шавҳараш парид. Аз ҳаяҷон ва шодӣ беихтиёр чӯбаки фурӯзони аз оташдон паридаро нӯги по зад. Аскар бо оғӯши боз ва чашмони дурахшон дар ҷой шах шуд. Ӯ ба чеҳраи арғувонии арӯсаш не, ба оташи фурӯзон музтар менигарист. Гӯё дар шӯълаи фурӯзон сӯхтани нанг ва номӯси аҷдодашро медид. Оқибат бегонавор ба арӯси худ гуфт:

«Дар ҳимояи ин оташ беҳтарин фарзандони миллат ҳалок шуданд. Мо бо мадори ин оташ зафар кардем. Ту эътиқод ва имони маро бо по задӣ. Ман ва ту абадан бегонаем».

Аскар дари кушодаашро аз пасаш пӯшид ва арӯси бечора якумр ҷомаи сиёҳи гуноҳ ва аламро аз тан накашида, дар танҳоӣ ҷон ба ҳақ супурд...

Хосият дар ҳимояи худ санаде наёфта, гунаҳгорона ба оташ менигарист ва аз нури он гӯё хушҳолии сӯхтаи занҳоро меҷуст. Мӯйсафедон аз хомӯшии занҳо фоида бардошта, ба таронахонӣ пардохтанд:

*Шабҳо ба хаёли ту кунам хирмана бод,*
*Коҳам ба замин резад ва донам барбод.*
*Майдаё, майда.*

Занҳо овози аламдори Халифа-боборо шунида, гӯш ва ҳуш шуданд. Мӯйсафед худ бехабар ба захми дилҳо намаки суда пошид:

*Ҳайфи умрам, буда ва нобуда гузашт,*
*Ҳайфи умрам, салоти беҳуда гузашт.*
*Ман умри худма як хунбаҳо медонам,*
*Носуда сарам ки ба ғам олуда гузашт.*
*Майдаё, майдаё, майда!*

Зебо ғирболро аз дасти Нишона гирифта, ӯро сӯйи гулхани фурӯзон ишораи рафтан кард. Духтар дуртар аз занҳо, дар паҳлӯи Алам ва Лола ки масти хоб буданд, нишаст. Дастон ва китфонаш дард мекарданд.

Модари дар хона танҳо мондааш аз назараш дур намешуд. Дар торикӣ чашм ва лабони занҳоро дида, мақсадашонро хонда ва ба сӯҳбаташон шарик буда наметавонист. Аз гулхан дуртар нишаста сар рӯйи зонувон ба чанги андешаҳои хузнангезаш афтода пинак мерафт. Арғушти сиёҳпанҷаи дарахтони мазор аз авҷ гирифтани шамол печонтар шуда, арғушти дар хоб дидаи апаашро ёдрас кард. Майса зинда мебуд, дар чунин шаби тор ва ваҳмангез модарашро танҳо намемонд. Кӯдаки ӯ дар ҷомаҷандааш печида мехобад ва аҷаб не, модари рӯйнодидаашро хоб мебинад. Оқибати одам марг бошад, чаро одамон умри кӯтоҳи худро бо ҷанг ва ҷидол кутоҳтар мекунанд? Дар назари Нишона дарахти себе ва Карим баробар решагардон шуданд. Духтар чашмонашро молида, ҳаросон ба атроф нигарист. Давраи кампири Марҷон гарм шуда буд.

«Чӣ гуфта мардумро механдонда бошад?»

Нишона ба гулхан наздик шуда, оби ҷӯш хӯрданӣ шуд. Марзия бо нигоҳи барои духтар фаҳмо ӯро нишон гирифт ки маънояш «номаъқул карда ҷойро танг мекунӣ? Аз дусар ҳеҷ балоро намефаҳмӣ, намешунавӣ», буд. Нишона оби пиёларо рост истода, хӯрд ва гашта рафт. Ғирболро аз дасти Зебо гирифта, ишора кард: «Рав, очаат афсона мегӯяд!» Зебо гӯё даъвати дугонаашро интизор буд, давида рафт.

— Буд набуд хирсаке буд. Ду хирсбача дошт. Мисли Нурия беҳавсала буд, ду хирсбача зоид ва халос. Мисли ман қисир мебуд, асло намезоид ва бе афсона мемондем. — Марҷон оҳи бадард кашид. Ҳозирон маҳзунона табассум карданд. Кампир ҳамеша суханашро аз танбеҳи худ сар мекард, то барои танқиди дигарон ҳуқуқ пайдо бикунад. Афсонагӯ ба пиёлаи хосаи худ оби ҷӯш рехта, гулӯяшро тар кард ва давом дод:

— Хирс бо бачаҳояш сайри ҷангал баромад.

Хирсмодар — Марҷон ҷомаи ҷандаашро ки аз пӯсти хирс монданӣ надошт, пӯшида миёнашро бо химча маҳкам баст. Нозӣ ки ҳамеша нақши мерганро мебозид, бегуфтугӯ яктаки хирманбонро пӯшида, кокулонашро гирди сар дастор кард. Даҳони қанори кушода, духтарчаҳояшро ки бедор шуда, гирдаш менишастанд, наздиктар хонд. Бозии афсонаи «Хирсак», балки бозии ғамбарори тифлони бузургсол оғоз ёфт. Зебо ин афсонаи ҳузноварро борҳо аз модархондаш шунида буд, аммо кампир онро ҳар бор ҳар хел нақл мекард. Духтар модархонд ва афсонаҳои ӯро пазмон шуда буд ки наздиктар нишаст.

Мардум қиссаи ба Зебо ҳаққи модарӣ доштани Марҷонро медонистанд. Зани бефарзанд аз Нурияи навзо иҷозат пурсида пистони кӯрашро ба даҳони духтарча гузошта, соҳиби духтар шуд. Аз он дам Марҷон дигар худро бефарзанд намеҳисобид. Номи духтарчаро низ бо ҳавас худаш гузошт. Нияти нек ними давлат аст. Зебо дар ҳақиқат базеб буд. Ҳар гоҳ духтарча ӯро «очаҷон» гуфта ҷеғ мезад, Марҷон мисли гули садбарг мешукуфт. Духтарча дар хонаи ӯ калон мешуд. Як рӯз духтарашро набинад, деҳаро тай карда кӯдакро меёфт, ба хонааш меовард. Тухм ва қаймоқҳои ҷамъ кардаашро ба духтарча мехӯронд. Барои духтараш баробари Нурия ҷиҳоз омода мекард. Писари Марзияро интихоб кардани Зебо ӯро сӯзонд, аммо сир бой надод. Тӯйи духтарашро худаш сардорӣ намекард, кӣ медонад Марзия чи ҳунарҳо нишон медод. Ӯ буд ки духтар дар тӯй набудани падар ва модарашро ҳис накард. «Тарси Марҷон набошад, Марзия арӯсашро хомохом мехӯрад», — мегуфтанд ҳолдонҳо. Зебо низ модархондашро дӯст медошт. Меҳрубониҳои аз ҳад зиёди духтар гоҳе рашки модаронаи Нурияро бедор мекард.

Зебо, ба қавли модараш бо даст ва по шуд ва бори хизмати модархондашро ба гардан гирифт. Либосашро

шуста, бо пиёла дарзмол мекард. Ҳар соле ки Марҷон дар зиндагияш дар деги чилгӯшаи масҷид мурдаи бесоҳибашро пешакӣ худоӣ мекард, Зебо оши маъракаро ба қавли кампир мисли мӯй мебурид. Ҳулқ ва атвори духтар аз модар дида ба модархондаш бештар монанд буд.

«Гови зард садқаи бачаҳои Нишона», — гуфт чанде пеш вақте Зебо кокулони пахтасон сафеди кампирро мебофт.

— Бачаҳо як бор сер шаванд, савобаш ба ҳафт пуштам мерасад.

— Говро дар бозгашти аскарон мекушем, — даъво кард духтараш.

— Ба он рӯзи шариф мерасам ё не, — оҳ кашид кампир шаддаи садафашро аз гардан кушода. Зебои ҳайрон ва музтар аз ҳадяи меросӣ рӯй гардонда кампирро ранҷонд.

— Кироӣ нест, медонам. Нишонаи очаи ҷигарсӯхтаат, рад накун. — Зебо Марҷонро ба гарданаш баст.

— Мезебад, насиб кунад. Ҳар гоҳ шаддаро ба гардан кардӣ очаи бадбахти берӯзиатро ба некӣ ёд кун, духтарам.

— Бо васиятҳои барвақтат дилама ганда кардӣ, оча, — эътироз кард духтари ҳайрон ва ноҳинҷор.

— Ман хандида ё байт гуфта мемурам. — гуфт кампир.

Кампир афсона мегуфт ва Зебо он сӯҳбати беихтиёр ёдрас шуда аз чеҳраи нуронӣ ва меҳрубони ӯ чашм намеканд.

Тобистони пурташвиши имсола Зеборо аз қисса ва афсонаҳои ширини модархондаш маҳрум кард. Ин зани дунёдида бо санъати хоси худаш афсона ва ривоятҳоро на танҳо ба ҳолати давр ва замон, балки бо фаслҳои сол мувофиқ карда нақл мекард. Афсонаи «Харгӯшак»-ро

мабодо тобистон нақл кунад, ҳатман ҷонваракро ҷомаи ҳамранги замин мепӯшонд, то сайёд набинадаш. Қиссаҳои талх ва ширинаш мардумро рӯҳ мебахшиданд, аммо худаш силкасал буд. Дардашро медонистанд, аммо аз ӯ ҳазар намекарданд, зеро худаш ҳамеша даҳонашро мебаст, хоҳ гап занад, хоҳ хомӯш бошад. Коса ва пиёлааш дар тӯю маърака ҳамроҳаш буд. Касеро намебӯсид. Дардаш вақти ивазшавии фаслҳои сол авҷ мегирифт. Алҳол чанг ва ғубори хирман ва аёси шаби тирамоҳ барояш марговар буд, аммо дар деҳа танҳо монданашро кампир нахост. Чун кӯдак аз танҳоӣ метарсид, ҳамеша худро байни одамон мезад. Имрӯз аз саҳар хеле сарак тоза кард. Ҳақ дошт ҳамраҳи хастагон сар болои дарзае монда хоб кунад, аммо хобаш ӯро кайҳо тарк карда буд. Зебо афсона гӯш мекард ва аз чӣ бошад, суханони дар хонаи модари аскари шаҳид гуфтаи модархондашро ёд меовард. «Э Асали ҷон, дар ин ҷанг ту танҳо хунбаҳо додаӣ? Ту писар зоидӣ, тарбия кардӣ, марди баномӯс шуд, душманро кушта шаҳид гашт. Ҳой, бандаи ношукр, аз Худо дигар чӣ мехоҳӣ? Ман бояд сарамро ба санги лаҳад занам ки бенишон мегузарам. Даҳ писар медоштам, ҳамаашро курбони нанг ва номӯс мекардам! Шукрона гӯ, шукрона!» Ин суханони кампир ба модари аз ақл бегона шуда, таъсир кард...

...Марҷон ба фуроварди афсона расида буд:

— Хирси баднафс дарахти пурбори чормағзи қоғотиро дид ва оби даҳонаш шорид. Хирсбачаҳо аз хурсандӣ арғушт рафтанд.

«Очаҷони ҷони ҷон, — гуфт Гардак (Фотима) аз номи худаш ва Зардак, —ту дам гир, ҳар қадар хоҳӣ бароят худамон чормағз меафшонем». Хирс ки ҳарчанд тани вазнинаш барои ба дарахт баромадан имкон намедод, гапи бачаҳояшро намегирифт.

«Очаҷон, — Гардакро тарафдорӣ кард Зардак (Зӯхро). Набаро, меафтӣ. Мон, мо як бор шикамсерӣ

чормағз хӯрем, зӯр мешавем, фоидаи худат... Ҳар бор ку шиками худро сер карда, моро фаромӯш мекунӣ. Моро гурусна ба хона мебарӣ».

«Набаро, очаҷон, — мегуфт Гардак, — Ту пир шудаӣ, дарахт туро намебардорад, афтода мемурӣ, беоча мемонем!»

«Фаро очаҷон!» — гапи хоҳарашро қувват дод Зардак.

«Бори дигар даҳон кушоед, мурданивор шатта мехӯред!» — боз ба дарахт часпида бачаҳояшро тарсонд хирс.

Хирс дарахтро сахт афшонда, нолаи хирсбачаҳоро ки дар поён барои очаи ҳанӯз наафтода ва намурдаашон овоз андохта «мегиристанд» намешунид. Ногоҳ навдаи таги пойи хирс шикаст ва бо шаст ба замин афтода фиғонаш баромад. Хирсбачаҳои шумгӯйро сахт гӯштоб карда, дур бурда шинонд ва бо шасти ғазабаш часпида, ба дарахт баромад. Қарс-қарс чормағз шикаста мехӯрд ва бачаҳояшро ки аз гуруснагӣ шикампеч буданд, месӯзонд. Хирс-Марҷон дулунҷа маза карда «чормағз» мехӯрд.

— Нафси бадат дар гӯре, хирс, чӣ хел дилат мешавад ки бачаҳоят гурусна ва худат шикам чаронӣ? — тоқат накард Аслия.

— Нафси бад одамро ҳам мекушад ва ҳайвонро ҳам, — оҳ кашид Нуқра.

Мерган (Нозӣ) хирсбачаҳоро ба сарашон ҷувол андохта, ба пушти хаскапаи хирманбон бурд. Хирс барои бачаҳояш як доман санг ва кулӯх (чормағз) овард. Сулфакунон гирди гулхан чанде рақсид. Нафсаш бадӣ кард, чормағзҳоро ба бачаҳояш надода, худаш хӯрд.

— Э нафсат дар гӯр, кампире, — гуфт Хосият.

— Нафси хирс дар гӯр, бигӯ, — қудоиояндаашро ислоҳ кард Аслия.

Афсонагӯ чормағзҳои набударо чунон маза карда мехӯрд ки дили занҳои гурусна беҷо шуд. Аслия дилашро паси хаймаи шавҳараш холӣ карда, рангканда баргашта эътироз кард:

— Чормағзхӯрданашро диден, беваҳо? Дил ва ҷигарама рехт! Бас кунед!

— Як табақ оши бурида бошад, — орзу кард Нуқра, алами гушнаҳоро овард ва оби даҳонашро беист фурӯ бурда.

Марҷон ногоҳ ҷиддӣ аз сухан монда чанде ба Нуқра нигарист ва боз мисли пештара афсонаашро давом дод. Маънии нигоҳи гуруснаи кампирро фаҳмиданд.

— Бараи бирён намехоҳӣ бева? — бо қаҳр пурсид Нозӣ ки ҳолаш аз Аслия беҳтар набуд. — Назди кӯдакҳо нагӯй, номи оши буридаро нагир ки аз гиря варам мекунанд, — ба пушти хайма ишора кард занак.

Зебо ба пиёлаи Нуқра оби ҷӯш рехт. Хирсмодар оқибат «сер» шуд ки бачаҳо ба ёдаш расиданд:

«Ҳей, Зардак ва Гардак, омада чормағз хӯред, чӣ қадар хоҳед, хӯред, сер шавед!» Кампир санг ва кулӯхи доманашро ба замин рехта, сабукбор шуд. Аз Зардак ва Гардак садое наомад.

«Қаҳр кардед, қайсарҳо? Мушт мехоҳед» — шикамашро пеш баровარда, садо кард хирс. «Илоҳо, пир шавед ки бо қаҳр ва нозатон маро пир кардед! Ку тезтар рафтем, торик мешавад. Аз Мерган наметарсед?» Хирс-модари бепарво хатареро ҳис карда, ҳаросон чор сӯ нигарист. Ҳама ҷоро кофта бачаҳояшро наёфта, бо нигоҳи бечора ва зор ба занҳо нигарист: «Бачаҳои маро надидед, беваҳо?»

Ҳамин вақт Зулайхо чашмашро дошта, попеч ҳамроҳи Зафар назди гулхан омад. Оби чашмаш гулобӣ мешорид.

— Оҳ, ҳар ду бари рӯям сиёҳ, — гуфт Хосият духтарашро оғӯш карда.

Ба чашми духтар сӯзани каҳ даромада буд. Хомӯшии ногуворе ба миён омад. Хосият сӯйи қудои ояндааш бо илтиҷо нигарист. «Духтури чашми Сабзбаҳор» Аслия аз ҷой хест. Сари духтарро ба гулхан наздик овард. Зафар ба оташ хас партофт. Ҷавон дар кучо буданашро фаромӯш карда, мисли мӯй мепечид.

— Дар ҷанг маслуқ шудани одамон кам буд ки дар хирман гул барин духтар кӯр шавад! — гуфт Марзия, ба таври худ дилсӯзӣ карда.

— Худо забоната гирад кампир, — ӯро дуо кард Марҷон. Хосияти рангканда гирди духтараш мегашт, дасташро медошт, остинашро мекашид, хулоса, ба ҷони духтури чашм расид ки амр кард:

— Шин, Хосияти ҷон, шин, гаранг накун.

Хосият дарҳол дар ҷояш нишаст, зеро амри Аслия айни ҳол аз фармони сарфармондеҳи фронт гузаро буд.

— Аслияи ҷон, коре кун ки чашми духтарам озор наёбад!

Аслия сари духтарро байни зонувон гирифт. Шабона аз чашм ёфтани сӯзанаки коҳ мӯъҷиза буд, аммо занак ба мӯъҷизаи ҳунари худ бовар дошт. Ӯ аз дарзи гиребонаш сӯзанеро гирифта, нешашро ба лахчаи сӯзон часпонд. Дами ҳозирон ба дарун афтод. Хосият аз дасти «духтур» ҳаросон дошта кашид.

— Оҳиста Аслияи ҷон!

— Халал нарасон, дугона!

Духтар тоқат мекард ва модараш не. Табиб милки чашми захмдидаро чаппагардон карда, ҳадаҳа хасеро берун овард. Хосият гиряолуд хандид, дигарон оҳи сабук кашиданд. Духтар аввал сабукие ҳис карда, мижа заданӣ шуд, аммо натавониста чашмашро пӯшид.

— Чизе монда аст, хола.

Зафар ба духтар наздиктар шуда бо ҳарос амалиёти модарашро назора мекард. Ҳозирон низ ҷавонро намедиданд. Чашми ҳама сӯйи Зулайхо буд. Аслия даҳонашро бо оби ҷӯш обгардон карда, нӯги забонашро ба чашми духтар даровард. Палмосида ва санҷида, неши сӯзан барин хасро берун овард. Занҳо гиребони тавба доштанд. Хосият бехудона дастони «духтурро» бӯсаборон кард. Духтар мижа зад ва табассумкунон ҳамроҳи Зафар ва рафиқонаш ки гирди гулханро печонда буданд, давида рафт. Ҳозирон ҳанӯз карахтнамо буданд. Аслия сӯзанро ба гиребонаш халонда, ба кампир гуфт.

— Дар набудани мо хирси бечора чӣ кор кард?

— Хирс ҳамин ҷо буд, — гуфт Марҷон ба синааш зада.

— Фу, фу, бӯйи бандаи хокӣ! Хона ам дар пуштам чаппа шуд. — Марҷон нохост чунон худро бардошта зад ки нақши замин шуд.

Аз худро бардошта, ба замин задани афсонагӯ ғубор як ваҷаб хест. «Хирс» мушти афсӯс ба сар ва рӯяш кӯфта худро, нафси бад ва дили сангинашро нафрин мекард ва месуруд:

Хирси бари деворум,
Ба ҳеч кас кор надорум,
Хонат бисӯза мерган,
Бачат бимира, мерган...

— Бачат бимира, мерган! — фиғон карданд баробар занҳо.

Хирс-модари фарзандгумкарда — ба ростӣ мегирист. Ашкаш сӯзон ва овозаш ларзон буд. Ба гиряи ӯ занҳо беихтиёр ҳамроҳ шуданд. Кӯдакони гирд-гирди гулхан хуфта бедор шуда, сари овози модаронро мегирифтанд. Хирманҷо гӯё таги чормагз буд ва занҳои шабзиндадор хирси фарзандгумкарда. Ҳар кадоме гумноме ва ғарибе дошт ва ҳолаш аз ҳоли хирс-модар

беҳтар набуд. Ҷигарпораҳои онҳо низ нишони тири мергани ҷанг буданд. Овози ҳазини Марҷон ҷигарсӯз буд:

Пуштадавактон кардум,
Арғуштравактон кардум,
Фойдаи мергантон кардум!
Хирси бари деворум:
Ба ҳеҷ кас кор надорум,
Ҷигарма бирён кардӣ,
Чашмакма гирён кардӣ,
Саракма сарсон кардӣ,
Хонат бисӯза, мерган,
Бачат бимира, мерган.

Кампирро сулфаи одатӣ гирифт. Занҳо собирона поёни сулфаи ӯро интизор шуда, ашки худро пок мекарданд. Сулфаи кампир ин бор гӯё охир надошт. Кампир ба хокистари гарм балғами хунолуд туф кард. Рангаш мисли докаи сараш сафед шуд. Бо чашмони сурхгашта ба Зебо, сипас ба мардум нигоҳи бегонае кард ва сараш беҳолона ба китфи Зебо афтод. Духтар аввал кампирро навозиш кард, сипас ӯро афшонда гуфт:

— Очаҷон, очаҷон, ҳушата ба сарат гир. Чашмота кушо, очаҷон!

Оча овози духтарашро нашунид.

— Очаҷон! Очам мурд?! — Дили Зебо қафаси синаро шикофта, баромаданӣ шуд.

— Ё оллоҳ! Ё оллоҳ мушкили бандаатро осон кун. Нурия сари кампирро аз бағали духтараш гирифта калима гардонд.

Марҷон дар бағали Нурия оромона мехобид ва аз кунҷи лабаш ҷӯйчаи гулобие мешорид. Чашмони берӯҳаш сӯйи мазор — сӯйи манзили охиринаш менигаристанд. Нурия оҳиста чашмони кампирро пӯшонд. Марги Марҷон чунон ногаҳонӣ буд ки занҳои

солори марг ва мурда дида низ даст ва по гум карданд. Чунин маргро касе ёд надошт.

— Очаме, очаи ҳасратии бебачаме, — овоз меандохт Зебо бехудона.

— Дар сари хирман гурусна мурд, шаҳиди аъло шуд, — гуфт кампири Асал ки марги муфоҷоро шаб ва рӯз орзу мекард.

Гулхан хомӯш шуд ва алови яъс ва алами занҳо фурӯзон гашт.

Мӯйсафедон ва ҷавонон аз фоҷиаи гирди гулхан бехабар хирман кӯфта ва коҳ бод карда, арз ва орзуи дили худро бо тарона сабук мекарданд. Таронаашон хоболуд буд. Аслия сӯйи писараш ки аз олам бехабар месуруд, норизо нигарист:

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан аз лола ва райҳон хуштар.
Юсуф ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Эй кош, гадо будӣ ба Канъон хуштар?

Духтарҳо ба таронаи ҷавон ҷавоб гардонданд.

Дастам гуле,
Ё дастдорам гуле.
Рухсорам ақиқ,
Ё мижгонам гуле...

— Эй хеш ва табор, — гирён мурочиат кард Зебо. — Суруд нахонед, модарамро бедор мекунед.

***

Хандон-хандон, афсонаи нотамом дар лаб сари дӯши ӯ ҷон додани модархондаш Зеборо сахт озурд. Дар рӯҳи худ шикасти нопайвандеро ҳис кард ва дарёфт ки дигар асло мисли пештара қаҳ-қаҳ хандида наметавонад. То ин дам гӯё муқобили маҷрои зиндагӣ бел мезад ва ғарқ намешуд. То метавонист гиряашро буғӣ мекард, зеро медонист: гиристан осон аст, аммо ҷойи гиря хандида тавонистан ҳунар...

Кампири Марҷон ки умре аз танҳоӣ метарсид, сари хирман, назди ҳамдеҳагон ҷон ба ҳақ супорид. Ҷасади кампирро болои пахол хобонданд. Бо мӯйсафедҳо маслиҳат карда, ба қароре омаданд ки расм ва русуми мурдадориро ба ҷо оварда, тобутро аз бари хирман ба мазор мебаранд. Қарор ба Зебо низ маъқул шуд, аммо Нурия духтар ва маслиҳатгарони ӯро сахт мазаммат кард:

— Инсофатона Худо гирад! — Марҷон берӯзӣ ҷон канда, хона обод кард ки мисли фалғарии дар кӯҳи намак мурда гӯраш кунем? Арвоҳи кампир ҳамаатро мезанад.

— Дар деҳа касе нест, ҳама дар ҳамин ҷо, — гуфт Зебо ки дар дил мазаммати модарашро дуруст меёфт.

— Зарур бошад, раво бошад, — гуфт хирманбон Зеборо тарафдорӣ карда.

— Зарурата Худо гирад, пиракӣ! Ту Марҷона дар зиндагияш хор карда будӣ. Албатта аз мурдааш зуд халос шудан мехоҳӣ. Аслия ту чаро хомӯшӣ? Кампири Марҷон бо чӣ ният худаш туро хостгорӣ карда, ба шавҳари собиқаш дода буд?

Нурияи зардина алов гирифт, хомӯш карданаш мушкил буд.

— Худо раҳматаш кунад! Марҷон барои ман бохчун не, хешованд буд, ӯро ба хонаи худам мебарам, — гирён гуфт Аслия.

— Ба хонаи обод кардаи худаш бигӯ, ба хонаи ҳақ ва ҳалоли худаш бигӯ, — илова кард Нурия.

— Ҳо, ӯро ба хонаи худаш мебарам — гуфт Аслия.

Қарори Аслия касеро ҳайрон накард. Бори охир Марҷони безурётро аз хона ронданӣ шуданд, ӯ гиря ва нола накард, балки ба шавҳари собиқаш бо тамкин гуфт ки арӯсро худаш ёфта шавҳарашро хонадор мекунад ва баъд баромада меравад. Ӯ Аслияи ятимро аз хеш ва таборaш талбида, худ пеш-пеш, духтар аз қафо

бетӯю сур ба хонаи Сафар омаданд. Ҳар бор аз назди хонаи шавҳарони собиқаш гузашта, рӯ пӯшидан ба дили зан зада буд. Шавҳарашро зан дода, худаш дар паҳлӯи хонаи онҳо, бо мадади Аслия ва Сафар кулбае пӯшонд. Ҳар гоҳ ки Аслия дами гарм пухта ӯро муроат мекард ва Марҷон сари як дастархон бо кӯдакони шавҳари собиқаш менишаст, гуноҳи ӯро ҳазор бор бахшида, шукри ободии хонаи онҳоро мекард.

— Хуб кардӣ, аз баҳри сари қоқи ман гузаштӣ, Сафар, — мегуфт сари дастархон. — Бо ман зиста бадбахт мешудӣ. Шукронаи бачаҳоят!

Мурдаи кампирро ба хонаи шавҳари собиқаш бурдан аҷобате надошт, аммо Нурия зинҳор ба ин кор роҳ доданӣ набуд.

— Арвоҳи Марҷона сарсон накунед. Худаш кулба дорад. Арвоҳ шаби аввал ба хонааш омада, онро торик ёбад, азоб мекашад. Соҳиби ин мурда манам, модари духтарамро худам гӯр ва чӯб мекунам.

Дар хирманҷо ҷавонон монданд ва кӯдакон ва Нишона. Баробари Аслия ва шавҳараш дигарон низ пояи тобутро бардоштанд. Субҳ медамид.

— Бузамро барои шод кардани рӯҳи Марҷон мекушам, — шунаво эълон кард Нурия, бо ҳамин мардумро ба худоӣ низ даъват карда.

— Худаш гов дорад, — неш зад Марзия қудои хотамашро.

— Говашро ба бачаҳои масҷид васият карда аст, худам шунидам, — гуфт Нозӣ ки метарсид қудоҳо мурдаро монда, ба якдигар начаспанд.

— Ҳарсол бечора оши худоӣ медод, гуфт Аслия ки пояи тобут китфашро ба дард оварда буд.

— Кафанвории худамро ба кампир мебахшам, — гуфт Нурия.

— Кафанборияшро худаш пешакӣ тайёр карда буд, — гуфт Марзия ки ҳиммати қудояшро байни ҳама асло эътироф карданӣ набуд.

Кароматҳи Нурия мардумро мутаассир кард. Гӯшаи қарси кампирро ки бо он ҷасадро пӯшонда буданд, бод бозӣ доронда, ҳузни мардумро сӯзонтар мекард. Рӯймоли сафеди кампир гӯё ҷойи соҳибаш бо деҳ ва ҳамдеҳагон хайрбодӣ мекард...

Нурия кӯрпа ва кӯрпачаҳои кампирро таги ҷасад густурд. Ҷасади кампирро бо гул ва райҳон пӯшиданд. Аслия испанд ва гашнич дуд карда, коса дар даст гирдгирди мурда гашта, навҳа мекард.

Кулбаи фақиронаи кампир онҳоеро ки соҳиби хонаро дӯст медоштанд ва ба хайрбодаш омада буданд, гунҷонда наметавонист. Қонун ва қоидаи мурда дориро ба ҷо оварда, мунтазири гӯркобҳо шуданд. Мурдаро шабмонда накарда, то фурӯ рафтани офтоб гӯрондан лозим буд. Занҳо ноаён ва безобита сӯйи дарвоза менигаристанд. Онҳое ки умре аз Марҷони хуш сухан ва дидадаро серӣ надоштанд, акнун зудтар мурдаи ӯро ба хок супоридан мехостанд.

— Гӯр тайёр шуда аст, — хабар дод Марзия аз дур Халифа-бобоpo дида.

Бори аввал Нурия аз шумхабарии қудояш нараҷид.

— Мо ҳам тайёрем бандаи Худоро ба хонаи охираташ гусел кунем, — гуфт Нурия. Нозӣ хам шуда пояи тобутро бардоштанӣ шуд ва беихтиёр истод. Зебо ва Аслия ва Хосият аз се тараф пайдо шуданд.

— Мард лозим, беваҳо, мард! — гуфт ӯ.

— Даст нарасонед, — таъкид кард Марзия. Ҷое як писари ҳафтсола ҳаст, ваколати сад зани ҳафтодсола раво нест.

Занҳо сари тобут музтар монданд. Халифа-бобои рамузфаҳм пояи тобутро бардошт. Занҳо ба навбат

савоби кампири бефарзандро гирифтан мехостанд. Назди дараи дари мазор занҳо истоданд. То сари гӯр рафтанашон дигар мумкин набуд. Аз дара он тараф мӯйсафедони гӯркоб миёнбандҳояшонро кушоданд. Мурдаи кампир дар як порча замин, назди чанд пири ҷанозагар ниҳоят танҳо ва бекас менамуд. Ҷаноза поён ёфт. Мӯйсафедон тобути кампир сари дӯш гирифта, сӯйи қабри навканда равон шуданд. Аз ҳама пеш бел дар даст Сафар сархам мерафт. Қомати ӯ ба назари Аслия хамидатар намуд.

Мардум аз мазор рост ба хирман рафтанӣ шуданд. Зебо чашмони аз гиря варамидаашро ки сӯзиш мекарданд, молида, аз ҳама пеш мерафт. Модар ба духтараш расида ӯро ноаён сахт пучид:

— Очат мурдаст ё чӯҷаи мурғ? Куҷо меравӣ? Туро гов сина дода аст? — Кампир дигаронро ҳам аз роҳ дошт: — Истед, мардум, истед! Мункар ва Накир кампирро дар гӯр напурсида, ӯро фаромӯш кардед? Ҳай-ҳай. Пештар мурдаҳо қадр ва қимат доштанд. Дар манзил ва гӯрашон чил шаб ва чил рӯз чароғ месӯхт. Чароғи Марҷони берӯзиро нагиронда меравед? Ҳай-ҳай!

Мардум гунаҳгорона сар хам карданд.

— Умре озор кашида, дар як нафас беозор мурд. Зиндагии сахташ маргашро осон кард. Худо раҳмат кунад! — аз номи ҳама гуфт Асал ва назди ҳама рӯй сӯйи мазор гардонда, ба худ марги муфоҷои Марҷонро хоҳон шуд.

—- Ку пиракиҳо, ҳой духтарҳо, ку аз паси ман гардед! Оши худоии кампири шаҳидро начашидан убол аст. Рӯҳи Марҷонро наранҷонед, — бори дигар мардумро ба худоӣ даъват кард Нурия.

Дар осоиштагӣ шояд луқмаи оши худоии Марҷон дар гулӯи одамон дар мемонд, акнун хурдукалон оби даҳон фурӯ бурда, аз дарвозаи ғамхона ворид

мешуданд. Кулбаи кампир бе худаш аспи соҳибгумкардаро мемонд.

## БОБИ СЕЗДАҲУМ

Ҳасан Ризо на танҳо то хирман, балки то идорааш рафта наметавонист. Мард бо рафтани мадор фирори бебозгашти умри пурозорашро эҳсос мекард. Ӯро захмҳои хунчакон ва хомӯшии баландсадои писаронаш ки кайҳо хат ва хабарашон намерасид, об ва адо мекард. Болин ва бистар аз бемор, ӯ аз болин ва бистар безор буд... Одамизод бистарӣ ҳам ором зиста наметавониста аст. Вагарна кӣ медонист, Ҳасан Ризо барин мард бистарӣ шуда шоир мешавад. Ҳо, марди пир шеър менавиштагӣ шуд. Аз кампир ва набераҳояш коғаз ва қалам талабида мактуб не, шеър менавишт ва навиштаашро зуд таги болинаш пинҳон мекард. Рӯзе ҳама дафтарҳоро дар сандуқ қуфл карда, занашро таъкид кард ки бе иҷозаташ сандуқро накушояд. Суман шавҳарашро пурсуҷӯ намекард, аммо сӯйи сандуқи пурасрор зуд-зуд менигарист. Раис як сандуқ шеър навишта фаҳмид ки дигар гапи бо шеър мегуфтагӣ надорад. Ӯ қисса мебофтагӣ шуд. Чун барои навиштани қиссаҳои дароз коғаз ва қалам ва қувват ва дармон надошт, қиссаҳояшро даҳонакӣ нақл мекард. Сари асо то остонаи дарвоза баромада, бачаҳоро гирдаш ҷамъ мекард ва қиссаҳое нақл мекард. Худаш низ ҳайрон буд ки ин қиссаҳоро аз касе шунида аст ё худ мебофад.

Қиссаҳои аҷоиби раис калонсолонро ҳам ба хонаи ӯ оварданд. Чойники Суман болои тапакалов ҳамеша дар ҷӯш буд. Мардум ба қиссаҳои раис бовар мекарданд. Бо мардум аз қаҳрамонии Нуралишо ва Аваз ва дигар ва дигарон ки гӯё дар фалон фронтҳо меҷангида анд, нақл карда, барои кампир ва арӯсонаш тоби суханашро дигар мекард. «Кампир, арӯсҳо, зуд биёед, хабари хуш дорам: Фалонии пунбачигӣ дар фалон фронт бачаҳои моро дида аст. Сиҳат ва саломат ҷанг карда гашта анд. Барои ту кампир, барои шумо духтарҳо бачаҳо нишонаи зиндагӣ гуфта, ҳадя фиристоданӣ шуда анд, бори мардак вазнин буда аст. Охир ӯ ҳам модар ва зан ва фарзанд, хеш ва табор дорад! Ҳамин як парча хатро бо оби тилло навишта фиристода анд». Мардак хати худаш навиштаро гашта ва баргашта мехонд.

— Хата кӣ овард, мӯйсафед? — пурсид боре Суман.

— Латиф овард! — гуфт ӯ саросема. — Хайрият, Латиф аз ғазаб фуромада хат мекашидагӣ шуда аст, — илова кард аз фош шудани дурӯғаш рамида, зеро хӯрҷини хаткашон ҳанӯз ҳам дар сутуни хонааш овезон буд.

Ҳасан Ризо хатҳои пештар аз писаронаш омадаро бо маъниҳои нав қироат мекард ва ҳар бор бо даҳшат ҳис мекард ки кампираш аз дурӯғҳояш огоҳ аст. Барои дили арӯсонро бардоштанаш аз мӯйсафед миннатдор хомӯширо авло медонад. Кампир ҳар бор номаҳои писаронашро бӯсида ва ба чашм ва абрӯ молида, барои хушбахт кардани мардаки бемор худро хушҳол вонамуд мекард.

Алами дигаре ки дили беморро тазйиқ медод, аҳволи тоқатфарсои беваю бечораҳо буд. Онҳо бори хоҷагии ҷангкӯфтаро мардонавор ба дӯши нозуки худ бардошта мерафтанд ва ӯ чун тамошобин машаққат ва азоби эшонро аз дур тамошо мекард. Идораи колхоз ба

бистари раис кӯчида буд. Қуввати дил ва мадори ҷонаш Зебо, ҳар пагоҳ корашро аз хонаи раис оғоз карда, бегоҳ дар ҳамин ҷо ба поён мерасонд... Ҳар бор зани ҷавон ба назари раис хурдтар ва озурдатар менамуд. Ба чеҳраи пажмурдаи духтари ҷавон ки аз гулистони зиндагӣ ҳанӯз як гул начида аст, нигариста дардаш сахттар мешуд. Аммо илоҷ надошт. Аризааш дар комитети партиявии район мехобид. Раиси бемор, комитети партиявӣ аз ҷанг баргаштани мардонро мунтазир буданд. Марди корзордида дар ақибгоҳ — шадидтарин ҷабҳаи марг ва зиндагиро шоҳид буд. Медид ки одамон тир нахӯрда, хун нарехта мемиранд. Тирамоҳи соли охири ҷанг ҷомаи дарахтонро кашида, ба тани замин мепӯшонд. Мардум аз дарси порина сабақ гирифта, имсол ба талаф шудани ҳосил роҳ надоданд. Дар ҳама деҳаҳо аҳвол якранг набуд. Мардум аз як хирман ба хирмани дигар мекӯчиданд. Аробаҳо байни хирман ва анборҳо беист равуо доштанд.

Раис ҳисоботи раиси ҷамоатро аз вазъи хоҷагӣ шунида, ба куртаи чити дарбеҳкардаи ӯ андешамандона менигарист.

— Дар анбор чанд газ байрақворӣ дорем духтарам? — пурсид раис.

— Намедонам, — гуфт Зебо ки беихтиёр газвори аз бӯғчаи Зика афтода, пеши назараш омада буд.

— Аз сатини байрақворӣ як курта барои худат дӯз. Бо ин ҳол гаштанат хуб нест. Бечорагии халқ бечорагии давлат аст.

— Ман куртаи нав пӯшам ва занҳои Сабзбаҳор бо куртаҳои дарида гарданд? — гуфт Зебо.

— Фармон медиҳам! — ҷиддӣ гуфт аскари собиқ.

— Итоат, — маҳзунона хандид раиса. — Итоат бобо! Ман омадам, ки...

— Омадӣ, бигӯӣ ки Ёғӣ Хидир омада аст? Ҳа, омада аст. Ба хонаи ман ҳам омада буд. Танҳо не, ҳамроҳи намояндаи комиссариат, аз марказ, — гуфт раис.

- Мардумро ҷамъ кард? Аҳамияти меҳнати ақибгоҳро барои ғалабаи Армияи Советӣ нақл кард? Занҳо чӣ гуфтанд?

Зебо табассумкунон гуфт:

— Аз коғаз сар намебардоранд, ба чашми мардум нигоҳ намекунанд ва «сӯҳбат кардем» — гуфта ҳисобот медиҳанд.

— Нозӣ аз номи ҳама ӯро боб кард. Гуфт ки мо инро аз худат хубтар медонем, ака! Акнун бигӯ ки имсол чӣ хӯрем ва чӣ пӯшем. Ятимаконро чӣ тур то баҳор расонем.

— Рост мегӯяд, Нозибону, — тасдиқ кард раис.

— Намедонам барои кадом ҳунарамон моро ин қадар дӯст дошта аст. Ёрӣ пурсем, ёрдам намекунад, дар халалрасонӣ усто, — илова кард раиса.

— Парво накун. Ҳар кас давре дорад. Даври Хидирҳо ва Тошҳо омада аст. Онҳо имкон ёбанд маро зинда мегӯронанд, — оҳ кашида гуфт раис. Зеборо ин гилаи ногаҳонии раис ҳайрон кард.

— Хидир ба Тош вазифаи раисии колхозро ваъда карда аст, илова кард сардори хоҷагӣ.

— Аз куҷо фаҳмидӣ? — пурсиданӣ буд Зебо, аммо заҳрхандае кард ва гуфт: — Ба дуои курик* борон намеборад.

— Ӯро кайҳо дафъ кардан даркор буд! Раҳмдилии мо бучули безотро хезонда аст.

---

* курик – парандаи хурдаке, ки доим ташна асту борон мехоҳад

— Дафъ кардани ӯ осон аст. Аз оғили холӣ гови шохзан беҳ, гуфта гаштем. Ақаллан меҳмононро саранҷом мекунад.

— Меҳмонҳоро Нишонаи бечора саранҷом мекунад, — гуфт Зебо.

— Меҳмонҳо куҷоанд? — пурсид раис.

— Деҳаи Роғ рафтанд. Чаро Шамс Исо ба хоҷагии мо кам меояд? Раиси комиҷроия биёяд ягон сари корамонро буд карда меравад. Назди ӯ даромада хоҳиш карданиам ки Хидирро аз хоҷагии мо гум кунад.

Ҳарчанд Зебо дили раисро гуфта буд, ӯро аз ин роҳ гардонданӣ шуд.

— Чӣ фарқ дорад. Аз ду сар корро шумо занҳо мекунед.

— То бегоҳ Раис-бобо.

— То бегоҳ духтарам.

***

Субҳ медамид. Раис Суман ва Зеборо болои сараш дида, ҳаросон шуд. Зебо хатро ба раис дароз кард.

— Муборак, муборак! Саид дар госпитали Сталинобод буда аст? Чӣ хубе!

— Хайр, ба маънии ба худаш маълум сар ҷунбонд раис. То Сталинобод расида бошад, ин тараф як қадам. Чӣ кор кунем, кампир? — ба занаш муроҷиат кард соҳиби хона. Арӯсамона барои овардани шоҳмард рухсат диҳем?

— Сад бор рухсат медиҳем, — шодӣ кард Суман.

— Марзия дарак дорад?

— Не, — гуфт Зебо, надонистанаш беҳтар. Раисбобо маро бубахш ки хоҷагиро дар чунин вазъияти ногувор монда рафтаниам. Наравам ё дилам мекафад, ё девона мешавам.

Мактуб аз шавҳараш бошад ҳам, ҳусни хат аз ӯ набуд. Ин ҷиҳат Зеборо сахт ба ташвиш оварда буд.

— Рафтанат шарт, духтарам, — ба ҷойи раис ҷавоб дод занаш.

— Ҳамроҳ наёбӣ, худам меравам.

— Бо кӣ меравӣ? — пурсид раис.

— Намедонам!

— Мӯйсафеди Халифа чӣ?

— Ӯ пир аст ва роҳ мушкил, — ба ҷойи Зебо рад кард соҳиби хона.

— Зафари бачаи Сафар чӣ?

— Не, —зуд рад кард Зебо.

Раис ва занаш пурмаъно ба якдигар нигаристанд. Бадрашкии Саид ва модараш ба ҳама маълум буд.

— Агар Нозӣ метавонист...

— Нозӣ гапи дигар, — зан ва шавҳар баробар ризо шуданд.

— Саид туро бинад, пеш-пешат арғуштравон то Сабзбаҳор медавад. Асп ва аробаи маро гир, духтарам.

— Аспро не ку, аробаро мегирам, — хурсанд шуд Зебо, — Бе Мушк ба сафари дароз рафтан мушкил аст. Саид аспашро бинад шифо меёбад.

— Сафарат бехатар! — раис падарвор аз пешонаи Зебо бӯсид.

Зани раис бӯғчаеро ба дасти роҳакӣ дода, оҳиста дар гӯшаш гуфт: — Холат садқат, дараки бачаҳои моро ҳам ёб. Наход Саиди ҷон ба Ватан танҳо баргашта бошад?

Зебо Нишонаро надида, рафта наметавонист. Онҳо дар остонаи дарвозаи масҷид сӯҳбат мекарданд. Бачаҳо аз лой кулча сохта, ба хонаи якдигар «меҳмон» мешуданд, духтарчае нони лоияшро газид ва онро бемазза ёфта, домани гиряро сар дод. Дар ин бозии пурорзуи тифлони гурусна ҳақиқати зиндагӣ фиғон

мекард. Ташна обро хоб бинад, гушна нонро. Бачаҳо ҳаваси ширро бо моҳтоб мешикастанд. Лола роҳи дур рафтани модарашро тифлона ҳис карда, гардани ӯро сар намедод. Алам низ, ба духтарча пайравӣ карда, худро ба оғӯши холааш зад. Кӯдакон бо умед ба бӯғчаи раиси ҷамоат менигаристанд. Духтарчае кунҷковона онро кушода диданӣ шуд.

— Ин ҷо биёед, — кӯдаконро сӯяш хонд Зебо. Бачаҳо гирди ӯро ҳалқавор печонданд, ӯ дар ҳалқаи кӯдакон ба дарахти пургул монанд шуд. Зебо тӯшаи зани раис додаро назди бачаҳо паҳн кард.

***

Нозӣ гӯё даъвати Зеборо умре интизор бошад, бепурсуҷӯ табари дасташро болои кундаҳо партофта, ба хона даромад.

Зебо ба деворҳои гулбаст, аммо ҷо-ҷо рӯшидаи хона нигариста, беихтиёр меандешид: «Зан хоҳ паҳлавон бошад, хоҳ дунёгир зан аст. Кори мардона аз дасташ намеояд».

Нозӣ либоси сафар дар бар, бӯғча дар даст берун шуд.

— Ҳозир, Зеби ҷон чӯҷаҳома ёбам, меравам. — Нозӣ меҳмони саросемаро ором карда, паси девор гузашт. — Фотима, Зӯҳро! — шунида шуд овози модар.

Духтарчаҳои пахмоқмӯ ки аз сардии ҳавою тафси бозӣ мисли олуболу сурх буданд, ҳозир шуданд. Ҳар ду баробар чиррос мезаданд. Арзашонро фаҳмидан мушкил буд:

— Бас, бас, фаҳмидам, — ором мекард духтарчаҳояшро модар.

— Дилорома ҷанг кун, очаҷон. Мегӯяд ки мо падар надорем!

— Номаъқул карда аст, бепадар чӣ гуна таваллуд мешудед, — гуфт Нозӣ духтарчаашро бӯсида.

Овози зан меларзид ва гиря олуд буд. Ҳарчанд худаш зўракӣ механдид.

Зебо тавре вонамуд кард ки чизеро нашунида аст.

— Бобом кай меяд, очаҷон? — пурсид Фотима.

— Бобом куҷост, очаҷон? — пурсид Зўҳро.

— Боботон, гуфтам, ку мисли ҳама бобоҳо дар ҷанг аст, чанд бор гўям! Ҷанг тамом шавад, як халта қанд дар китф меояд. Ана қандхўрӣ мешавад. — Занак зўракӣ даҳон маза кард.

— Қанд набиёрад, худаш биёяд!

— Гў ҳамин рўз биёяд!

— Баргардем, ҳашар карда деворҳоятро андова мекунем,— гуфт Зебо ки омодаи рафтан буд. — Рафтем, рафтем. — соҳиби хонаро саросема кард ў.

— Насиб бошад, — гуфт Нозӣ ки рост истода кокулчаҳои пахмоқи духтарчаҳояшро мебофт ва ҳамчун ба онҳо дастур медод:

— Аз гапи бибиҷон набароед! Беҳуда даводав ва шўр ва мағал накунед. Аз Сталинобод бароятон як дунё тўҳфа меорам.

— Тўҳфа набиёр, дадома биёр, — гуфтанд баробар ҳарду!

— Нозӣ, зудтар рафтем ки ҷигарам мерезад. — Зебо дасти Фотима ва Зўҳроро гирифта, пеш даромад. Духтарчаҳо дар ду зонуи раисхолаашон нишаста, сўйи бачаҳои кунҷков ки гирди аробаро печонда буданд, ғолибона менигаристанд. То дарвозаи бибияшон расидан шодии духтарчаҳо тамом шуд.

Нурия ки сари кўча сафаракиҳоро интизор буд, Нозиро паҳлўи духтараш дида, хурсанд шуд. Ў медонист ки дар роҳ ду чиз муҳим аст: тўшаи кирой ва ҳамсафари боэътимод. Нозӣ ҳамсафари бебаҳо буд. Лабони дуогўи модар ҷунбиданд. Лола низ ҳамроҳи бибияш даст ба рўй кашид. Ў чашмони оҳумонандашро

аз модар ки аз дидораш асло серӣ надошт, намеканд. Духтарча ин бор ҳам ба домани модараш часпида, фиғон накард. Рӯзгори нооромӣ модар, ҷанҷол ва хархашаҳои бибиҳояш, кӯдакро барвақт рамузфаҳм карда буд.

— Ҷомаҳотона накашед, шамоли раҳ ганда аст. — Насиҳати модар хандаовар буд, аммо касе майли хандидан надошт.

Модар тӯшаро ба дасти духтараш дод. Духтар дасти модарашро бӯсид.

— Чӯҳ, аз сумот гардам Мушк, чӯҳ! — Нозӣ аспро таърифкунон ба роҳ даровард.

— Мушк пир шуда аст, афсӯс, — гуфт Нозӣ.

— Пир ҳам бошад, маро ба манзил мерасонад, — молашро таъриф кард молдор ва баъд илова кард, — Халифабобо ғами Мушкро хӯрда, як ҷувол каҳи саракдор ба ароба партофта аст.

Зебо метарсид ки ҳамсафараш ба баҳонае аз роҳи Ағба ба қафо нагардад.

— Пиёда ё савора ҳатман назди Саиди ҷон мерасем, парво накун, — ӯро тасалло дод Нозӣ.

— Чӯҳ, шери нар, тақдири ду занак дар пуштат бор аст, аз роҳ намон, сустӣ накун, чӯҳ!

Асп гӯё суханони ӯро фаҳмида бошад, майдаҳамвор чақон шуд.

— Ист, ист! — гуфт нохост Зебо.

Дар пардаи ғубор касе аз паяшон попеч Давида, беист даст меафшонд. Нозӣ лаҷоми аспро кашид.

— Нишона! — ояндаро шинохт Зебо. — Бо Нишона хайрбод нагуфта будӣ? — пурсид Нозӣ ки аз роҳ мондан намехост.

Духтар ки акнун ба ароба наздик шуда буд, зуд-зуд нафас гирифта, табассумкунон сар меҷунбонд.

— Беҳуда давидӣ, — сар ҷунбонд Зебо.

— Беҳуда не, туро бори дигар дидам, — ишорат кард духтар.

— Ду рӯз мӯҳлат! — бӯғчаашро ба ароба монда, ангуштонашро бардошт Нишона.

— Ду рӯзи дигар илова кун, — зорӣ кард Нозӣ. Духтар ба инкор сар ҷунбонд.

— Ӯ як гап дорад, — хандид Зебо дугонаашро бӯсида. То аз назар ғоиб шудани ароба рӯймоли духтар аз пасашон байрақвор алвонҷ мехӯрд.

— Насибаи кадом хушбахт бошад? — ҳамсафарашро санҷиданӣ шуд Нозӣ.

— Насибаи мо, — рӯйи дил мушти соҳибӣ зада ҷавоб дод Зебо.

— Ишқ афсона аст, зиндагӣ ҳақиқат, гуфт Нозӣ.

— Ишқи онҳо ҳақиқат аст, — гуфт Зебо.

— Кошкӣ, кошкӣ, — оҳ кашид ҳамсафараш. — Ман ва худат аз ин ҳақиқат чӣ дидем?

— Аз ишқ нагӯ ки талхакаф мешавам, — Нозӣ аспи бечораро сахт қамчин зад.

— Ҳой, оҳиста. Гуноҳи Мушк чист?

— Маро бубахш ҷонвар, ёли аспро навозиш кард Нозӣ.

— Агар гӯям ки туро ман не ишқ сӯйи Сталинобод мебарад, қасам нахӯр, рад накун, дугона! Ту ба ҷустуҷӯи Амон меравӣ, Нозӣ!

Зебо ҷони гапро гуфт.

— Зеби ҷон, ту ҳунари пешгӯйӣ дорӣ! Ӯро меёбам? — Намедонам, — ҷавоб дод Зебо. — Вақте ӯро пайдо мекунӣ мехоҳам ҳамроҳат бошам, ними ришашро канда, ба дасташ диҳам. Чанд ҳақорати сабзбаҳорӣ ба зоту бунёдаш мефиристодам ки дар гӯр рост шаванд.

— Ин хел бераҳм набудӣ-ку, Зеби ҷон? «Чӣ хел дилат шуд?» — овози Нозӣ оҳанги озор дошт.

— Ман ҳамин хел бераҳмам, — овоз баланд кард ҳамроҳаш.

— Насиби дидор бошад, шодимарг мешавам. Намурда ва мадор ёбам, сари сахтама ба китфи соҳибдаракам мемонам ва хобам мебарад. Асло бедор нашавам гила надорам.

— Ғурурата Худо гирифта аст гӯй?

— Дар сари ғурурам оташак! Ягон бандаи Худо аз ғурур мисли ман озор надида аст. Ӯро ёбам, мегӯям. Амони ҷон, ба хонаат, назди чӯҷаҳоят баргард. Аз тути бедонаи ҳавлӣ, то «Қабри шайтон» ҳама туро ёд кардаем. Писаронатро бе ту эҳтиёт карда натавонистам. Духтаронат парронҷак шуда анд. Муллое ки фатвои ҷудоии моро дода буд, гӯраш сӯхта хокистар шуд.

Зебо ба ҳамроҳаш ки пуштгардон менишаст, бо даҳшат нигариста пурсид:

— Қабри муллоро ту оташ задӣ?

— Ман не, оромона ҷавоб дод занак, — ман не, барқи дили ман аз осмон ба қабр афтод.

Муддате хомӯш шуданд.

— Хабар дорӣ, чаро Амони ман тарки хона ва дар кард? — пурсид Нозӣ баъди хомӯшии тӯлонӣ. Зебо ки хаёлан сӯйи шаҳри бегона ва Саиди захмин парвоз мекард, нимғурма гуфт:

— Ҳар кас ҳар чӣ мегӯяд.

— Сабаби гурехтани Амонро худам медонам ва Худо, — оҳ кашид зан. «Одамро шинохтан хоҳӣ, бо ӯ сафар бикун». Роҳ дароз буд ва дили Нозӣ пури зардоби алам...

***

Сабзбаҳориён ки ҳатто ба моҳи осмон лақаб мегузоранд, беҳуда ба номи шоиронаи Нозӣ Полвонро илова накарда анд.

Духтар якбора чунон қад баланд ва қавӣ пайкар шуд ки аввал падар ва модар, сипас ҳамдеҳаҳо ба ташвиш афтоданд. Ҳамин тавр қад кашад, Салим бояд боми хонаашро канда аз нав пӯшонад», — мегуфтанд. Камол ёфта, дер гоҳ ҳамқадашро пайдо карда натавонист. Барои деҳотидухтар дар бистсолагӣ шавҳар наёфтан, айби кам нест. Мардум Нозиро айб намекарданд, зеро ошиқ ва шефта ҳои духтар бисёр буданд. Шефтагӣ дигар буд ва зиндагӣ дигар. Ҳамдеҳаҳо зарби ғазаби ин духтари табиатан ором ва меҳрубонро дида буданд. Ӯ ба нописандӣ ва беҳурматӣ созиш намекард. Дар бораащ қиссаҳо мегуфтанд. Мегуфтанд, ҷавонро ки нописандона сӯяш нигариста аст, аз зин ба замин афтонда аст. Мегуфтанд ки дасти кадомеро бо шӯхӣ тоб дода, шикаста аст. Боре шарт карда бо ҷавоне гӯштин гирифт. Назди ҳама ҷавонро ба тахтапушт афтонд ва аз модараш калтак хӯрд. Ӯ дигар ихтиёри қувваташро намоиш намедод. Лақаби Полвонро баъд соҳиб шуд. Ба қавли Марзия «то пирдухтар шуданаш як шаб ва як рӯз монда буд» ки дасти қисмат дарашро кӯфт. Духтар дар остона онеро дид ки умре мекофташ. Ҷавон ҳарчанд болобаланд буд, қадаш то китфи арӯс мерасид ва халос. Духтар ба ҷавон нигариста, ҳайрон буд, чи тур ҳамин қадар сол ӯро надида аст. Духтари меҳрубон ва меҳнатӣ бо ҷавони ором табиат ва хушкор чунон зиндагӣ оростанд ки дарозӣ ва кӯтоҳии қадашон ба ёди касе намеомад. Гоҳе дарахтони баланд ва пастро бинанд, ба Нозӣ ва Амон монанд мекарданд. Албатта, дар ғоибашон. Пайи ҳам соҳиби ду ҷуфт дугоник шуданд. Дар муҳаббат ва аҳлӣ ва тифоқӣ намунаи ибрат буданд. То он тӯе ки барои ин хонавода азо шуд… Солҳои пеш сабзбаҳориён ҳосилро ғундошта, анборҳоро деворкаф мекарданд ва аз пайи сарф ва харҷ мешуданд. Маъракаҳои дабдабанок ороста, якдигарро ҳайрон кардан мехостанд. Соҳиб тӯе барои нишон додани савлаташ паҳлавонҳои худӣ ва

бегонаро ҷамъ кард. Сабзбаҳориён ки ғайри худ касеро дӯст намедоштанд, паҳлавонҳои бегонаро аслан барои шӯҳратнамоӣ даъват мекарданд. Ҳама дав ва ғеҷ ва харҷ ва хароҷоташон барои нишон додани савлати худ ва зӯр ва тавони паҳлавонони таҳҷоӣ буд. Дар он маърака паҳлавоне пушти паҳлавонҳои деҳаро хокбӯс карда, ба оташи ғурурашон яхоб рехт. Занон ва мардон ки дар чунин рӯзҳо якдил ва якният мешуданд, шармандагии худ ва паҳлавонҳоро шоҳид гаштанд. Мардҳо дигар ғолибона сӯйи бомгӯшаҳо ки занон ва духтарони тамошогар менишастанд, наменигаристанд. Паҳлавон барзагови тӯйдорро низ соҳиб шуда, довталабона дар майдони холӣ арғушт мерафт. Рӯҳи тӯйдор коҳида бошад ҳам, савлаташ зинда буд. Чун аспи самандашро ба гарав гузошт, даҳони мардум воз монд. Ба гарав мондани гӯсфанд ва говро ёд доштанд, аммо аспро касе ёд надошт. Мардҳо самандро хаёлан дар мехи ҳавлӣ дида, ба худ қувваи илоҳӣ орзу мекарданд, Орзуи занонро асло напурсед. Паҳлавононро сахои тӯйдор бол ва пар бахшид, аммо ҳампарвоз надошт. Довар танаффус эълон кард. Мардум сархам гӯштиҷоро муваққатан тарк карданд. Соҳибдеҳагони онҳо ба якдигар майли гуфтугӯ ва чашми нигоҳ надоштанд. Ҷанги номӯс гулӯяшонро мефушурд. Амон ба хонаашон димоғсӯхта баргашт. Нозӣ мепухт. Мардак чапотии сӯзонро дар об тар карда мехӯрд ва ба саволҳои занаш ҷавоб намедод.

— Наход одам аз тӯй ҳамин хел бедимоғ баргардад? — таҳқобӣ кард зан.

— Зот ва бунёдамон шарманда шуд, — оҳ кашид мардак.

— Чӣ гап шуд? Зуд гап зан, аз тарс ширам мепарад, — исрор кард Нозӣ ки асло шӯяшро чунин дилмурда надида буд.

Мард қиссаи болодастии паҳлавони бегона ва мағлубияти сабзбаҳориёнро ҳикоя кард:

— Сафополвон ҳам афтонд? — пурсид Нозӣ.

— Эҳа, дар як дам! — ҷавоб дод Амон.

— Як бегона сартови ҳамаатонро гардон кунад ва оҳ кашида шинед. Айб ва шарма намедонед. Риш ва бурутатонро тарошед, — таъна зад Нозӣ шаҳварашро ба ҷойи ҳама.

— Худат бо паҳлавон гӯштӣ намегирӣ? — ғазаб кард Амон.

— Ба саратон рӯймол бандед, ман ба майдон медароям, — нонро ба танӯр часпонда гуфт занак.

— Мо сарбанди занона бастагӣ ҳисоб, — гуфт шавҳар. Кошкӣ Амон ҳамон вақт ҳамин гапро намегуфт. Мардаки ғазабкарда он вақт ба чашми занаш менигарист, аҷаб не аз гуфтанаш пушаймон мешуд. Амон як коса об нӯшида сӯйи гӯштиҷо давид. Нозӣ дарк кард ки алҳол мардони Сабзбаҳор чашмаи деҳаро нӯшанд тафси дилашон паст намешавад. Кадбону ба танӯр нон часпонда, алавро рӯ кард. Қувваи ноаёне номӯси оташинаш ӯро сӯйи гӯштиҷо мекашид. Сари гаҳвораи тифлонаш нон гузошт ва ҷома ва шими пахтагии шавҳарашро пӯшид. Чилбурро ба миён баста, кокулонашро таги телпак баст. Саросема мӯкиҳояшро пӯшид ва аз дар баромад. Паҳлавони навбаромадро ки ба масхарабоз монанд буд, мардум, бо ҳаёҳуй пешвоз гирифтанд. Танҳо садои марде набаромад. Ӯ дар ҷояш санг шуда буд. Амон базӯр аз ҷой хест, сархам ва ноаён пойҳои беҳолашро сӯйи хонааш кашола кард. Гӯштиҷо занбӯрхонаро мемонд.

— Гум шав хӯса, — садо кард касе. Фарёд ва мағали мардум баландтар шуд.

— Дара задем девор кафид, — хандид довар сӯйи паҳлавон нигариста.

Паҳлавон гум шуданӣ набуд. Табъи соҳибтӯй хира гашт. «Ин хӯса аз куҷо пайдо шуд? Ӯро албатта паҳлавон афтонад соҳиби саманд мешавад!» Довар паҳлавононро масхаракунон ба майдон даъват кард:

— Ку, шери нар, ку Рустами дастон — марҳамат! Паҳлавони бахтхандида сӯйи довталаби наврасида ки мисли пашша бо думи фил майли бозӣ дошт, беэътиборона даст дароз кард. Ва якбора ҷанг андохта, рақиби беэътиборашро мисли дарахти сарв хам кард. Садои ҳуштак ва дод ва фарёд баланд шуд. Довталаби кӯтоҳқома гӯё аз рақибаш ҳазар мекарда бошад, майли гурехтан дошт, дар асл ҷойи ҷонашро мекофт. Оқибат пайт кофта ба буҷулаки пойи рақибаш чунон фуровард ки пойҳои ӯ суст шуданд. Имкон пайдо карда ба пойи рагкашидаи рақибаш ҳалук андохт. Паҳлавон ба замин хам хӯрд. Довталаб дигар ба рақибаш имкони ҷунбидан надод. Паҳлавони номдор ки аввал довталабашро писанд накарда буд, ба таҳлука афтод. Ӯ чи гуна сари зону афтоданашро нафаҳмид. Паҳлавони навбаромад, аҷабо худро болои рақибаш напартофт, балки пушти ӯро ба замин зер кард ва худаш рост шуд.

— Ҷойи ҳафтод ва ҳафт пуштат ҷаннат шавад! —довар вазифаашро фаромӯш карда, паҳлавонро шерак кард. — Гир, сахттар гир!

— Ҳа, бигир! Ҳа, бизан ӯро! — фарёд мекарданд мардум ба по хеста. Паҳлавон ки шонааш пурра заминро надида буд, ҳанӯз муқобилият мекард, оқибат ба замин часпида ором шуд. Мардум сӯйи гӯштиҷо давиданд.

Нозӣ дар майдон арғушти ғолибият нарафт, балки ба он ҷое ки Амон нишаста буд, гунаҳкорона нигариста, шавҳарашро надид ва шаҳди ғалаба ба заҳри пушаймонӣ табдил ёфт. Ӯ майли гурехтан кард. Мардум ӯро ҳалқавор печонданд. Ҳамин вақт телпак аз сараш афтод. Рӯ ба рӯйи сабзбаҳориён шармида ва

сурхшуда Нозӣ меистод. Мардум намедонист аз ин ғалабаи мушкил хурсанд шавад ё баръакс. Нозӣ ба паҳлавон ки зан будани рақибашро фаҳмонда ба мурдан расида буд, узромез нигариста сӯйи хонааш давид. Телпаки шавҳараш дар гӯштиҷо чун гурбаи мурда болои барф мехобид. Кадбону аз дур бӯйи нони сухтаро шунида, чақонтар шуд. Дар остона Амонро дучор омад. Мардак нони сӯхта дар оташгирак аз назди зани ғолиб ки шири синааш гиребонашро тар карда буд, гузашта рафт. Занак бо даҳшат дарк кард ки шавҳараш ӯро ҳаргиз намебахшад.

Паҳлавони шарманда ҳадяҳояшро партофта, деҳаро тарк кард. Дар якка мехи Нозӣ аспи саманд пайдо шуд ва бахт ва саодати ин хонаро гӯё зери сум кард.

Амон бегонавор ба дав ва ғеҷи занаш нигариста, гӯё андешаҳои талх ва шӯрашро дар ёл ва думи аспи саманд баста бошанд, аз берун аз аспи ҷавмаст чашм намеканд. Нозӣ дигар тоқати хомӯшӣ надошт:

— Орзуи аспи саманд доштӣ, муборак!

— Мардак, кунда кафон, фатир мекунам!

— Хобӣ ё бедор? Гир, бачаҳота, гӯсола говро макид.

Амон намеҷунбид.

— Мулло Сомиро ҷеғ занам, манаҳата бандад? — боре ғазаб кард занаки ба ҷон расида.

Амон ба шонаи занаш ки ба таги сандалӣ алав мерехт мушти сангине фаровард. Алав рехт, чанги хокистар рӯ ва мӯйи Нозиро пӯшид:

— Астағфируллоҳ — худро даст гирифт занак, то ҷавоби мушти бегуноҳиро нагардонад. Ӯ тарбияи деҳа ва волидони худотарсро гирифта буд ва медонист ки на танҳо ба сари шавҳар даст бардоштан, балки ба чашмаш нигоҳ кардан гуноҳ аст. Назди шавҳар гунаҳкор буданашро ҳамеша дар ёд дошт. Зан бари

рӯяшро дошта, берун баромад. Чашмаш ба аспи саманд афтод ки дар ин хона осоиш ва бахтро поймол карда буд. Ӯ аспи бехосиятро, худашро соҳиби маърака ва паҳлавони бегонаро, ҳамаро бад дид.

Оне ки умре орзуи чунин аспро дошт, чун соҳиб шуд, аз ҷонвар мисли дев ҳазар дошт.

Бегуноҳи гунаҳкор будан ба дили занак зад ки овози эътирозашро баланд мекардагӣ шуд. Гапаш бо шӯяш гурезад, аспро хор ва мол мекард. Ҳар гоҳ аспро зин ва афзор карда, ҳамроҳи кӯдаконаш сӯйи хонаи модараш ки он тарафи деҳа воқеъ аст, роҳ мегирифт, мардум медонистанд ки сутуни осоиши ин хонадон ҷунбида аст.

Гоҳе Амон воқеаро фаромӯш карда, нисбат ба бачаҳояш меҳрубон мешуд. Зан гирён ва нолон, афв пурсида зорӣ мекард:

— Мардак, аспро ба соҳибаш бурда супорам?

— Худат ҳам ҳамроҳи аспат гум шав, — мегуфт мардак хунсардона.

Занаш пазмони меҳрубонӣ худро ба шавҳараш ҷафс мекард.

— Фу! Гум шав, аз ту бӯйи мардаки бегона меояд... Амон боз дамдузд ва қаҳрӣ мешуд.

— Мардак, маро зан, ҳақорат деҳ, аммо хомӯш наист ки мекафам, — зорӣ мекард, аз бегонагии шавҳари меҳрубонаш рамида.

Амон баъди он воқеа хонашин шуд. Аз ҳамдеҳаҳо мегурехт. Дар чашми мардум ба назараш оташаки истеҳзо медурахшид. Дар деҳа ду Амон буд. Яке ҷавон, дигаре пир. Баъди он воқеа пираш Амон монд ва ҷавонашро ном шӯйи Полвон шуд.

Нозӣ бори савум низ дугоник зоида бибихалифаи мутлақ гашт. Дугоники сеюм мушкили шавҳарро осон кард. Аммо на танҳо занашро «бо равшан шудани чашмаш» муборакбодӣ накард, балки рӯйи

тифлонашро надид. Мисли мусофир дар меҳмонхонаи масҷид шабро рӯз карда, субҳ ғайб зад. Баъди чил рӯз муллои деҳа ҳамроҳи ду шоҳид омада арзи мардаки гурезаро ба зани ғамбемор расонд. «Нозӣ бинти Тоҳир, арзи падари фарзандонат — Амон ибни Садодро бишнав. Ҳамроҳи ту, халифабибии бузургвор ки мисли Фотимаи Зӯҳрои духтари ҳазрати Муҳаммад пайғамбар се бор соҳиби дугоник шудаӣ, зистани бандаи осӣ Амон Садод минбаъд гуноҳи азим аст. Салавот бар Муҳаммад!»

Зани бечора (ҳарчанд чунин ҳукмро интизор буд) онро аз забони муллои деҳа шунида, чашмонашро сиёҳӣ гирифт.

«Ваколатдорам ба ту бандаи Худо маълум кунам ки минбаъд нафсатро кушта бо тоат ва ибодат умр ба сар бубар. Минбаъд шавҳар карданатро шариат манъ мекунад. Туро ба амони Худо месупорем. Аллоҳ ва акбар!»

Дилаш аз олам ва одам монд. Шираш, гурехт. Шабҳои дарози зимистон аз чашми равзан ба осмон ки гӯё ҳокими ҳокимҳо он ҷост ва чизе бихоҳад ба бандаҳояш раво мебинад, менигарист. Онеро меҷуст ки бахт ва саодати додаашро гирифта, бегуноҳ ба чунин рӯзи сиёҳ гирифтор карда аст. Дар осмон низ ҷуз Амони бераҳм касеро намедид. Ӯ шавҳарашро, ҷогаҳи гармашро, меҳрубониҳояшро ёд карда буд. Занак аз мулло домангир шуд. Ҳангоми аз назди масҷид гузаштан дигар зери лаб ибодат намекард.

Нозӣ бистарӣ шуд. Писаронаш аз бетарбиятӣ мурданд. Бало асло танҳо намеояд. Ду писари дигарашро дарди гул бурд. Ӯ бо Фотима ва Зӯҳрояш танҳо монд. Гумон дошт ки бадбахтии ба сараш омада, соҳиби хонаро бармегардонад, аммо аз ӯ дарак набуд. Боре як ҳамдеҳааш хабар овард ки дар Сталинобод, дар бозори Шоҳмансур Амонро дида аст, аммо мардак худро ношинос вонамуда гузашта рафта аст.

Нозӣ шавҳарашро интизор буд, ӯро пинҳон ва рӯшод меҷуст. Ҷанг сар шуд ва занак ба саволи духтарҳояш ҷавоб ёфт:

— Ҳамин ки падаратон аз ҷанг баргашт, хонаи нав месозем!

— Барои чӣ аз бобомон хати сегӯша намегирем? — мепурсиданд.

— Айби Латифи хаткашон. Дар халтааш барои хати мо ҷо нест. — Духтарчаҳо аз Латифи хаткашон домангир ҳамроҳи модар хати сегӯшаро интизор буданд.

Аммо хат ва хабари соҳиби хона намеомад. Духтарчаҳо ба ҷогаҳ даромада пинҳонӣ аз якдигар, аз қувваҳои барои ақл ва хоҳишашон номаълум амнияти падар ва хати сегӯшаи ӯро металабиданд. Чунин буд қиссаи Амони гуреза ки Нозии умедвор ҳамроҳи Зебо ба ҷустуҷӯяш мерафт.

— Гуфтам-ку сабаби хонаашро тарк кардани мардакамро худам медонам ва худаш ва Худо. Назди мардум ба оғӯши мардаки бегона даромаданамро набахшид, оҳ кашид Нозӣ, қиссаи зиндагии бесомонашро ки Зебо хуб медонист, варақ зада.

— Худи ҳамон рӯз гуфт ки ман шариатан талоқ шуда ам. Худат гӯй, мардакро оғӯш намекардам, чӣ гуна меафтод? Як чизро ба ту мегӯям Зеби ҷон, асло ба соят нагӯй. Мардаки бечора ба назарам аз аввал зан будани маро фаҳмид ки зуд суст шуд. Кадом мардак занакро оғӯш карда, дар по истода метавонад?

Зебо табассум кард.

— Мардак мисли асп аст, кина мегирад. Дили Амон мисли ях аз ман хунук шуд. Шояд моро партофтанӣ набуд, гапи мардум кора кард. Сабзбаҳориён маро хонавайрон карданд.

*Ёрон, ёрон, шумо аҷаб ёронед,*
*Ёр мебурава, чаро намегардонед?*

— Нозӣ оҳ кашид. Шавҳарам рафт, нагардонданаш!

— Аз ҳама домангир шуданат, беинсофист, — гуфт Зебо.

— Як деҳа як одам аст ва як одам як деҳа, — эътироз кард зани аламдор.

Роҳ ноҳамвор буд. Аробаи фарсуда албонҷ хӯрда ва садои ҳузновар бароварда, пеш мерафт. То деҳаи Сӣчароғ расида барои об ва коҳ додани асп таваққуф карданд. Зери бедзори шаршара бӯғчаашонро кушоданд. Нозӣ ҳадаҳа чанд дона чормағзро байни ангуштонаш фушурда шикаст:

— Чаро дастатро азоб медиҳӣ? Чӣ бисёр, санг, — хандид Зебо.

— Одат кардам, бояд ҳама корро бо дасти худам бикунам. Ҷонам садқаи дастонам! — Нозӣ кафи дасташро бӯсид. — Бе ин дастон хор ва зор мешудам. Гоҳе гумон мекунам ки дар танам қувваи се-чор мард ҷойгир аст. Дастонам хориш кунанд, муштамро ба девор мезанам!

— Хайрият девор ҳаст! — хандид Зебо нони зағирро пора карда.

Нонро ба оби хунук тар карда, мехӯрданд ва кунҷковона ба гирд ва атроф, ба деворҳои похсагӣ ва арарҳои баланди деҳаи ношинос менигаристанд. Зебо ҳангоми аз ароба баромадан поёни шаршара занеро дида буд ки дар даст кӯдаки парпеч дошт. Онҳо дам гирифтанд, даст ва рӯй шуста рафтанӣ шуданд. Занак мисли пештара аз ҷой намеҷунбид.

— Нозӣ, нигоҳ кун, занаки таги садаро дидӣ? Зинда бошад? Намеҷунбад, на сарашро мебардорад.

Нозӣ назди зан расида ба китфаш даст расонд. Занро хобӣ ва бедорияш маълум набуд. Ӯ занакро сахт ҷунбонд. Гӯё кӯдакашро касе мерабуда бошад, зан бачаашро ба дилаш зер карда беҳолона сар бардошт.

Занҳои ношиносро тори сар дида, беҳол ба онҳо чашм дӯхт.

— Ассалом ва алейкум, хоҳари қиёматӣ, — гуфт Нозӣ. Занак ҷавоб надод.

— Кучо меравӣ? — пурсид Зебо.

— Ба қабристон, — ҷунбиданд лабонаш. Занҳо ҳайрон ба якдигар нигаристанд.

— Киро интизорӣ? — пурсид Нозӣ.

— Худои таолоро, — ҷавоб дод занаку, боз беҳол чашмашро пӯшид.

— Тутпӯс* биёр Нозӣ, — гуфт Зебо. Худаш дар каф аз ҷӯй об овард.

Зан орди тутро беҳолона лесида, ҳамчунон берӯҳ ба нуқтае чашм дӯхт.

— Кӯдакро ба ман те, хоҳар — гуфт Нозӣ ки дилаш ба ҳоли зани ношинос мисли кабоб месӯхт. Занак сар ҷунбонда чизе гуфт, аммо гапашро фаҳмида натавонистанд. Нозӣ бо дастони ларзон кӯдакро аз бағали модар гирифт.

— Оҳ Зеби ҷон, кӯдак мурда аст, — овози Нозӣ ларзид.

— Ӯро гӯрондан даркор — солорона гуфт Зебо ки омодаи гӯркобӣ ва гӯрондани тифли бегона набуд.

Бадбахтии зани ношинос ба кучо сафар карданӣ занҳоро даме аз ёдашон баровард. Дар пуштаи назарнамо ходаҳои латтабастаи қабристони валангор менамуданд. Нозӣ кӯдак дар даст занакро сӯйи пушта кашид.

— Бечора чизе мегӯяд ва ман намефаҳмам, — нафасгир гуфт Нозӣ дар ҷояш истода.

— Бача амро эҳтиёт кун, дард наёбад, мегӯяд... — ба лабони занак синча карда гуфт Зебо.

---

* Тутпӯст – орди аз мавизи тут тайёр карда

— Эҳ хоҳари ҷон, — Нозӣ дигар чизе гуфта натавонист.

Чашмони ҳар ду сӯхтанд. Онҳо ҷасади кӯдакро болои гӯри кӯҳнае гузоштанд. Модари бадбахт паҳлӯи ҷасади тифлаш ғелида, онро бо панҷаҳои беҷонаш мепалмосид ва чизе мегуфт. Қабристони валангор, гӯрҳои нав ва кӯҳна дили занҳоро ба дард оварда буд. Онҳо бо нигоҳ қабрҷое барои кӯдак интихоб карданд.

— Қабрро бо чӣ меканем? — пурсид Нозӣ.

— Дар ароба теша ҳаст, — гуфт Зебо ки бо панҷаҳояш хас ва хошоки қабрҷоро саросема мерӯфт.

Нозӣ сӯйи ароба давид. Мушк пинак мерафт. «Ҳама хаста анд: инсон, ҳайвон, замин ва замон, ҳама, — гузашт аз дили зан ки тешаро мекофт. — Дунё хаста шуда аст, ҳама амон аз хастагӣ мемурем!»

Қисмати зани ношинос ва бесоҳиб рӯзгори худашро ёдрасаш кард. Бори нахуст, дур аз Сабзбаҳор, худро чунон хаста ва ноумед ёфт ки пойҳояш бе ҷон шуданд. Дилаш ба ҳоли худаш сӯхт. Магар ӯ чор писарашро ҳамчунин ба гӯристон набурда буд. Он гоҳ дар паҳлӯяш ёр ва дӯстон буданд, аммо зиндаятимонашро мардони бегона ба хок супурданд. Нозӣ мегирист ва чашмонаш хушк буданд. Вақте теша дар даст аз теппаи мазор боло мешуд, офтоб сӯйи ғуруб рахт баста, охирин нури эҳсонашро ба замини хорузор нисор мекард.

Зебо гӯр меканд, Нозӣ хокро панҷакаш мекард. Оқибат ба қадри тағорае гӯр кофтанд. Нохост модари нимҷон дармон пайдо кард. Дар чеҳрааш табассуми меҳролуде дамид. Сар бардошт ва ҷасади фарзандашро ба синаи хушкаш зер кард. Бо тифлаш ба гуфтугӯ пардохт. Суханонаш нофаҳмо буданд. Занҳо дар сари модар рост меистоданд. Офтоб гӯё ин манзараи ҳузноварро тарк карданӣ шуда, таги абр даромад. Атрофро пардаи кабудранг пӯшида ба мусофирон роҳи

дароз ва мушкилашонро ёдрас кард. Нозӣ кӯдакро аз дасти модар канда гирифт ва ба сағонаи хокӣ гузошт. Ҷисми кӯдак дар хок гӯё қад кашид:

— Ууу — фиғон кард Нозӣ.

— Бас, бас, ин ҷо Сабзбаҳор нест, худатро даст гир, — ҳамроҳашро ором карданӣ шуд Зебо ки оби дида рухсораҳояшро мешуст.

— Уболат дар гардани қотилон, — ба рӯйи ҷасад хок кашида гуфт Нозии гирён.

Модар намегирист.

— Бандаҳои Худо, маро ҳам гӯронед, — ҷунбиданд лабони модар.

Зебо занро такон дода гуфт:

— Мо бояд зиндагӣ кунем, хоҳар!

Села-села лошахӯрон болои гӯристон чарх мезаданд.

Нозӣ тахтасангеро аз гӯри кӯҳнае гирифта, болои гӯри кӯдак гузошт.

— То рӯзи охират, ҷигари сӯхтаи оча, — ҷунбиданд лабони хушки модар.

Нозӣ занро ки пойҳояш заминрӯб буданд, пушт карда поён фаровард. Занро сари роҳ дар такяи сайре шинонданд. Офтоб ғуруб мекард. Ароба ба роҳ даромад. Зебо қафо гашта ба зан ки аз дур санги бечонро мемонд, нигоҳи хайрбодӣ дӯхта гуфт:

— Тақдираш хандад ва ягон кас ӯро ба хонааш барад.

— Ҳайфи одамизод! — гуфт Нозӣ ки гӯри хурдакаки сангпӯш аз назараш дур намешуд.

— Ҳайфи замин ва замон! — оҳ кашид Зебо. Пардаи торикӣ ба китфи қуллаҳо афтода буд. Ҳамсафарон Мушкро саросема мекарданд.

— Имшаб сари ғарибамонро дар куҷо паноҳ мекунем? — пурсид Нозӣ. Зебо ҷавоб надод.

Вақте ба Оби Гарм расиданд, танҳо чароғи моҳ байни осмони шаб фурӯзон буд. Мардум ғам ва ками худро оғӯш карда хуфта буданд. Дар нури ширмаҳтоб ба ҳаво хестани буғро дида, сари Мушкро сӯйи Чашмаи шифо гардонданд.

— Чашмаи шифо! — хушнуд хабар дод Зебо. — Ана ҳамин ҷо шабамонро рӯз мекунем.

Дили Нозиро ҳаяҷон ва шодӣ фаро гирифт. Дарде надошт, мӯҳтоҷи даво набуд, аммо медонист ки чашмаи машҳурро зиёрат кардан ва қиссаашро барои занҳои Сабзбаҳор бурдан, насиби ҳар кас намешавад. Ӯ лаҷомро гирифта, халтаи пуркоҳро ба сари асп кашид. Ба ҷӯйбори сӯзон даст бурда, аз ҳаловат чашмонашро пӯшид. Мехост аз ин мӯъҷиза на танҳо ӯ, балки кулли инс ва ҷинси олам баҳра бардоранд. Аспро тела дода, ба кӯлмаки гарм даровард. Ду зани мусофир, дар маҳали ношинос, дар оғӯши кӯҳҳои сиёҳпӯш ба рӯйи якдигар оби гарм мепошиданд.

— Мӯъҷизаро бин-а Зеби ҷон, — гуфт Нозӣ. — Чор фасли сол аз таги дарат оби гарм мешорад. Хоҳӣ хамир кун, хоҳӣ сар ва либос бишӯй, хоҳӣ оббозӣ кун. Аҷаб мардуми худодода анд, обигармиҳо! Биллоҳ, агар дар Оби Гарм мезистам, на касал мешудам ва на мемурдам. Обигармиҳо ҳам қабристон доранд? Наход дар ҳамин ҷаннат ҳам одамон муранд?

Зебо ба содагии дугонааш аз таҳти дил хандид.

— Оби хунук аҷал аст. Занро Азроил не, оби хунук мекушад. Мардҳо чӣ парво доранд, ҷомаҳошона ба сар кашида сӯйи ҷӯйбор медаванд ва занҳо кафлез дар даст аз паяшон. Ду бор ба сар оби яхкардаро резӣ, аҷал ташвиш кашида, ба хона ат намеояд. Бо пойи худат наздаш меравӣ...

«Чашмаи шифо» забони зани ҷавон ва пурармонро тафсонда буд. Зебо гапҳои ӯро намешунид. Хаёл ва хоҳиш ва аламҳояш дар кӯчаҳои Сталинобод, дар назди Саид сайр мекарданд.

— Парвардигор дар ҳаққи сабзбаҳориён ноҳаққӣ карда аст. Аз ин чашмаи калон ба мо ҳам як ришта мебахшид камбағал намешуд. Аз рӯзи азал пойи адолат мелангад. Ба яке ҳама чиз, ба дигаре ҳеч чиз! Ҳо, об аз сарбандаш лой аст! Рост ва дурӯғро одамон мувофиқи дил сохта анд. Агар гӯям ки рӯз ва шабро худи одамон сохта анд, маро коҳиш накун, дугона. Аҷаб дунёст, сар ва нӯгаш маълум нест. Ҳай-ҳай. Аз оби гарм сер шуда, ғут ғуткунон ва хамёза кашон таги пахол даромада ҷомаашро ба сараш кашид Нозӣ. Қад-қади ҷӯйбор чанд мусофири роҳкӯфта ки синн ва солашон маълум набуд, ба ҷомаҳои худ печида мехобиданд. Занҳоро оби гарм бехоб карда буд. Нафасгирии Нозӣ оқибат ҳамвор шуд.

«Хобаш бурд» — аз дил гузаронд Зебо ки паҳлӯи дугонааш дароз кашида буд ва заррае хоб надошт.

— Зеби ҷон, — сар бардошта, ба гап даромад Нозӣ, — мабодо, ягон мардак қасди бад кунад, чӣ кор мекунем?

— Натарс, марди ба ман ва ту қасд мекардагӣ нест, — ба пушти дугонааш кӯдаквор тап-тап зада гуфт Зебо.

— Дар кӯҳ ва пушта гурезаҳо мегарданд, мегӯянд.

— Гурезаҳо дар ҷойҳои серодам пайдо намешаванд, хоб кун. Ҳамроҳашро ором намуд ва дили худашро ваҳм зер кард. Хуроки паҳлавононаи Нозӣ баланд шуд. Зебои хобгурехта ҷомаро болои дугонааш дуруст карда, ба чеҳраи ором ва зебои ӯ бо меҳр нигарист. «Тақдир ба ту бераҳмӣ кард дугона, ту барои бахт ва саодат таваллуд шудаӣ, афсӯс... Дунё ба умед, бахти ман ва ту дар пеш аст. Ё аввал ё охир гуфта анд...»

Саворае аз роҳи калон асп давонда гузашт ва риштаи хаёлашро канд. «Бо чӣ хабаре мешитобӣ, эй

одами нек?» — хаёлан пурсид савораро. Чеҳраи бехуни модар, ҷасади ҷандапечи кӯдак ки ҷинс ва синашро нафаҳмида, гӯраш карданд, аз назараш дур намешуд. Хаёлашро базӯр аз зан ва кӯдак гурезонда, сӯйи шавҳари захминаш гашт. Ӯ Саиди қавӣ пайкар ва паҳлавонашро захмин ва оҷиз тасаввур карда натавонист. Ҳарчанд чунин намебуд, хаташ не, худаш ба Сабзбаҳор меомад. Шавҳарашро чор сол надида буд.

Бо забони хаёл ва шодмонӣ ними шаб, таги осмони бегона бо Саиди худ ба гуфтугӯ пардохт:

Зебо: Салом Саид, ана ман омадам.

Саид: Чаро омадӣ? Аз ту дилам монда аст!

Зебо: Ман туро мисли пештара дӯст медорам.

Саид: Дӯстдории зан ва борони баҳор яканд. Маро дӯст медоштӣ интизор мешудӣ.

Зебо: Туро шаб ва рӯз интизорам!

Саид: Шояд марги маро интизорӣ?

Зебо: Воҳ, ин хел нагӯ.

Саид: Дар бораи ту бисёр носазо шунида ам.

Зебо: Хонаи тӯҳматгар сӯзад!

Саид: Дуо аслиҳаи занҳост, бовар намекунам!

Зебо: Гуноҳамро назди ту намедонам!

Саид: Ман медонам.

Зебо: Чӣ буда аст?

Саид: Ту ҷавон ва солимӣ, ман маслуқ ва оҷиз. Занҳо мардони оҷизро бад мебинанд.

Ӯ худро ба оғӯши шавҳараш партофтанӣ шуда, Нозиро сахт оғӯш кард. Зан хоболуд ғут-ғуткунон паҳлӯи дигар гашт.

Хаёли хастааш ӯро берабт ҳар сӯ мекашид. Моҳ аз тори кӯҳ ба чашми зани ҷавон нигариста, гӯё пурсиданӣ буд:

«Ёд дорӣ, чанд сол қабл аз сари ин кӯҳ бо падарат Сталинобод мерафтӣ? Дар қадат фарзанд доштӣ?»

Ҳаёлан бори дигар аз пайраҳаи оҳугузар гузашт.

...Падар аз паҳлӯи духтараш ки боло ва поён баромадан ва фуромаданаш мушкил буд, хомӯшона қадам мезад ва сӯяш маҷоли нигаристан надошт. Онҳо ҳанӯз ногап буданд. Падар худро назди ҷавонҳои бахтҷӯ гунаҳкор меҳисобид.

— Беҳуда меравем, — оқибат лаб кушод падар. Дузди зӯр соҳиби говро баста аст, духтарам.

— Дар Сталинобод ҳам ҳақиқат набошад, худамро оташ сар медиҳам, — исёни бегуноҳии духтарони кӯҳистонро ба падар хотиррасон кард ӯ. Мӯйсафед намедонист дар шаҳри ношинос онҳоро чӣ қисмате интизор аст. Кокулони наврӯиди духтарашро бод бозӣ доронда, гунаҳкор будани падарашро ҳар дам ёдрасаш мекард.

— Саидҷон баобрӯ, ба Сабзбаҳор баргардад, се шаб ва се рӯз тӯю тамошо мекунем, — ваъда кард падар, орзуи ба амал наомадаашро баён карда. Аз Сталинобод се нафар баргаштанд. Роҳ дар бозгашт ба назари Зебо осон ва наздик намуд. Дар ду тарафаш ду кӯҳпоя падар ва шавҳараш қадам мезаданд. Наим аз сафар баргашта, дарҳол дастгоҳи орзуяшро муҳайё кард, тӯйи сулҳ ва созиш орост. На танҳо сабзбаҳориён, балки аз деҳаҳои гирд ва атроф низ меҳмон даъват кард. Мардаки ба мурод расидаро таноби умраш кӯтоҳ буда аст...

«Эҳ Саид, Саиди ҷон!» — Зебо аламашро бо оҳе аз дил берун кард. Ӯ дар як шаб ҳамроҳи хотираҳояш ними оламро пиёда сайр карда, аз нав сӯйи ҳақиқати талхи зиндагӣ, сӯйи аробаи колхоз, ба паҳлӯи Нозии ширинхоб баргашт. Нозӣ сарашро бардошта, саросема гуфт:

— Ба Сталинобод расидем?

— Хоб кун Нозӣ расем, туро бедор мекунам!

Зан сар ба болин монд ва гӯё асло бедор нашуда бошад, хобаш бурд. Субҳ медамид. Онҳоро роҳи дароз дар пеш буд.

## БОБИ ЧОРДАҲУМ

Тош беинсоф буд, аммо беғам набуд. Зоғе буд ва доғе дошт. Бегоҳ ба дари анбор қулфҳои хурд ва калон зада, ба ҳуҷраи муҷаррадияш бармегашт. Ба танҳоӣ чунон одат карда буд ки гӯё дар ин деҳа асло хона ва зан ва фарзанд надошт. Аз танҳоӣ тарсида, танҳоиро дӯст дошт. Ҳамин одат буд ки гирди як дастархон бо зан ва бачаҳояш ғунҷида натавонист. Акнун аз олами серғавғои хонаи сербачааш, аз зани ҳокимхислаташ гурехта, худро мурғи озод ҳис мекард, аммо мурғе ки умре бими қафас дорад. Ҳунари зистанро зиндагии пурозораш омӯхта буд ва медонист ки худро эҳтиром накунӣ, дигарон эҳтиромат намекунанд. Мамлакат гурусна буд, аммо ӯ се бор таом мехӯрд. Медонист ки зиндагӣ як рӯз аст, мехост хурӯс бошад. Хурсанд буд ки мокиёни чӯҷадоре майли ӯ дорад. Аммо қонеъ набуд. Рӯзорӯз ба Нишона моил мешуд. Маъшуқа ва духтари лолро хаёлан муқоиса мекард ва байнашон аз замин ва осмон фарқ медид. Яке садбарги хушк, дигаре ғунчаи тарро мемонд.

«Духтар мисли моҳист, — меандешид ӯ — зинда фурӯ барӣ овозаш намебарояд». Боре духтарро дар ҳалқаи бачаҳо ёфта, ҳангоми аз паҳлӯяш гузаштан, номаълум ӯро пучид. Нишона сурх шуд, аммо чизе нагуфт. Сукути духтарро аломати ризо дониста, Тош фурсати мувофиқе меҷуст, аммо ӯро ҳеҷ танҳо намеёфт. Ба даро ва барои духтар аз тирезаи ҳуҷрааш дергоҳ нигариста, шавқаш бедортар мешуд. Аҷабо, рӯзҳои аввал гӯё Нишонаро намедид. Даводав ва мағали бачаҳо иҷоранишини масҷидро дилгир мекард. Кӯдакони худашро низ ҳар саҳар дучор омада, аз ин макон гурехтан мехост, зеро бегонагии модар ба кӯдакон низ гузашта буд. Онҳо борҳо модари бегуноҳашонро зери лагади падар дида, азоб ва машаққати ӯро фаромӯш накарда буданд. Мардак ба меҳмонхонаи масҷид кӯчид ва Нишонаро хоҳиши масҷидравӣ намонд. Ҳар бор баъди рафтани меҳмонон ҷамъ кардани устухон ва кӯзаҳои шикамкалони бадбӯй дилгираш кард. Тош ва меҳмонҳояш ба назари духтар масҷидро бадбӯй карда буданд. Ҳайрон буд арвоҳҳои хонаи муқаддас чаро Тош ва ҷӯраҳои бадмасташро ҷазо намедиҳанд. Ӯ ки хасро дар хонаи калон бехато медид, боре аз дари нимроғ ба ҳуҷрачаи муҷаррад чашмаш афтод ва дилаш беҷо шуд. Чунин бесомонӣ ва ифлосии манзили одамиро медид. Духтари покиза ҷорӯб дар даст, беихтиёр вориди ҳуҷра шуд. Вақте ки кӯрпачаҳоро меафшонд сақоҳои хурд ва калони сиёҳтоб то остона ҷар шуданд.

«Кӯкнор! — гузашт аз дили духтар. Ӯ медонист, кӣ истеъмоли ин гиёҳ ки дар хам ва теппаҳо фаровон мерӯяд, на танҳо инсонро, балки ҳайвонро аз по меафтонад. Ҳангоме духтар саққочаҳоро ҷамъ мекард, соҳиби хона пайдо шуд. Гӯё ӯро надида бошад, саросема ва гунаҳкорона чанд дона кӯкнорро ба киса андохта, аз дар баромад. Рӯзи дигар дар таги бинии духтар пайдо шуда, сӯяш пурмаъно ва бепарда

табассум мекард, Ӯ хумор дошт. Нишона ба чашмони чун наск гирд ва сурхи Тош нигариста, аз савобҷӯияш пушаймон шуд. Чанд бори дигар Тош бо умеди лутфи «моҳӣ» дарашро калон кушода мемонд, аммо духтар дигар ба хонаи ифлоси кӯкнорӣ нигоҳ намекард.

— Тошро аз масҷид дафъ кун, — фаҳмонд боре ба Зебо.

— Ҷойи рафтан надорад, пес, — гурт Зебо ба тарзи ишораи духтар нарафта.

Дар назди меҳрубонии Нишона мардак боми хонаи Хайрияро бе такаллуф таъмир кард. Минбаъд либосҳояшро барои шустан меовард, зорӣ ва илтимос мекард. Чун фаҳмид ки ин хонавода бе ӯ ва масҷид зиста наметавонад, бепарда шуд. Ба даст овардани дили духтараки кар ва гунг хешдухтар, — аниқтараш арӯсшавандаи раиси ҷамоат мақсади ягонааш буд, аммо «моҳӣ» на танҳо хомӯш буд, балки мелағжид.

Ин дафъа низ дуди ғализи саққочаи хокистарранг аз мӯрии бинии Тош баромада, дар дилаш хоҳиши дидани духтарро зӯртар кард. «Дар лаби оби равон лабташна мемирем мо!» — замзама кард бо чашмони пӯшида Нишонаро пеши назар оварда. Селаи мушҳо дар шифт даводавиро сар карда, мардаки орзупарварро сахт тарсонданд. Ӯ чашм кушод. Аз кунҷи хона каламуше ба по истода рост сӯяш менигарист. Аз тарс, кадуи носашро сари муш партофт.Носкаду ба девор бархӯрда, наздаш баргашт. Ӯ давида берун баромада, даҳони халтаи «марги муш»-ро кушод, бо панҷа дору гирифтанӣ буд ки касе дар остона пайдо шуд. Мардак гурехтан хост, аммо дер шуда буд.

Чашмони мардаки тарсуро Зика бо панҷаҳояш пӯшид.

— Кистӣ? — сахт пурсид Тош, — занак табассум мекард ва чашмони мардакро сахттар зер мекард. — Аз

барои Худо инсӣ, ҷинсӣ, парӣ ё паризодӣ, зудтар бигӯ, — илтиҷо кард Тош.

— Парӣ, — овоз рӯшан кард занак.

— Уф, хайрият омадӣ, — Зикаро шинохта хурсандона гуфт Тош ки дилаш меларзид.

— Фанд нагӯ, интизор набудӣ, — ноз кард Зика.

— Интизор набошам ҳам, биё. Нос овардӣ?

— Нос овардам. Кашки дӯстдошта атро ҳам овардам, — гуфт занак.

— Бонуи кашкпазро мехоҳам! — худро рост гирифта, лутф кард Тош.

— Даро.

— Кӯдакҳоро хобонам, меоям, — пеши гӯши мардак оҳиста гуфт, зан, ларзиши овози ӯро ба тариқи худ фаҳмида.

Зика рафт ва мардак коса дар даст ба хона баргашт.

— Зӯрам ба ин занак нарасид, — гуфт Ёғӣ Хидир. — Хоҳ духтари мулло бошад, хоҳ зани босмачӣ, аз ҷой беҷо карданаш мушкил шуд. Давр-даври занҳо омада аст.

Рӯирост ба духтари Наимӣ сабзбаҳорӣ таслим шудани ноиби раис Тоши умедворро ки ин бор ба дастовези кирой омада ва ҳатто аз соҳибхонаи ҷавон ва танноз таъриф шунида буд, сахт малӯл кард. Бо ӯ сари як дастархон нишастани соҳиби хона низ ба хотири дастовезаш буд.

— Пунбачӣ авратхона шуда аст ва афсӯс ки қуввати пешина ам нест, — сӯйи зани ҷавони таннозаш ки дар ҳавлӣ ҷунбуҷул дошт, нигариста, овозашро паст кард соҳиби хона.

— Қувват аз мо Балогардон, — гуфт Тош. Соҳиби хона аввал чашм ало карда, пас нос дар даҳон аз таҳти дил дер гоҳ хандид.

— Духтарҳо чунон пухта анд ки одам метарсад, — гуфт Тош. Пиёлаи шаробро аз дасти соҳиби хона гирифта гӯшаи дастархон ниҳода. Ӯ асло кӣ ва чӣ буданашро фаромӯш намекард.

— Гир, гир пиёларо. Агар қавми ман бошӣ, то мурдан бинӯш — гуфт Хидири сархуш. — Пеш ор пиёларо ки шаб мегузарад — замзамакунон пиёларо ба дасти меҳмонаш дода. — Одами беғам шароб менӯшад? Не. Шароб позаҳри ғами одам аст. Ту бечора ҳам бе алам нестӣ. Марди оҷиз ва маслуқа мурданаш беҳ. Руст кун гӯшата, дилама беҳузур кардӣ. Алами писари ҷавонмаргама ба гӯр мебарам. Оҳ, ҷигарам месӯзад. Ҷигарам мерезад. — Хидир гирён шуд. — Хӯр, ёр ва дӯст накоб ки дар дунё мисли шароб ёрӣ беғаразро намеёбӣ. Хуб кардӣ омадӣ, якгӯш. Ту намеомадӣ, худам танҳо менӯшидам, танҳо мегиристам. Ба ҳеҷ кас бовар надорам. На ба занам, на ба хеш ва таборонам. Ҳама дӯст ва хеши мансаби мананд. Худо накарда, аз курсӣ ва мартаба монам, ягон саг саломамро алейк намегирад. Гир, гир, аз шароб ёри бовафое набуд ва нест.

Тош пиёлаи пурро ба сар кашида, лабонашро бо кафаш поккунон гила кард:

— Чанд рӯз мунтазири ту ва меҳмонҳо шудем, кӯки чашмонам канда шуд.

— О, дили худама гургҳо тала мекунанд хизматгори масҷид шаб ва рӯз аз назарам дур намеравад. Духтар не, парӣ. Ту якгӯш беҳуда масҷидро иҷора нагирифтай. — Ними гӯши ҳамсӯҳбаташро тоб дода гуфт соҳибхона. — Духтар ба ман маъқул аст!

— Ба ман ҳам! — гуфт Тош, аммо зуд худро ислоҳ кард, — хизматгори хуб аст!

— Намелақад? — бо мақсади ба худаш маълум нохост пурсид мардак, — девор муш дорад, муш гӯш, фаҳмидӣ, якгӯш?

— Хоҳад ҳам лақида наметавонад, — рухсораи арғувонии Нишонаро пеши назар оварда гуфт Тош. Ӯ гунги модарзод аст.

Хабари гунг будани духтар соҳиби хонаро беҳад шод кард:

— Бо чашмонаш одамро кушта, дар чашмонаш одамро гӯр мекунад.

— Мор аст ва фақат газида наметавонад, — гуфт Тош.

— Пагоҳ фардо аз марказ меҳмон меояд, меҳмонаш мешавем. Маро бо ӯ хубтар ошно мекунӣ.

— Садқаи сари раис! — гуфт Тош. Онҳо боз пиёлаҳоро ба сар кашиданд. Мудири сархуш якбора пурсид: — То кай таги қамчини духтари мулло мегардем, Балогардон?

— То яке намурад, чи хел ҷойи дигар кушода мешавад. Ҳар кор вақт ва соат дорад фаҳмидӣ?

— Фаҳмидам, ҷонам патаки пойи балогардон!

— Мабодо ба ҷойи Ҳасан Ризо таъйинат кунем, аз ӯҳдаи раисӣ мебароӣ? - ҷиддӣ пурсид Хидир.

— На танҳо аз ӯҳдаи раисӣ, аз ӯҳдаи котибии райком ҳам мебароям! — шерак шуд мардаки ваъдадор. Хидир дилашро дошта механдид ва бо ангушт Тошро нишон медод:

— Котиби райком-а. Хи-хи-хи!

— Номатро навишта наметавонӣ-ку, якгӯш котиби якгӯш. Хи-хи-хи!

— Шоҳи Афғонистон бачаи даҳмарда буд. Мансаб ҳама айбро мепӯшад, — ҷиддӣ ҷавоб дод Тош ки куҷо чӣ гуфтанашро хуб медонист.

Хидир чанде бемақсад ба шифт нигариста, сипас гӯё ҳушёр шуда бошад, овозашро паст карда гуфт:

— Аблаҳ худоро зора кун ки ака ат котиби якуми райком шавад! Фақат котиби якум! Дигар котибон, раиси комиҷроия ҳам ҳеҷ чиз аз дасташон

намеояд. Ҳама хидматгор ва фармонбари котиби якуманд!

— Омин! — саросема даст ба рӯй кашид Тош ки аз гуфта пӯшаймон буд.

— Ҳо, ту баринҳо ҳамон вақт ба мақсад мерасанд ки ман соҳиби мӯҳри райком шавам.

Тош ба маънии суханҳои Еғӣ Хидир сарфаҳм рафта, беист сар ҷунбонд.

— Акам райком ҳам мешавад ва аз он баландтараш ҳам!

— Ақле ки ту дорӣ якгӯш, ба як дунё мерасад. Дар ҳамин даври валангор зан ва бачаҳоро партофта, ҳуҷраи масҷидро иҷора гирифтан, як паризоди моҳӣ барин хомӯшро хизматгори худ кардан, аз дасти кӣ меояд? Як рӯз ба мактаб нарафта, раиси колхоз шуданат мӯъҷиза нест? Дигарон қурбон шаванд ва аз ҷанг раҳиданат ҳунар нест? Ҳа! ҳа! ҳа! — хандид соҳиби хона. — Ту якгӯш бемӯъҷиза нестӣ.

— Мӯъҷизаи ман, пир ва тадбири ман худат ҳастӣ. Ҳазрати Хизри ман худат ҳастӣ, акаи раиси калонӣ.— Тош дасти Хидирро бӯсид. Соҳиби хона пушти дасташро бо нафрат бо рӯймолчааш пок карда, бо зарда гуфт:

— Рав, якгӯш, рав хоб дорам!

***

Тоши сархуш сӯйи Сабзбаҳор парвоз мекард. Ӯ асло чунин хурсанд ва хушбахт набуд. Чунон хушбахт буд ки ҳатто мазаи бахтро дар комаш ҳис мекард. Ноиби раис рӯирост вазифаи раисии колхозро ба ӯ ваъда кард. Ӯ хуб медонист ки Ҳасан Ризоро камаш монда аст. «Дил ёб ва қанд хӯр, якгӯш. Ҳасан Ризо ҳам маълумоти синфи ду дорад, т ва ҳам», — раҳораҳ ёд меовард суханҳои Ёғӣ Хидирро. Хайрият ки раисаи

бадгап ва ҷанҷолӣ дар деҳа нест. Оё ман ки аз пушти хоҷагии хароби «Коммуна» шаб ва рӯз давида аз пой афтодам, ҳақ надорам, ҳамроҳи чанд одами даркорӣ дар масҷиди Сабзбаҳор истироҳат кунам?» — ба ёд овард суханони ноиби раисро.

«Сад бор ҳақ дорӣ, акаи қиёматӣ. Чашмам ба роҳатон чор...» Тош раҳорах хаёлан барои ноиби раис ва меҳмонҳояш дастархони кирой меорост. Аз район рост ферма рафта, аз номи раис барои меҳмонҳо барра фармуд. Сарчӯпон ки улфати худаш буд ва рамузфаҳм, зеро як барра дода, сето ихтисор мекард гуфт:

— Як барра чӣ мешавад, акаи мудир, ақаллан дуто гӯй.

Тош ба ҳуҷрааш баргашта, онро бе сомон ёфта, малӯл шуд. Бори чанд ба умеди лутфи духтар дари хонаашро кушода монда рафта буд. Аз мақсадашро нафаҳмидан ва белутфии духтар димоғаш сӯхт. Мураббияро дар ҳалқаи бачаҳо дида, хумор ки дошт, боҷуръат наздаш рафт. Бачаҳо мудирро дида, ҳар тараф парешон шуданд. Аз ҳама пеш бачаҳои худаш гурехтанд. Табъаш коҳид. Мураббия низ гӯё ӯро надида бошад аз бараш гузашта рафтанӣ шуд. Тош ӯро аз остинаш дошта, ишора кард: — Меҳмонҳои калон меоянд, аз боло! Чун дид ки хабараш ба духтар таъсир накард, бо салобат бурутҳояшро тоб дода фаҳмонд:

— Меҳмонҳои ман не, аз раис ва раиса. «Раис бемор аст ва Зебо дар сафар», нарм шудани духтарро дида, Тош муҳобот кард:

.— Фармони раис аст ва ман ва ту фармон бардор. Раис илтимос кард ки (Тош лангида нишон дод) ту, аз пайи меҳмонҳо шавӣ, — дурӯғ гуфт ӯ, зеро хуб медонист ки сухани раис барои хизматгори масҷид ва аҳли Сабзбаҳор баробар қонун аст.

— Чизҳоятро биёр ишора кард духтар ба ҳамсӯҳбаташ нигоҳ накарда. Нишона сӯйи хона мерафт ва дилашро панҷаи ноаёне метарошид. Масҷид аз чӣ

бошад, аспхонаи колхозро ба ёдаш меовард ки аз ҷонибаш ҳамеша бӯйи бад меомад.

Нишонаро тамоми шаб хоб набурд. Кӯдак дар оғӯшаш нолишкунон месӯхт ва кокулони дарози холаашро сар надода, ғаш мекард. Саҳарӣ вақте ки бача андаке оромид ва хобаш бурд, духтар хамир кард. То расидани хамир меҳмонхонаро ороста карданӣ шуд. Бағалашро аз параха пур кард. Нохост банди дасташ сӯзиши тоқатфарсоро ҳис карда, парахаро партофт. Занбӯри зардаке неши сиёҳашро таги пӯсти сафеди духтар халонда, нимҷон бо вазни думғозааш овезон буд. Лонаи занбӯр таги по пачақ мехобид. Аз дард чашмонаш пуроб шуданд. Нишона дасти росташро, дасти корияшро ки дамодам варам мекард, молида сӯйи масҷид роҳ гирифт. Дар дил худро маломат дошт ки лонаи занбӯрро дар ҳезумхона сад бор дид ва вайрон накард. Дар кӯдакӣ чун ӯро занбӯр мегазид, модараш нешро макида, ҷояшро лой молида, дардашро сабук мекард.

Мардум аз шабдарав ва сари хирман баргашта бошанд ҳам, бачаҳо масҷидро ҳанӯз тарк накарда буданд.

Онҳо мураббияро дида, сӯяш давиданд. Ҳезумро аз бағалаш, гирифта назди печи меҳмонхона гузоштанд. Духтар говро дӯшида ширро ба бачаҳо тақсим кард ва хурмаро ба мех овехт. Имрӯз гови кампири Марҷонро бояд ба фермаи колхоз месупориданд. Аҳмад шохбанди говро аз дасти Нишона гирифта сӯйи ферма равон шуд. Гов муқобилият мекард, рафтан намехост, худро қафо мекашид. Кӯдакон химча дар даст аз паси гов равон шуданд. Дили Нишона аз дидани ин манзараи ҳузновар бухс кард. Чунонаш намуд ки дигар ин бачаҳои шӯх ва ин гови ба ӯ одаткардаро ҳаргиз нахоҳад дид. Ҷуз ташвиши меҳмондорӣ ӯ ин ҷо коре надошт, зуд ба хона баргашт. Аз девори оғил тапак канд. Дуди тапакалови

тарсӯз димоғашро сӯзонд. «Ин зимистон шушҳоямон мисли дудкаш сиёҳ мешаванд», — маҳзунона андешид духтар. Ӯ аз хизмати масҷид даст кашиданӣ буд, зеро нигоҳи таҳдори Тош ӯро метарсонд. Мехост арзашро ба Зебо бигӯяд, аммо аз чанд ҷиҳат истиҳола мекард. Масҷид онҳоро аз мурдан раҳонид. Ба хидмати меҳмонхонаи масҷид ки дами гарм ва лахча алов дошт, талабгорон кам набуданд. Духтар арзашро ба модараш фаҳмонда ӯро музтар кард.

— Тавба кун, — ранҷида гуфт модар. Ҳама амонро аз масҷид ба хонаи охират мебаранд. Мо хушбахтем ки ҷорӯбзании даргоҳи муқаддас насибамон шуда аст...

Модар аз исмат ва номуси духтари қадрасаш бепарво буд, зеро бовар дошт ки рӯҳ ва арвоҳи бало гардони масҷид посбони шараф ва номуси хонадони ӯянд. Ҳар гоҳ духтараш сӯйи масҷид роҳӣ мешуд, модар қувват гирифта, ҳатто ба поси рӯҳ ва арвоҳ аз ҷой нимхез шудан мехост.

Нишона ки дасташ то оринҷ варам карда буд, аз масҷид бедимоғ ва ошуфта баргашт. Барфи аввал гӯё аз осмон не, аз дили ӯ меборид. Лаб ба пешонии сӯзони кӯдак гузошта буд ки бача гарданашро оғӯш намуда, зорӣ кард:

— Шона, об, об!

Барои кӯдак ғӯлингоб овард. Бача ба коса часпида, оташи лабон ва забонашро нишондан мехост. «Алам аз бемеҳрии ман бемор шуда аст, — ба кӯдак ки ҳарисона ғӯлингобро дам мекашид, маҳзунона нигариста, меандешид духтар. Оҳ, Майса, Майса, ту писаратро не, маро ятим кардӣ».

— Кӣ меомада аст? — сабаби димоғи сӯхтаи духтарашро донистанӣ шуда, таҳдонӣ кард модар.

— Калоншавандаҳо! — осмонро нишон дод духтар.

— Аз сабр ғӯра ҳалво мешавад. Ин рӯзҳо ҳам охир доштагистанд. — Модар дилсӯзона ба чеҳраи хастаи духтараш ки орд мебехт дур ва дароз нигариста, оҳ кашида гуфт.

Нишона деги калонро ба оташдон монда ба тагаш алав кард. Вақте намаки шӯрборо мечашид, касе аз банди дасташ дошт. Тош табассумкунон дар сараш рост меистод. Нишона боҳарос сӯйи модараш нигарист. Модар Тошро намедид. Ӯ бо қаҳр ба Тош нигариста шӯрборо ба дег рехт.

— Ба деги шӯрбо оби бисёр нарез, бемаза мешавад!

Ин суханонро духтар аз лабон ва чашмони мудир хонд. Тош бенавоии ин хонадонро хуб медонист, бори дигар ба масҷид побанд будани онҳоро фаҳмонд. Гӯё ба бари рӯйи духтар шаппотие зада бошанд, бо дасти занбӯргазидааш бари рӯяшро дошта сурх шуд. Нигоҳи пурҳақорати духтари лол ки аз ҳақорат сахттар буд, шасти мудирро гардонд. «Ҳамин хизматгори гунг ҳам ба ман чашм мегардонаде!» аз дил гузаронд Тош ки дуди банг аз дудкаши бинияш гузашта буд. Яқин намуд ки ба авҷи аъло барояд ҳам, сабзбаҳориён бачаи Охуни гургхӯрда, Тоши якгӯш будани ӯро фаромӯш намекунанд. Оне ки дар дил орзуи зудтар аспи раиси колхозро савор шудан дошт, нисбат ба худ дигар беэътиборӣ ва беэътиноии касеро бахшиданӣ набуд.

Мудир гӯё ҳодисае рух надода бошад, ба духтар аз омадани калоншавандаҳо хабар дода рафт.

Кадбону саросема шуд ва модар омадани меҳмонҳоро фаҳмида, ба духтараш чанд насиҳати дастурхондорӣ дода илова кард:

— Назди одамони ғайр нони хурд мондан айб аст, гуфт зани иззатталаб аз ҷогаҳ. Ташвиши ӯ асос дошт. Нонҳои кадбонувони сабзбаҳорӣ дар тамоми ноҳия машҳур буданд. Кадбону бепарво даст афшонда

аз нӯги хамир фатирчае гирифта, ба қӯри алав гузошт. Баъди чанде кулчаи гармро латтапеч карда, болои нофи кӯдак монд. Бача ором гирифт ва хобаш бурд. Ӯ на як бор ва ду бор кӯдаки шамолхӯрдаро чунин табобат карда буд.

Барф аввал танга-танга, сипас мисли орд аз элак ба рехтан сар кард. Духтар буттаҳои ҳанӯз тоза ва хушбӯйи райҳонро решакан карда, барфашро афшонда, ба мехи айвон овехт. Як бандча райҳон пора карда ба деги шӯрбо партофт. Нишона дастурхони масҷидро меорост ва хаёлаш роҳи барфпӯши Сталинободро ки асло надида буд, пеши назараш менамуд. Дар роҳи хаёлаш аробаи колхоз ки болояш аскари маҷрӯҳ ва ду зани аз хунукӣ ғунча шуда менишастанд ба сӯйи деҳ ҳаракат мекард. Ӯ севаки чапотиҳоро кулӯла карда, ба оташдони тафсон намакоб пошид. Чапотии аввалпухтаашро назди додарчааш монд.

— Ӯҳу, ӯху, — сулфид Тош. — Ягон кас ҳаст?

— Ҳастем, куҷо меравем, — овоз равшан кард ҷойи духтараш модар ки ташрифи зуд-зуди мардак ба дилаш зада буд. Нишона тори сараш рост истодани касеро эҳсос карда, сар бардошт. Тош як пора нонро дар деги шурбо тар карда, мехӯрд. Ӯ сарҷунбон кадбонуро таърифкунон дастархонро талаб кард.

— Хамираш дер расид, ба ҷойи духтар ҷавоб дод модар.

— Ҳай-ҳай, хуб нашуд, аммо чӣ илоҷ. Нонҳоро бо шӯрбо худаш мебарад! — таъкид кард мудир. — Меҳмонҳои қиммат омада аст, — гуфт Тош ба дили модар ҳарос андохта.

— Бача касал шуд, — ҷавоби модар пур аз узр ва ниёз буд.

— Зудтар, зудтар, — ба пораи нони дасти кӯдак пурмаъно нигариста, омирона гуфт мудир.

Нишона лабгазон бо мадори дасти варамидааш нон рост мекард. Модар медонист ки имшаб низ духтараки хастааш роҳи хона ва меҳмонхонаро хӯрда хоҳад кард. Кадбону нони охиринро ба танӯр часпонда, барои модараш дар косае шӯрбо овард.

— Ҳаққи мардум аст, аз гулӯям намегузарад, — рад кард очиза.

Маънии нигоҳи кадбонуро модар хуб фаҳмид: «Барои ҳамин дами гарм ва ҳамин оташдон медавам, барои ту ва додарча ам хизмат мекунам, гир, хӯр!» — чашм гардонд духтар.

— Худат кай мехӯрӣ? Аз пагоҳ ба даҳон чизе набурдаӣ, — гуфт модар.

Ба маънии «гашта биёям, мехӯрам» духтар ҷавоб гардонд.

Модар беҷуръатона ба оби шӯрбо нон пора кард. Нишона табақро аз гӯшт ва шӯрбо пур карда, болояшро бо чапотии гарм пӯшид ва аз хона баромад. Ҳаво торик шуда буд. Модар аз паси духтараш оҳ кашида, пораи нони нимгазашро рӯйи дастархон гузошт. Духтараш гурусна буд, аз гулӯи модар чизе намегузашт. Вақтҳои охир аз масҷид бедимоғ баргаштани духтар модарро метарсонд. «Фироқ одамро мехӯрад, Диловарро ёд карда аст» — меандешид ӯ.

Барф аввал хаёли духтарро ба гузаштаи начандон дури ширин кашид:

...Барфи аввалро одатан дар Сабзбаҳор бо барфнома истиқбол мекарданд. Дар кӯчаҳои танги деҳа чунон давода ва паро-паре мешуд ки ногуфтанӣ. Дар барфнома ба ёр ва дӯстон беҳтарин орзуҳои худро менавиштанд. Дар поёни нома зиёфате ё ҳадяеро талаб мекарданд. Соҳиби барфнома мабодо, ба даст афтад худаш хоҳиш ва талабашро ба соҳиби хона бармегардонд. Рӯзи боридани барфи аввал ба хонае меҳмон шудан хавф дошт. Нохост аз паси дар дасти

ноаёне гиребони меҳмонро медошт ва сар намедод. Ба даст афтодани соҳиби барфӣ хатарнок буд. Ба рӯяш сиёҳӣ молида, ба маркаб чаппа савор карда, байни деҳа ҷонварро қамчинкӯб мекарданд. Диловар низ боре бо барфнома ба даст афтод. Нишона худро ба пойи Майса ва Карим партофта, барфномаро аз онҳо харид. Ҷавонони деҳа рӯзи дигар як гӯсфанди мулло Наимро муфт хӯрданд. Кафшҳояш мелағжиданд, шӯрбо пош хӯрда, дасти варамидаашро месӯзонд.

Нишона табақро паси дари меҳмонхона гузошта, занҷирро ларзонд. Касе дарро накушод. Духтар дарро нимроғ карда, ба дарун нигарист. Аз хам ва ростшавии меҳмонон фаҳмид ки ба бозие машғуланд. Ҳавои хона бадбӯй буд. Духтар ноаён бинияшро бо рӯймолаш баста, ба печ кунда партофт. Тош Нишонаро дида, чашмони сурхашро норизо нимпӯш кард. Меҳмонҳо якбора чашмони ҳарис ва махмурашонро ба духтаре ки онҳоро гӯё намедид, дӯхтанд. «Ҳамин шофбурут (Хидирро дар назар дошт), — аз дил гузаронд Нишона, — дирӯзакак омада буд. Ӯ дигар кор надошта бошад? Аҷабо, чаро ин мардҳо ҷое ки мардони Сабзбаҳор рафта анд, намераванд?» Чӯбҳои хушк даргирифтанд. Нишона чойник ва пиёлаҳоро шуста, саволомез ба мудир нигарист. Тош аз чойхалтаи гулдӯзии ба миёнбандаш овезон, бо нӯги панҷа чой гирифта, ба чойник андохт. «Чой халта ат аз сарат монад, мумсик» ӯро дар дил дуо кард духтар.

Ногоҳ ду бозингар ба якдигар часпиданд. Сабаби низоъашонро духтар намедонист. Тош даст болои дил меҳмонҳоро тавалло мекард ки ба нон нигоҳ кунанд, таом хӯранд. Мастҳо ӯро тела дода, дастбагиребон рӯйи дастархон афтоданд. Чойники чой чапа шуд. Чакраҳои чойи гарм ба рӯйи шофбурут ки дар такяи болиштҳо пинак мерафт, расиданд. Ӯ бо каф рӯяшро тоза карда, бафурҷа поён ғелида ба пойи Тош лагаде фуроварда, фарёд кашид:

— Дӯғ биёр, якгӯш!

— Ба ҷонам, раиси калонӣ! — ҷавоб дод Тош ки ҳанӯз даст болои дил меҳмонони мастро ба сулҳ ва салоҳ даъват мекард.

«Муред, беномусҳо, одам ва олам ба дод омада аст ва шумо дар хонаи гарм ва гирди дастархони пурноз ва неъмат муросо карда наметавонед», — мегуфт нигоҳи духтар ки аз арбадаи ду марди сарсафед дар ҳайрат буд. Духтар саросема чойникро пури об карда, болои оташдон гузошта рафтанӣ шуд. Тоши махмур ки аз ҳаяҷон ва ҳарос меларзид, ӯро дар таги дар дарёб карда, соҳибвор сахт аз дасташ кашид.

— Дӯғ дорӣ?

Духтар теғ кашида, ба мардаки бепарда нигарист.

— Аз гӯр ҳам бошад, дӯғ ёфта биёр, — панҷаҳояшро ба кор дароварда косаеро нишон дод, Тош.

Нишона медонист ки Тош дар кадом ҳолат дӯғ мепурсад. Ду нафар масти аз афт ва дарафт хаста акнун ду тарафи дастархон нишаста сӯйи якдигар хунук механдиданд. Чашми духтар ба табақи бобой ки моли масҷид буд, афтод. Таом ях баста буд. «Аз биме ки мастон табақи ёдгорӣи ба қавли сабзбаҳориён «табаррукиро» нашиканад, онро бурданӣ шуда, ғазаби мудирро овард.

— Дӯғ мегӯям, лаънатӣ! — Тош сиёсаташро ба хизматгори масҷид, балки хизматгори худаш ки ба Ёғӣ Хидир хуш омада аст, нишон доданӣ шуда, духтарро сиёсат кард. — Дӯғ биёр!

— Оҳистатар, якгӯш. Паризод соҳиб дорад! — Ёғӣ Хидир қоҳ-қоҳ хандида, чашмонашро пӯшид.

Нишонаро асло чунин таҳқир накарда буданд. Духтар бо забони гунги худ Тош ва меҳмонони шилқини ӯро дуои бадкунон коса дар даст, гирён-гирён дар шаби сарди зимистон, куртаи яктора дар тан дӯғ

мекофт. Ӯ хуб медонист: алҳол ба хона баргардад Тош аз паяш меояд ва модари оҷизаш аз ҳол бохабар шуда пеш аз аҷал мемирад. Ба сад дар сар халонда, оқибат дар косае дӯғ пайдо карда, ба меҳмонхона баргашт.

Хидир ба меҳмонҳо чизе мегуфт ва ҳамроҳонаш шикамашонро дошта қоҳ-коҳ механдиданд. Нишона аз ин мардаки носкаши шоффбурут мерамид. Хоҳиши дили ӯ аз нигоҳи беҳаёаш маълум буд. Шоффбурут ҳар бор ба ҳуҷра даромадани духтарро бинад, аз кисаи шими почаборикаш кадуи нақшинашро баровардa, намоишкорона як каф носро таги забон мепартофт. Сипас носашро таги кӯрпача туф карда, лабонашро бо кафаш тоза карда, ҳамчунон сӯйи духтар бепарда ва пурмаъно менигарист.

Духтар косаи дӯғ дар даст ҷуръати даромадан намекард. Чанде ба девори сарди айвон такя карда, мудирро интизор буд. Аммо Тош берун набаромад. Шамоли барфолуд авҷ гирифта, рӯйи духтарро мелесид. Дарро нимроғ карда дарун нигарист ва худро якбора қафо кашид: Тош ба шиками кӯзача таблак мезад ва ду масти ҷангара сӯйи ҳамдигар ғамзакунон арғушт мерафтанд. Онҳо лучи модарзод буданд. Ёғӣ Хидир кӯзаро аз дасти якгӯш ки сарбандаш фаромада пайи гӯшашро урён карда буд, гирифта ӯро ба давра кашид. Тош шиками кундамонандашро пеш баровардa ба рақс даромад. «Ту хизмати рӯҳ ва арвоҳро мекунӣ, духтарам, шукрона кун», — беихтиёр ба ёдаш расиданд суханони модараш. Модар ба чунин ҳол расидани масҷидро бинад, беаҷал мемурад. Духтарро дилаш сард шуд. Алҳол камон медошт, сӯйи арвоҳҳои дупо ва урёни масҷид тир мекушод. «Ба чӣ ҳол расидаӣ, Сабзбаҳор!» Духтар ба қафо гашта гурехт.

***

Меҳмонҳо рӯзи дигар ба кучҷое рафтанд. Нишонаро табларза гирифт ва тамоми рӯз аз паси сандалӣ хеста натавонист. Ба ягон саволи модараш ҷавоб надод. Тош, гӯё ҳеҷ қисса нашуда бошад, пагоҳи дигар омада, бо духтар не, бо модараш аз меҳмондории имрӯза маслиҳат кард. Барои ҳар ду оташдон кундаи бисёре кафонд. Модар аз мудир ризо шуд, аммо табъи коҳидаи духтараш ӯро ба андеша мебурд. Медонист ки Нишонаро пурсуҷӯ кардан беҳуда аст, зеро то худаш лозим надонад, рӯзи дароз бозпурсӣ кунӣ чизе намефаҳмонад.

— Ягон ҷоят дард мекунад, духтарам? — таҳпурсӣ кард модар.

Нишона ҷавоб надод.

— Тош як олам кунда кафонд, Худо умраша дароз кунад!

— Худо ҷонаша гирад! — даст афшонд духтар. — Ё ҷони ӯро гирад, ё ҷони мана!

Модар ҳайрон шуд. Байни Тош ва духтари ӯ чӣ шуда бошад? «Хаста шудагист!» хулоса баровард модар дигар пурсуҷӯ накарда. Аз рӯйи гуфти мудир меҳмонҳо бояд шаби охиринро дар Сабзбаҳор рӯз мекарданд.

Нишона гӯшти боқимондаро бирён кард. Дегро ин бор ба меҳмонхона бурда, болои печ гузошт. Дигар маҷоли беист равуо кардан надошт. Ҳанӯз меҳмонҳо наомада буданд. Духтар хонаи бадбӯйи норӯфтаро ба тартиб овард, дастархон орост. Алав месӯхт, чой мечӯшид. Таом болои тоба гарм буд. Меҳмонҳои ба меҳмонхона даромадаро духтар надид, аммо онҳо духтари хизматгор, хонаи ороста ва дастархони пурнеъматро дида, махмурона ба якдигар чашмак заданд. Дар китфи шофбурут, ду кабки сарбурида овезон буд. Ӯ кабконро намоишкорона пеши пойи духтар партофта, ӯро сахт тарсонд. Дигарон завқ карда хандиданд. Тош аз ҳама бештар сархуш буд. Мардак ба

духтар ҳақрас буданашро назди меҳмонон нишон доданӣ шуд. Дасташро дошта сӯйи чойник ишора кард:

— Зуд як чой дам кун, зудтар, хунук хӯрдем! Нишона назди меҳмонҳо дағалии ҳамдеҳаашро беҷавоб гузоштанро авло донист. «Маст шуда аст» — гузашт аз дили духтар. Худро дар дил маломат кард ки чаро зудтар хона нарафт. Ӯ чой дам карданӣ шуд. Тош чойники калонро нишон дода омирона гуфт:

— Ба ин чойник дам кун, гунги гаранг! Меҳмонҳо гирди дастархон ғелиданд.

— Ана чойник, худат дам кун! — ишора кард Нишона меҳмонҳоро дур дида.

— Ту хизматгори масҷидӣ ё ман, — барқасд овозашро ки онро духтар намешунид, баланд кард мудир.

— Ту хизматгорӣ, аз сари дастархон амр кард Ёғӣ Хидир. — Ту хизматгори паризодӣ. Гир, чой дам кун, зудтар!

Дасташ сӯхт ки саросема шуда, чойникро чапа кард. Баҳонакунон дасти сӯхтаашро пуфкунон баромад. Духтар фаҳмид ки дастархондориро низ бояд ба ҷо орад.

Ҳамеша дастархонро Нишона омода месохт ва Тош дастархондор буд. Мирони шикампарвар рӯйи табақи гӯштбирён ҳам шуданд. Тош ба хона даромад ва назди меҳмонҳо кӯза ва пиёла пайдо шуд.

— Биё, бо мо насиба кун, ҷони акаш, — муроот кард ӯро шофбурут. Духтар нашунид. Нишона нашунида чойникро гузошта рафтанӣ шуд. Нохост шофбурут аз дасташ сахт дошта кашид. Духтар ночор назди дастархон сари по нишаст.

— Боракаллоҳ, шин, — бо мо як пиёла чой хӯр. Тош хоҳиши Хидирро ба духтар ки зӯракӣ табассум мекард ва гурехта рафтанӣ буд, тарҷума кард.

— Мегӯянд ки занҳои Сабзбаҳор аз мардҳои бегона намегурезанд, рост аст? — пурсид шофбурут Нишонаро.

Духтар ҳамчунон хомӯшона ва зӯракӣ табассум мекард ва роҳи гурез меҷуст. Меҳмонҳо бо нигоҳи бепарда духтаракро мехӯрданд. Чой дам карданӣ шуд, чойник пури чой буд.

— Чашмони одамхӯр дошта аст, — гуфт яке аз меҳмонҳо.

— Э дар чашмонат акат мураде, — ба сина зад Шофбурут пиёлаи чои сурхро ба духтар дароз карда.

Нишона худро ба нодонӣ зада, ноаён аз шарм ва ҳарос меларзид. Дасти мардаки маст меларзид. Шароб ба дастархон пош мехӯрд. Бо дасти дигар дасти духтарро мефишурд:

— Гир, хӯр, гарм мешавӣ. Мазаашро чаш, ҷаннатӣ мешавӣ.

— Баски намондӣ, одамро кушта дар чашмонаш гӯр мекунад!

— Гунг аст, — аҷаб не, нафрати меҳмонҳоро оварданӣ шуд Тош ки Нишонаро ба меҳмонҳо рашк карда буд.

— Чӣ хубе ки гунг аст. Аз занҳои баландовози гирёнчак безор шудаем. Хидир ба духтар наздиктар шуда, болои домани куртаи фарохи карбосии ӯ нишаст.

Ҳама баробар қаҳ-қаҳ хандиданд. Нигоҳи бепардаи меҳмонҳо ба Тоши махмур ки ба ин духтар дилкашолӣ дошт, нафорид.

— Пиёлаҳоро шӯй, — ишора кард духтарро. Нишона аз ҷой хестанӣ буд ки шофбурут ғазаб кард:

— Шин парӣ, шин, — дасти духтарро сар надода, ба Тош гуфт: — Рашк мекунӣ-а якгӯш?

Сипас ба овози барои ҳама шунаво амр кард:

— Дарро қулф кун якгӯш. Ҳе бар падарат...

— Ба ҷонам, — Тош аз ҷой ҷаста хест. Бо панҷаҳои ларзон занҷири дарро мегузаронд ва дили духтар қафаси синаашро шикофтанӣ буд.

— Паризод қоидаи рӯпӯширо намедонад, — ба Тош мурочиат кард яке аз меҳмонҳо.

— Аз занҳои деҳаи мо Худо нигоҳ дорад! — гуфт ӯ алами таҳқири Ёғӣ Хидирро аз занҳои деҳааш гирифтанӣ шуда. — Дунё аввал дар Сабзбаҳор ба охир мерасад.

— Занҳои Сабзбаҳор офатанд, — аз Зебо қамчин хӯрданашро мастомаст ёд оварда, ғазаб кард Хидир. Ӯ якбора абрӯ чин карда, чашмони косамонандашро дарандавор ба духтар дӯхт. Нишона ҳанӯз умед дошт ки мӯъҷизае мешавад ва ӯ аз ин хонаи бадбӯю ин меҳмонҳои шилқин халос мешавад. Нишастанаш низ хуб набуд ва гурехтанаш низ. «Агар гурезад, мастҳо шерак шуда, ӯро ба ягон бало гирифтор мекунанд, меандешид ӯ, аз дастархон ва нонҳои пора-пора мадад хоста. Азбаски гапи меҳмонҳоро намефаҳмид, ҳаросонтар мешуд.

— Рӯпӯшӣ он тараф истад, бо мардҳо гӯштин мегиранд. Қиссаи Нозӣ-полвонро шунидагистед? — назди дастархон баргашта гуфт Тош. Ӯро аз ёд кардани номи полвон дасташ ба дард даромад ки қалавида пои Нишонаро зер кард.

— Кӯрӣ, махав? — шӯрид Ёғӣ Хидир рашк карда ва аз банди дасти духтар дошта. — Парӣ соҳиб дорад.

— Тавба кардам, насиб кунад, — узрхоҳӣ кард Тош ки дилаш дигар чиз мегуфт.

— Нозӣ аз Сабзбаҳор аст мегӯӣ, якгӯш? — Хидир дасти Нишонаро болотар дошта. — Гумон доштам дар кадом асре чунин зан гузашта нагузашта аст. Зинда аст гӯй? Пири фартут будагист, а? — мурочиат кард ба духтараки лол ӯро ҳаросонтар карда.

— Пирӣ чӣ, ҳолӣ даҳ мардакро пир мекунад. Ҳамроҳи Наимӣ, Сталинобод шӯкобӣ рафта аст. Хайрият нест, аз бало ҳазар! — Тош аламҳои аз занҳои Сабзбаҳор кашидаашро мастомаст ба ёд оварда, ба ҷойи ҳама Нишонаро якбора бад дид.

— Инҳо, — ба Нишона ишора кард Тош, — зан не, каждуманд, каждуми таги бӯрё. Чунон бехабар неш мезананд, ки... баъзан аз шарми занҳои Сабзбаҳор аз ин деҳа буданамро пинҳон медорам.

Онҳо боз пиёлаҳоро ба сар кашиданд. Дили духтар дар қафаси синааш пар-пар мекард. Ӯ бори чандум ҳаракати ноаён аз ҷой хестан кард, аммо Хидир ҳар бор ӯро сахт ба ҷояш мешинонд. Алами ҳамдеҳааш аз занҳо сӯзонтар мешуд.

— Якеаш зани ман буд. Худо аз чунин зан нигоҳ дорад. Зан не, паланг! Паланги хунхӯр. Як рӯз мӯҳри ҳукумат ба дастам мерасид, ҳамаашро ба таги чодар ҳай мекардам. Инҳоро сарҳуй мондан хатар дорад. Занҳои Сабзбаҳор, Балогардон, асло чӣ будани чодарро намедонанд! Сад ҳайф ки замона намебардорад, — оҳ кашид Тош.

— Замона намебардорад, бардорад, ман чор зани дигарро... — зери лаб мастона суруд хонд, яке аз меҳмонҳо.

Меҳмоне ки зани бисёр доштан мехост, чунон маст шуда буд ки маънии суханони худро аз ҳамроҳаш мепурсид:

— Ман чӣ гуфтам? Ё гапам рост аст? — гӯё алами Тоши аз занҳо озор дида ба ӯ гузашт ки духтари музтари аз дастархон чашм намекандаро ҳақорат дод: Ҳе, дар зот ва бунёдат!..

Нишона дигар тоқат карда натавонист. Ӯ аз ҷой ҷаста хест ва сӯйи дар давид. Мардаки маст беадабона аз камараш оғӯш кард. Духтар ба китфи мардак лагади кирой фуроварда ӯро аз по афтонд. Маст якбора ба

дарандаи хунхор табдил ёфт. Панҷаҳояш ба домани духтар печиданд. Ними домани фарсуда дар дасти мардак монд. Нохунҳои духтар дар ду бари рӯйи меҳмон ҷӯйбори сурх кашиданд. Дидани хун мастҳоро аз ақл бегона намуд.

— Дор қанчиқро, дор мегӯям, — Тошро ҳукм кард Ёғӣ Хидир, аз беҳурматии хизматгордухтарди гунг нисбат ба меҳмонаш девона шуда. — Дор ӯро, э дар... ҳақорат дод Тошро.

Дар дасти Хидир пиёлаи лабрези шароб пош мехӯрд. Меҳмони рӯканда бо чашмони аз косахонааш берун ҷаста рӯ ба рӯйи духтар рост шуд. Дигар мастон низ ба духтар ҳуҷум карданд. Нишона то охир бо ин мардуми одамсурати дарандасират муқобилат карданӣ буд. Мастон хаста шуданд Хидир сахт-сахт нафас гирифта, Тош ва хизматгорашро ҳақорат медод.

Духтараки лол ночор аз ҳамдеҳааш мадад мехост. Аз оне ки безори диданаш буд, чашм намеканд. Сӯйи ӯ ду-се бор дасти мададхоҳ дароз кард.

— Якгӯш ту мард нестӣ, — дудила шудани мардакро дида, ғурунгид Ёғӣ Хидир. — Туро ҳамроҳи гӯшат гургҳо... фалонатро ҳам хӯрда анд.

— Шаробро ба даҳонаш рез, — фарёд кашид Ёғӣ Хидир ба Тош.

Меҳмони рӯканда дастони духтарро ки оҳучаи ба дом афтодаро мемонд, бераҳмона ба қафо тоб дод. Фиғони бесадои духтар дар дилаш таркид.

— Рез, якгӯш, рез. — Тош ба даҳони духтар шароб рехтанӣ шуд ва натавонист. Дастонаш ларзиданд.

Ёғӣ Хидир пеш омада мазаи, лагади духтари сабзбаҳориро зери нофаш хӯрд ва аз пой афтод. Мардҳои маст ба гурги гурусна монанд буданд ва духтарак ба гӯсфанди шабона дар саҳромонда.

— Якгӯш, даҳонашро дарон, қанчиқа, — фарёд кашид Хидир ки шикамашро дошта болои кӯрпача печутоб мехӯрд.

Тош фиғонкунон ангушти хунолудашро аз даҳони духтар берун кашид. Ӯ низ дигар нисбат ба духтарак раҳм ва шафқат надошт. Духтаракро таги по карда, дандонҳои зиреҳшудаашро роғ карда, ба даҳонаш аз пиёла не, аз кӯза шароб рехтанд. Нишонаи гурусна, аввал ширинӣ, сипас талхии дилбеҳузуркунандаеро дар комаш ҳис кард ва даҳонаш худ аз худ кушода шуд. Ӯ шаробро мисли об фурӯ мебурд ва муқобилият мекард, зеро ҳанӯз умеди халосӣ дошт. Оҳиста-оҳиста бемадор гашта, билохир чашмони берӯҳ ва пурҳаросашро ба меҳроб дӯхта ором шуд. Дар ҳалқаи меҳроб селаи аҷинаҳои сермӯю чиркин лаҳзае дар чашмаи хаёл ва ҳаросаш намуда, ӯро масхаракунон нопадид шуданд.

— Диловар! Маро аз дасти ин дарандаҳо халос кун! — охирин бор ин илтиҷо дар сараш барқ заду, аз ҳуш рафт...

***

Аз дари нимроғи меҳмонхона шамол шакараки барфро ба дарун рӯфта, дар остона шерозаи сафед мебофт. Сӯзани барф ва боди сард оқибат духтараки беёдро ба худ овард. Сари чун санги осиёб вазнинаш гирди тири гарданаш давр мегашт. Рагҳои ду чакааш мисли чӯҷаи нав аз тухм баромада мезаданд. Маҷоли аз ҷой ҷунбидан надошт. Чашмонашро кушоданӣ шуд, натавонист. Мижаҳояшро гӯё бо ширеш часпонда буданд. Дар куҷо буданашро дер гоҳ ба ёд оварда натавонист. Гумон бурд ки замин ҷунбида аст ва таги девор монда аст.

Вақтҳои охир замин зуд-зуд меҷунбид. Ӯ саросема кӯдакро рӯйи ҳавлӣ бароварда, сари ҷогаҳи модар музтар мемонд. Замин гӯё мунтазирии ӯро дида

гардиши чархашро боз медошт. «Модарам ва Алам куҷоянд?» Осори зилзиларо диданӣ шуда чашмонашро ба зӯр кушода, ба атроф нигарист. Барқи дарки воқеа майнаашро шикоф кард. Пиёла ва кӯзаҳои шикаста ва бесомон рӯйи дастархон ва рӯ-рӯйи хона мехобиданд. Риёкорон изи ваҳшонияти худро напӯшида фирор карда буданд.

— Диловар!!! — духтар гӯё садои худро шунида бошад, ҳаросон сӯйи дари нимроғ нигарист. Ҳар гоҳ духтар ёрашро хаёлан фарёд мекард, ӯ пеши назараш хандон пайдо мешуд. Ин бор ҷойи ҷавон, ғӯли сиёҳлутии серпашме ки дар пешонааш як чашм дошт, пайдо шуда, дандонҳои чун асобелча аз даҳон баромадаашро сӯйи ӯ намуда, таҳдидаш кард. Нишона аз нав чашмонашро пӯшид.

Духтар эҳсос кард ки номӯс талаб ва номӯс бардори ӯ ки алҳол дар кучҷое ҷонбозӣ мекунад, барояш абадан бегона шуда аст. Ӯро гӯё барқи бегуноҳӣ ва бепаноҳӣ сӯхта хокистар кард.

«Эй Худо ҷонама бигир!» чунин маъно дошт нигоҳи зораш сӯйи меҳроб. Шамоли барфбори хонаи бесомон духтари ба ҳуш омадаро таъкид мекард ки зудтар аз пайи рӯфтани шармандагияш ба по хезад. Ҳар дам аз дари меҳмонхонаи масҷид ворид шудани роҳгузаре аҷаб надошт. Бо мадори сутун рост шуда, гӯшаи сарбандашро ба мехи он, гӯшаи дигарашро ба гардан баст ва кӯзаи холиеро таги по монд... Аз тарафи меҳроб дасти ягонаи модараш ларзон сӯяш дароз шуд. Ду лахчаи сӯзон, чашмони кӯдаки бемор ӯро ба нишон гирифтанд. Дастони ларзони модар, нигоҳи раҳмолуди додар, ҳалқаро аз гарданаш беихтиёр кушоданд. Ӯ ба мурдан ҳақ надоштани худро фаҳмид. Мурдааш ду тани мӯҳтоҷро низ ба мазор мебурд. На танҳо ба хуни худ, балки ба хуни ду бегуноҳ ва бепаноҳ низ зомин мешуд. Нишона дарро пӯшида дастархонро ҷамъ кард. Сафолпораҳоро чида ба даруни тобадон партофт. Бо

панҷаҳояш мӯйҳои парешонашро шона карда, сари вазнинашро сахт баст. Лабони шӯрмазаашро лесида ва таъми хуни худро чашида, табақи яхбастаи бобоияшро гирифта, аз дар баромад. Аз рӯҳ ва арвоҳ талабгор буд ки то хона расидан ба касе дучор наояд. Аз дарвоза баромада лағжида афтод. Пойҳояш бемадор буданд ва кафшаш фарсуда. Аз ҷой хестанӣ шуд ва аз нав лағжид. Аз кучое Зулайхо ва Зафар пайдо шуданд. Дилашро ларза гирифт.

— Дастатро те, — гуфт Зулайхо.

Духтар гӯё даъвати ҷавонҳоро нафаҳмида бошад, дастонашро ки тамғаи задухӯрди шабонаро доштанд, беихтиёр ба остин печонд. Ҷавонҳо ӯро аз болои барф бардоштанд. Духтар Зафар ва Зулайхоро ҳамроҳ дида дилаш ба кафидан расид. Беихтиёр кашф кард ки минъбаъд зинҳор мисли ин ду дилдодаи аз хурдӣ ҳамдам ва ҳамроҳ паҳлӯи азизи дилаш истодан, ишқашро мурод кардан ва арӯсиро орзу кардан насибаш нахоҳад шуд. Духтар табақи холиро рӯйи сина зер карда манаҳашро рӯйи он гузошт. Чашмони сурх ва ранги кандааш аз назари ҷавонҳо пинҳон намонд.

— Имшаб ин бечора ҳам нахобида аст, — ба Зафар гуфт Зулайхо.

Нишона ба маънии сухани ӯ рафта худро гум кард:

— Алам касал аст, — бо азоб фаҳмонданӣ шуд. Онҳо ба маънии «мефаҳмем» сар ҷунбонда пурмаъно ба якдигар нигаристанд. Аз ҷавонҳо ки чизе гуфтанӣ буданд ва истиҳола мекарданд, гурехтанӣ шуд:

— Нишона, ҳо Нишона, як дам ист, гап дорем, — гуфт аз остинаш кашида Зулайхо.

— Гови бачаҳоро имшаб гург хӯрда аст, — Духтар чашмонашро ки аз равшании барф сӯзиш мекарданд, беҳолона пӯшид. Онҳо дилашонро холӣ карда рафтанд. Ба мағзи устухонаш хунукӣ кора кард.

Имшаб на танҳо дар меҳмонхонаи масҷид, балки дар дигар гӯшаи деҳа низ хунрезӣ шуда аст. Фоҷиаи дирӯза аз аввал то охир даме аз ёдаш гузашт. Табақи яхбастаро оғӯш карда, меистод ва осмон ба сараш барфи сафед мебехт. Оқибат ба ҳавлияшон расида гӯё хонаашонро бори аввал медида бошад, карахт чор сӯй нигарист. Худро дар ин хонадони пок бегона ёфта, ба зӯр аз суфаи долон боло шуд. Касе ӯро пас хондагӣ барин нохост ба қафо гашт ва рост ба чашми сиёҳи «Қабри шайтон» нигарист. Ин бор аз ин нигоҳи сиёҳ наҳаросид. Ба остона пой гузошта чунонаш намуд ки қувваи ноаёне ӯро сӯйи қафо тела медиҳад. Ҷисмашро базӯр кашолакунон ба хона даромад.

Кӯдак холаашро дида дастчаҳояшро меҳрхоҳ сӯйи ӯ дароз кард:

— Шона маро бардор, Шона маро гир! Шона туро ёд кардам! Ӯ ҳаросон худро аз кӯдак дур кашид.

— Ту куҷо будӣ? Имшаб осмон ба сари модарат фурӯ афтод. Ту куҷо будӣ, ҷони оча? — чашмони модар аз ҳарос калон мешуданд. — Ба ман нигоҳ кун!

Духтар ба модараш нигоҳ намекард. Овози модар дар фазои хона метаркид. Дастчаҳои кӯдак ҳамчунон сӯяш дароз буданд. Оқибат тоқат накард, худро болои кӯдаки бемор партофт ва аз нохуни по то тори сари ӯро бо лабони кафида ҳарисона бӯсаборон кард. Ӯ рӯяшро дар пушти кӯдак пинҳон карда, сар бардоштан намехост.

Панҷаҳои ларзони модар ба кокулони духтар печиданд. Ноилоҷ сӯйи модар гашт. Хайрия бо даҳшат ба лабони кафида,чашмони сурх ва хумори духтараш нигариста, чун мӯйи дар оташ афтода, ғунча гашт. Аз будаш хурдтар шуд. Сари духтар ба синаи хушки модар афтод.

Худоё фариштаи пок ва беозори маро кадом оқи падар ба ин аҳвол расонд? Вой, хонам сӯхт! Хонумонам

сӯхт, мардум! — фиғон кард модар, аммо, ба маънии фиғони худ расида, гӯшаи кӯрпаро сахт газид. Модари бадбахт кокулони марҷулаи духтарашро дар панҷаҳои чангакшудааш мефишурд ва кӯрпаро сахттар мегазид ва дамгир мешуд. Нафасаш роҳи гузар меҷуст.

## БОБИ ПОНЗДАҲУМ

Занҳо дар ҷустуҷӯи бемористон ки рақамаш дар хат буд ва маҳалаш не, хеле овора шуданд. Раҳгузарон ба мусофирони сарсон ва раҳкӯфта ёрӣ доданӣ шуда, роҳи бемористонҳои гуногунро таъйин мекарданд. Оқибат идораи ваколатдори ҳарбиро пайдо карданд ва мушкилашон осон шуд. Таъйинхат дар даст сӯйи маҳаллаи Сариосиё ки бемористони нав дар он ҷо воқеъ буд, роҳ гирифтанд.

— Ҷони нодон дар азоб, — ғут-ғут кард Нозӣ, — Одам аслан аз касалӣ не, аз беақлӣ мемурад.

Зебо фалсафаи содалавҳонаи дугонаашро сарҷунбон тасдиқ кард. Нозӣ ҳақ буд. Аз ҳамин роҳе ки алҳол гузашта сӯйи Сариосиёб мерафтанд, бори чандум гузашта буданд. Ба шаҳр ворид шуда, Нозӣ гӯё дигар шуда буд. Чашмаш чор тараф чор буд ва ҳамаро бо нигоҳи пурсанда ва ҷӯянда медид ва месанҷид. Баъзан

чунон ба хаёли худ банд буд ки лаҷомро сар медод ва асп ба кӯчаи ростомада, аробаро кашола мекард.

— Ҳо, рост мегӯянд, гов дар диёри мардум, гӯсола аст — чор сӯйро бо нигоҳи пурсанда ва ҷӯяндааш чен карда гуфт Нозӣ.

Занҳо аз байни издиҳоми шаҳри калон базӯр роҳ мекушоданд, ба Зебо номи маҳал ва рақами кӯчаҳоро меомӯхт ва Нозӣ ба чашм ва рӯи одамон синча мекард. Ҳайрон буд ки ин қадар мардуми зиёд дар кучо зиста, чӣ кор карда ва чӣ мехӯрда бошанд? Нахустин бор ин қадар одамони гуногунмиллат ва гуногунзабон ва гуногунчеҳраро медид. Аҳолии Сталинобод асосан аз занон ва кӯдакон ва мӯйсафедон иборат буд. Нозӣ маҳзунона пай бурд ки гумон аст шахси меҷустаашро дар ин шаҳр пайдо кунад, зеро алҳол ягон ҳамсоли ӯро дучор наомад. Мавҷи одамони гуногунзабон ва гуногунлибос дар кӯчаҳо кам намешуд. Онҳо ки ҷуз Сабзбаҳор вуҷуд доштани оламеро намедонистанд, дилтангона ба одамон роҳ дода, зӯракӣ сӯи манзили муродашон ҳаракат мекарданд.

— Ту хобӣ ё Мушк? — пурсид дилтангона Зебо Нозиро. — Зан ба маънии саволи дугонааш нарафт.

— Дунё аз алавхонаи ман тангтар буда аст, — бори чандум аробаро қарор дода ва ба одамон роҳ дода гуфт Нозӣ. — Одамон дар як шаҳри калон намегунҷанд. Бин якдигарро чӣ хел тела медиҳанд.

Бо ин ҳол то бегоҳ ба бемористон расиданашон дар гумон буд. Зебо пиёда шуда пеш-пеши ароба равон ба мардум мегуфт:

— Роҳ диҳед, хеш ва табор, роҳ диҳед. — Дар тангкӯчае аз пешашон аробае баромад. Нозӣ аробакашро илтиҷо кард:

— Роҳ диҳед, мо мусофирем.

— Дар ин дунё ҳама мусофирем, — гуфт аробакаш аспашро қамчин зада.

Ду ароба дар тангкӯча сарбасар омаданд. Аробакаши шаҳрӣ ба деҳотиён роҳ доданӣ набуд ва бо нигоҳ занаки аробакашро маломат мекард. Ҷони Нозӣ ба гулӯяш омада, дасташ мехорид. Зебо ба аробакаш салом дода гуфт:

— Мо роҳро намедонем, амак, моро бубахшед.

— Роҳро намедонӣ, дар хона ат шин, — дағалӣ кард аробакаш.

— Аз ӯ чӣ узр мепурсӣ? — ғазаб кард Нозӣ. — Ӯ бояд ба мо роҳ диҳад. Мо аз тангии кӯча баромадем, ӯ аз роҳи калон.

— Раҳро кушо мегӯям, — оромона, аммо бо зарба даъво кард Нозӣ. Роҳро кушо ки ҳамроҳи ароба ат ба тори ҳо ана он бом мепартоямат. — Нозӣ ба қад рост шуд.

Мардак бо ин зани бадқаҳр баҳсро беҳуда дониста, сари аспашро сӯйи дарвозаи нимкушодае гардонд. Аробаҳо ба ҳам бархӯрда, садои нофораме бароварданд. Саворон бори дигар бо нигоҳ якдигарро маломат карда, бо роҳи худ равон шуданд. Зебо барои ароба роҳ кушода мерафт ва Нозие ки даме пеш аробакашро тори бом партофтанӣ буд, ҳамроҳашро тори ароба мехонд:

— Э духтар, ҳуш дорӣ, дар шаҳр занҳо ва кӯдакҳоро медузданд, зуд ба ароба баро!

— Дуздидани ман ва ту осон нест, — ӯро ором мекард Зебо ки ёди мулоқоти дар пешистода дилашро ларзонда ва чашмашро месӯзонд. — Бин дар ҳар гардиш як милитсия.

— Шаҳри калон, дарди калон, — ҷавоб дод Зебо ки асло парвои милитсия ва шаҳрро дар сар надошт.

Нозӣ дар шаҳр зиёд будани нозирони тартиботро аз нигоҳи аввал дарк карда буд. Гуноҳашро намедонист, аммо рӯйи нозиреро аз дур медид, худ аз худ меҳаросид ва нигоҳашро мегурезонд, лаҷоми аспро

сӯйи дигар мегардонд. Ҳангоми аз назди бозор — аз тангкӯчаи ягона гузаштан ду нафар милитсионерро дид ки нигоҳи кунҷковонаашро аз роҳгузарон намеканданд. «Мабодо Амони ӯро биҷӯянд?». Дили занаки деҳотӣ ба таппиш даромад. Ӯ илоҷи лаҷоми аспро дигар гардондан надошт. Ҳар ду милитсионер рост сӯяшон меомаданд. Зебо бо андешаҳои худ андармон аз дили дугонааш бехабар буд. Милитсионере аз чӯби аробаи сустҳаракат дошта андаруни он кунҷковона нигарист ва ҳамчунон хомӯш роҳашро давом дод. Ин беэътиноии нозири тартибот ба Нозӣ нафорид ки мардакро ба тариқи худ ҷазо доданӣ шуд:

— Ҳой. Ист. Ист. — Мардак дар ҷояш истод.

— Бигӯ ки ту, чаро ҷанг нарафтаӣ? — бо таҳдиди норозиёна пурсид мардакро. Акнун Зебо ноҳинҷор ба мардаки музтар менигарист.

— Ман ҳам ҷанг равам, шуморо кӣ ҳимоя мекунад?

— Аз кӣ? — пурсид Нозӣ ҷиддӣ. — Аз дузд ва роҳзанҳо?

Нозӣ чизе гуфтанӣ шуд. Зебо аз ҷойи сергӯшти дугонаи кунҷковаш сахт пучид. Ҳамин вақт садои ҳуштаки милитсионери дигар аз гӯшаи дигари бозор баланд шуд ва мардак тирвор давида рафт.

— Гоҳе аз ҳад мегузаронӣ, — норозӣ гуфт Зебо. — Мардаки хуб буда аст, талх нагуфт. Ягон ҳақорати бад мекард, чӣ кор мекардӣ?

— Даҳонашро рост мекардам, — гуфт сулҳҷӯёна Нозӣ ки худаш низ аз гуфтааш пушаймон буд.

— Доред ӯро! Доред! — Анбӯҳи одамон ба ҷунбиш омад. Роҳи асп ва ароба баста шуд. Нозӣ аз ароба фуромад. Зебо ҳайрон ва ҳаросон сӯйи овоз нигариста, чизеро намедид. Нозӣ аз лаҷоми асп дошта ҷонварро аз пайи худ кашола мекард.

— Нозӣ! — фарёд кард Зебо. Ҳодисае рух дод ки касе интизораш набуд. Мардаки ришрасидаи бадафт худро тирвор болои ароба заданӣ шуд. Асп рамид. Ҳамин ҷо қудрати Нозӣ ба кор омад. Ӯ аз гиребони мардак дошта, ӯро чунон ба поён силтав дод ки ними куртааш дар дасти занак монд. Мардак дар каф чизеро мефишурд.

— Корд дорад, Нозӣ, — фарёд кард Зебо худро аз ароба болои мард партофта. Нозӣ акнун дар масоҳати назаррас сӯяш дурахшидани корди дудамаро дид бо зонуяш мардакро ба замин зер кард. Зебо дасти корддори мардакро бо пой зер карда, ӯро муштборон мекард. Нозӣ болои мардак савор гулӯяшро мефушурд.

Чашмони пурғазаб ва пурҳароси мардак аз косахонааш ҷаҳиданд. Занҳо суханашро намефаҳмиданд, аммо таҳдид ва таҳқири ӯро аз нигоҳ ва намудаш фаҳмидан мушкил набуд.

— Номаъқул кардӣ, даюс! Асп ва аробаи маро туздидан осон нест. — Дигарон низ ба дузд часпиданд. Мардак бо чанголи кабудшуда ҳанӯз кордро дар дасташ нигоҳ медошту, имкони зарба задан меҷуст. Аммо аз чунин имкон маҳрум буд. Аз кунҷи лабонаш хаф меҷӯшид.

— Дуздро занҳо доштанд, — садо кард касе.

— Воҳ, ту дуздӣ? — пурсид мардакро Нозӣ.

— Ана ин ҷо, — садо кард яке. — Ана ӯ. Э, ҳарду бари рӯяш сиёҳе! — Нозӣ ба рӯйи мардак ду шаппотӣ фуровард.

Онҳоро ҳалқавор печонданд. Баъди дуздро бурдани ҳамроҳонаш милитсионери шинос таваққуф карда зери бурут табассумкунон дер гоҳ дасти Нозӣ ва Зеборо фишурд. Ӯ ҳангоми хайрухуш ба занҳо миннатдорӣ баён карда гуфт.

— Ин бор шумо моро муҳофизат кардед, бори дигар навбати мо!

— Илоҳо, навбати шумо асло нарасад додар гуфт ки Нозӣ акнун ба маънии корнамоиҳояш расида аз тарс меларзид.

— Овозаи Рустам беҳ аз Рустам, — шаҳрро бо таърифу тавсифҳои шунидааш муқоиса кард ки аз ҳодисаи рух дода ҳанӯз ба худ наомада буд. Нозӣ алами ноумедияшро аз шаҳр мегирифт Зебо ӯро мефаҳмид. Алҳол Амонро пайдо мекард, аз Сталинобод дар дунё шаҳри беҳтар ва хубтар набуд.

— Ҳо, шунидан кай бувад монанди дидан. Як бори дидан ва сад бори шунидан.

— Шаҳри ман дидагӣ, дигар буд. Дар ҳар гӯша танӯр ва бӯйи нон дошт. Хонаи ҷангҷӯ ҷазир шавад, шаҳр ҷазир шуда аст, — гуфт Зебо.

— Гов ва молашона дар кучо мечаронда бошанд? — пурсид Нозӣ. Ӯ бузи якшохи лоғареро кашола кардани мӯйсафедро дида, хаёлан сӯйи деҳа ва гов ва молаш гашт.

— Шаҳриён гов ва мол надоранд.

— Пода надоранд, рошак ва чукрӣ надоранд, чашма надоранд, дӯлона ва корҷ надоранд, бечораҳо чӣ доранд? — норозигиашро зоҳир намуд Нозӣ. Барои кадом ҳунараш ин ҷо марказ аст?

— Ист, ист, — гуфт ногаҳ Зебо. Нозӣ сахт лаҷоми аспро кашид. Ароба истод. Ӯ чолок фаромада сӯйи дарвозаи нимроғ равон шуд. Нозӣ аз пайи дугонааш ки намедонист бо чӣ мақсад сӯйи дарвозаи ношинос медавад, нигариста андешид: «Мабодо дузде чун он ношуди ришрасида дар ин шаҳри ношинос ба онҳо ҳуҷум карда, тӯшаашро баранд, чӣ кор мекунанд?» Ӯ бо нигоҳ нозиреро ҷуста, пайдо накард ва ҳаросаш афзуд.

Эҳтиётан бӯғчаашро даст-даст карда сарваташонро барчо ёфта хотирҷамъ шуд. Хаёлашро боз мавҷи одамон кашид. Дар симои ҳар кадоме Амони

азизро мечуст ва намеёфт. Зебо нафасгир ва бедимоғ баргашта гуфт:

— «Хонаи ятимон» буда аст, рафтем Нозӣ.

Роҳи нисбатан наздиктари маҳаллаи Сариосиёбро пурсида, ба тангкӯчае гаштанд. Нозӣ ҳар дам аз роҳгузарон танбеҳ мешунид. Ҳангоми аз назди деворҳои пастак ва лоин гузаштан эҳтиётан сарашонро хам мекарданд. Дар ду тарафи тангкӯча устохонаҳои хурд ва калон қатор ҷой гирифта буданд. Набзи зиндагӣ аз устохонаҳои оҳангарон баланд садо медод. Харидорон кам буданд. Косибон даст зери манаҳ аз даричаи худ сар баровarда, кӯчаро назора мекарданд.

— Пул медоштам подос мехаридам, — қатори досҳои навро ки дар офтоб медурахшиданд, ба ҳавас тамошо карда, гуфт Нозӣ.

Зеборо беихтиёр ханда гирифт. Бо подоси барои манзараҳои санглохи кӯҳ номувофиқ касе дарав намекард, аммо Нозиро ки аз дарав ҳамеша дардмиён мешуд, подоси мувофиқи қадд ва қоматаш айни муддао буд. Нозии орзуманди подос аз ароба фаромада, сӯйи растаи сақичфурӯшон рафт. Зебо аз ароба нафаромада досфурӯшро имо кард. Ӯ барои дугонааш подос харида, таги пахол пинҳон кард. Нозӣ дар ду каф ду пора сақич баргашт. Даҳонаш беист мечунбид.

— Як пора сақичро занак муфт дод. Занак шаҳрӣ ҳам бошад савобҷӯ буда аст, — ба пойтахти Тоҷикистон тавассути як пора сақич андаке меҳр пайдо кард сабзбаҳорӣ. Ӯ гап мезад ва сақич мехоид ва нигоҳи ҳаросонашро аз дар ва дарбачаи дӯконҳо намеканд. Ногоҳ андаруни оҳангархонае ба назараш симои азиз пайдо шуд ва ҳамчунон зуд нопадид гашт. Занак асп ароба ва Зеборо, балки олам ва одамро фаромӯш карда, сақичашро туф кард ва сӯйи устохона давид. Мардаки сабад бапуштеро бо шасташ афтонд ва

ҳақорати кабеҳеро нисбат ба худ гӯё нашунида пеш давид. Дар таги дар ҳамчунин ба харидоре бархӯрд:

— Чашм дорӣ? — шӯрид мӯйсафед китфашро молида.

— Худат чашм медоштӣ, медидӣ ки ман чашм дорам ё не, — ба озордида нигоҳ накарда, худро даруни бино зад занаки умедвор.

Оҳангар дасташро бо пешдоманаш пок карда пурсид:

— Хизмат, хоҳар? Теша ё табар? Дос ё ошбур?

— Чӣ, — ҳайрон пурсид Нозӣ. Овозаш барои худаш бегона буд. Занак на оҳангарро медид ва на писарчаи ӯро ки сар набардошта саночро дамкунон алавро дам медод,

— Дигар ҳеҷ кас нест? — биноро аз назар гузаронда, суол кард Нозӣ.

— Мо кас нестем? — пурсид оҳангари ҳайрон. Зан музтар монд. Ду бари рӯяш арғувонӣ шуд. Ашк аввал синаашро, сипас гулӯ ва чашмонашро сӯзонд.

— Нозӣ, Нозӣ! — овози Зебо ӯро мададгор шуд.

Зебо ба дугонааш ки сархам ва дилшикаста аз устохона мебаромад нигариста, норизо сар меҷунбонд. Ӯ ки ҳамин қадар роҳро барои аёдати шавҳари захминаш тай карда, ҳанӯз аз дидор бенасиб буд, дигар майли сайри кӯчаҳои шаҳр надошт. Чойхона ва устохонае намонда буд ки Нозӣ пинҳон ва аён аз назар нагузаронда бошад.

— Дар ин шаҳр ҳеч кас нест! — сархам баргашта гиряолуд гуфт Нозӣ, гӯё андешаҳои ӯро дарк карда. Маро бубахш, инсоф ва одамгариро гум карда ам.

— Шайтон ноумед, — гуфт Зебо ки «аввал хеш ва баъд дарвеш»-и ҳамроҳаш малӯлаш карда буд.

— Ӯ дар ин шаҳр нест, — оҳ кашид Нозӣ ва якбора бо овози баланд ба таронахонӣ сар карда, аспро ба роҳ андохт.

*Ман оҳ кашам дили кабӯтар сӯзад,*
*Дар сояи бед сабзаи тар сӯзад...*

Роҳгузарон кунҷковона ба зани қавипайкари ароба савор ва тарона хон менигаристанд. Зебо на ӯро медид ва на овозашро мешунид. Ӯ дарунакӣ аз шодии ҳузнолуди дидорбинии дар пеш буда бе ашк мегирист.

Нозӣ агар ҳунари бадбинӣ медошт, аввал худашро аз таҳти дил бад медид. Ҳамин қадар таҳқир дида, ҳанӯз бо ёди шавҳари бераҳм ва бевафо зистанаш худашро низ ҳайрон мекард. Муҳаббат ганҷ аст, ӯ ин ганҷи ройгонро аз замин ва осмони шаҳри ношинос пайдо карданӣ шуда, бо дил ва дасти тиҳӣ бармегашт. Алами шаҳри «холӣ»-ро аз деҳа гирифтанӣ шуд:

— Сабзбаҳориён бахти якдигарро дида наметавонанд. Бадбахт бошӣ дӯстат медоранд, хушбахт бошӣ рӯзата сиёҳ мекунанд.

— Барои як кайк пӯстинатро насӯз дугона, — гуфт Зебо.

— Дигар чизи месӯзондагӣ надорам. Кадом мурғи парида ба қафас баргашта аст? Кошкӣ Саиди ҷонро зудтар пайдо мекардем, — гуфт Нозӣ.

Онҳо оқибат бемористони ҳарбиро ки дар тахтаи дарвозааш рақами даркорӣ сабт ёфта буд, пайдо карданд.

— Ҳамин пагоҳӣ аз назди ҳамин дарвоза гузашта будем.

Зебо ҷавоб надод. Ӯ саропо меларзид. Онҳоро дар таги дар нигоҳ доштанд. Димоғи сӯхтаи Нозӣ дуд гирифт.

— Медонӣ мо аз куҷо омадем? Сабзбаҳорро шунидаӣ?

Мардаки низомилибос забони ӯро нафаҳмида, китф барҳам кашид.

— Тавба, Савзбаҳора намедонаде!

Наҳод аз ҳамон қадар роҳи дур бо машаққат биёем ва диданаш мумкин набошад? — зориолуд пурсид Зебо.

— Мардак хатро баргардонда, чизе гуфтанӣ буд ки Нозӣ шӯрид: — Ҳой, ин хона соҳиб дорад ё не?

— Мағал накун, — нолиш кард Зебо. — Бо инҳо танҳо сухани хуш кора мекунад.

— Сабзбаҳора намедонад ва таърифаш кунам? Садои шӯриши Нозӣ ба дарун низ расид ки ҳамшираи шафқат аз дар баромад. Занро баробар саволборон карданд.

— Истед, истед, ба навбат гап занед!

— Саид Алӣ? — пурсид ҳамшира. — Ҳа чунин кас ҳаст, аскари қаторӣ не, капитан, илова кард ӯ.

Чашмони Зебо дурахшиданд. Нозӣ хурсандона гуфт:

— Ба капитани ҷон гӯй ки мо омадем!

— Чӣ ҳол дорад? — пурсид беҷуръатона Зебо.

— Ҷой-пой дорад, — аз остини ҳамшира кашид Нозӣ.

— Ҳозир кабӯтаракони ман, ҳозир мефаҳмем! Лаҳни нарм ва нигоҳи меҳрубононаи зани чашмкабуд ки бо тоҷикӣ хуб гап мезад, кӯфт ва азоби саргардониро аз дили занҳо гӯё андаке баровард. Ӯро дарҳол дӯст доштанд ва байни худ баланд таърифаш карданд.

— Шаҳрӣ ҳам бошад, занаки нағз буда аст. Ҳамшира дар остона бо марди низомии хилъати сафедпӯш чанде машварат кард:

— Номаш чист? — пурсид мардак. — Мо якчанд Алиев дорем.

— Номаш Саиди ҷон, — гуфт Нозӣ.

— Капитане ки дилаш ҷароҳӣ шуда аст, — оҳиста, фаҳмонд ҳамшира.

— Номи падараш Алй,—таги бинии мардак пайдо шуд Нозӣ.— То ҷанг андак мундак не, раиси ҷамоати Сабзбаҳор буд. Занаш ҳам раис аст, дар ҷойи шавҳараш. Худаш намехост, мо ӯро маҷбур кардем ки раис шавад. Ноилоҷ розӣ шуд. Ана худаш.

Зебо Нозиро пучид. Ҳамшира ва мард табассумкунон ба бино даромаданд. Зебо зулфони марғулаашро ки тор-тор сафедӣ доштанд, таги сарбанд пинҳон кард. «Чй хел шуда бошад? Маро мешинохта бошад?» — пурсид аз Нозӣ.

— Ай наход зани худаша нашиносад?

Зани ҷавон дар остона рост истода даро ва барои одамони хилъатпӯшро мушкил мекард. Онҳо норизо ба ӯ нигариста, мегузаштанд. Нозӣ болои харак нишаста, буд ва аҷаб не, аз бахти нақди дугонааш дар дил занона ҳасад мебурд.

Аз вусъати хаёл ва шодӣ худ аз худ Зеборо пойҳояш бемадор шуданд. Ӯ дар остона нишаст. Ҳар қадар ме-кӯшид ҳамон қадар худро аз даст медод. Нозӣ наздаш омада, ӯро хезонданӣ шуд.

— Хез, Зеби ҷон, ҳушатро ба сарат гир. Дар Сабзбаҳор нестӣ, — гуфт ӯро дар паҳлӯи худ шинонда. Мунтазири ҳамшира ба селаи гунҷишкакони бемуросо ки якдигарро беист нӯл мезаданд, нигаристанд.

— Ҳатто гунҷишкакон байни худ муросо намекунанд ва ту аз Марзия меранҷӣ, — гуфт ҳамроҳаш ки чӣ гуфтан ва чӣ кор карданашро надониста, дилтанг шуда буд.

— Гунҷишкҳо хушбахтона забони тӯҳмат ва ғайбат надоранд, — гуфт Зебо аз дари пӯшида чашм наканда.

— Забон доранд, бин чи гуна моҷаро мекунанд.

— Аз забони хушдомани ман лафзи ҷонваронро фаҳмидан осонтар аст, — гуфт Зебо.

— Рост мегӯйӣ Зеби ҷон, сад офарини сабр ва тоқатат, ман мебудам... Ҳамшира аз дур намоён шуд ва онҳо баробар сӯяш давиданд.

— Алҳол капитан Алиевро дидан мумкин нест, — хабар дод ҳамшира. Ин хабар занҳоро малӯл кард.

— Аз дур ҳам дидан мумкин нест? — Нигоҳи пуралами Зебо дили занакро шикофт.

— Мефаҳмам, аммо илоҷ нест.

— Медонӣ Сабзбаҳор дар куҷо аст? — боз даъво кард Нозӣ.

— Аз ҳамон қадар роҳи дур беҳуда омадед. Баъди аз комиссия гузаштан, худи военкомат аскаронро ба манзилҳояшон мерасонад. Саид Алиро бе роҳбалад намефиристодем, — нармгӯйӣ кард занаки меҳрубон.

— Саидро ки бо роҳбалад мефиристодагӣ бошанд, пас нимтана аст? — фиғон кашид Зебо. — Ӯ куҷост? Ҷаро нишон намедиҳед?

— Арӯси нозанин, ҳамин қадар сабр кардед, андаки дигар сабр бояд кард. Домод, аз шумо бештар муштоқи дидор аст, — аз номи Саид гуфт ҳамшираи нармгуфтор роҳравон. — Сабр кунед...

— Хоҳари қиёматӣ, мурдан мехоҳам, — худро ба оғӯши дугонааш партофт Зебо.

— Забоната занбӯр газад. — гуфт Нозӣ, сари ӯро ба дилаш зер карда ва ашки худро фурӯ бурда.

— Саид нимтана намебуд, ӯро бо роҳбалад мефиристоданд?

— Нимтана ҳам бошад, зинда аст. Ту аз ҳамаи мо хушбахттарӣ дугона. — «Сабр кунед!»-и ҳамшираро ба тариқи худ фаҳмида занон аз пушти дар дур рафтанӣ набуданд.

Назди ароба баргашта ба навбат пушти дари пӯшида омада мерафтанд. Нозӣ Мушкро хорумол карда бо асп гап мезад. Чи мегуфт Зебо намешунид, аммо медонист ки ӯ аз асп ҳам Амони бенишонро пурсон аст.

Нозӣ аспро назди новаи оҳан бурда об дод. Чархҳои аробаро шуста, пахолро болои он паҳн кард.

— Рав, дастатро шӯй, шакароб мехӯрем, — садо кард Зеборо. — Шакароб! — барои иштиҳои дугонаашро овардан такрор кард даҳонашро мазакунон Нозӣ. Шакароб аз як пора зағораи зағирӣ ва оби хунук иборат буд.

***

Аҷаб не, мақоли «интизорӣ бадтар аз ҷон кандан аст»-ро занҳои сабзбаҳорӣ паси дари пӯшидаи бемористони ҳарбӣ ҳазор бор хомӯшона ёд карданд.

Дари дутабақа фиғонкунон кушода шуд. Мушк баланд шиҳа кашид. Аввал марди ҳарбипӯше, сипас бо мадори ҳамон ҳамшираи меҳрубон Саид баромад. Бо пойи худ баромад, аммо Зебо ӯро нашинохт. Ҳамон Саиди пештара буд, ҳамчунон табассум мекард. Чашмонаш чӯкида, рангаш зард ва коҳида буд. Мушк баробари дидани соҳибаш боз шиҳа кашид. Занҳоро гӯё афсун карда бошанд аз ҷой намеҷунбиданд. Ба назари Зебо чунин намуд ки ин мардро дар кучо дида аст ё ба касе монанд карда аст. Саид табассуми пурасрор дар лаб сӯйи занаш меомад. Оқибат Нозӣ аз ҷой ҷаста забон баровард:

— Ба Ватан хуш омадӣ, марди майдон, апа ат садқа ат.

— Ӯ афсарро нозиёна оғӯш карданӣ шуд.

— Оҳиста, оҳистатар — гуфт ҳамшира меҳрубонона.

Зебо ҳанӯз кӯдаквор ба соҳибдараки лоғар ва беҳоли худ ки пайваста табассум мекард, карахт менигарист. Оқибат гаваккашон наздаш расида бо зону афтода, пойҳои шавҳарашро оғӯш намуд ва занҳоро гирён кард.

Саид ба паҳлӯи занаш ба замин нишаст. Ранги зан гоҳ сафед чун пахта гоҳ арғувонӣ мешуд. Ӯ беихтиёр захмҳои шавҳарашро меҷуст, аммо афсар захми ба чашм аён надошт.

— Зебо, хез, паҳлавонро ба Сабзбаҳор барем, кӯки чашми мардум канда шуд.

— Ба ватан хуш омадӣ, марди майдон, — аз китфи Саид чанд бор бӯсида гуфт Нозӣ.

Ҳамшира назди ароба онҳоро интизор меистод. Саид гардани аспро оғӯш кард ва худро дошта натавонист. Марде ки аз дидани занаш нагириста буд, гардани аспро оғӯшкунон, ҷонварро бӯйкунон, беовоз мисли Нишона бо шонаҳояш мегирист. Духтури ҳарбӣ Зеборо ба гӯшае ҷеғ зада гуфт:

— Ба ҳаяҷон омадани бемор мумкин нест. Зебо бо диққат насиҳати духтури ҳарбиро гӯш карда дарк мекард ки чӣ рӯзҳои мушкиле ӯро дар пешанд. Ҳамшира борхалта ва ҳуҷҷатҳои Саидро ба занаш дод.

Нозӣ ки дар ҷустуҷӯи Амон кӯчаҳои шаҳрро хуб омӯхта буд, худ роҳи даркориро пайдо карда, Мушкро ба роҳи калон баровард. Ба зан ва шавҳар пуштгардон нишаста, бо чашмони паси сар медид ки чӣ гуна лабони ду ҷони назмон ба ҳам часпида, чашмони ташнаашон роз ва ниёзашонро беовоз арз мекунанд. Зан аз ин шаҳри бемурувват паршикаста сӯйи деҳа мерафт ва эҳсос мекард ки дилаш абадан холӣ шуда аст. Аз дили холияш ашки талх ва шӯри ноумедӣ ҷӯшида, аз рухсорааш мешорид ва мешорид.

Ароба оҳиста роҳ мерафт. Зуд-зуд аз роҳ меистоданд. Ранги бемор заъфаронӣ шуда, нафасаш тангӣ мекард. «Аз ин ҳол захмин мебуд, хубтар буд» — гузашт аз дили Нозӣ. Ӯ аз андешаи худ шармида лаб газид. Дар ҳақиқат занҳо намедонистанд, ҳангоми хуруҷи дард ба ҷавон чӣ гуна ёрӣ расонанд.

Захмин мебуд, марҳам мекарданд, захмашро мебастанд, тоза мекарданд. Захми афсар дар дил буд ва

қотил. Ӯ беист лабони хушкашро лесида, бо даҳони кушода нафас мегирифт. Дасти занашро кӯдаквор дошта, сар намедод.

— Зеби ҷон, як қатра об, — хоҳиш кард Саид, вақте ки ба Сичароғ расиданд, онҳо назди шаршара, ҷое ки занаки бачадорро дучор омада буданд, истоданд.

Нозӣ об овардани шуд, Зебо насиҳати духтурро ба ёдаш оварда, шунаво гуфт:

— Бисёр об хӯрдан мумкин нест. Худат шунидӣ, духтур чӣ гуфт. Ба Сабзбаҳор расем, ҳар қадар хоҳӣ ғулингоб мехӯрӣ.

— Медонӣ ташнагӣ чист? — чашмони чӯкидаашро ба занаш дӯхта пурсид Саид.

— Медонам, Саиди ҷон!

— Чӣ будани ташнагиро медонистӣ илтимоси маро рад намекардӣ!

— Ҳар чӣ мегӯӣ бигӯ, аммо дигар обат намедиҳам, — гуфт зан лабонашро ба лабони хушки сӯзони шавҳараш часпонда. — Наход дар Ватан ҳам ташнагиямро шикаста натавонам, — бо андӯҳ гуфт бемор.

Садои якранг ва гӯшкаркунандаи чарххои ароба дар роҳи ноҳамвор ва пастобаланд дилхарош буд.

— Ба Гулдара кай мерасем? — бо чашмони пӯшида пурсид Саид дасти занашро дар кафаш фишурда.

— Гулдарая чӣ кор мекунӣ, ҷони апа? — пурсид Нозӣ, пуштгардон.

— Гул мечинем, — маҳзунона табассум кард ҷавон. — Ҳо, гули наргис мечинем.

Зебо рухсораашро ба чеҳраи ришзеркардаи шавҳараш гузошт. Онҳо боз ҳамроҳ буданд. Дард ва аламашон, хотираҳои талх ва ширинашон бо онҳо буд.

...Ҳамон вақт мазрааҳои паст ва баланди Гулдарaро каланд карда, полизи лалмӣ мекоштанд. Вақте мардум гирди дастархони нимирӯзӣ менишастанд, Зебо аз ҳалқаи духтарҳо ноаён ҷудо мешуд. Духтари ваъдадор бо нигоҳе Саидро ки аспашро об медод, аз дур медид. Ҳар бор дар сарчашма вохӯрияшон тасодуфӣ набуд, аммо ҳар ду гӯё аз дидани якдигар ҳайрон мешуданд.

— Зебо? — мепурсид Саид.

— Саид? — мепурсид Зебо.

Мушк шиҳаи мастона мекашид. Баҳор буд ва асп низ бӯйи зиндагиро дар димоғ дошт.

— Мушк чӣ мегӯяд? — пурсид духтар боре хандида.

— Рӯзе ки туро набинам, он рӯз мабод мегӯяд! — мегӯяд ҷавон як даста наргисро ба духтар бахшида.

Зебо медонист ки Саид наргиси ёбоиро дӯст медорад. Дар Гулдара, ба номаш мувофиқ ва пургул, наргис фаровон буд. Зебо гулҳоро ҳар бор ба машом мебурд, ҳарчанд медонист ки наргис бӯй надорад... Онҳо аз ишқ ва муҳаббат сухан намегуфтанд. Чашмонашон гувоҳи дили гӯёашон буда анд.

— Як чиз мегӯям, аз ман наранҷ Зебо ба паҳлӯи духтар нишаста гуфт боре ҷавон.

— Бигӯ, намеранҷам.

— Туро дӯст медорам! Ба Худо сахт дӯст медорам.

— Агар мегуфтӣ ки маро бад мебинӣ, меранҷидам, — гуфт духтар сурх шуда.

Саид ӯро оғӯш карда бӯсид. Духтар ҷавонро бо қабзаи наргис зада гурехт ва каландашро чун баҳонаи дидорбинӣ дар сарчашма барои рӯзи дигар «фаромӯш» кард...

Зебо шавҳарашро ба такяи худ гирифта гуфт:

— Ба Гулдара расидем, Саиди ҷон! — Мард сар бардошта ба атроф ҳарисона ва муштоқ нигарист.

Гулдараи ӯ барфпӯш буд. Чашма аз таги барф ҷорӣ мешуд ва шохаҳои яхбастаи маҷнунбеди урён майда-майда меларзиданд. Саид бо нигоҳи ташна, аммо пурдард чанде ба хам ва пуштаҳои ошно ки чанд сол надида ва пазмон шуда буд, нигариста, сипас ба занаш чашм дӯхта гуфт:

*— Ба яке чашм задан сӯҳбати ёр охир шуд,*
*Рӯи гул сер надидем ва баҳор охир шуд.*

Чашмони Зеборо ашк сӯзонд. Хаёли худ ва шавҳарашро сӯи гузаштаи гулгунашон ки акнун хотира монда буд, кашиданӣ шуда, пурсид:

— Ед дорӣ, Саид?

— Албатта, ёд дорам, — гуфт беҳолона ҷавон. — Хушбахттарин марди дунёам ки умри кӯтоҳамро бо ту гузарондам. Дар ҳақиқат бисёр ҷоҳилӣ кардам. Ҷойи ту болои дида аст! Агар тавонӣ маро бубахш!

— Ҳазор бор бахшидамат, — гуфт саросема Зебо дигар шудани ҳолати беморро дида.

Нозӣ ки суханони ҷавонро пуштгардон мешунид, беихтиёр аз дил гузаронд. «Наход ҷавонро хоки Ватан кашида бошад? Вой бар ҳолат, хоҳари ҷон!» Ҷойи ҳавас ва ҳасадро дар дили зан нисбат ба Зебо алами сӯзон гирифт. То сарҳади деҳи Буни Ағба ҳар кадом андармони хаёли худ расиданд. Аз дур издиҳоми ба сӯяшонояндаро дида фаҳмиданд ки онҳоро мардум интизоранд. Пеш-пеши издиҳом зани мӯйпарешоне медавид. Саид модарашро шинохт.

— Зебо модарама бин... — Ӯ дигар чизе гуфта натавонист. Кампир аз ҳалқаи мардум канда шуда, тирвор пеш давид. Шамол шолашро бурда, мӯйҳои чун барфи ағба сафеди ӯро парешон мекард. Кафшҳояш аз пояш афтоданд. Пойҳои урёнаш хунукиро ҳис намекарданд. Модар аз болои ҳар ду зан гузашта, худро ба писараш расонд. Модар ва писар дар оғӯши якдигар бесадо метапиданд. Зебо ҳаросон шуд. Модар сар ва рӯи писарашро молида ва бӯсида ва бӯй

мекашид. Мардум аробаро печонда, ба афсари қосид ки гарди чандин заминро дар мижгон ба Сабзбаҳор оварда буд, менигаристанд. Чархи аробаро оғӯшкунон кампири Асал меистод.

Саид бо мадори зан ва модараш аз ароба фуромад. Зебо раиси беморро низ байни истиқболкунандагон дида, хурсанд шуд. Ҳасан Ризо ҷавонро падарвор ба оғӯш гирифт. Асояш афтод. Суман онро бардошт.

— Сабзбаҳор пешкаш марди майдон, хуш омадӣ, писарам, — гуфт Раис.

— Аз майдон барои мо чӣ хабари хуш овардӣ? Ба мардум бигӯ, шери нар!

— Хеш ва табори ба ҷон баробарам, — нафаси Саид гашт (Зебо ҳаросон ба чеҳраи шавҳараш нигарист)

— Он рӯз дур нест ки рафтагон бармегарданд. Мисли пештара хона обод мекунем, тӯю маъракa месозем. Душман шикаст хӯрда аст. Бо пойи худ омада таслим мешавад. Мо ғалаба мекунем.

Саид беҳол шуд. Зан шавҳарашро дар шоҳиди ҳама оғӯш карда ашки ниҳони чандин ташнаи дидорро саршор кард.

— Раис-бобо, дастата те?! — назди хушдоманаш намоишкорона ба раис даст дароз кард Зебо. Раис дар паҳлӯи Саид ҷо гирифт. Мушк ба роҳ даромад. Зебо аз дами ба деҳ расидан бо нигоҳ Нишонаро меҷуст. Вақте аз паси дарвозаи онҳо мегузаштанд, ӯро дид. Сар ва рӯяш бо рӯймол печида буд. Бо нигоҳ дугонаашро ҳолпурсӣ кард. Нишона чормағзҳои дар остинаш бударо ба сари Саид пошид, аммо аз пайи ароба ҳамроҳи дигарон нарафта, гашта ба хона даромад. Зеборо чунин намуд ки Нишона дар набудани ӯ дигар шуда аст. «Диловарро ёд карда аст» — оҳ кашида, рафтори дугонаашро пеши худ маънидод кард Зебо.

Ароба назди дарвозаи Саид қарор гирифт. Дили Зебо аз дидани дар ва девори ошно ба тапиш даромад. Зан хонаи ночор тарк кардаашро ки саросар нақши дастонашро дошт, пазмон шуда буд.

Баробари аз дарвоза ворид шудан Марзия нигоҳи маломаташро ҷониби арӯсаш дӯхт:

— Худатро моҳи беайб нишон доданӣ ҳастӣ, духтари Наим? — оҳиста неш зад вай.

— Ба писарат раҳм кун, кампир, дилашро ҷароҳӣ карда анд, — гуфт Зебо дарро калон кушода.

— Дилашро? Ваҳ, ҳар ду бари рӯям сиёҳ! Пойҳои кампир аз шунидани ин хабар латта шуданд.

Ӯ ба девор такя кард.

Саид бе ёрии дигарон ба ҳавлии худ ворид шуд, раис дар бараш буд. Нурия аз пешонаи домодаш бӯсида ба китфаш орд пошид. Марзия як газ читро пояндоз партофт ва дар ҳавлӣ қиёмат қоим шуд. Бачаҳо читро аз таги пойи ҷавон кашида, қариб ӯро меафтонданд. Чит тика-тика шуд ва бачаҳо ҳанӯз шавққунон талош мекарданд. Марзия як ғалбер зардолу ва чормағзро ба сари писараш пошид. Кӯдакони Сабзбаҳор дер гоҳ аз байни барф чормағз ва зардолу чиданд.

— Ба хона ат хуш омадӣ, шери модар, қадам расид, бало нарасад! — каф кушода гуфт Нурия. Мардум низ ба сиҳатӣ ва амонии афсар ки бо омаданаш гӯё ба деҳа пайки ғалабаро оварда буд, дасти дуо бардоштанд.

***

Саид рӯз аз рӯз рӯ ба беҳӣ меовард. Кокулони Лоларо мебофт ва барояш қиссаҳои аҷоиб ва ғароиби дида ва шунидаашро ба ақли кӯдак мувофиқ нақл мекард. Лола ба кӯча баромада шунидаашро ба бачаҳо бо об ва ранги кӯдакона мерасонд. Зебои хушбахт ба

хонаи худ боз меҳр баст. Ҳама озори шавҳарашро бахшид. Шабҳое ки дардаш хурӯҷ мекард ва Саидро хоб намебурд ҳамроҳ нақшаҳои ширин мекашиданд. Зебо мекӯшид Саидро бо модараш танҳо намонад. Аммо чун аз пайи кораш мерафт, модар рӯшод рӯзҳои сиёҳи аз саргузарондаашро гирён ба писараш нақл мекард. Гунаҳкори асосиро ном намебурд, зеро писараш ӯро хуб медонист. Зебо ҳар бор табъи шавҳарашро хира меёфт, медонист ки шамоли сард аз кадом ҷониб варзида аст. Байни ӯ ва хушдоманаш боз гунгакҷанг сар шуд. Марзия боз рашк мекард, меҳрубонии писарашро нисбат ба занаш ки гӯё «гуноҳ карда азизтар шуд» дида наметавонист. Зебо ки баъди ҳама нокомиҳо чӣ будани бахти занро эҳсос мекард, ба осонӣ ба хушдоманаш таслим намешуд. Аз кор омада, падар ва духтарро ҳамроҳ гарми сӯҳбат ёфта, оҳиста наздашон нишаста хомӯшона ба гуфтугӯ ва меҳрубонии ширини азизонаш гӯш медод. Аз шавҳараш таоми дилхоҳашро мепурсид. Ба қадри бечораҳолӣ дастархон ороста, таомҳоеро ки Саид пазмон шуда буд, муҳайё мекард. Дар гирд ва атроф гиёҳе намонд ки Зебо ба нияти шифо барои Саид ҷой накарда бошад.

Зани хушбахт рӯҳ гирифта, зебо ва тоза шуд. Мисли пештара бори хоҷагӣ ба дӯшаш буд, аммо мушкилии онро ҳис намекард. Саид дар бараш, дар сараш, дар дилаш буд. Саид ҳамроҳи занаш гоҳе идора рафта, коғаз ва ҳуҷҷатҳоро ба тартиб меовард. Сарҷунбон ва табассумкунон хатоҳои занашро ислоҳ мекард. Раиси собиқ гӯё дирӯз идораашро тарк карда бошад, «ҳама» чизро хуб дар ёд дошт.

Зебо имкони зуд-зуд ба аёдати Нишона ва модараш рафтан надошт. Гоҳе саросема аз остона ҳолашонро пурсида бармегашт. Зани аз бахт сархуш куҷо донад, чи гуна дугонааш шабҳои дарози зимистонро дар такяи девори долон рӯз мекунад ва ба маслиҳати ӯ зор ва мӯҳтоҷ аст.

Зебо бори чанд раиси колхозро илтиҷо мекард ки мӯҳр ва калиди идораро ба Саид супорад.

— Тамоман шифо ёбад, — идора намегурезад, — мегуфт Ҳасан Ризо.

Зеборо чунин менамуд ки аз ин пешниҳод раис хурсанд нест.

— Раиси ҷамоат не, зани раиси ҷамоат будан мехоҳам, раисбобо.

— Ба комитети иҷроия маслиҳат карда, ба хулосае меоем, духтарам. Сабр кун.

Раис бо чунин суханон Зеборо ба маҷлиси навбатии Пунбачӣ гусел кард.

Зебо бегоҳ аз маҷлис баргашта, дар ҳавлияшон одами бисёрро дида худро саросема аз зин ба зер гирифт.

— Чӣ гап, оча? — фарёд кашид ӯ.

— Тинҷӣ, тинҷӣ, духтарам, — гуфт Ҳасан Ризо.— Саид андаке нотоб шуда аст.

— Одамвор назди шавҳари беморат мешиштӣ — гуфт хушдоманаш ба ҷойи Нурияи гирён.

— Аз Худо тарс қудо, — гуфт Нурия қамчинро аз дасти духтараш гирифта.

Зебо шавҳарашро ки чашмонаш пӯшида ва рангаш заъфаронӣ буд, оғӯш кард:

— Бобои Лола, Саиди ҷон, — оҳиста ба гӯши шавҳараш мегуфт зан, — чашмата кушо, ба ман нигоҳ кун. Лола ба ту гап дорад. — Лола мисли одами калонсол сари болини падар нишаста, аз ӯ чашм намеканд.

— Лола, хам шав, гапатро ба падар бигӯй. Саид, Саиди ҷон!

Бемор гапи ӯро нашунид.

— Оча, чӣ гап шуд? — ба модараш рӯ овард Зебо. Саидҷон чой мехӯрд, якбора пиёла аз дасташ афтод, худам шоҳид!

Лабони пахтавор сафеди бемор ҷунбиданд:

— Ана ман, очат садқа — сари писараш хам шуд Марзия.

— Оча маро бубахш!

— Зебӣ маро бубахш!

— Ҳазор бор бубахшидамат.

— Ту ҳам маро бубахш! — гуфт Зебо. Марзия беҳол шуд.

Саид ба худ наомада сараш болои дастони занаш ҷон дод.

— Рӯзи ба сари ту омада ба сари хуки саҳро наёяд, — духтарам, — гуфт Нурия ба ҷойи духтар ва қудояш фиғон карда.

Марги ҷавони бо пойи худ ба хонааш омада, дар деҳа ғирев андохт. Дар ин имтиҳони душвор зани ҷавон аз хушдоман ва модараш батамкинтар баромад.

Ӯ бехудона рӯю мӯй наканд, ҳазёнгӯён худро ба чор сӯ назад. Худаш ҳайрон буд, барои намурдан аз ин алами ҷонсӯз аз куҷо қуввати тамкин пайдо карда аст. Марзия ва модари худашро тасалло дода, бо ҳар зани ба ғамхона омада, овоз андохта рубоихонӣ мекард. Тошро ки барои таъзия омада буд, дида қоматашро рост кард. Мардак изҳори ҳамдардӣ намуда гуфт:

— Аз анбор ягон чиз лозим бошад, биёрам. Анбори колхоз кам намешавад, раиса.

— Ҳама чиз ҳаст! — ҷавоб дод зан. Ӯ мӯҳтоҷи ёрӣ буд, аммо на аз Тош.

Зебо Халифабоборо бо нигоҳ меҷуст, ӯро болои кундае сархам ва ғамзада ёфта, наздаш нишаст ва ба китфи лоғари мӯйсафед сар монда беҳол гуфт:

— Furthermore

— Сад бор бахшидам, — гуфт мӯйсафед ки китфонаш меларзиданд. Мӯйсафед баъди чанде тикаи суф таги каш баргашта назди ҷасади ҷавон нишаст ва гӯё дуо мехонда бошад, чашмонашро пӯшида, фиғон кард: — Наход мани барҷомонда ва пир зинда гардам ва ту ҷомаи охирати маро пӯшӣ, писарам? Мани бесоҳибро бо худ бибар. Чанори решагардонам, садбарги хазонам, писарам! — мӯйсафед Саиди ҷавонмарг ва мурдаи бесоҳиби худро якҷоя менолид ва ҷигари ҳозиронро месӯзонд.

Омади Асали ғамзада ғамхонаро ларзонд. Кампир ҷомаи домодии писари шаҳидашро болои ҷасад партофта, пуралам ва ҷигаршикоф нола кард:

Дар дашт будам ки лоларо шабнам зад,
Омад хабаре бачаякум барҳам зад.
Дар банди дилум ду доғи рӯйи ҳам зад,
Қадам ки камони оҳанӣ буд, хам зад.

Себаки ғӯрарангум,
Саидҷони банангум,
Очаи нолонта бин,
Арӯси гирёнта бин,
Духтари ҳайронта бин.
Аҷали нодонта бин...
Ҷавонамарги пурармонам,

Шодиҷони бегонахокам, хок дар сари модарате!

Байти алами кампир чун рӯди равон мерехт ва занҳо ба он ҷӯйҳои ашки худро меомехтанд.

Хайрия чанд бор Нишонаро таъкид кард ки ба ғамхона равад, аммо ӯ таги долон мегирист ва аз биме ки Тошро дучор меояд, майли рафтан надошт. Оқибат тоқат накарда, аз ҷой хест. Куртаи чакани Майса ва тоқии гулдӯзии Каримро ба ғамхона овард. Тош аз дарвоза ворид шудани духтарро дида, мушвор ғамхонаро тарк кард. Пушти мардакро духтар дид ва баданашро арақи сард зер кард. Пойҳояш суст шуданд ва муштонаш гиреҳ. Ӯ пешпо хӯрда, қариб Нуқраро аз

пой меафтонд. Худро бо азобе то кампири Асал расонда, чизҳоро наздаш гузошт. Фиғони занҳо ба осмон печид:

Очама бигӯ куртаи ғам пора куна,
Шаб дар таги сар мона ва рӯз нола куна.
Майсагули хазонум,
Карими бенишонум.
Модари беморта бин,
Хоҳари афгорта бин,
Аҷали нодонта бин,
Бачаи сарсонта бин.
Саиди меҳмонаме,
Шодии мусофирхокаме,
Майсаи хазонаме,
Карими гумномаме,
Во аҷале, ҳар ду бари рӯят сиёҳ.

Марзия паҳлӯи ҷасади писари меҳмонаш карахт нишаста, беҳис ба мардум менигарист. Кампири чанде пеш хушбахти дунё акнун кокулони пахтасонашро ба қадаш кушода, ба ҷасади оростаи писараш нигариста, ин ҳақиқатро чун хоби даҳшатнок дарк карданӣ мешуд. Ӯ ,ки дигар чизи аз даст медодагӣ надошт, худро дар ғазаби парвардигор сӯхтан мехост:

— Раҳм ва инсофата гирад, Худо. Шарм надоштӣ бачаи ягона амро бурдӣ? Себ буд, аз дур нишон дода гирифтиш? Ҷони маро бигир! Ё мани кампир ба ту лозим нестам?

Занҳо гиребони тавба медоштанд.

— Тавба кун, қудо, тавба кун, куфр гуфтӣ, — оҳиста қудояшро ба тавба даъват кард Нурия. — Тавба кун, куфр нагӯ!

— Не, тавба намекунам, — наъра мекашид модар — Вой бачаме, ҷигарам мерезад мардум! — Ҷойи нафас аз димоғи кампир гӯё дуди сиёҳ мебаромад.

Ҳарчанд ёрие дода наметавонист, Ҳасан Ризо дар такяи девор истода, бо ҳузури худ ба дили беҳоли зани ҷавон қувват мебахшид. Зебо назди раис омада беҳолона гуфт:

— Раисбобо, падари қиёматӣ, маро напарто!

— Офарин духтарам, ба қувват ва тамкинат! Аз ман хубтар медонӣ ки рӯ ва мӯ канда афгор мешавӣ ва дардат сабук намешавад. — Саид дил ва ҷигари ҳамаи мо буд. Бояд ҷавонмардро шоистаи ном ва нишонаш ба хок супорем.

— Дар хоки поят ҷонам раисбобо, — оҳиста гуфт Зебо.

Бо ишораи раис Зафар ва Зулайхо байроқи колхозро оварда, болои ҷасад паҳн карданд. Аскари собиқ байрақро бӯсида, канда-канда ба ҳама муроҷиат кард:

— Хеш ва табори ширин, ёд доред! Рӯзи ба Сабзбаҳор расидани Саид барф meборид. Рӯзи моро таркгуфтанаш дарахтон, гул ва сабза ва офтоб хандон аст. Як бузургвор барои ҳамин рӯз фармуда аст:

Ёд дорӣ ки вақти зодани ту,
Ҳама хандон буданд ва ту гирён?
Он чунон зӣ ки баъди мурдани ту,
Ҳама гирён шаванд ва ту хандон.

— Аз гиряи мо Саид зинда мешуд, аз чашми сарамон Сурхоби дигар равон мекардем. Чӣ кунем ки аз марг амон нест. Аз ҷанг раҳид ва дар остонаи хонааш аз по афтод. Тасаллои мост ки Саиди мо, тири душманро дар дили худ то хонааш овард, то ҷавони дигаре қурбон нашавад. Ғолиб омад ва ғолиб рафт. Хеш ва табор, ҷанг аз сарҳади мо гузашта аст.

Дарахтони зардолу ва олуча — дастниҳоли ҷавон ғарқи гул буданд. Ин тазод ҳасрати мардумро дар сари тобути ҷавони тармарг зиёдтар мекард, аммо дигар касе намегирист.

Марзия дар такяи қудояш дамодам беҳол мешуд, аммо мисли пештара бехуд набуд:

— Модар! — ба Марзия муроҷиат кард раис, — дар сари тобути фарзанди шаҳидат, назди алами ту, ҳама қасам мехӯрем ки қасоси Саид ва Шодӣ ва Каримҳоро аз душмани қаттол меситонем.

— Қасам! — гуфт раис.

— Қасам! — такрор карданд хурд ва калон. Нишона либосҳои ёдгориро оғӯш карда, ба чеҳраи пажмурда ва андаке доғ зеркардаи дугонааш бегонавор менигарист. Чунонаш менамуд ки ҷойи ҷавон дар тобути ороста худаш хобида аст. Касе ӯро тела дода, гузашт ва зинда буданашро хотиррасонаш кард. Вақтҳои охир дар бораи марг ва мазор бисёр фикр мекард. Дар хоб борҳо ба гӯри кӯҳна меафтод ва дасте ба мададаш мерасид. Имшаб хоб дид ки ба гӯри чуқуре афтода аст ва касе ба ӯ дасти ёрӣ дароз намекунад. Вақте мардум дар сари тобут қасам ёд мекарданд, духтар даст болои шиками дамида, ноаён ғамхонаро тарк кард.

Ҳасан Ризо то охири маросими дафн истода наметавонист. Дар такяи кампираш равона аз Зебо хоҳиш кард:

— Ҷони бобо, на танҳо шавҳари худро, балки афсари шуҷоъ, коммунисти матинро ба хок месупорӣ. Бори дигар сабр ва тоқататро ба занҳои Сабзбаҳор нишон деҳ! — Тобути Саидро бардоштанд.

Дардбардории дигаронро барои бардоштани дарди худ қувваташ камӣ кард. Магар беҳуда гуфта анд ки ғам кӯҳро паст карда аст? Магар беҳуда гуфта анд, ки: шодиро тақсим мекунанд, ғамро наметавон тақсим кард. Зебо калавид. Ӯ медонист, алҳол аз по афтад, касе ӯро бардошта наметавонад. Медонист ки ғам мисли баҳр аст ва ғамдор шиновар. Ҳар қадар хуб шино бикунӣ ҳамон қадар хавфи ғарқшудан дорӣ. Ӯ ҳақ

надошт, дар шоҳидии занҳои дилшикаста ва кӯдакони ятим дар оби чашми ноумедияш ғарқ бишавад.

— Э мусулмонҳо! Бачама набаред! — Марзия гиребон то доман чок зада, пояи тобутро доштанӣ шуд.

— Набаред бачама! Инсофатона Худо гирад! — баъд ба домани арӯсаш чанг андохта зорӣ кард: — Зебо, гӯй Саид баргардад. Гӯй баргардад, ӯ гапи туро намегардонад.

Арӯс хушдоманашро оғӯшкунон ба ҷойи ҳардуяш овоз андохт:

Ситораи рӯшанма куҷо кардӣ, фалак?
Субҳа дар миёни шаб фано кардӣ, фалак.
Дорам фалак аз ту то қиёмат гила,
Ай ёри ширин мара ҷудо кардӣ, фалак.

Касе то ҳол чунин гиряро, балки сурудро нашунида буданд. Мардум гиряро бас карданд. Шояд фаҳмидан мехостанд ки зани ҷавон мегиряд ё суруд мехонад.

Нозӣ аз дигар тараф пайдо шуда, тафи кампирро ки пойҳояш заминрӯб буданд, гирифт:

Аз боғи боло навданиҳолма бурданд,
Аз тори сарум ду қуш нумолма бурданд.
Ай кунҷи қафас кабки ҳилолма бурданд,
Аз банди дилум Саиди ҷонма бурданд.

Лола дар чанд моҳи падардорӣ он қадар хушбахт буд ки алҳол гиря ва фиғони мардум барояш мисли хоб менамуд. Духтарча ки чи будани маргро дарк намекард, то марзаи мазор расидан, гумон дошт ки падараш хоб аст ва занҳо бо гиряи худ ӯро бедор кардан мехоҳанд.

Чун падарашро аз дара гузарониданиянд, бадбахтияшро тифлона дарк карда, пояи тобутро сахт дошт. Дасти кӯдакро базӯр аз пояи тобут канданд.

Зебо духтарчаашро ба синааш зер карда, бо тамкин пояи тобути шавҳарашро бо рамзи махсус се

дафъа гӯиё аз замин бардошт. Шонаҳояш меларзид. Фиѓони мардум ба осмон печид.

Ба пояи тобӯти шавҳар даст бурдан ва онро кушиши бардоштан кардан рамзи сода набуд. Бо ин амали худ зани ҷавон ба аҳли деҳа, хосса ба Марзия гӯё гӯшрас кард ки ӯ дар батнаш фарзанд дорад ва духтарчаи падаргумкардааш танҳо нахоҳад монд.

## БОБИ ШОНЗДАҲУМ

Аскарон як-як аз ҷанг бармегаштанд. Бачаҳо интизори падарон дар Буни Ағба аз пагоҳ то бегоҳ дидбон буданд. Агар қосиде хабари бозгашти аскареро меовард, соҳиби ҳадя ва ҷома ва дастор мешуд. Мӯйсафедҳо низ дар қатори бачаҳо аз гардиши роҳ чашм намеканданд. Гоҳ аз як хона, гоҳ аз хонаи дигар садои даф баланд мешуд. Ғамдорҳо ба хотири хушнудии дигарон аввалин шуда, дари бахтрасидаро мекушоянд.

Аскаронро, ҳатто онҳоеро ки аз деҳаҳои дигар бо роҳи Сабзбаҳор бармегаштанд, доира занон ва арғуштравон то деҳа меоварданд. Ҷанг — имтиҳони шадиди сабр ва тамкин деҳаро ба як хонадон сокинонашро ба як узви як хонавода табдил дода буд. Насими ғалаба ба димоғи занҳои Сабзбаҳор бӯйи зиндагиро оварда, онҳоро орзупарвар кард. Шерозаи ҷӯйҳоро гулкорӣ карда палҳои пиёз ва гашниз райҳон ва ҳулбӯ, ӯсма ва ҳино кишт карданд. Хосият деги сафедапазиашро дур ва дароз регшӯйӣ карда, баъди

чанд сол онро болои оташдон гузошта, сафедаи қалъагӣ пухт.

Баҳори пуринтизори ғалаба кӯҳ ва даман, дашт ва чаманро ба истиқболи ғолибони сахтҷон ва сахтимон бо мӯкалами зиндагибахши худ наққошӣ намуда, гӯё бо ханда ва нумӯи гул ва майса зиндагӣ ва зиндаҳоро ситоиш мекард.

Аз ин базми пуринтизор, аз ин марҳамгоҳи дилҳои хаста ва умедвор духтаре худро дур мекашид. Нишона баъди он шаби мудҳиш ки дар чашмаи зулоли бахташ ғаждии манфур афканда буд, аз дар ва деворҳои масҷид мерамид. На танҳо аз аҳли деҳа, балки аз модари оҷиз ва тифлаки ятим низ майли гурехтан дошт. Ин баҳор чун пештара бачаҳоро ҷамъ карда, дар ва девори масҷидро дударӯб накард, деги чилгӯшаро барои пухтани гандумбирён болои оташдон нагузошт, балки аз сари девор ба саҳни масҷид ворид шудани бачаҳоро дида, ба хона даромада, дарро аз дарун занҷир кард. Бачаҳо мураббияро наёфта, ба хонааш омаданд, аммо ноумед рафтанд. Рафтанд ва рӯзи дигар аз рӯйи одат боз дарвозаи масҷидро кушоданд.

Аҳмад ҳамроҳи бачаҳо дегро ба болои оташдон гузошта, таги деги холӣ оташ сар дод. Ӯ ҳар дам бо умед сӯйи долони Нишона нигариста, ҳеҷ намефаҳмид ки чаро шахси ӯро аз мурдан раҳонида наменамояд. Мураббия аз мӯрӣ чашмони интизор ва раҳмолуди бачаро сӯи хонаашон дида, тоқат накарда, наздашон расид. Боз базми бачаҳо гардон шуд.

Нишона ҳар бор аз дарвоза ворид шудани касеро медид, фавран аз девор ба ҳавлияшон мегузашт. Ин рафтори мураббия аз чашми бачаҳо низ пинҳон намонд. Агар касе аз дар ворид шавад, маънидор ба мураббия менигаристанд, яъне ки худро ба ҳавлӣ бигир!... Бачаҳо ҳар бор то бирён шудани гандум ба қаъри деги бобаракат бо умед менигаристанд.

Баъд ҳиссаи сӯзонашонро дар доман ва тоқиҳояшон гирифта, дар ҳар гӯша мехӯрданд. Ҳангоми хӯрданашон чунон хомӯшие ба миён меомад ки пашша пар занад, садояш шунида мешуд.

Нишона баъди он шаби манҳус дигар Тошро рӯбарӯ дучор наомад. Пештар ҳар рӯз беихтиёр аз сари девор мудирро медид. Алҳол гӯё ӯро замин кашида бошад, гум ва гӯр буд. Духтар дарк кард ки Тош аз ӯ мегурезад, инчунин кашф кард ки мудир қулфи калонеро ба дари ҳуҷрааш овехта аст. Дар деҳа ки ҷуз анбори колхоз хонае қулф надошт, посбони оҳанини дар аз касе ва чизе сахт хавф доштани соҳибхонаро мефаҳмонд. «Аз ман метарсад». Дар дили кинахоҳи духтар рафта-рафта нақшаҳои хунталаб пайдо шуданд. Чанд бор бегоҳ бачаҳоро гусел карда, худ ба дари маҳкам бо нигоҳи кинаҷӯ нигарист. Табассуми талхе гирди лабонаш дамид. Бори аввал дилаш беҷо шуд. Духтар пушти дари Тош меъдаашро холӣ кард.

Чунин сафедаро дар кӯҳистон ҳунармандони авлодӣ аз қалъагӣ мепазанд.

Нишона зуд-зуд сари по нишаста, хӯрдаашро мегардонд ва бо ҳарос ба гирд ва атроф менигарист. Чунонаш менамуд ки ҳама мислаш дилбеҷоянд, зеро меъдаи мардум аз пайваста гиёҳхӯрӣ бадҳол буд. Дар рӯйи сафед ва гирдааш аввал доғи кунҷитак, сипас доғҳои сиёҳи барҷаста хол заданд. Аз олам ва одам, аз рӯзи рӯшан мегурехт. Дастонашро сипарвор болои дил гузошта роҳ мерафт.

Баъди он шаби даҳшатнок оинаи нигоҳи пурҳароси модар пайваста чеҳра ва ҷисми духтарашро назора мекард. «Занҳои зоти мо дар ҳамл доғ намегирифтанд, доғҳои ӯ мӯҳри шармандагиянд, бо даҳшат меандешид Хайрия. — Худои карим ва раҳим ҷонамро барвақттар бигир ки духтари бадбахтамро набинам ва насӯзам. Зебо медониста бошад? Худоё ҳеҷ касро дар зиндагии ман аз ин шармандагӣ бохабар

накун!» — Модар шабони дарозро бо андешаҳои мағшуш рӯз мекард. Розӣ буд ки Зебои мотамдор хонаи онҳо омад ва рафт надорад.

Духтар нигоҳи ҳарос ва озмоиши модарашро аз паси сараш эҳсос мекард, аммо алами шармандагияшро фурӯ мебурд. Дамдӯздӣ, одамгурезӣ ва хомӯшии тазйиқовари духтар модарро об ва адо мекард. Онҳо хомӯшона якдигарро мефаҳмиданд. Хомӯшона! Беҳуда намегӯянд ки ҳақиқатро донистан хоҳӣ кӯдакро пурс. Алам асрори пӯшидаи холаашро бо калимае ошкор кард. Нишона боре кӯдакро танбеҳ дода, ба гӯшҳои калонӣ ӯ ишора карда «чапаргӯш» гуфт. Бача аз дасти холааш гурехт ва байни ҳавлӣ шикамашро пеш бароварда, бо овози баланд ӯро «шикамкаду» номид. Модар сарашро таги кӯрпа хаст. Нишона аз пайи писарча санг андохта, дар ҷояш нишаст ва заминро оғӯш карда, дар худ тапид...

Бачаҳо ҳақашонро хӯрда, ба бозиҳои ғамбарори тифлона пардохтанд.

Онҳо чунон шавқункунон шодикунон аз пайи якдигар медавиданд ки гӯё ҷуз саҳни масҷид ва бозӣ дар олам ятимӣ ва ғам ва андӯҳ, ҷанги одамхӯр асло вуҷуд надорад. Алам савори аспаки чӯбин аз ҳама пеш медавид. Писарбача ба падар ва модараш баробар монанд буд. Аввалҳо ба духтар пешниҳод мекарданд ки аз ҷони азизаш ва кӯдак якеро интихоб бикунад, албатта Аламро интихоб мекард. Алҳол ҳис мекард ки меҳраш ҳатто аз писарча гурехта аст.

Бедорхобӣ ва андешаҳои мудҳиш Нишонаро ба куллӣ дигар карданд. Шабони дароз бедорхобӣ кашида, рӯзона роҳравон пинак мерафт. Ба дарахте, деворе, кӯдаки давоне бархӯрда, тарсида бедор мешуд. Духтараки дирӯз зиндагидӯст ва ошиқ пиразани офтоби умраш ғуруб кардаро мемонд. Ба касе ва чизе дилбастагӣ надошт. Аз одамон меҳраш гурехта, дилаш монда буд. Дар симои ҳар кадоми он мардони манҳусро

медид. Гули зиндагияшро хазон дида, дарёфт ки одамон умре хоҳ ва нохоҳ, пайи озораш буда анд... Умри кӯтоҳаш гулдӯзии сафедеро мемонд ки гӯё ба рӯяш ранги сиёҳ рехта буданд. Кӯдакияшро чун хоби такрордида ёд меовард ва аламаш сӯзонтар мешуд.

...Кӯдаки аҳл ва нармхислат буд ӯ. Ҳамсолонаш механдиданд, месуруданд, гапгузаронӣ мекарданд, духтарча мисли моҳӣ хомӯш буд. Пайваста табассум мекард. Бо табассумаш гӯё айби беайбияшро пӯшонданӣ мешуд. Чун дигарон завқ карда механдиданд, ӯ намехандид. Борҳо шуда буд ки ҳамсолонаш барои мазоҳаш бе ҳеҷ мақсад механдиданд. Чун духтарак таги гапро нафаҳмида, ба хандаашон ҳамроҳ мешуд, хандаро бас мекарданд. Дар чунин ҳолатҳо Диловар намехандид, балки бо мазоҳгарон дастбагиребон мешуд. Гоҳе ки пуштаҳо гулчинӣ мебаромаданд, дилаш ҳавоӣ мешуд, лабонаш меҷунбиданд. Ӯ суруд мехонд, ҳарчанд онро ҷуз худаш касе намешунид. Сурудхониро низ минбаъд бас кард, зеро фаҳмид ки суханони ӯро низ нусхабардорӣ мекарданд. Вақте дари синфхонаро ба рӯяш бастанд, дили ҳассосаш ранҷиши сӯзнокеро ҳис кард. Ба даре ки ӯро аз ҳамсолонаш ҷудо кард, чанде музтар нигарист ва гирён сӯйи» «Қабри шайтон» боло шуд. Чаро ба оғӯши модар не, сӯи «Қабри шайтон» рафт? На танҳо аз мактаб ва муаллим, балки аз модараш низ ки чунин оҷизаш зода аст, гиламанд буд. Падари рӯнодидашро, онеро ки ҳанӯз духтарчааш ба дунё наомада ғарқ шуда аст, ёд мекард ва мегирист. Шояд падараш зинда мебуд, ӯ безабон ба дунё намеомад? То «Қабри шайтон» нарасида, духтарчаро ними роҳ аз алам ва хастагӣ хоб бурд. Чашм кушода дар сараш Майса ва Зебо, он тарафтар Диловарро дид ва дилаш кушода шуд.

«Барои кадом гуноҳам, маро зиндагӣ чунин ҷазо дод? Имрӯз ё фардо меоӣ ва маро намеёбӣ. Ман меравам, Диловар! Аз он меравам ки Нишонаи

пештараро ёд бикунӣ ва дӯст дорӣ, на онеро ки шарафашро барои ту ҳифз карда натавонист. Диловар!!!»

— Шона, рафтем! — Алам дасти холаашро гирифт ва ӯро ба худ овард. Нишона чашмашро аз дари ҳуҷраи Тош ки паси он халтаи коғазини пур аз марги муш меистод канда, ба Алам нигарист.

— Рафтем, Шона! Холаи Зебо омада аст.

— Рав, ман ҳозир меоям! — ишора кард хола.

— Бибим гуфт ки бе Шона ба хона наё! Рафтем!

— Рав, ман меоям!

Кӯдак давида рафт. Дастонашро рӯйи шикамаш гузошта, аз халтаи болояш сурати муши мурда акс ёфта чашм намеканд.

Ҷойи муши мурдаро дар хаёлаш даме Тош гирифт. Аз халта марги муш гирифтанӣ шуд ва аз дарвоза даромадани касеро ҳис карда, фаврӣ худро паси халта гирифт. Зебо чор сӯ нигариста ва касеро наёфта, баромада рафт. Нишона дер гоҳ аз ҷой хеста натавонист. Бори аввал бегонавор аз дидори дугонааш рӯ гардонд. Ӯ коғазпечи марги мушро ба остин зада, аз девор ба ҳавлӣ гузашт.

Тифли ҷангзода зуд-зуд ҷунбида, аз вуҷуди худ ночор огоҳ мекард. Ин бор ҳам Нишона аз зарби лагади ногаҳонии тифл тарсида, ҳаросон ба атроф нигарист ва ба шиками худ бераҳмона муште фуровард. Ӯ кӯдаки худро, аниқтараш тифли фисқро надида, бад медид. Акнун марги муш дошт ва худро сипардор мепиндошт. Коғазпечро таги нориса пинҳон карда, ба хона омад. Модар дар чеҳраи духтараш табассуми асрорангезро дида, ба андеша афтод. Ҳар як тағйироти зоҳири духтар модарро сахт метарсонд, хатто табассумаш. Ноаён ба шиками духтар нигарист. Ба назараш хурд намуд. «Кошкӣ, кошкӣ» — дар дил хурсанд шуд модар ки худро ва нигоҳашро фиреб додан

мехост. Духтар нохост рост ба чашми модар нигариста ишоракунон мақсадашро баён кард.

— Аз касе қарздор нестем, оча?

Модар ҳайрон ба ӯ менигарист. Духтар саволашро такрор кард.

— Худат қарз надошта бошӣ, ман қарз надорам.

Нишона дер гоҳ бо ангуштон чизеро ҳисоб ва китоб кард.

— Ба сарам равған рехта алав сар деҳ!

- Чи рӯзе ба сари ман овардани ҳастӣ, беинсоф? — нолид модар.

Хайрия заррае дармон медошт, худкушӣ мекард. Ҳарчанд даҳшат ва ҷазои худкуширо дар ин дунё ва он дунё зани худотарс хуб медонист.

Худкушро дар мазор роҳ намедиҳанд, як, ҷаноза ва худоӣ намекунанд, ду, парвардигор гуноҳашро намебахшад, се... Парвардигор гуноҳи д ва тоифаро асло намебахшад. Худкушро ва қотилро. Худкушро барои он ки неъмати таоло — ҳаётро ба рӯйи ҳазрат зада аст. Қотилро барои он ки бандаи халқ кардаи таолоро беҷон карда аст, меандешид оҷиза. Бемор ба худ марг мехост, аммо марги маҷбурӣ не, марги илоҳӣ. Ба қавли худаш аҷал ӯро фаромӯш карда буд.

Нишона белро гирифта, пали пиёз соз кард. Нигоҳи пурҳарос ва ғамолуди модарашро сӯяш медид ва аз замин сар набардошта, кор мекард.

Барои духтари азияткашида ҷойи ташнагии зиндагиро ташнагии марг гирифта ҳар дам ҷонкоҳтар мешуд. Нишона нияте дошт. То ба амал баровардани он дари олами офтобиро ба рӯйи худ пӯшиданӣ набуд. Духтари баномӯси беномӯсшуда бо душмани худ ҳисобӣ кардан мехост.

Деҳ ба хоби гарон ғарқ шуд ва модар низ дасти ларзонашро ба сари наберааш гузошта, ором гирифт. Нишона хотирҷамъ қапқони хирсқапир ки аз падараш

монда буд, сӯйи масҷид кашола кард. Раҳораҳ беҳуда будани корашро фаҳмид, аммо қафо нагашт, балки саросема қапқонро пушти дари Тош гузошт. «Ба қапқон афтода намурад ҳам, пояш талқон мешавад, як умр ланг ва хор ва зор мешавад», — худро тасалло дода, баргашт духтар. Ба қапқон афтода, сагвор азоб кашидани душманро тасаввур карда, хушҳол даме пинак рафт, аммо ин бор ҳам зуд тарсида бедор шуд. Хоб дид ки душманаш қапқони холиро кашолакунон ба ҳавлияшон даромад. Ҳатто садои занҷири қапқон ва пойи ӯро шунид.

Он шаб дигар чашм пӯшида натавонист. То саҳар сӯйи масҷид нигарист. Он сӯ давидани одамонро ки бояд бо ёрии мардаки ба қапқон афтода мешитофтанд, интизор шуд. Субҳ дамид ва духтар бо даҳшат дарёфт ки мудир шаб ба ҳуҷраи муқаррарияш барнагашта аст.

Нишона ба қапқон наздик шуда, худро якбора қафо кашид. Думғозаи гурбаи зарди буғӯзеро миқрози қапқон сахт бурида буд. Ҳайвон дастонашро ба пеш дароз карда нимҷон мехобид.

Чашмони зарҳалияш аз косахона ҷаҳида буданд. Чашмони ҷаҳида ва берӯҳ, шиками гирд ва пистонҳои сурхи нӯгтезаш, нафасгирии берабти ҷонвар духтарро ба даҳшат овард. Нохост пистонҳои шир гирифтаи духтар ширин хориданд. Бехудона, зӯр зада қапқонро кушод. Гурба майли хестан кард, аммо натавонист. Дар нигоҳи даҳшати духтар чанде ҷон канда, оқибат дароз кашид ва аз тапиш монд. Духтари даҳшат зада қапқони хунолудро аз пояш кашола карда, сӯйи хона гурехт. Ба қаҳдони холӣ даромада, ба девор такякунон чашмонашро сахт пӯшид. Ӯ мисли гурбаи буғӯз мурдан намехост.

***

Аз Диловар ки дергоҳ хат ва хабар набуд, оқибат мактуб омад. Танҳо як мактуб ба номи Зебо. Андаруни нома ин бор барои Нишона хат набуд. Зебо мақсади

додарашро баъди хондани хат фаҳмида фиғонаш баромад. Хати ҷавон ин бор бе нақш ва нигор буд. Модар савод надошт, аммо аз тағйир ёфтани чеҳраи духтараш бадбахтиеро ҳис кард. Хатро гирифта, таг ва рӯ карда бӯсид ва гирён шуд.

— Ин хати бачам нест, маро фиреб нате. Гӯй, ба ӯ чӣ шуда аст?

— Оча, дарвоза атро кушода мон, Диловар меояд, — аз байни ашк хандида гуфт хоҳар.

— Ҳайфи дасти додарам! — илова кард Зебо.

— Вой хонам сӯхт! — модар ба девор такя кард.

— Шукр кун ки зинда аст. Сад шукр ки зинда аст, — ба ҷойи худ ва модараш гуфт ӯ.

Чанд рӯз барои дасти буридаи фарзандаш дар остин гириста дилашро холӣ кард ва ба оростани манзилаш пардохт. Аз ҷанги хунин зинда баргаштани писарашро модар ҳамчун фоли неки дуоҳои Нишона қабул карда, аз пайиислоҳи хатои худ шуд.

Нурия ба хонаи Хосият рафта, хабари баргаштани писарашро расонд. Аз ӯ ҳадя гирифта, таъкид кард ки рӯзи муборакии панҷшанбе ҳамроҳ хостгорӣ мераванд.

— Диловари ҷон баргардад баъд равем хуб нест? — пурсид Хосияти эҳтиёткор ки дар ҳар масъала ҳикмати худро дошт.

— Диловари ҷон баргардад, худи ҳамон рӯз арӯсаша меорем. Сад шукре ки ба ҳамин рӯз расонд. Гап якта! Рӯзи панҷшанбе.

Модар сӯйи хонаи Аслия давид, аз таги дар гуфт:

— Хостгорӣ меравем, — хоҳари қиёматӣ!

— Гулзора сайр карда меоем, — шодӣ кард Аслия хабари хушро шунида.

— Дар гулзор чӣ кор мекунӣ? — ҳайрон пурсид Нурия.

— Арӯс шаванда аз Гулзор нест? — фалон духтари Гулзориро арӯс кардани Нурияро ёд оварда, пурсид занак.

— Як тори мӯйи Нишонаро ба духтари парии кӯҳи Қоф намедиҳам, фаҳмидӣ? — Нурия дар бораи дасти писараш ба сари танааш гуфтанӣ набуд.

— Чӣ хубе, — гуфт Аслия модари хушбахтро то кӯча гусел кард. Нурия дар дил аз Нишона ва модари оҷизаш узрхоҳон ба онҳо он қадар бахт ва саодат ваъда мекард ки ба ҳафт пушташон мерасид.

Нурия духтарашро гашта ва баргашта таъкид кард ки то бозгашти Диловар ба Нишона якдаста будани ӯро нагӯяд. Метарсид ки духтар аз писараш рӯ гардонад. Ҷурми хеш духтарашро боре назди занҳо аён гуфта, акнун сад бор пушаймон буд ва ҷурмдор шудани писарашро ҷазои ҳамон каломи ноҷо ва ноҳақаш мепиндошт. Нурия хаёлан писарашро ҷомаи домодӣ пӯшонда, ба сараш дастори сафед мебаст ва арӯси оростаро дар паҳлӯяш шинонда ҳаловат мебурд.

— Ҳай-ҳай. Қад бин ва қомат бин. Дар қадат очат мураде! — бо чашмони пӯшида лаззати хаёл мебурд модар ки ба назари духтараш ҷавонтар шуда буд.

Зебо табассум мекард ва аз алам чашмонаш пури об мешуданд. Хотираҳояш ҳанӯз сӯзон буданд. Ҳар гоҳ модар ба хона ҳамроҳ омадани домод ва духтарашро медид, ҳамчунин хурсандона онҳоро таъриф ва тавсиф мекард. Модар баланд орзу карда ба ёд намеовард ки духтараш чӯҷаи мурғро не, азизи дилашро дар пушти мазор гӯронда аст ва ҳанӯз сабзаи гӯри Саид як ваҷаб насабзида аст. Зебо дарунакӣ оҳашро сӯзонда, чизе намегуфт. Охир модари ӯ низ ҳақ дорад, дар олами орзуҳои худ хушбахт ва хушҳол бошад, ҳарчанд аз тараддуд ва даф зании пешакияш шод набуд. Магар

Саид бо пойи худ ба деҳа наомад? Кӣ медонад Диловар дар кадом ҳолат删бармегардад.

— Саросема нашав, оча, сабр кун, — боре тоқат накарда, гуфт Зебо.

— Ҳамин қадар сабр карданам кам буд ки боз сабр кунам? Дар тӯйи мо, албатта, бузкашӣ намешавад, аммо гӯштингирӣ бе гуфтугӯ! Худам бо Нозӣ гӯштин мегирам! — хушҳол хандид модар. — Аз як сари Сабзбаҳор то он сараш арғушт меравам, — илова кард модар.

— Аз дуои кампири Марзия наметарсӣ, оча? Охир Саид чӯҷаи мурғ набуд...

Модар лаб газид. Чунин гиларо аз қудояш мешунид, шояд чунин даст ва по гум намекард. Аз духтараш ки захми дилаш ҳанӯз тоза буд, шарм дошта, дар дил худро ва орзуҳояшро маломат кард.

— Маро бубахш, ҷони оча!

— Ман мебахшам, аммо Марзия намебахшад... Аслия ва Хосият хабари хостгориро дар тамоми деҳа паҳн карданд...

Марзия як рӯзи дароз обро ба даҳон набурда, нолид. Зебо ба аёдати духтарчааш ки бо бибияш мезист, рафта, хушдоманашро бемор ёфт. Марзия аз ҷогаҳ ба гила сар кард:

— Ҳай-ҳай, духтари Наим, ҳамин ҳам инсоф шуд? Ту бояд ҳар рӯз мани бесоҳибро ҳар дам хабар гирӣ. Дар кунҷи хона танҳо мурам, айбаш ба кӣ мерасад?

Зебо духтарашро ба синааш зер кард. Онҳо чанде хомӯш шуданд.

— Ин ҷо биё, ҷони бибӣ, — Лоларо сӯяш хонд Марзия. — Хайрият, ту ҳастӣ, — гуфт кампир. — Бо ман мемонӣ ё бо модарат меравӣ? Лола музтар ба модараш ва бибияш нигариста, чизе нагуфт. — Як

шаби дигар мон, куртаатро дӯхта пӯшонам, баъд меравӣ. Духтарча дарҳол ризо шуд.

«Дили оча ба бача, дили бача ба кӯча» — аз ҷой хестанӣ шуда, гуфт Зебо.

— Ист, ду тухмаки барои ту пинҳон карда амро таги алав кунам, — рафтани арӯсашро фаҳмида, лутф кард кампир. — Ин қадар зуд меравӣ, барои алавгирӣ омадаӣ?

— Кор бисёр амма! — гуфт Зебо.

— Медонам, медонам, — пурмаъно ба арӯсаш нигарист кампир. — Пеш аз хонаи Хайрия рафтан аввал чор тарафатонро ҳамроҳи очаат санҷида бинед.

— Чиро санҷем? — пурсид Зебо.

— Як гап ва як корҳое, ки... — Марзия дигар чизе нагуфт. Дили Зебо аз пешгӯии хабари шум таҳ кашид.

— Пеши нофи дугонаи гунгат варам карда аст медонӣ?

— Чӣ? — Зебо гаранг ба кампир ки чанде пеш ранг канда буд ва баробари гуфтанӣ хабари бад, рангаш сурх шуда буд, пакар нигарист.

Кампир арӯсашро имкони ба худ омадан надода ба ҳуҷум гузашт:

— Тамоми Сабзбаҳор медонад ва ту дугонаи ҷамолокияш намедонӣ? Ё дида ва дониста? Ё кӯдакаш аз Диловар аст? Ҳи-ҳи!

Зебо ба хушдоманаш ки ҷасади зиндаро мемонд, нигариста, аз дил мегузаронд: «Хулқи бад бо хун омада бо ҷон мерафта аст. Марги писари ягонааш ҳам ӯро дигар карда натавонист». Зебо соли шавҳарашро надода, хонаи худро ноилоҷ тарк кард. Гоҳе ба аёдати хушдоманаш омада, ҳамеша малӯл ва хиҷил мерафт.

— Нағз не, амма, — гуфт Зебо ки бадбинии хушдоманашро нисбат ба Нишона медонист.

— Албатта нағз не, тасдиқ кард кампир, — Шармандагӣ! Хайрия ҳамин қадар сол намурда рӯзи сиёҳро интизор буда аст.

Дилсӯзӣ ё маломати кампир нисбат ба зани оҷиз ва духтари бадномаш маълум набуд. Марзия на танҳо Нишонаро, балки хонаводаи орзуманди арӯсашро низ ба нишон гирифта буд. Чун дид ки арӯсаш майли шунидани давоми ин навигарии гӯшношунидаро надорад, ночор хомӯш шуд. Зебо дасти духтарчаашро гирифта гуфт:

— Рафтем, Лола!

— Худат рав, набера амро набар!

— Ба набераат ман ҳам андаке хешӣ дорам, — дар навбати худ кампирро неш зад Зебо. — Амма, ба Лола қасам ки минбаъд хулқи бадатро дигар накунӣ, на танҳо ман, Лола ҳам остонаатро зер намекунад.

Зебо роҳравон дар дил кампири шумхабарро маломат мекард: «Хабари хостгорӣ рафтани моро шунида, аз рашк ва ҳасад мемурад. Аз Нишона мушт хӯрданашро ҳаргиз намебахшад». Аз хушдоманаш гиламанд сӯйи хонаи Нишона равон шуд. Аз пешаш Тош баромад. Ҳарчанд якдигарро чашми дидан надоштанд, рӯзгор ҳар дам ба якдигар дучорашон мекард. Мардак ин бор дандонҳои зардашро нишон дода, табассум накард, балки зуд гузашта рафтанӣ шуд. Нигоҳаш ҳаросон, рангаш канда буд.

— Дар Пунбачӣ чӣ гап буда аст, мудир? — пурсид раиси ҷамоат ки аз суд даъватнома гирифтани ӯро медонист.

— Ҳеч гап не, — забон хоид Тош.

— Ба он идора касро бе гап даъват намекунанд, — гуфт Зебо.

— Хайр, ба идора омада нақл мекунам, — саросема гуфт Тош. — Ҷавчиро об зер карда аст. Тарма

омада, ҷӯйбор ҷӯшида аст. Анборҳо дар сари селроҳа. Худам наздат рафтанӣ будам.

Зебо нав аз Ҷавчӣ омада буд ва вазъиятро хуб медонист, аммо ранг ва рӯйи канда, гуфтори бесар ва нӯг ва ҳаросони Тош боиси Ҷавчӣ набуд. Зебо медонист ки дар як ҳафта ӯро ду бор Пунбачӣ даъват карданд. Мудир аз район баргашта, кунҷи ҳуҷрааш мехуспид ва берун намебаромад. Сабаби ба район рафтани Тошро раиси ҷамоат медонист. Гап-гап буд ки ба номи ноиби раис дафтари ҷиноятӣ кушода анд, ҳарчанд худи Ёғӣ Хидир бо ҳавои буруташ ҳанӯз худро бод дода мегашт.

— Ҷавчӣ меравӣ? — суоли Зебо Тошро якбора ҳайрон ва ҳаросон кард. — Баргашта идора даро. Кор ҳаст. Ҳисоботро мебарӣ, — гуфт Зебо ки бечогии ҳолати мардак аз чашмаш дур намонда буд. Тош хайрухушро насия карда, саросема гузашта рафт. «Ту ҳам ҷазое дорӣ» — аз пайи Тош нигариста, аз дил гузаронд Зебо. Ӯ аз дур лолаарӯсакҳои боми ошноро ки аз нафаси насим арғушт мерафтанд, дида дилашро ҳиссиёти аҷибе фаро гирифт. Кӯдакии ӯ тори ин боми пастак ҳамроҳи Майса ва Нишона гузашта буд. Аз ин айём хотираҳои ширине дошт. Чандин баҳор аз гӯшаи ин бом лолаарӯсак чида бошад? Аксар тори бом лӯхтакбозӣ карда, шабҳои тобистон он ҷо хобида, ба осмони ситоразор рози духтарона мегуфтанд. Бори нахуст қиссаи ишқи худро болои ҳамин бом ба Майса арз карда гириста буд. Баргони лолаарӯсакеро бод бурда танаи сабз ва нозукашро урён кард ва аз чӣ бошад шаби тӯяшро ба ёдаш овард. Ба ҳавлӣ даромадани Зеборо дида, Алам ба гарданаш сахт часпид.

— Ҳой, ҷавонмард, фаро, гарданама шикастӣ.

Зебо дасти ларзони Хайрияро ба дил зер карда, аз чеҳрааш бӯсид. Оҷиза ба назараш оҷизатар ва резатар

намуд. Чашмонаш бештар чӯкида, рухсорааш фурӯ рафта буданд.

— Саиди ту ними ҷигари моро канда бурд, ҷони хола. Ҳанӯз оби чашмам хушк нашуда аст. — Зан гирён шуд. Медонам дар дилат ҳеҷ чиз намегунҷад, сад офарини сабр ва тоқатат! Моро напарто! Мо дигар кӣ дорем?

— Ҳадягирӣ омадам хола! — гуфт Зебо ҳузни оҷизаро барҳам заданӣ шуда ва хабари хушро бо ӯ тақсим карданӣ шуда.

— Ҷонам ҳадяат, ҷони хола, — дар чашмони оҷиза оташаки ҳарос аён дурахшид.

— Диловари ҷон пагоҳ-бегоҳ меояд як. Модарам ба хонаи шумо омаданист, ду.

Бадани бемадори Хайрияро араќи сард пахш кард. Ғайри, чашмдошти Зебо дасти ягонаашро барои дуо набардошт, балки дур ва дароз оҳ кашида, ба нуқтае нигариста, оқибат бегонавор гуфт:

— Худо ҳамаро ба мурод ва мақсадаш расонад.

— Арӯсак куҷост? — пурсид Зебо.

— Ҳозир ҳамин ҷо буд — ҷавоб дод соҳиби хона ки дар дилаш аз Зебо илтиҷо дошт: «ӯро ёб, дилашро пурс, ӯро дугона не, хоҳарӣ. Шояд дукаса илоҷи корро ёбед. Зан беист лаб мегазид. Модарона ҳанӯз умед дошт ки мӯъҷизае мешавад ва бӯйи шармандагии духтараш намебарояд.

— Дар дунё чӣ гап ва хабари нав, духтарам? — пурсид Хайрия ки маънии саволаш ба худаш маълум буд.

— Гапи бисёр, — баланд оҳ кашид Зебо. — Гапҳои паст ва баланди намешудагӣ, — гуфт меҳмон.

— Чӣ гап? — дили модарро ларза гирифт. — Духтарам, зарур бошад, раво бошад, — гуфт зери лаб. — Ягон илоҷ ёб.

Зебо аз ҳавлии тоза ва озода, аз гулҳои наврӯиди сабзрӯ аз ҳаётаи ба ҳавсала кишт кардаи Нишона чашм канда, саволомез ба модар нигарист.

Хайрия нохост алав гирифта, ҳама алам ва ғазабашро ба сари кӯдаки шӯх рехт.

— Рав, рав, пойи холат дард кард, ҳеҷ ақлат надаромад, — гуфт ба Алам ки дар зонуи Зебо менишаст. Алам ҳайрон ба бибияш нигариста, ночор ҷойи гарм ва нармашро тарк кард.

— Худатро аз даст надеҳ духтарам. Ғам кӯҳро паст карда аст. Ғами Лола ва тифли ояндаатро хӯр. Суханашон кӯр намегирифт.

— Нишона наменамояд? — саволашро такрор кард Зебо.

— Барои хоки кулол рафтанӣ буд, — гуфт модар. — Аҳмадро ёфта бошад рафтагист.

— Халтаи калон гирифт ё хурд? — савол кард меҳмон.

— Халтаи калон гирифта буд, — дурӯғ гуфт модар.

— Хок зиёдатӣ кунад, ба ҳеҷ кас надиҳед, худам мебарам. Меҳмонхонаи Диловарро сафед мекунам. — Зебо ба атроф менигарист ва дарк мекард ки ин дар ва девори азиз ба назараш бегона метобанд. Бе Нишона аслан ин хона зеб ва зиннат надошт. Ӯ аз ҷой хест. — Нишонаро дар идора интизор мешавам, кор дорам.

— Ҳамин ки омад, албатта наздат меравад. — ба рӯймоли сафед ва куртаи сафеди зани мотамдор нигариста, оҳ кашид Хайрия.

Зебо, ба ягон саволаш ҷавоб наёфта рафт. Ӯ ки Нишонаро аз худ хубтар мешинохт, тағйиротеро дар вай пай бурда буд. Солҳои мудҳиш ҳамаро тағйир дода буданд. Магар худи ӯ Зебои пештара аст? Зинҳор! Қаблан аз қаҳ-қаҳааш хона меларзид ва алҳол барои табассум кардан мадор надорад. Дугонаашро сад ранг

тасаввур мекард, аммо дуҷонияш ҳеҷ дар тасаввураш намегунҷид. Аз кӣ дуҷон мешавад? Аз Сафари хирманбон? Аз Тоши якгӯш? Не, не! Ҳис мекард ки Нишона аз ӯ мегурезад. Шояд ранҷида аст? — мепурсид аз худ. Ҳақ дорад. — Зиндаҳо бояд рӯзашонро бубинанд.

Дар идора то бегоҳ Нишонаро интизор шуд, ӯ наомад. Зебо ошуфта ба хона баргашт. Модар духтарашро димоғсӯхта дида, бӯғчаҳои барои хостгорӣ тайёр кардаашро саросема пинҳон кард. Гилаи ӯ ҳанӯз дар гӯшаш садо медод. Дили духтар ба ҳоли модари орзупарвараш ки хушбахтияшро бо духтари мотамдораш тақсим кардан мехост, сӯхт.

— Ҳарчӣ зудтар Хайрияро хабар бигирӣ, ҳамон қадар кори савоб мекунӣ, оча, — гуфт ба модараш.

— Очат садқаи забонат! — Нурия кӯдаквор шодӣ кард. — Зинда баргаштани Диловар давлати кам нест, духтарам! — модар бӯғчаҳояшро як-як аз ҳар гӯша берун кард. — Кай меравем?

— Ман рафта омадам, — ҷавоб дод Зебо ки дилаш дамодам сиёҳӣ меовард.

## БОБИ ҲАБДАҲУМ

Нишона баракси чашмдошти модар якбора хушҳол ва хандонрӯ шуд. Кӯрпаҳоро офтоб дод, либосҳоро сари борчӯб паҳн карда, курта ва ҷомаи модар ва Аламро шуста поргӣ кард. Аз даруни ҳота то пушти дарвозаро ҷорӯб зад. Чунин менамуд ки духтар ба истиқболи хостгорҳои худ тайёрӣ мебинад. Модар низ гоҳ бо ҳамин хаёл худро фиреб дода, андешаҳои дилшикофи худро мағлуб кардани мешуд.

Нишона зуволаи тӯппаро ба дег андохта, дар табақи чӯбин пудина ва пиёз ва занҷабил кӯфта хӯриш

тайёр кард. Дигар дастонашро болои ишкам гузошта, роҳ намегашт, зеро бихоҳад ҳам шикамашро пинҳон кардан мушкил буд. Бепарвоии духтараш аз ин ҷиҳат ба модар нафорид. Ӯ ҳаросон ва ноаён ба дарвозаи нимроғ менигарист.

Духтар баръакс бепарво буд.

— Ҷомая пӯш хунук мехӯрӣ, — пурмаъно ишора кард ба духтараш.

Абрӯвони духтар сахт гиреҳ шуданд. Ӯ аз хӯрдани таом даст кашид. Модари пушаймон ва дилхун барои шустани гуноҳаш косаро зуд холӣ карда гуфт:

— Як косаи дигар те, Худо бахтат диҳад. Духтар косаи пури оши тӯппаро назди модараш гузошта, ба он хӯриш пошид. Барои онҳое ки дӯсташон медошт ва ин солҳои пурдаҳшатро бо модарашон зиста буд, ош бурд. Бо нигоҳи соф ва табассуми маҳзунаш бо эшон хайрбодӣ мекард ва онҳо ноаён ба рӯяш не, ба шикамаш менигаристанд.

Модар хушҳолии духтарашро аз омадани хостгорҳои Диловар дониста, гоҳ хурсанд, гоҳ хиҷил мешуд. «Кори намешудагӣ шуд, — чи илоҷ. Чунин бадбахтӣ ба сари ҳар духтардор омаданаш мумкин аст, — худро дар дил тасалло медод модар. — Мардҳо занҳои даҳфарзанддоштаро зан мекунанд ва духтари ман... Э Худо ҷонама гир...»

Алам ишкамчаашро доиразанон миннатдорона холаашро оғӯш карда, сахт бӯсид ва сӯйи кӯча давид. Ин кӯдаки ширинрӯи ширинлафз низ дигар ӯро ба зиндагӣ гарм карда наметавонист. Нишона коса ва табақи ношустаро регшӯйӣ мекард ва нақшаи амалиёти иншабаашро бо хурдтарин ҷузъиёташ таҳлил намуда, дуруст меёфт. Ба косаи ош ки гӯшаи оташдони гарм меистод, кирой марги муш рехт ва сӯйи масҷид давид. Чароғи меҳмонхона фурӯзон, тиреза кушода буд. «Тош дар хона аст, — гузашт аз дилаш... Гир, гир зудтар захр

хӯр, зудтар ҷонат барояд», меандешид Нишона, пешакӣ аз марги душманаш лаззат бурда.

Ногоҳ тифл ба девори шикамаш лагад фуроварда, хаёлашро парешон намуд. Қариб косаро меафтонд. Ин бор бо қаҳр ба шикамаш мушт назад. «Ҳамроҳи Зика бошад? — аз дил гузаронд ӯ. Бигузор ҳард ва фосиқ якбора муранд». Шабона борҳо ба ҳуҷраи Тош омадани Зикаро дида буд. «Зане ки бо чунин мардак фосиқӣ мекунад, ҳуқуқи зистан надорад». Нохост Тош сарашро мушвор аз тирезаи кушода берун карда, озмоишкорона ба атроф нигарист. Нишона худро таги тиреза гирифт. Тош касеро интизор буд. Ӯ чанде ба гирд ва атроф нигарист ва касеро надида, носашро аз тиреза туф карда, нопадид шуд. Духтар ҳанӯз дар таги тиреза ҳайкалвор меистод ва меандешид ки «Чаро марги муш бӯй надорад? Оё ин заҳр қодир аст, Тош барин махлукро ба ҷаҳаннам бифиристонад? Мабодо заҳр ба мардак таъсир накунад, чӣ кор мекунад? Бо ошбур сарашро мебурам» ба қарори қатъӣ омад духтар.

Ногоҳ суроберо дид ки саросема сӯйи масҷид меомад. Шаб маҳтобӣ буд. Онҳо бехато якдигарро шинохтанд. Аз масҷид шабона баромадани хизматгори масҷид аҷабе надошт. Шабона таги тирезаи муҷаррад пайдо шудани Зикаи номӣ, албатта бесабаб набуд. Занак ба гумон ки шояд духтар ӯро надида бошад пуштакӣ қафо гурехт. Нишона косаи ошро эҳтиёткорона гӯшаи тиреза аз девор гуошт ва давоми амалашро интизор шуд. Тош боз назди тиреза пайдо шуд. Ӯ ҳамчунон ба атроф озмоишкорона нигарист ва косаро гирифта, тирезаро пӯшид». Шояд бастани тиреза барои Зика маъниеро дарак диҳад?» — гузашт аз дили духтар.

Гӯё бори гаронеро аз дӯши Нишона гирифта бошанд, ба ҷогаҳ даромад ва зуд хобаш бурд. Қайҳо чунин бароҳат нахуфта буд. Аз хоб дер хест. Алам болои ҳавлӣ чормағзбозӣ мекард ва модар рӯболо

хобида, гӯё порисаҳои дудазадаро бо нигоҳ мешумурд. Нишона табассумкунон ба рӯи модар хам шуд. Чеҳраи доғзада ва рӯйи андаке варамидаи духтар ба назари модар бегона ва даҳшатнок намуд:

— Гушна мондӣ, оча?

— Гушнаи марг монда ам, ҷони оча.

Алам ба китфи холааш савор шуда ӯро афтонд. Бозӣ авҷ гирифт. Нишона худро аз чанголи кӯдак халос карданӣ мешуд ва қувваташ намерасид. Модараш маҳзунона ба бозии онҳо менигарист. Вақте ки духтар дастархони наҳорӣ орост, модар зорӣ кард:

— Як пиёла оби хунук те, ҷони оча.

— Чой дам кардам, — фаҳмонд духтар.

— Оби хунук те! — ҷигари модари оҷиза аз саҳар месӯхт ва месӯхт.

Нишона ноаён ҳар дам ба саҳни масҷид менигарист. Ӯ бачаҳоро интизор буд. Он рӯз саҳро, барои чидани решаи гиёҳ фиристодани бачаҳо низ ихтирои худаш буд.

Бегоҳ бачаҳо бо халтаҳои пур аз решаи саморуғ баргашта, ҳиссаи мураббияро доданд ва ба масҷид надаромада, хонаҳошон рафтанд. Бегоҳ ӯ решаҳои саморуғро шуста, ҳамчунон пурмаъно сӯйи ҳуҷраи муҷаррад менигарист. Чизе аз рух додани ҳодисаи ногувор дарак намедод. Духтар ки бори дуюм кӯшиши қасосгирӣ карда буд, аз нобарории амалаш пешакӣ меҳаросид. «Наход зинда ва саломат аз пайи кораш рафта бошад? Ошро нахӯрда аст». Дилаш ларзид. «Тош бояд бимирад!» Ошбури дудамаро болои тахта дида, дар нигоҳаш оташаке дамид, зеро ҳанӯз ҳамаи ҳунарҳои қасосгирияшро нишон надода буд.

Рӯзи дигар ба тирезаи меҳмонхонаи масҷид даромадани фавҷи пашшаҳои сиёҳ диққаташро ҷалб кард. Чор тараф нигариста, аз набудани шоҳидон хотирҷамъ деворро гузашта, аз тиреза ба дарун

нигарист. Тоши якгӯш дар либоси тагпӯш бе сарбанд, даст ва пояшро ба чор сӯ партофта мехобид. Ҷисми сиёҳ ва варамидаашро пашша зер карда буд. Нишона ки кайҳо тарс ва ҳаросро намедонист, дарро тела дода, даруни хона даромада ба мурдаи сиёҳ ва варамидаи хасмаш бо нафрат ва ғолибона нигарист. Аз болои мурда гузашта косаашро гирифт ва дарро аз пасаш пӯшид. Аз ҳуҷраи Тош, аз мурдаи бӯйгирифтаи хасмаш дилбеҳузур сӯйи чашма рафта, дер гоҳ даст ва рӯяшро бафурҷа шуста, таги куртаи карбосӣ оббозӣ кард, серӣ об нӯшид. Косаи макрӯҳеро ба ҷарӣ партофт ва сабук аз ҷой хест.

Тафти ҷасад роҳгузаронро сӯйи ҳуҷраи масҷид гардонд. Садои занги колхоз баланд шуд. Марги Тоши якгӯш ки вақтҳои охир бангӣ шуда буд, касеро ҳайрон накард.

— Мурданӣ набуд мардак, — гуфт раис хабарро шунида. — Аҷаб, аҷаб...

Як гурӯҳ фосиқон ва корчаллонҳо ба даст афтода анд ки аз мансаб ва вазифа истифода бурда, ба корҳои ношоиста машғул буда анд. Мегӯянд ки Ёғӣ Хидир саркардаи ҳамаи онҳост.

— Аз ҷанг тарсида болои даҳ қабат кӯрпача мурд, — гуфт Зебо.

«Рӯзаш буд шуда бошад, ба рӯзи кӣ зиндагӣ кунад?» Чунин буд хулоса ва афсӯси мардум аз марги ҳамдеҳаи бeқадрашон. Даъватномаи сеюм аз суд баъди марги мудири анбор расид. Зебо онро дар ғаладони ҷевон байни коғазҳои аз эътибор соқитшуда партофт.

Кушодани гиреҳи марги ногаҳони мудири анбор ки ба қавле рӯйи дилашро як ваҷаб чарб ва гирифта буд, ба ёди касе наомад. Аз Тоши Охун беҳтар ва азизтарҳо дар мазор ва бемазор мехобиданд ва гули фироқашон дар дилҳо гул мезад.

Сафари хирманбон барои мурда паҳлӯи устухонҳои Охун қабрҷо пайдо намуд. Мӯйсафеди ҳамадон ва ҳамасанҷ ҳангоми шустани мурда тахмин кард ки мардак бо майли худ оламро тарк накарда аст. Ӯ тахминашро ба занаш гуфта, дар бало монд:

— Худо ё маро гирад ё туйи шумхабарро. Тош барин махлуқ ғайри аҷали бенанг ба кӣ даркор аст? — хурӯшид занак.

Мардум ки Тошро дар зиндагияш дӯст намедоштанд, ба мурдааш низ насӯхтанд. Нуқра гӯшаи бом сӯйи саҳни масҷид ки одамон мурдаи падари фарзандонашро сар ва бар мекарданд, менигарист. Мардакро ҳатто пас аз маргаш набахшид. Вақте ки тобутро мебардоштанд, кӯдакони Тош ба навбат аз пояи тобут дошта, гирён шуданд. Алами мурда не, гиряи бачаҳои ятим чашми мардумро нам кард. Тобути мардаки хона ва фарзандорро мисли мусофири ғариб аз ҳуҷраи масҷид ба мазор бурданро касе ёд надошт. Нишона аз таги долон ба маросими дафни оне ки дунёро барояш қафас карда буд, беҳис менигарист. Хайрияро таб меларзонд. Аҷаб буд ки Алам низ ёди кӯча надошт. Вақте тобутро аз дарвоза баровrouted, ноаён аз паси мардум равон шуд. Бо нигоҳ аз байни издиҳом онеро, меҷуст ки бори охир Тошро дида буд. Зика наменамуд. Хабари марги мардакро шунида, аз тарс ва ҳарос дар лаб ва бинии занак табхол баромад. Худаш аз таб месӯхт. Беҳуда гуфтем ки касеро ба марги мардак дилаш насӯхт. Зика ангуштонашро аз алам газида, фиғонашро менишонд ва дар худ мепечид. Ӯ медонист, Тош бо марги худ намурда аст, аммо чӣ гуна мурданашро фаҳмида наметавонист. Хавф дошт, марги мардакро ба ӯ нисбат медиҳанд. Шабе ки мардак мурд, Нишона ӯро дида буд. Дар дили занак хоҳиши зиште пайдо шуд. Ӯ акнун марги хизматгори масҷидро мехост. Алами дигараш он буд ки аз мардаки ба қатори мурдаҳои садсола даромада, дар қадаш фарзанд дошт.

Тош дучон будани Зикаро фаҳмида, рӯзҳои охир аз ӯ ҳазар мекард. Занак ночор худаш ӯро мечуст, барояш таом мепухт, либосҳояшро мешуст. Вақте деҳа сар ба болин мемонд, ба ҳуҷраи муҷаррад таом меовард. Тош болои коса сар хам мекард ва Зика бо нигоҳи зорӣ ва хорӣ, аммо пурмеҳр ба ӯ менигарист. Зани бахтхоҳ умедвор буд, мудир аз шармандагӣ тарсида, ӯро қонунан зан мекунаду, оқибат ба Нукра ки ҳанӯз дашном ва ҳақорати ӯро байни халқ дар забон дорад, ғолиб меояд. Ӯ ба Тош одат карда буд. Ба оғӯши шавҳари чӯтури пиракияш ки дар баталони коргарӣ хизматашро тамом карда, ба деҳа баргаштанӣ буд, майли баргаштан надошт. Зика аз ҳеҷ кас чун аз Тош чунин лутф ва меҳрубонӣ надида буд. Вақтҳои охир бемеҳрӣ ва дилхунукии мардак ӯро аз олам ва одам дилхунук карда буд.

Ҳангоме тобутро аз пушти шиғаш мегузаронданд, занак заминро оғӯш карда, дар хок авҷи гиряашро нишонд. Одамон гузашта рафтанд. Духтарони Зика аз паси тобут давиданд. Занаки хок олуд ва мӯй парешон аз ҷой хест ва чашмаш якбора Нишонаро дида, дар ҷояш нишаст ва ба замин чашм дӯхт. Ҳаво гарм буд, аммо духтар ҷомаи ғафс дар тан дошт. Ӯ дастонашро гӯё барои салом ва алейк бо Зикаи бесоҳиб болои дил гузошта буд. Нишона гузашта рафтанӣ шуд ва беихтиёр қафо гашт. Зика рост ба чашмаш менигарист. Онҳо аз нигоҳи чашмҳои худ гӯё он даҳшатеро ки забон ба баёнаш қодир нест, фаҳмиданд. Нишона ба лабони тунуки занак ки пир-пир мепариданд, ба рӯйи мисли рӯйи худаш доғдоштааш нигариста, ба замин туф кард ва занакро ки чун мехи оҳанин ба замин гӯё фурӯ рафта буд, ба ҳолаш гузошта пас гашт. Онеро ки мехост бубинад дида буд ва ба дигарон коре надошт.

Рӯзи дигар хабари аз Пунбачӣ расида аз забон ба забон мегузашт. Ҳар кӣ ҳар чӣ мегуфт:

— Ёғӣ Хидирро шинонда анд, шунидӣ?

— Зӯри кадом Фиръавн ба ӯ расида аст?

— Барои кадом гуноҳаш ӯро шинонда анд?

— Орденҳояш аз худаш набуда аст.

— Пора мегирифта аст.

— Одамонро аз ҷанг мегурезонда аст.

— Ҳаромгард буда аст. Як ҷувол айб ва гуноҳ дошта аст ӯ сартоби як ноҳияро бо кар ва фараш гардон карда буд.

— Бори каҷ ба манзил намерасад.

— Баъзан мерасад.

— Нарасид-ку!

— Тоши Охунро ҳам ба Пунбачӣ даъват карданд. Аз афташ мардак бебало набуда аст.

— Аҷаб не, аз тарс талхакаф шуда аст...

***

Марги душман духтарро зинда кард. Модар духтарашро намешинохт. Нишона ҷиҳози арӯсияшро аз сандуқ бароварда, бо ҳавас куртаҳои арӯсияшро болои ҳам пӯшида як ду печ арғушт рафт. Алам пушти коса доира зада завққунон механдид. Модар ҳайрон ва пакар буд.

Қабати куртаҳо андаке шиками дамидаашро панаҳ кард. Духтар назди модар мисли шоҳпараки рангибол чарх зада, захми дили ӯро хуншортар намуд. Пайваста табассум карданаш, нигоҳашро гурезонданаш, бегонагияш модарро метарсонд. Хабари марги Тошро фаҳмида, ба назари Хайрия чунон намуд ки болори хона фурӯ рафта, ҷисмашро ба замин зер кард. Чашмони хандон рухсораҳои арғувон, ҳаракатҳои асабӣ, аммо суруддори духтараш, ҳама гувоҳи он буданд ки марги мудир аз ин хона сар зада аст. Модари сарсахти даҳшатзада дамеро интизор буд ки мардум

қотилро дар хонаи ӯ пайдо карда, аз кокулони одамкуш кашолакунон, дар саҳни масҷид сангсораш мекунанд. Ҳар гоҳ дарвоза кушода шавад, садои ғиҷирроси дари кӯҳна пардаи гӯшашро сахт озор дода, дилашро ба ларза меовард. Бадбахтии духтараш оҷизии худашро аз ёдаш баровард. Дар майнааш духтарашро борҳо маҳкум карда, ҳар бор гуноҳи ӯро сабук кардан мехост. «Хуни сурхамро чун шири сафедам ба духтарам бахшидам. Аз гуноҳаш гузаред, ҷазояшро сабук кунед, ё рӯҳ ва арвоҳи балогардон! Эй мардум!» — пешакӣ нутқ тайёр мекард оне ки доварони қотилро мунтазир буд. Нигоҳи кунҷ коб ва ҳаросони духтар дар кулбаи фақиронаи тоза ва ороста ки хонаи арӯсро мемонд, ҳама чизро медид ва месанҷид. Ӯ соҳибхонаеро мемонд ки пеш аз сафари дур ғами фарзандонашро дар сар дорад.

***

Хайрия Тоши якгӯшро дар хоб дид. Ӯ ҷомаи фарсудаашро болои зани оҷиза партофт ва таҳдид кард: «Ҷомаи ҷандаатро гир ва ҷонамро баргардон!»

«Ҷонатро ман нагирифта ам», гуфт Хайрия дамгир шуда. Тош ӯро буғӣ кард. Зан бо дасти ларзон ҷомаро аз рӯяш кашида, онро шинохт. Тош рӯзи тӯяш ҷомаи домодӣ надошт. Зани раҳмдил бо ду дасти адаб ҳамин ҷомаро ки аз шавҳари ғарқшудааш монда буд, ба домоди бенаво бахшида, дар ивазаш барои хонадонаш шармандагӣ харид. «Худоё, магар он вақт ёдгории ягонаи шавҳари шаҳидамро ба ин мардак барои он бахшида будам ки ба ивазаш ба зот ва бунёдам доғ бихарам?»

Аҷиб буд ки хоби шаб дидаашро модар рӯзона ба такрор дид. Яқин кард ки Тош асло оромаш нахоҳад гузошт. Буд ва шудамро ҷамъ карда, оши худоӣ мекунам, — қарор дод дар дил. — Бузи калро қурбонӣ мекунам». Ваъдаи худоӣ низ мурдаро аз назари оҷиза дур карда натавонист. Мурда гоҳ механдид, гоҳ

мегирист, гоҳ дандонҳои чун донаи каду зард ва калонашро ғичиррос занонда, ӯро таҳдид ва мазоқ мекард. Чашмонашро пӯшида, мурдаи хунталабро аёнтар медид ва саросема чашмонашро мекушод.

— Худоё, ҷони маро бигир! Хунбаҳо металабад! — гуфт шунаво.

— Кӣ бибӣ? — пурсид Алам ки назди бибияш менишаст.

— Соҳиби хун, хунталош, ҳақдор! — такрор кард худ ба худ модар. Кӯдак чизе нафаҳмида, саволашро такрор кард, аммо дигар ҷавоб нашунид.

Алам як парча зағора гирифта, ба кӯча давид. Нишона либосҳои шустаашро сари тор паҳн карда, аз пайи бача баромад.

Дере нагузашта, бузи кал ки шиками расидаашро базӯр мебардошт, пеш-пеш, хола ва ҷиян аз пояш ба ҳавлӣ воридшуда, маслиҳат кардагӣ барин якбора пинҳоншавакбозиро сар карданд. Модар ба даводав ва ҳаёҳуи кӯдак ва рухсораи арғувонии духтари лолаш ки пайваста табассум мекард, нигариста, дар андешаи худ банд буд.

— Пагоҳ хешдухтари мағрураш оқибат хостгорӣ меояд ва ӯро на хоҳиш ҳаст ва на по ва паре ки ӯро ва меҳмонҳояшро хушомадӣ ва меҳрубонӣ кунад. «Вақте интизоратон будем, наомадед», дар дил хешдухтарашро маломат кард Хайрия. Модар андешаи пагоҳ дар сар аз фарорасии субҳ метарсид.

— Нишона ба хонаашон омадани хостгорҳоро шунида, ба модар пуштгардон дур ва дароз хандид, албатта бо шонаҳояш. Кӣ медонад, шояд гириста, бошад, ба назари модар чунон намуд ки ӯ механдад.

Офтоби баҳор саховатмандона нурпошӣ карда, гӯё ба моҳтоби хоҳараш ҷой доданӣ набуд. Дарахтон ғарқи гул буданд. Орувон ва шоҳпаракҳо болои гулҳо парзанон арғушт мерафтанд. Базми гардони табиат,

дарахтони гулрез, ба дили модар сурур не, сиёҳӣ меоварданд. Зулфони дарози Нишона ба дарахти олуча печиданд ва Алам дасти ӯро дошт. Онҳо дур ва дароз хандиданд, яке беовоз, дигаре қаҳ-қаҳ зада.

Нишона ноаён ғайб зад ва дили модарро ваҳм гирифт. Бо ишора Аламро наздаш хонд. Кӯдак гӯшашро ба бибияш наздик овард:

— Чормағз мехӯрӣ?

— Ҳо!

Кӯдак аз таги болини бибияш ки ҳамеша чизе барояш пинҳон буд чормағзро гирифта, майли гурехтан кард. Очиза фаҳмид ки кӯдакро нигоҳ дошта наметавонад, чанголашро ба домани яктаги ӯ печонда гуфт:

— Афсонаи нав медонам.

— Аз кӣ ёд гирифтӣ?

— Аз апаи Зиндагӣ.

— Апаи Зиндагӣ кай омада буд?

— Ҳазор сол пеш.

— Ҳолӣ торик нашуда аст-ку бибӣ? — пурсид писарча.

— Афсонаи навро дар рӯшанӣ ҳам мегӯянд! — гуфт бибӣ ки бо ҳар роҳ бачаро наздаш нигоҳ доштанӣ буд.

— Ку бигӯ! — кӯдак чормағзро ба бағалаш ҷо карда, ба болини бибияш наздик нишаст.

— «Хирсак»-ро гӯям, ё навашро? — пурсид бибӣ ки медонист, Алам аз ҳамаи афсонаҳо «Хирсак»-ро хуш дорад.

— «Хирсак»-ро бигӯ, бибӣ. Ҳушёр бош, Гардак ва Зардакро Мерган набарад, — таъкид кард бача.

— Ту ҳам ҳушёр бош! — ҷиддӣ таъкид кард бачаро.

Модар чашм сӯйи дар барои кӯдаки мисли худаш сода ба афсонагӯйӣ пардохт. Овози пурҳарос ва пуралами оҷиза меларзид. Ҳолати бибӣ аз назари набера дур намонд ки эътироз кард:

— Бибӣ, гиря накун, ҳолӣ Мерган Гардак ва Зардакро набурда аст-ку.

— Дигар гиря намекунам, — ваъда дод бибӣ, афсонаашро давом дода:

Хирси бари деворум,
Ба ҳеҷ кас кор надорум.
Хонаат бусӯза мерган,
Бачаат бимира мерган.

— Мерган чанд бача дорад бибӣ? — пурсид кӯдак дар авҷи афсона...

— Мерган, бача медошт, бачаҳои дигаронро намекушт, оҳ кашида гуфт афсонагӯ...

***

Ҳароси модар беҷо набуд. Нишона сӯйи «Қабри шайтон» равон шуд. Аз назди хокканд гузашта рафт. Ӯро хокканд лозим набуд. Танҳо, беҳарос, беҳамсафар боло мерафт. Намедонист, кай тарс ва ҳаросашро гум карда аст ва кай хоҳиши ба ин чашми даҳшатнок нигаристан дар дилаш пайдо шуда аст. Чунон ки инсон душмани худро ғайриихтиёр майл ва хоҳиши дидан мекунанд ӯ низ ин чашмро хоҳиши дидан дорад, балки ин сӯрохии бетагро пазмон шуда буд.

Ҳар қадар боло мебаромад, роҳи кӯтоҳ ба назараш ҳамон қадар дароз ва дамгир ва мушкил мешуд. Кӯҳзода намебуд алхол на танҳо боло баромадан, балки боло нигаристан барояш амри муҳол буд. Мӯъҷизаи афсункор ва чашмбари табиатро дида ва эҳсос намекард. Майсаҳо ва гулҳои худрӯйро бераҳмона поймол карда, сӯйи чашми даҳшат роҳи сабз

мекушод. Таги себи талхак ки ғунчаҳои арғувонияш майли шукуфтан доштанд, таваққуф карда, беҳавсала ба шохсорони обгирифта нигарист. Нохост чизе ёдрасаш шуд ки норизо абрӯ чин карда, нигоҳашро аз шохсорон гурезонд. Муғчаҳои нӯгтез пистонҳои гурбаи буғӯзи ба қапкон афтодаро ёдрасаш карданд. Ҷуфти саъба ки дар шохи себ лона дошт, аз куҷо дар ин маҳали беодам пайдо шудани раҳгузарро дида, барои ҳифзи чӯҷаҳои навпари худ боҳарос чирос мезаданд. Духтар аз ҳароси мурғакон бехабар бори дигар нақшаи даҳшатнокашро аз аввал то охир санҷида, онро дуруст ёфт. Ин дам ба назараш чунин намуд ки чашмони ноаёне ӯро назора мекунанд. Ду ниҳолаки лоларо дида, табассум кард. Дар дилаш оташаке дурахшид. «Диловар!» лабонаш беихтиёр ҷунбиданд, ба табассум моил шуданд.

Дуртар аз ҷойи нишасташ ду буттаи лола мерӯяд ки онро танҳо ӯ ва Диловар медонистанд. Дар роғаи кафида тарма дер меистод. Мавсими лола мегузашт ва онҳо лолаҳои худро чида, мардумро ҳайрон мекарданд. «Лолаҳои мо туро интизоранд, Диловар! Имсол бе ман лола мечинӣ, Диловар!»

Худро аз олами хотираҳо раҳонида, ба по хест ва калавид. Базӯр сӯйи «Қабри шайтон» тани вазнини худро кашола мекард ва таги по гул ва гиёҳи зер кардаашро ҳис намекард. Аз боло санге канда шуда ба дарахти себ бархӯрд. Муғчаҳои ҷавонмарг чун ашки сурхи себ аз шохсор афтоданд. Духтари аз баҳри ҷонаш гузаштаро алҳол санг аз по афтонда, бо худ мебурд, ризо буд. Оқибат ба нуқтаи мақсудаш расида, чашм пӯшид ва нафаси чуқуре гирифт. Сипас ба санги аррапуште часпида, аз масофаи назаррас ба даҳони сиёҳи «Қабри шайтон» ки мардум дар рӯзи рӯшан номашро ба забон намегирифтанд, нигаристанӣ шуд, аммо натавонист. Сараш гирд гашт. То даҳони ғор мебоист ба чанд санг часпида, мебаромад. Тамоми

қувваташро ҷамъ карда, ба санги боло пой монданӣ шуд. Дарди сахтпанҷае миёнашро чанг зада, ӯро мисли навдаи маҷнунбед хам кард. Дигар пояшро бардошта натавониста, болои санг овезон монд. То сар додани дард рӯяшро ба санги сард гузошта, чашмонашро пӯшид. Пеши назараш Майсаи арғувон чеҳра ва арақшор намоён шуд. Бо чашми сеюми худ ба олами худ, нигариста онро мисли «Қабри шайтон» сиёҳи торик ёфт — оламеро ки давре аз он гул мечид ва акнун хор. Аз даме ақлашро шинохт, дарк кард ки ӯро ба олами дигарон роҳ дур ва номумкин аст. Аз ин рӯ дар худ олами дигареро кашф сохт ки ғайри худаш ба касе намоён набуд. Дар ин олам чизҳои аҷиб ва ғарибро кашф кард, бо худ гӯё гуфтугӯ карда, худро медид ва мешунид. Чун бо одамон забони гуфтугӯ надошт, бештар дар олами худсохтааш бо худ роз мегуфт. Оламаш то рафтани Диловар ва марги Майса ва Карим пур аз офтоб ва гул, сабза ва обшорон буд. Баъди он воқеа дигар Диловарро дар ин олам дида наметавонист, балки намехост ӯро бубинад. Охир бо кадом чашм ӯро хоҳад дид? Аз болои харсанг лағжид. Дигар боло рафтанаш номумкин буд. Ӯ беихтиёр поён нигариста, Сабзбаҳори ғарқи гулро, чун дар кафи даст дарёфт. Аз байни анбӯҳи дарахтон хонаи фақиронаашонро бо нигоҳ ҷуста, аз ар-арзори гирди ҳота онро шинохт. Шабҳои дароз вақте хобаш намебурд, хаёлан Диловар хонаи нав месохт. Ҳо ана он, ар-ари аз ҳама баландро сутун ва болори хонаи нави худ карданӣ буд. Дар ин олам дигар орзу надошт, аммо баробари дидани ар-арзори гирди ҳаёта, даме шабҳои пурорзуи бехобӣ ёдрасаш шуданд. Нигоҳи хайрбодашро аз хона ва дол ва дарахтонашон бе мақсад сӯйи масҷид гардонд. Бо ҳайрат дарёфт ки саҳни масҷид аз одам пур аст. «Ки мурда бошад? Аскаре баргашта аст? — гузашт аз дилаш. Диловар омада бошад? — Не, не!» Аз равуои одамон, махсусан, зиёд будани кӯдакон тахмин кард ки

савдогарон омада анд. Ба деҳа омадани савдогарон аҷоиботе надошт. Онҳо тоқа ва даста-даста дар деҳаҳо пайдо шуда, қанд ва ришта ва сақич меоварданд. Занҳои Сабзбаҳор буд ва шуди ҳунарашонро сарфи чанд ғурӯша қанд ва собун ва ришта ва сӯзан мекарданд. Онҳо аз омадани савдогарон ҳам хурсанд буданд, ҳам малӯл. Савдогарони ҳиллагар ҳар бор занони сода ва зудбоварро фиреб дода, мерафтанд. Макри онҳо баъди рафтанашон маълум мешуд. Нишона ки майли зудтар то чашми сиёҳи «Қабри шайтон» расидан дошт, якбора рӯҳ гирифта поён шуд. Болои майсаҳои тар лағжида-лағжида роҳеро ки базӯр баромада буд, дар даме тай карда, худро дар домани теппа дид. Алам дар хона набуд. Модар аз баргаштани духтараш хурсанд шуд ва аммо дар домани арӯсияш сабзаҳои поймол кардааш тамғаи сабзеро дида, таъбаш хира гашт.

Нишона аз модар хабари омадани савдогарҳоро шунид:

— Савдогарҳо омада анд ва мо пул надорем, чизе харида наметавонем, — илова кард модар. — Рав, Аламро гирифта биё, бачаи бечора мекоҳад.

Нишона ба хона даромада сандуқчаи ёдгории апаашро кушод. Шаддаи марҷони асили ӯро ки дар хоб барояш кашокаш карда буданд, берун оварда дер гоҳ тамошо кард. Марҷонро тамошо мекард ва хоби даҳшатноки чанд соли қабл дидааш аз назараш мегузашт. Ӯ беихтиёр ба кунҷи рафакӣ нигариста буд ки дарди ҷонкоҳ аз нав ба миёнаш чанг зада, ӯро ба замин шинонд. Модар аз долон ӯро беист ҷеғ мезад, аммо духтар намешунид. Алам аз кӯча гирён омад. Сабаби гиряаш маълум буд. Дигарон ҳар чиз харида анд ва кӯдаки бенасиб алам кашида аст. Нишона шаддаи Марҷонро ба гардан баста, назди модар баромад. Дар пешонааш қатраҳои арақ мисли марворид медурахшиданд.

— Мезебад? — бо ишора пурсид модарашро.

— Паризод, — модарро ки ашк гулӯгираш карда буд, дигар чизе гуфта натавонист.

Духтар се рӯзи охир ҳар саҳар аз пайи ҳусни худ буд. Ба чашм сурма, ба абр ва ӯсма, ба рӯй оҳаксанг мемолид ва паризоди ҳақиқӣ шуда буд. Алам аз шодӣ беҳуда қаҳ-қаҳ зада дасти холаашро сар надода, ӯро сӯйи бозоргоҳ кашола мекард.

Нишона дар шоҳидии ҳама шаддаи Марҷони апаи ҷавонмаргашро ки баробари дидан шинохтанд, назди савдогар гузошт:

— Гир, чӣ мегирӣ? — Марҷонро тамошокунон пурсид мӯйсафед, аммо ҷавобе нашунида, ҳайрон ба ӯ нигарист.

— Китоб мепурсад! — ба ёрии мураббияаш расида гуфт Аҳмад.

— Китоб? Китоб надорам! — мӯйсафед музтар, духтар малӯл шуд. Савдогар ба дили кашол шаддаро баргардонданӣ шуд.

— Ягон чизи дигар гир! Ана гӯшвори бухорӣ, тоқии чустӣ...

— Шона, қанд, гир қанд! — зорӣ кард Алам. Дастони духтар ба гап даромаданд.

— Ягон хел китоб надорӣ? — шарҳ дод Аҳмад талаби духтарро.

— Бачаҳо, — ба савдогарони ҳамроҳаш муроҷиат кард мӯйсафед.

— Китоб доред?

— Вақти китобхонията ёфтӣ? — баланд хандид савдогаре ки бозораш гарм буд.

— Ман як пора китоб дорам. Барои носпечонӣ гирифтам, — гуфт савдогари ҳампаҳлӯи мӯйсафед. — Китоб аввал ва охир надорад.

Нишона ва Аҳмад назди савдогар расиданд. Мӯйсафед дер гоҳ таги халтаро кофта, оқибат дастхате ки аввал ва охир надошт, берун овард ва ҳамон дам чун чизи нодаркор ба халта андохтанӣ шуд. Нишона дастхатро чанг зада гирифт ва шаддаи Марҷонро назди мӯйсафед гузошт. Нозӣ ки як остини фарохаш пур буд, назди онҳо омад. Ӯ чун ҳама сабзбаҳориён аз алами Хайрия бохабар китоби даридаро дар дасти духтар дида, аз мӯйсафед пурсид:

— Хоҷа Ҳофиз, Мирзо Бедил ё Каломи Шариф аст?

— Намедонам, савод надорам. Китобро барои носпечонӣ гирифта будам. Духтар бисёр ҷазманди китоб будa аст.

— Ҳой мардум, кӣ китоб хонда метавонад? — муроҷиат кард Нозӣ дастхатро аз назар гузаронда ва чизе нафаҳмида.

— Хаташ лотинӣ бошад, ман хонда метавонам, — гуфт Нуқра.

— Хати лотинро худам ҳам ҳиҷҷа мекунам, — гуфт Нозӣ, — арабист.

Нишона Нуқраро дида, худро қафо кашид. Ҳар касе ки ба Тош андаке қаробат дошт, ӯро душмани ҷон менамуд. Либоси арӯсонаи Нишона аз чашми мардум дур намонд. Онҳо ки духтараки лолро ҳаргиз чунин озода ва ороста надида буданд, алҳол ҳайрон ва пуррамуз ба ӯ менигаристанд. Нуқра ҳайраташро бо овози баланд изҳор кард:

— Нишона ин қадар ороста шуда аст? — пурсид Нозиро.

— Арӯсак шуда аст.

Нишона варақаҳои парешонро ба дил зер карда, рафтанӣ шуд. Алам ӯро сӯйи мӯйсафед кашид. Чашмони кӯдак аз дидани қанд ва қандалот лахчавор

дар мегирифтанд. Нозӣ ба писарча хурӯсаке дода, ба мӯйсафед гуфт:

— Марҷон аз модари ҷавонмарги писарча аст. Модараш сари хишт рафт. Ҳамин духтари бечора бо хуни ҷигар ин кӯдакро калон кард.

Кӯдак гоҳ ба савдогар, гоҳ ба холааш ки саросема рафтанӣ буд, менигарист.

— Тоқита те бача, — гуфт мӯйсафед ба кӯдак. Алам тоқии гулдӯзии навашро ба мӯйсафед дароз кард. Савдогар тоқии кӯдакро аз қанд ва қандалот пур карда, духтарро аз роҳ дошт:

— Гир, ҳар чӣ мехоҳӣ гир!

— Ҳақамро гирифтам! — ишора кард ба китоби бағалаш духтар.

— Гир, барои модарат қанд гир! — гуфт Нозӣ.

— Китобро, ҳама чизи додагиямро ба ту бахшидам! — мӯйсафед Марҷонро ба соҳибаш баргардонданӣ шуд.

Нишона дасти додарчаашро гирифта, саросема рафт. Саховати ногаҳонии савдогари пир одамонро гирдаш ҷамъ кард ва дар даме халтааш холӣ шуд. Мӯйсафедро ки бо дидани кӯдаки ятими рӯйи модар надида обилаи аламаш кафида буд, ду бари ришашро оби дида мешуст. Ӯ оби дидаашро бо астари яктагаш пок карда, шаддаи Марҷонро ба Нозӣ дода гуфт:

— Ин Марҷон ба ман насиб накунад...

Алам ва Нишона — ду дорои олам, пеш ва қафо ба хона баргаштанд. Модар дар гардани Нишона шаддаи Марҷонро надида, аз худсарии духтараш сахт ранҷид. Аммо ба чашмони дурахшони набераащ нигариста, дарк кард ки ӯ низ ба ҷойи духтараш мебуд, шояд чунин рафтор мекард.

— Ана китоби балогардон! Духтар дастхати даридаро бо тантана назди болини модар гузошт.

Дасти ларзони оҷиза сӯйи китоб дароз шуд. Чашмони берӯҳаш рӯҳ, чехраи зардаш ранги зиндагӣ

гирифт. Бо мадори шодияш майли хестан кард ва натавонист. Дастхатро ба чашм ва абрӯ молида, зери лаб барои бахти баргаштаи хонадон ибодат ва шукронакунон худсарии духтарашро модарона бахшид.

— Каломи Шариф бошад ё Дуруди Кабир? — пурсид модар ки асли китобро донистан мехост. Акнун аз ҳафтод ва ҳафт бало эминем.

Модар дастхатро ба дилаш зер карда, чашмонашро пӯшид ва лаҳзае аҷаб нест, нотавонии худ ва бадбахтии духтарашро фаромӯш кард. Шояд ҳамин ҳолати одамро имон гӯянд. Лаҳзае ки дар зарра хуршедро дида метавонӣ ва барои дидани хуршед, умре орзуи зарраро дар дил дорӣ.

— Мӯйсафедро нагуфтӣ омада чой хӯрад, дуо ва фотиҳа кунад? — пурсид модар.

Нишона ҷойи ҷавоб аз хурӯҷи ногаҳонии дард лабашро сахт газид. Духтари даме қабл хушҳол ва қаноатманд мисли пештара дамдузд шуда, абрӯ чин кард ва хушҳолии лаҳзагии модарашро барҳам зад. Алам чизҳои аз савдогар гирифтаашро бо ҳавсала се тақсим мекард. Ҳиссаи тарафи худаш меафзуд. Модар дастхат дар бағал чашмонашро пӯшид. Лабонаш меҷунбиданд. Нишона худфиребона байни ҳавлӣ ва долон равуо мекард. Дардаш авҷ мегирифт. Барои аз теппа ба деҳа баргаштанаш пушаймон буд. Ҳар дам аз суфа фуромада, кореро иҷро накарда, боз ба долон бармегашт. Назди бузи кал рафта, чанде сари бешохашро хор ва мол карда, як қабза алаф наздаш гузошт.

Духтар ба бузи буғӯз раҳм дошт ва ба худаш ки дарди барвақти фарзанд миёнашро бераҳмона чанг мезад, шафқат намекард. Чунонаш менамуд ки худаш кайҳо ба олами нестӣ рафта аст ва Нишонаи дигаре аз паяш бо маломат чорчашма менигарад. Духтар фаро расидани шабро бетоқатона интизор буд. Ҳар дам аз байни теппаи сабзпӯши рӯбарӯ чашми сиёҳи «Қабри

шайтон»-ро чун умеди охиринаш меҷуст. Онро гоҳе меёфт ва гоҳе гум мекард.

Чой ҷӯшид. Нишона дастархон орост. Се пора қандро якбора ба се пиёла андохт. Саховати духтари ҳамеша сариштакор модарро ҳайрон кард. «Пагоҳ назди хостгорҳо чӣ мемонем?» модар норизоияшро пинҳон накард, аммо духтар бепарво буд.

Хомӯшона қандчой хӯрданд. Алам серӣ ва хурсандияшро бо бӯсае ба холааш изҳор карда, сӯйи кӯча ки кӯдакон ҳаёҳуйкунон рустаконбозӣ мекарданд, давид. Рӯзи охири баҳор гӯё шаб надошт. Дарди духтар сахт шуд. Рухсораҳояш гул карданд. Аз биме ки модар аз ҳолаш бохабар шавад, худро байни ҳаёта гирифта, аз як сӯ ба сӯйи дигар роҳ мерафт, деворро медошт, сари по менишаст. Лаб мегазид. Дар чанги дард мурғи посӯхтаро мемонд.

Чодари торикӣ оҳиста ба гирд ва атроф паҳн шуд. Алам аз кӯча гирён омад. Сарашро ки дар торикӣ ба деворе ё дарахте зада буд, дудаста дошта аз холаи меҳрубонаш шафқат мехост. Ин бор кӯдаки гирёнро оғӯш карда набӯсид, оби чашми ӯро пок накард, балки беҳис латтаеро тар карда, ба сари кӯдак гузошта ӯро паҳлӯи бибияш хобонд. Ҷони худаш ки дард мекард, дарди дигаронро ҳис намекард. Чунонаш менамуд ки аз дард дамодам фарбеҳ мешавад ва дар пироҳан намегунҷад. Ҷомаашро кашиданӣ шуд. Ҳамон ҷомаеро ки вақтҳои охир ҳатто шабҳо аз тан намекашид. Ӯ медонист ки мардум ба рӯяш не, балки ба шикамаш менигаранд. Нигоҳи озмоиши одамонро аз ҳаво дошта, маъниии онро дармеёфт. Маҳз дилмондагӣ ӯро сӯйи олам ва одам не, сӯйи «Қабри шайтон» роҳнамоӣ мекард. Гоҳе чунонаш менамуд ки «Қабри шайтон» ӯро бесаброна интизор аст ва бояд ба ҷойи худ, бо пойи худ зудтар биравад. Ҳарчанд садоеро намешунид чанд рӯз овози ношиносе пеши гӯшаш занбӯрвор ғинг-ғинг мекард. Марг ӯро мехонд.

Чароғро кушта, ба ҷогаҳ даромад. Бо чашмони пӯшида бедор буд. Лаҳзаҳои ширини умри кӯтоҳашро ки танобашро бо дасти худ канданӣ буд, ёдовар шуд ва чизе ба ёдаш нарасид. Хеста болои ҷогаҳ нишаста, ба чеҳраи заъфаронии модараш ки бо дасти ларзон набераашро оғӯш карда буд, ба пешонаи латхӯрдаи додарчааш ки зери нури моҳ нофармон метофт, чанде нигарист ва маҳзунона, сари кӯдакро навозиш кард. Бача паҳлӯи дигар гашт. Модар хуфта буд. «Бе ман ҳоли шумо чӣ мешавад? Худо шоҳид ки илоҷи дигар надорам» ӯ хаёли талхашро бо оби даҳан фурӯ бурда, хаёлан аз чеҳраи азизони худ бӯсид. Бӯсаи видоӣ, бӯсаи узр ва афсӯс. Бо нигоҳ ба модар ва додараш, ба ар-арзори атрофи ҳаёта, ба шоҳтути пир, ба деворҳои сафед карда ва гулзадааш, ба дар ва порисаҳои хонаи падар хайрбодӣ кард. Бандчаи мактубҳои Диловарро аз тоқ гирифта, ба остинаш ниҳод ва аз суфа поён шуд. Дар дили шаби сиёҳ аз байни кӯчаҳои холии деҳа духтарак мактубҳои азизи дилашро, акси ӯро ба дил зер карда, ба истиқболи марги худ, сӯйи «Қабри шайтон» медавид. Ҳаросе ки мабодо модараш бедор шуда мардумро аз паяш мефиристонад, ӯро чаққонтар мекард. Беҳис дилмондаи олам ва одам, ба сангҳои хурд ва калон пешпо хӯрда, афтон ва хезон, роҳашро то ба марги худ кӯтоҳтар мекард. Аз назди шаршарае ки на танҳо лабон ва забонаш, чашмонаш низ хушк буданд, ба гуфти мардум «шабона дар таги он дев ва аҷинаҳо ҷамъ мешуданд», ин бор беҳарос гузашта рафт. Дар хамгашти роҳ гӯё аз таги замин гурбаи сиёҳе пайдо шуда, «мияв», «мияв» гӯён худро шиносонд ва ҳамроҳаш, баробараш равон шуд. Духтар истод, гурба низ қарор гирифт. Равон шуд, гурба низ равон шуд. Сангеро гирифта, сӯйи ҷонвар афканд. Гурба даме нопадид шуд. Духтар роҳи худро давом медод ва ҳис мекард ки танҳо нест. Гурбаи сиёҳ аз тарафи дигараш равон буд. Дигар сӯйи гурбаи сиёҳ санг напартофт.

Магар санги одам ба ҷисми аҷал кора мекунад. Духтар ва гурба баробар ба девор часпиданд. Гурба гӯё вакили «Қабри шайтон» бошад, пеш гузашт. Роҳи қабр ин бор он қадар наздик буд ки чӣ гуна то ин даҳони сиёҳ расиданашро нафаҳмид. Мекӯшид аз гурба ки майсаҳоро ба ду тараф хам карда пешопешаш роҳ мерафт, қафо намонад. Гурба то даҳони сиёҳи «Қабри шайтон» Нишонаро ҳамроҳӣ карда, чунон ки пайдо шуда буд, ҳамчунон нопадид гашт.

Духтар назди даҳони сиёҳи ғор қарор гирифт. Баргашта бори охир ба Сабзбаҳор ки дар дили он аз азизони мурда ва зиндааш хуфта буданд нигарист. Чодари сиёҳи шаб деҳаро сиёҳпӯш карда буд. Ӯ шикамашро ки тифл лагадкӯб мекард дудаста дошта, чашмонашро сахт пӯшид ва худро ба даҳони сиёҳи «Қабри шайтон» партофт.

Рӯймоли сурхи духтарро ки ба буттаи хоре дармонда буд, бод албонҷ дода, гӯё бо Сабзбаҳор ва сабзбаҳориён ба ҷойи Нишонаи лол ва ноком хайрбод мегуфт.

Ҷанг давом мекард. Зиндагӣ зинда буд, аммо барои зиндаҳо...

***Деҳаи Такоб 1984-1987.***

***МУНДАРИҶА***

***Боби якум……………………***

***Боби дуввум………………….***

***Боби севум………………… .***

***Боби чорум…………………***

***Боби панҷум………………..***

***Боби шашум………………….***

***Боби ҳафтум………………..***

***Боби ҳаштум ……………..***
***Боби нуҳум…………………***
***Боби даҳум……………………***
***Боби ёздаҳум………………….***
***Боби дувоздаҳум……………..***
***Боби сездаҳум………………..***
***Боби чордаҳум……………….***
***Боби понздаҳум………………***
***Боби шонздаҳум………………***
***Боби ҳафтдаҳум……………….***